Мақсади мақола: *Мақолаи илмии зери назар низ ба гузаштаи таърихии дур, мақому манзилати забони тоҷикӣ-форсӣ ва равобити илмӣ-адабиву таърихии тоҷикону туркҳоро дар бар гирифтааст. Саргаҳи дӯстии таърихии ин ду халқ қадимӣ буда, аз нахустдавраҳои пайдоиши нисбати ҳамдигар таваҷҷуҳи хоса доштаву дар рӯзҳои сахти таъриху қисмати халқ ҳамтақдир будаанд.*

Далелҳои қотеъ шоҳиди онанд, ки сарчашмаи забону адабиёти турк афкори солими намояндагони барӯманди забон ва адабиёти классики тоҷику форс ба шумор меравад.

Натиҷаи татқиқот нишон дод ки *Он ҳама хислатҳои шоистаи инсонӣ, ки шоҳкориҳои адабиёти классикони мо ба тараннуми он нигаронида шудааст, ба мисли накӯкорӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, кӯмак ба ғарибу афтодаҳо, бо мурури асру солҳо, аввалҳо ба тавассути назму осори илмии Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайёму Румӣ, Зоконӣ ва Ҷомӣ, Навоӣ, Насимӣ барин арбобони адабу маънӣ ба саҳнаи адабу маърифати Туркия роҳ ёфта, дар камолоти маънавӣ ва фарҳанги мардуми он, хоса аҳли қаламу адаб нақши муҳим бозидаанд. адибони турк ба таври худ аз таҷрибаи ҳазорсолаи забону адабиёти форсу тоҷик омӯзиши эҷодӣ ба амал овардаанд. Ба ҳамин хотир, садсолаҳо паси сар шудаанду забони ноби тоҷикӣ то ҳоло вирди забони мардуми турк қарор мегирад, ки мисоли гуфтаҳои болоро равшан месозад.*

Калидвожаҳо: *забон, нашр, таърих, меъёр, ибора, адабиёт, калима, ҷумла, маданият, дӯстӣ, сарчашма, рушд, фарҳанг.*

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА В ТУРЦИИ

К счастью, таджикский язык за долгую жизнь, несмотря на многие серьезные исторические и политические изменения, так и не был искоренен. Со временем в Иране и Афганистане, некоторых частях Пакистана и Индии, Туркестане, Центральной Азии и на Кавказе и в Кашгаре в Китае расширилось, достигло высокого научного, культурного и исторического статуса и стало международным языком общения между разными народам.

Цель статьи: *в научной статье подробно рассматривается далекое историческое прошлое,*

статус и место таджикско-персидского языка, а также научно-литературные и исторические отношения между таджиками и турками. История исторической дружбы двух народов древняя, и издревле они уделяли друг другу особое внимание и разделили одну судьбу в трудные дни истории и судьбы народа. Есть веские доказательства того, что источником турецкого языка и литературы являются здравые мысли видных представителей и литературы. Это все благородные человеческие качества, на которые нацелены шедевры нашей классической литературы, такие как доброта, патриотизм, человечность, помощь незнакомцам и павшим на протяжении веков, в первую очередь благодаря научным трудам Рудаки, Фирдоуси, Хайяма и Руми, Закани.

По результатам иследования *мы наблюдаем, что такие деятели литературы, как Джоми, Навои и Насими, вошли в турецкую литературную и образовательную среду. Писатели сыграли важную роль в духовном развитии и культуре своего народа. Турецкие писатели по-своему изучили тысячелетний опыт персидского и таджикского языков и литературы. По этой причине прошли столетия, а таджикский язык по-прежнему остается языком турецкого народа, что иллюстрирует приведенный выше пример.*

Ключевые слова: *язык, орфография, печать, история, терминология, норма, литература, слово, фраза, культура, дружба, источник, развитие.*

VIEW TO THE HISTORY OF THE TAJIK-PERSIAN LANGUAGE IN TURKEYS WORDS

In the given article the author reseaches the problem of a view to the fortunately, the Tajik language has not been eradicated for a long time, despite many serious historical and political changes. In Iran and Afghanistan, some parts of Pakistan and India, Turkestan, Central Asia and the Caucasus and Kashgar in China, it expanded, reached a high scientific, cultural and historical status and became one of the international language of communication between different peoples.

Purpose of the article *The scientific article also includes the distant historical past, the status and place of the Tajik-Persian language, as well as scientific, literary and historical relations between Tajiks and Turks. The history of the historical friendship of the two peoples is ancient, and since ancient times they paid special attention to each other and shared the same destiny of the people. There is strong evidence that the sound thoughts of prominent figures and literature are the source of the Turkish language and literature.*

Those the results of the stady shawet that *those are all noble human qualities that the masterpieces of our classical literature are aimed at, such as kindness, patriotism, humanity, helping strangers and those who have fallen over the centuries, primarily thanks to the scientific works of Rudaki, Firdousi, Khayyam and Rumi, Zakani, Literary figures such as Jomi, Navoi and Nasimi have entered the Turkish literary and educational environment. Writers have played an important role in the spiritual development and culture of their people. Turkish writers have studied the thousand-year experience of the Persian and Tajik languages and literature in their own way. For this reason, centuries have passed, and the Tajik language is still the language of the Turkish people, which is illustrated by the example above.*

Key words: *language, spelling, printing, history, terminology, norm, literature, word, phrase, culture, friendship, source, development.*

Маълумот дар бораи муаллиф:

Шарифова Гулистон Амриддиновна – *доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Беҳзод 2. ҳ.17, Тел.: (+992) 907 702975, E-mail: gulyasab51@gmail.com*

Сведения об авторе:

Шарифова Гулистон Амриддиновна – *доктор филологических наук, доцент зав. кафедрой таджикского языка Таджикского технологического Университета, Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Бехзод 2. кв 17, тел.: (+992) 907 702975, E-mail: gulyasab51@gmail.com*

About the author:

Sharifova Guliston Amriddinovna – *doctor of Philology, associate professor of Tajik Technological University, Adress Republic of Tajikistan, Dushanbe, 2 Behzod st. apt 17, Phone: (+992) 907 702975, E-mail: gulyasab51@gmail.com*

ОИД БА ИБОРАҲОИ ЗАРФИИ ЗАМОНӢ БО АЛОҚАИ ИЗОФӢ

Ҷабборова Ш.С.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Сарсухан. То ҳол дар забони тоҷикӣ мавҷуд будани ду роҳи ташаккулёбии ибораҳои зарфӣ эътироф шудаасту халос. «Ибораҳои зарфӣ каммаҳсуланд. Яке аз хусусиятҳои ибораҳои зарфӣ ин аст, ки онҳо, адатан, дар таркиби ибораҳои феълӣ ташаккул меёбанд.Ибораҳои зарфӣ бо алоқаи ҳамроҳӣ ва пешояндӣ ташаккул меёбанд», -қайд мекунад забоншиноси тоҷик Рустамов Ш. [9, с.118]. Дар натиҷаи таҳлилу тадқиқи маводи забонӣ муайян гардид, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик боз як роҳи дигари ташаккулёбии ибораҳои зарфӣ мавҷуд аст. Ин роҳ ташаккулёбии ибораҳои зарфӣ тавассути алоқаи изофӣ мебошад.

Зарфҳои гуногуни замон, макон, миқдору андоза бо ёрии бандаки изофӣ калима ва ибораҳои дигарро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфиро ташкил медиҳанд, ки тавассути онҳо муносибатҳои мухталифи грамматикии замонӣ, маконӣ, андозагӣ бо тобишҳои гуногуни маъноӣ ифода меёбанд.

Қисми асосӣ Ҷузъи асосии чунин ибораҳои зарфиро бештар зарфҳои замон ташкил медиҳанд. Зарфҳои замон, ҳамчун ҷузъи асосии ибораҳои зарфӣ, ҳиссаҳои мухталифи нутқ ва таркибу ибораҳои дигарро бо ёрии бандаки изофӣ ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфии замонии аз ҷиҳати сохту таркиб гуногунро ташкил медиҳанд. Ибораҳои зарфии замоние, ки тавассути алоқаи изофӣ ташаккул меёбанд, хеле серистеъмоланд.

Пеш аз ҳама, зарфҳои замони **субҳ, саҳарӣ, бегоҳӣ, пагоҳӣ, пагоҳ, бегоҳ, фардо** ва монанди инҳо зарфҳои замони **барвақт, бевақт, дер** ва монанди инҳоро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфиеро ташкил медиҳанд, ки замони иҷро шудани амалро аниқтару мушаххастар ифода мекунанд: **саҳарии барвақт, бегоҳии бевақт, пагоҳии барвақт, бегоҳии дер** ва монанди инҳо.

Саҳари барвақт*, ҳанӯз офтоб паҳн нашуда, аробаи онҳо ба роҳ даромад [15,с.166]. Худи Ҳоҷӣ Ҳасанбек* ***пагоҳи барвақт*** *аз хоб бедор шуда, ӯро ҳам, ки тамоми шаб мижа ба ҳам назада буд, дағалона тела дода, маҷбур ба хестан кард [15, с. 201]. Ҳафтаи дигар Саидпаҳлавон* ***саҳари барвақт*** *аз хоб бедор шуду Миракро, ки сахт мехобид, хору мол карда, базӯр бедор кард [15, с. 71].* ***Пагоҳии барвақт*** *тақ-таки дари кӯча шуд [10, с. 4].* ***Бегоҳии дер*** *мо ба он ҷо рафта бо теша ва корди ош дар таги сафедори калон ду чуқурӣ кофтем [10, с. 4].*

Тавре мушоҳида шуд, дар ҷумлаҳои «Пагоҳии барвақт тақ-тақи дари кӯча шуд *[*10, с.4*]*.» ва «Бегоҳии дер мо ба он ҷо рафта бо теша ва корди ош дар таги сафедори калон ду чуқурӣ кофтем [10, с.97].» ибораҳои мазкур дар қолаби «пагоҳии барвақт», «бегоҳии дер» омадааст, ки алоқаи изофии он равшантар зоҳир мегардад.

Зарфҳои замони **саҳарӣ-саҳар, бегоҳӣ-бегоҳ, пагоҳӣ- пагоҳ, фардо** ва монанди инҳо, ҳамчун ҷузъи асосӣ, ибораҳои гуногунро низ ба худ тобеъ намуда, ибораҳои мураккаби зарфиро ташкил медиҳанд, ки муносибати замониро бо тобишҳои гуногун ифода менамоял:

Бегоҳии рӯзи дуюм *барои аҳди никоҳ бастан як муллои пирро оварданд. [14, с.211].* ***Пагоҳии он рӯз****, пеш аз ба роҳ баромадан, мо рафта, бо оилаи Ершов хайру хуш кардем [14, с.133].* ***Бегоҳии ҳамон рӯз*** *ӯ ба Кургонтеппаи Тоҷикистони офтобрӯя теллеграмаи зеринро дод… [10, с.234].* ***Саҳарии ҳафтаи гузашта*** *хола берун мебарояд …[, с.64]....Насимҷон дар* ***бегоҳии рӯзи дигараш*** *расида омад [15, с.373].*

Зарфҳои замони **дина, фардо** низ, ҳамчун ҷузъи асосии ибора, метавонанд калима ва ибораҳои дигарро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфиеро ташкил намоянд, ки замони иҷро шудани амалро бо ягон тобиши маъноӣ ифода созанд:

Фардои он рӯз, *пагоҳонӣ****,*** *ҳанӯз офтоб набаромада Абдуллохоҷа ба ҳуҷраи ман омад [12, с. 169]. Охир,* ***динаи дароз*** *ӯ овора шуд, дуруст карда натавонист [10, с.234].*

Масалан, дар ҷумлаи «Охир, динаи дароз ӯ овора шуд, дуруст карда натавонист.» зарфи «дина» сифати «**дароз»**-ро ба худ тобеъ намуда, замони иҷро зудани амалро бо тобиши маъноии давомнокӣ ифода намудааст.

Калимаҳои **тирамоҳ, зимистон, тобистон, баҳор** номи фаслҳои солро ифода мекунанд ва дар ин маънӣ исм мешаванд, аммо онҳо вобаста ба мавқеи синтаксисиашон дар ҷумла мафҳуми замонро низ ифода мекунад ва дар ҷумла ба вазифаи ҳоли замон меоянд. Аз ин рӯ, меъёри синтаксисии таснифоти ҳиссаҳои нутқро ба назар гирифта, онҳоро зарфи замон ҳам номидан мумкин аст. Зеро «як қатор калимаҳое, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, чи дар забони адабии пешина ва чи дар забони адабии ҳозира ба вазифаи зарф кор фармуда мешуданд ва ҳоло ҳам кор фармуда мешаванд» [14, с.9-10]. Калимаҳои **тирамоҳ, зимистон, тобистон, баҳор,** ҳамчун зарфҳои замон, ба вазифаи ҷузъи асосии ибораҳои зарфӣ омада, калимаҳои **порсол, гузашта, имсола, ҳозира** ва

монанди инҳоро бо ёрии бандаки изофии «и» ба худ тобеъ намуда, ибораҳоеро ташкил медиҳанд, ки замони иҷрои амалро аниқтару мушаххастар ифода менамоянд:

Тирамоҳи порсол *онҳоро ба хок гӯр накарда, ба сармои зимистон вогузошта буданд [14, с,124];* ***Тобистон ва тирамоҳи соли бисту сеюм*** *дар деҳаи мо воқеаҳои ғалатӣ рӯй доданд [14,с.220];* ***Тирамоҳи гузашта*** *пахтаҷаллобони тусӣ пахтаро аз деҳқонон бо нархи баланд хариданд[14, с.236].*

Зарфҳои замони **аввал, охир, ибтидо**, ҳамчун ҷузъи асосии ибора, калимаҳои **баҳор, тирамоҳ, зимистон, тобистон, шаб, рӯз** ва монанди инҳоро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфии замониеро ташкил медиҳанд, ки вақти иҷро шудани амалро дар муддати вақти муайян ба таври мушаххас ифода менамоянд: **аввали баҳор, охири зимистон, ибтидои сол, аввали субҳ, аввали шаб** ва монанди инҳо.

Ибораҳо бо калимаҳои **аввал, охир, нисф (ним)** ва **ибтидо, наздик** гурӯҳи алоҳидаро ташкил мекунанд. Калимаҳои мазкур исмҳои **сол, моҳ, ҳафта, рӯз, шаб** –ро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфии изофиро ташкил медиҳанд. Ин ибораҳо дар замони муайян иҷро шудани амалро ифода мекунанд;

Ман ҳар рӯз, ***аввали пагоҳӣ*** *як-ду соат бо навбат дар яке аз ин мактабҳо ба сифати консултант кор мекардам [13, с. 99].* ***Аввали пагоҳӣ,*** *бе он ки чизе хӯрда бошанд, ба саҳро баромаданд [12, с.76). Ҳар сари моҳ ба Бухоро меомад [13, с. 234].****Ибтидои ҳамин сол*** *бештар аз дувуним ҳазор ленинободҳо, новиҳо, пролетарию ӯротеппагиҳо ба аспи ғайрат савор шуда, ба сари кор омаданд [10, с.122].*

Ибораҳои зарфие, ки ҷузъи асосиашон зарфҳои **авввал, ибтидо, охир** мебошанд, дар забон хеле серистеъмоланд. Онҳо калима ва гуногунро, монанди зарфҳои **рӯз, шаб, тирамоҳ, зимистон, баҳор, тобистон, сол** ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфии изофиеро ташкил медиҳанд, ки дар аввал ва охири вақти муайян иҷро шудани амалро ифода менамоянд**: аввали рӯз, аввали шаб, аввали баҳор, охири тирамоҳ, ибтидои сол** ва ғайра.

Аввали пагоҳ чеҳраи мӯйсафед андак кушод *[15, с.373].* Он вақтҳо аз Когон се бор «поездча» меомад: **аввали пагоҳ**, нимирӯзӣ, бегоҳӣ *[15, с.23]. Фирӯза...* ***аввали пагоҳ****, бинобар супориши Ҳайдарқул ба гузари Қоплон ба ҳавлии подшоҳи омад [15, с.141].* ***Аввали моҳи октябр*** *дар Бухоро боронгарӣ ва ҳавои бад сар [15, с.254]. Онҳо* ***аввали рӯз*** *омада, дар сари ҳавзи чорбоғ дам гирифтанд [15, с.344]. Мо* ***аввали рӯз*** *лоқу парамонро бардошта омадем [15, с.66].*

Ин ибораҳо бисёр вақт бо пешоянди «дар» сурат ёфта, ба вазифаи ҳоли замони хосса меоянд, ки замони иҷро шудани амалро ба таври умумӣ боз ҳам равшантар ифода менамоянд:

Ду сол кор кард, ***дар аввали соли сеюм*** *аз тахта лағжида бо бор ба поён афтоду миёнаш шикаст [15, с. 156].* ***Дар аввали моҳи ноябр*** *рӯзҳо кӯтоҳ шаванд ҳам, ҳаво чандон хунук намешавад [15, с. 56] .Анҷуман* ***дар охири моҳи феврали ҳамин сол*** *шуда буд [15, с.77].* ***Дар охири рӯзи кор*** *Асо баробари дигарон корашро тамом карду ба кӯча баромад [15, с.196].*

Бояд қайд кард, ки баъзан ба ҷои калимаи «аввал» калимаи «калла» дар шакли «каллаи» истифода мешавад, ки бештар хусусияти фразеологӣ-лаҳҷавӣ дошта, асосан, дар нутқи персонажҳои асарҳои бадеӣ истифода мешавад. Калимаи «калла» бо ёрии бандаки изофӣ бештар зарфи «саҳар»-ро ба худ тобеъ менамояд. Ибораи «каллаи саҳар» бисёр вақт бо пешоянди «дар» ва «аз» сурат ёфта, дар ҷумла муносибати замониро возеҳтар ифода менамояд:

-Аз каллаи саҳар *хестам,-мегуфт яке ба дигаре[15, с. 67].*

Ибораҳои зарфии замонӣ бо калимаҳои **аввал, ибтидо** хоси ҳам забони адабӣ ва ҳам гуфтугӯйӣ буда, доираи истеъмолашон васеъ мебошад. Ин ибораҳо аз рӯи сохт сода ва мураккаб мешаванд.Ибораҳои зарфии замонӣ, ки ҷузъи асосиашон зарфҳои **ибтидо** ва **аввал** мебошанд, тобишҳои гуногуни муносибати синтаксисиро ифода менамояд ва амалеро нишон медиҳанд, ки дар оғози муддати вакте ба вучуд омадааст.

Чунин ибораҳо ҳанӯз дар китоби дарсии «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (1963) ибораҳои мафҳуми замонидошта номида шудаанд. «Баъзе ибораҳои мафҳуми замонидошта ҳам ба вазифаи ҳоли замон меоянд» қайд карда шудааст дар ҳамин китоб ва ибораҳои зерин дар қатори якчанд ибораҳои дигар ба сифати мисол оварда шудаанд:

Солҳои сол *барои авлод-авлоди мо намунаи барҷастаи ватандӯстӣ, вафодорӣ хоҳад шуд (Ш.Сурх). Лекин дилам гувоҳӣ дода истодааст, ки –гуфт Пулод, -инҳо* ***ҳоли ҳозир*** *таги хок истодаанд.(Ҷ. И.). Онҳо* ***аввали рӯз*** *омада, дар сари ҳавзи чорбоғ дам гирифтанд (Ҷ.И.).* ***Аввали моҳи октябр*** *дар Бухоро бо боронгарӣ ва ҳавои сард сар шуд. (Ҷ.И.) (5, 85).*

Ҳарчанд ки дар ин китоб воситаи алоқаи ҷузъҳои ибораҳои боло қайд карда нашуда бошанд ҳам, аммо чун ибораҳои «мафҳуми замонидошта» зикр гардидани онҳо аввалин қадаме мебошад дар роҳи ташаккулёбии ибораҳои зарфӣ бо алоқаи изофӣ.

Ин ибораҳо бисёр вақт бо пешояндҳои «дар», «аз» сурат ёфта, муносибати замониро дар ҷумла аниқтар ифода мекунад ва бори дигар хусусияти зарфӣ доштани худро тасдиқ мекунанд, зеро аксари

зарфҳо, монанди зарфҳои макон (берун- дар берун, дарун-дар дарун, поён- дар поён), замон (тобистон- дар тобистон, баҳорон- дар баҳорон) дар ҷумла бо пешоянди «дар» сурат ёфта муносибатҳои ҳолиро боз ҳам равшантар ифода менамоянд ва ба он тобиши хоси замонӣ илова менамоянд:

Ду сол кор кард, ***дар аввали соли сеюм*** *аз тахта лағжида бо бор ба поён афтоду миёнаш шикаст [15, с. 156].* ***Дар охири рӯзи кор*** *Асо баробари дигарон кораширо тамом карду ба кӯча баромад [15, с.196].*

Ибораҳои зарфии **нисфи шаб, бевақтии шаб** ҳам аз зумраи чунин ибораҳои зарфӣ буда, муносибати замониро бо тобиши маъноии таъкидӣ ифода менамоянд:

Кор мефармуда бошанд, **ними шаб** бандӣ карда намебурданд [15, с. 302]; ***Бевақтии шаб*** *Холдорхӯҷа аз тӯй омада, алами занашро зиёдтар кард [10, с.67]; Мо* ***бевақтии шаб*** *хобида будем [10, 96]; Бевақтии шаб дари кабинети комиссари ҳарбии районӣ тиқ-тиқ зада шуд [10, 112];*

Нисфи шаб *омад ба хона, боз кард оҳиста дар,*
То ки нороҳат насозад хоби фарзандони хеш

[Турсунзода].

Як рӯз модари амир ба боғи Ситораю моҳи хосса ба боздиди амир рафту аз он ҷо ***дар бевақтии шаб*** *хурсанду шод баргашт [15, с. 816].*

Калимаҳои **шаб, рӯз, ҳафта, дам, лахза, фурсат,** асосан, исмҳои ченаки вақт мебошанд ва дар ҷумла ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда меоянд:

Рӯз ба анҷом расид (Маромиҳалқ).

Дар забони тоҷикӣ ҳодисаи омонимияи грамматикӣ вуҷуд дорад. Калимаҳо вобаста ба мавқеи синтаксисиашон дар ҷумла метавонанд ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дошта бошанд, Як қатор калимаҳо, монанди калимаҳои **шаб, рӯз, ҳафта, дам, лах**за, **фурсат** вақт ва ё замони иҷро шудани амалро ифода намуда, дар ҷумла ба вазифаи ҳол меоянд. Ин калимаҳо то ба зарф нагузаранд, дар ҷумла ҳолро ифода карда наметавонанд, зеро «ин вазифаи синтаксисӣ барои зарф вазифаи асосӣ аст» [6, с.38]. Бинобар ин, ин калимаҳо вобаста ба вазифаи синтаксисиашон гоҳ исм ва гоҳ зарф мешаванд. Калимаҳои **шаб, рӯз, ҳафта, дам, лах**за, **фурсат** зарф буда, дар ҷумла замон ва вақти иҷро шудани амалро низ ифода менамоянд ва дар ҷумла ба вазифаи ҳоли замон меоянд:

Ҳамаи ин масъалаҳоро ***дар рӯзҳои наздик*** *ҳал кардан лозим [15, с.238].* **Рӯзи даҳум** ба кор рафт *[15, с.373].* ***Шаби дигар*** *онҳо секаса ба маҷлиси ҷадидҳо рафтанд [15, с.301].* ***Пас аз чанд дақақаи дигар*** *Саидпаҳлавон хайру хуш карда, аз назди Ҳайдарқул берун шуд [15, с.140].* ***Рӯзи дигар*** *қаймоқчойро хӯрда, бозорҳоро тамошо карда баргаштем [15, с.36]. Хуллас,* ***рӯзи дигар*** *бо маслиҳати Халимҷон ба як қишлоқи дурдасти Қурғонтеппа рафтам... [15, с.38].*

Онҳо дар ифодаи ин маънӣ ба исм не, балки ба зарф тааллуқ доранд. Бояд қайд кард, ки «зарф нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ дертар ва, асосан, дар заминаи онҳо ба вуҷуд омада, дар айни замон, ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, бо роҳу воситаҳои гуногун инкишоф ёфта истодааст» (8, 9). Аз ин рӯ, калимаҳои **сол, моҳ, рӯз, ҳафта, дақиқа, лахза, фурсат** дар ифодаи замони иҷрои амал ба зарф мешаванд. «Ба зарф гузаштани ҳиссаҳои мустақили нутқ ҷараёни қадима буда, … аз ҳиссаҳои мустақили нутқ бештар исму сифат ба зарф мегузаранд» [9, с.87]. Онҳо дар қолаби ибора муносибати замониро равшантару возеҳтар ифода менамоянд. Онҳо, ҳамчун зарф калима ва ибораҳои дигарро ба худ тобеъ намуда, ибораҳоеро ташкил медиҳанд, ки вақт ва замони иҷро шудани амалро аниқтару мушаххастар ифода менамоянд:

Шоҳмуродбек дар гузари Арабон ба як ҳавлии подшоҳӣ ҷо гирифта, ***аз рӯзҳои аввали истиқоматаш*** *чоҳ канонда, об бароварда [15, с.97]. Фирӯза ҳам рӯзҳои аввали инқилоб дар посбонии дарвозаи шаҳр бо ман ҳамроҳ буд, хеле ёрӣ медод [15, с.43]. Қариб* ***як соли баъди ин воқеа*** *як рӯз Асад Махсум хурсанду шод аз берун ба ҳуҷра омада даромад [15, с.22].*

Калимаҳои **шаб, рӯз, ҳафта, дам, лах**за, **фурсат** дар ифодаи маънии вақт ва замон хусусияти зарфӣ зоҳир намуда, пасванди «ҳо» қабул мекунанд, ки он ҷамъи исмҳоро не, балки дар ифодаи вақти иҷро давомнокӣ ва мулкаратиро ифода мекунанд. Калимаҳои **соатҳо, рӯзҳо, ҳафтаҳо, солҳо, асрҳо,** ҳамчун зарф ба вазифаи ҷузъи асосии ибора омада, ба воситаи бандаки изофӣ калимаву ибораҳои дигарро ба худ тобеъ намуда, ибораро ташкил медиҳад:

Рӯзҳои аввал Бухорои шариф бо вуҷуди ҳамаи «шарофаташ”...ба Шоҳмурод ва зани ӯ маъқул нашуд *[15, с.96].* *Фирӯза ҳам* ***рӯзҳои аввали инқилоб*** *дар посбонии дарвозаи шаҳр бо ман ҳамроҳ буд, хеле ёрӣ медод [15, с.43)] Баъди* ***рӯзҳои аввал*** *умеду орзуҳои калон хеле наздик метофтанд [15, с.87].*

Чуноне мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, зарфи «рӯз» ҳам, ҳамчун ҷузъи асосии чунин ибораҳо пасванди ҷамъбандии «ҳо»-ро қабул карда, дар шакли «рӯзҳо» меояд, ки давомнокӣ ва ё мулкаратии амалро ифода намуда, нишон медиҳад, ки иҷрои амал рӯзҳои зиёде давом ёфтааст.

Зарфҳои **солҳо, асрҳо,** ҳамчун ҷузъи асосии ибора, калимаҳои «сол ва аср»-ро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои махсуси зарфиеро ташкил медиҳанд, ки иҷрои амалро дар муддати тӯлонӣ ва ё

мулкаратии амалро дар муддати муайяни вақт ифода менамоянд. Қолаби чунин ибораҳо ба қолаби ибораи «охири охирон» монанд буда, дар баробари он ҳанӯз дар китоби «Грамматикаи забони тоҷикӣ», ҳамчун «ибораҳои мафҳуми замонидошта қайд шудаанд [5,с. 85] ва ҷулаҳои зерин мисол оварда шудаанд:

Месуруданд солҳои сол

Шоирон дар умеди нек- иқбол (Турсунзода).

Ҳар кӯҷое одамон мекофтанд,

Асрҳои аср роҳи кулларо (Садои Шарқ).

Зарфҳои замони «рӯз», «шаб» ба вазифаи ҷузъи асосии чунин ибораҳо хеле зиёд корбаст мешаванд. Онҳо, пеш аз ҳама, зарфҳои «аввал, охир»-ро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфиеро ташкил медиҳанд, ки хеле серистеъмол буда, замони иҷро шудани амалро дар аввал ва ё охири вақти муайян ифода менамоянд, яъне нишон медиҳанд, ки *амал дар аввал ва ё охири рӯз, дар аввали шаб ва ё охири шаб иҷро шудааст.*

Хулоса ҳамин тавр, дар забони тоҷикӣ ибораҳои зарфие, ки тавассути алоқаи изофӣ ташаккул меёбанд, хеле зиёданд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки ибораҳои зарфӣ на танҳо бо алоқаи вобастагӣ ва ҳамроҳӣ, балки бо алоқаи изофӣ низ ташаккул меёбанд. Бояд гуфт, ки ин ҷо танҳо оид ба баъзе ибораҳои зарфии замонӣ бо алоқаи изофӣ сухан меравад. Ҷузъи асосии чунин ибораҳо на танҳо зарфҳои замон, балки зарфҳои дигар ҳам шуда метавонанд. Доир ба онҳо минбаъд низ сухан хоҳад рафт.

АДАБИЁТ

1. Ализода С. Сарфу наҳви забони тоҷик. / С. Ализода -Душанбе, 2006, 80 с.
2. Виноградов В.В.Современный русский язык. Вып.2./ В.В. Виноградов -М.,1947.-592 с.
3. Грамматикаи забони адабии тоҷик. Ҷилди 1.- Душанбе, 1985.- 348 с.
4. Грамматикаи забони адабии тоҷик. Ҷилди 2.- Душанбе, 1986.- 372 с.
5. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1963.-256 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 2 (синтаксис). -Душанбе, 1970.- 267 с.
7. Исматуллоев М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми1 / М.Исматуллоев.-Душанбе, 1971.- 175 с.
8. Исмоилов И. Зарф дар забони адабии ҳозираи тоҷик / И.Исмоилов. -Душанбе, 1971.- 87 с.
9. Рустамов Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (проспект) / Ш. Рустамов. -Душанбе, 1977.- 187 с.
10. Раҳим Ҷалил. Ҳикояҳо.-Душанбе, 1958.-396 с.
11. Садриддин Айнӣ.Куллиёт. Ҷ.3,-Душанбе, 1962.- 446 с.
12. Садриддин Айнӣ.Куллиёт. Ҷ.2,-Сталинобод, 1960.- 443 с.
13. Садриддин Айнӣ.Куллиёт. Ҷ.6,-Сталинобод, 1954.- 425 с.
14. Сотим Улуғзода.Субҳи ҷавонии мо. –Сталинобод.- 360 с.
15. Ҷалол Икромӣ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро.-Душанбе, 1984.- 432с.
16. Ҷалол Икромӣ. Духтари оташ. -Душанбе, 1988.-423 с.
17. Ҷалол Икромӣ. Тахти Вожгун. –Душанбе, 1989.- 336 с.

ОИД БА ИБОРАҲОИ ЗАРФИИ ЗАМОНӢ БО АЛОҚАИ ИЗОФӢ

Дар мақолаи «Оид ба ибораҳои зарфӣ бо алоқаи изофӣ» сухан дар бораи он меравад, ки дар забони тоҷикӣ боз як роҳи дигари ташаккулёбии ибораҳои зарфӣ-ташаккулёбии онҳо тавассути алоқаи изофӣ мавҷуд аст, зеро то ҳол дар аксари сарчашмаҳои илмӣ оварда мешуд, ки ибораҳои зарфӣ танҳо тавассути алоқаи вобастагӣ ва ҳамроҳӣ ташакккул меёбанд.

Мақсади мақола *Алоқаи изофӣ хоси ибораҳои зарфию феълӣ нест. Аммо дар ин мақола тавассути мисолу далелҳо исбот карда мешавад, ки ибораҳои зарфӣ бо алоқаи изофӣ низ ташаккул меёбанд.*

Зарфҳои гуногуни замон, макон, миқдору андоза бо ёрии бандаки изофӣ калима ва ибораҳои гуногунро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфиро ташкил медиҳанд, ки тавассути онҳо муносибатҳои мухталифи грамматикии Натиҷаи татқиқот нишон дод, ки пеш аз ҳама, зарфҳои замони ***субҳ, саҳарӣ, бегоҳӣ, пагоҳӣ, пагоҳ, бегоҳ, фардо*** *ва монанди инҳо зарфҳои замони* ***барвақт, бевақт, дер*** *ва ибораҳои гуногунро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои зарфиеро ташкил медиҳанд, ки замони иҷро шудани амалро аниқтару мушаххастар ифода мекунанд: саҳарии барвақт, бегоҳии бевақт, пагоҳии барвақт, бегоҳии дер ва монанди инҳо.*

Зарфҳои замони ***аввал, охир, ибтидо****, ҳамчун ҷузъи асосии ибораҳои зарфии замонӣ, ки тавассути алоқаи изофӣ ташаккул меёбанд, хеле серистеъмоланд:*

Калидвожаҳо: *зарф, ибораҳои зарфӣ, алоқаҳои грамматикӣ, алоқаи изофӣ, алоқаи вобастагӣ,*

алоқаи ҳамроҳӣ, зарфи замон, зарфи макон, забон, калима, ибора ва ғайра.

О НАРЕЧНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЯХ СО ЗНАЧЕНИЕМ ВРЕМЕНИ ОБРАЗУЮЩИХСЯ С ПОМОЩЬЮ ИЗАФЕТА

В статье «О наречных словосочетаниях со значением времени образующиеся с помощью изафета» речь идёт о том, что в таджикском языке существует ещё один путь образования наречных словосочетаний, то есть образования данных словосочетаний путём изафета.

***Цель статьи**: В большенстве научных работ отмечается, что наречные словосочетания не образуются путём изафета. И изафет не свойственен глагольным и наречным словосочетаниям. В данной статье на основе анализа, языковых примерах и фактах доказывается, что наречные словосочетания образуются и при помощи изафета.*

Разные виды наречия, как наречия времени, места, наречия каличества и меры связывают за собой разные слова и другие словосочетания с помощью изафета, и таким образом образуются наречные словосочетания, которыми выражаются разные грамматические отношения.

***По результатам исследования** прежде всего наречия времени, как **субҳ (ранним утром), саҳарӣ, пагоҳӣ (утром), бегоҳ, бегоҳӣ (вечером), пагоҳ, фардо (завтра),** связывают за собой другие наречия времени, как **барвақт (ранно), бевақт, дер (поздно)** с помощью изафета, и вместе образуют наречные совосочетания со значением времени, выражающие время действия ёщё более конкретным и ясным: **саҳарии барвақт (рано утром), бегоҳии дер (поздно вечером), пагоҳии барвақт (с утро пораньше), бегоҳии бевақт (вечером позднее, позднее вечера)** и так далее.*

*Наречия времени, как **аввал ибтидо (начало), охир (конца), арафа (накануне)** очень популярны, как основная часть данных словосочетаний.*

***Ключевые слова:** наречие, виды наречия, времени, место, количество и мера, значение, словосочетание, отношение, грамматические отношения, изафет.*

ABOUT ADVERSE COMBINATIONS WITH THE MEANING OF TIME FORMED WITH THE HELP OF IZAFET

The article «About adverbial phrases with the meaning of time formed with the help of izafet» refers to the fact that in the Tajik language there is another way of forming adverbial phrases, that is, the formation of these phrases by means of izafet.

***Purpose of the article:** In most scientific works it is noted that adverbial phrases are not formed by isafet. And izafet is not characteristic of verbal and adverbial phrases. In this article, on the basis of analysis, language examples and facts, it is proved that adverbial phrases are also formed with the help of izafet.*

Different types of adverbs, such as adverbs of time, place, adverbs of quantity and measure, connect different words and other phrases with the help of isafet, and thus adverbial phrases are formed that express different grammatical relationships.

***According to the results** of the study, first of all, the adverbs of time, like subҳ (early morning), sakhari, pagoҳӣ (in the morning), begoh, begoҳӣ (in the evening), pagoh, fardo (tomorrow), connect other adverbs of time, like barvakt (early), bevakt , der (late) with the help of izafet, and together form adverbial combinations with the meaning of time, expressing the time of action even more concrete and clear: sakharia barvakt (early in the morning), begohyi der (late evening), pagohyi barvakt (early in the morning), begohyi bewaqt (late in the evening, later in the evening) and so on.*

Adverbs of time like awwal ibtido (beginning), ohir (end), arafah (the day before) are very popular as the main part of these phrases.

***Key words:** adverb, types of adverb, time, place, quantity and measure, meaning, phrase, relation, grammatical relations, izafet.*

Сведения об авторе:

***Ҷабборова Шарофат Сафаралиевна** - номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Тел: (+992) 917125555*

Маълумот дар бораи муаллиф:

***Джабборова Шарофат Сафаралиевна** - кандидат филологических наук, доцент*

кафедры таджикского языка Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода Тел: (+992) 917125555

About the author:

***Dzhabborova Sharofat Safaralievna** - Candidate of Philological Sciences, Associate Professor departments of the Tajik language Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzod Tel: (+992) 917125555*

ШАРҲИ МАФҲУМИ ИСТИЛОҲ ДАР САРЧАШМАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ

Ҷурақулов Б. Р.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Сарсухан. Истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи аслии он харҷи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа, баён кардани маънои мафҳумҳои нав аст. Ҳангоме ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо пайдо мешаванд ва инсонҳо бад-он бармехӯранд, дар навбати аввал саъй мекунанд дар забони ҷории худ вожа ва ё таркиботе пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно шабоҳат ё наздикӣ ба онҳо доранд ва барои аҳли фан, ё мардуми бештар ошно буда, метавонанд маънои мафҳуми навро инъикос намоянд. Вале, замоне ки дар забон луғати муносиб барои ифодаи чунин мафҳумҳо пайдо нашуд, он гоҳ фаъолияти луғатсозии забон ба кор медарояд. Барои ин кор забон аз захираю имконоти дохилӣ ва васоили гуногуни дастурии хеш, аз қабили луғатсозии мутобиқи суннатҳои анъанавӣ, аз пасванду пешвандҳо ва нимвандҳо ва ғайра истифода мебарад [13, с.68-72].

Дар давраҳои гузашта, вақте ки истилоҳот ҳанӯз кам буд ва соҳаҳои корбурди онҳо аз он ҳам камтар ҷудо кардани истилоҳот аз таркиби вожагони умумӣ мушкил буд. Вале, дар асрҳои XIX, замоне ки инқилоби иҷтимоӣ-сиёсӣ, пешрафтҳо ва кашфиётҳои бузурги илмӣ-техникӣ чеҳраи ҷаҳонро дигаргун сохт, риштаҳои гуногуни илму фан ва соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсон падид омад, ки ҳар кадом вожагони хоси худро тақозо мекард. Дар натиҷа шохаи истилоҳоти забон густариш пайдо кард ва олимону донишмандон дар фикри ҷудо кардани онҳо ва вожагони умумӣ шудаанд.

Қисми асосӣ: Азбаски инсонҳо барои фарқи беҳтари падидаҳои нави моддиву маънавии атрофи хеш ҳамеша дар фикри таҳлилу таҳқиқ буда, мехоҳанд барои онҳо қолабҳо сохта, меъёру таърифҳо муқаррар намоянд, аз ин рӯ исттилоҳот низ аз «қонуни умумӣ» барканор намонд. Донишмандон ба баррасии он пардохта, ҳудуду марзҳо ва соири мушаххасони онро муайян карданд. Дар натиҷа дар илми забон риштаи алоҳидае ба вуҷуд омад ба номи истилоҳшиносӣ, ки омӯзиш ва танзими асосҳои назарӣ ва методологияи истилоҳгузиниро ҳадафи асосии кори худ қарор дод.

Бояд гуфт, ки истилоҳшиносӣ ба таври куллӣ дар забоншиносии ҷаҳонӣ шохаи нисбатан ҷавон аст ва дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар охири солҳои 20-уми асри гузашта, пеш аз ҳама дар забони русӣ пайдо ва ташаккул ёфт. Зеро бахши истилоҳгузинии ин забон ҳамтои таҳаввулоти иҷтимоиву сиёсӣ ва илмиву фарҳангии кишварҳои пешрафтаи аврупоӣ ва дастовардҳои илми забоншиносии нав инкишоф ёфта, ягона забоне буд дар байни дигар забонҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки метавонист тамоми истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-техникии замони навро баён кунад. Аз ҷониби дигар дар ҳамин марҳилаи инкишофи ин забон буд, ки истилоҳгузинии он соҳаи нуфузи мустақим ва мудохилаи бошууронаи забоншиносон қарор гирифт [2, с.41-52].

Мафҳумҳои илмӣ, тавре ки маълум аст, ифодагари шаклҳои гуногуни зуҳурёбии тафаккури инсон буда, хусусиятҳои аслӣ, иртиботот ва робитаҳои ашё ва ҳодисаҳоро дар соҳаи муайяни дониш инъикос менамоянд. Дар натиҷаи инъикоси вазъияти илмӣ ва иҷтимоию фарҳангии зудтағйирёбанда, дар ҳоли ҳозир ташаккули низомҳои истилоҳоти бахшҳои зиёди дониши илмӣ, махсусан байнифаннӣ ва ба таври фаъол идома дорад. Дар ин робита шумораи зиёди таҳқиқот дар бораи истилоҳот ва терминография ба вуҷуд меоянд. Бо ин ҳол, истилоҳоти забоншиносӣ ба сабабҳои зиёд ба таври фаъолона густариш меёбанд, ки миёни онҳо афзоиши шумораи фанҳои забоншиносӣ, ҷараёнҳо ва мактабҳо нақши муҳимро мебозанд. Аз ин рӯ, шумораи мафҳумҳо ва истилоҳоти марбути «педагогика» бо суръати зиёд афзоиш меёбад [10, с.29-31].

Дар ҳоли ҳозир мутобиқи масъалаҳои мухталифи грамматикаи забонҳои гуногун шумораи зиёди китобҳои дарсӣ ва роҳнамоҳои таълимӣ таълиф мешаванд. Истилоҳоти нави зиёд вуҷуд доранд, ки бар асоси таҳқиқоти охири мутахассисони грамматика сохта шудаанд. Аксари вақтҳо истилоҳоти нав дар воқеъ синонимҳо, алтернативаҳо барои мафҳумҳои куҳна мебошанд. Ғайр аз ин, дар забоншиносӣ ҳар мактаб дорои «метадиалектҳо» -и худ мебошад, ки онҳо дар маҷмӯъ

фарозабонӣ (Interlingua) забоншиносиро ташаккул медиҳанд. Дар натиҷа, агар ин, аз як тараф, боиси печ дар печӣ ва сардаргумӣ шавад, аз тарафи дигар, заминаеро барои таҳқиқот ва омӯзиши истилоҳоти марбути «педагогика» пешниҳод менамояд, зеро таҳия ва мураттабсозии истилоҳоти муносиб, ошкор намудани тамоюлҳои муҳимтарин дар истилоҳсозӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосии илмӣ забоншиносӣ мебошанд.

Низоми муосири истилоҳоти марбути «педагогика» бо як қатор хусусиятҳои хосе муайян карда мешавад, ки онҳоро метавон дар алоқаҳои семантикии онҳо, равандҳои пурмаҳсули дериватсионӣ, амалкард дар зернизомҳои мухталифи забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ ошкор намуд. Ҷавоб ба саволи низоми муосири истилоҳоти марбути «педагогика» аз низомҳои истилоҳоти дигар илмҳо чӣ фарқ дорад, пеш аз ҳама, ошкорсозӣ, тавсиф ва муқоисаи баъдии вижагиҳои асосии низомию вазифавии онро талаб мекунад. Монанди низоми истилоҳоти забон, ҳамчунин низоми луғавӣ барои ба вуҷуд омадани луғатҳои нав боз мебошад ва ин кори доимӣ ва ҳатмиро барои мураттабсозии он талаб менамояд. Забоншиносон, олимон ва мутахассисони бахши истилоҳот якдигарро дарк нахоҳанд кард, агар ба таҳқиқи истилоҳот низ напардозанд. Ҳар шакли илм новобаста аз дахл доштани он ба ин ё он соҳа ба муҳтаво ва моҳияти худи илм дар маҷмӯъ таваҷҷуҳи комил зоҳир менамояд [11, с.68-72].

Масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ яке аз вазифаҳои мубрами забоншиносӣ буда, дар таркиби назарияи забоншиносии умумӣ мавриди муҳокимаву таҳқиқ карор мегирад. Масъалаҳои марбут ба маънои забоншиносии «истилоҳ» ва «истилоҳшиносӣ» дар забоншиносии муқоисавӣ дертар дар охири асри XIX ибтидои асри XX пайдо шуд. Мафҳуми «истилоҳ» дар илм асосан дар аввалҳои асри XX ба вуҷуд омадааст. Аввалин тавзеҳи калимаи «истилоҳ» дар «Энциклопедический словарь» Ф.А. Брокгауза ва И.А. Ефрона зикр шудааст**.**

Забоншиносоне, ки ба таҳқиқи илмӣ дар он вақт машғул буданд, ба таҳқиқи хусусиятҳои қисмати он маҳдуд шуданд. Корҳои илмӣ бахшида ба омӯзиши махсуси истилоҳот то оғози асри XX амалан ба назар намерасад.

Танҳо дар аввалҳои асри XX дар забоншиносӣ аввалин назария дар бораи истилоҳот ба вуҷуд омад. Ба он таҳқиқот дар бораи:

1) Истилоҳот ба калимаҳои умумихалқӣ ва ё лексикаи касбӣ муқобил меистад;
2) Истилоҳот ба формулаҳои математикӣ ва формулаҳои химиявӣ наздик аст;
3) Истилоҳот ба жаргонизмҳо қаробат доранд;
4) Истилоҳот ҳамчун нишонаҳои нейтралии «иероглифҳо»;
5) Истилоҳот бо мафҳум шабоҳат дорад мансуб аст.

Аммо таҳқиқоти олимони хориҷа, ки то замони имрӯз анҷом ёфтааст, бештар ба масъалаи истилоҳ ва истилоҳотшиносӣ, истилоҳоти алоҳида ва системаи истилоҳот ё стандартикунонии истилоҳоти алоҳида дахл дорад.

Таҳлил ва хусусиятҳои истилоҳот дар забоншиносӣ мавриди таҳқиқи олимони зиёде гаштааст. [Авербух, 2005; Виноградов, 1954; Гринёв, 1993; Герд, 1981; Даниленко, 1972,1993; Канделаки, 1977; Лейчик, 1983, 1976, 1981, 1991; Лотте, 1961; Суперанская, 1989; Татаринов. 1999; Джаматов С., Назарзода С., Султонов М., Фозилов М., Шарипов Т. ва дигарон].

Таҳқиқи истилоҳшиносон на танҳо истилоҳоти алоҳидаро таҳлил менамояд, балки ба масъалаи коркарди умумии истилоҳотшиносӣ дахл дорад. Таваҷҷӯҳи забоншиносон ба масъалаи истилоҳот тасодуфӣ набуда, ба сохтори назарии истилоҳотшиносӣ, ҳамчунин талаботи амалии истилоҳ мебошад. Яке аз масъалаи муҳими назария истилоҳшиносӣ ин муайян намудани истилоҳ аст.

Дар адабиёти илмии забоншиносӣ дар бораи муайян намудани истилоҳот маълумоти гуногун мавҷуд аст, як иддаи муаллифон дар андешаи онанд, ки таркиби истилоҳ муҳимтар аст. Соли 1959 А.А.Реформатский таркиби истилоҳотро ҳамчун ҳаммаъно будан, «аз мавқеъ берун» бо модалӣ ва экпрессӣ, хусусияти байналхалқӣ, мантиқӣ ва системанокӣ доро будани онро муайян кард. Аммо ҳамаи ин хусусиятро танҳо якчанд истилоҳот дораду халос.

Истилоҳ бояд дорои хусусиятҳои зерин бошад: мавҷудияти **дефиниция,** дараҷаи муҷарраднокӣ, сермаъноӣ, надоштани тобиши зудӣ ва муассир, бетарафии услубӣ, ***нейтралӣ*** мантиқ ва системаи дақиқ.

Талаботи асосӣ ба истилоҳ аз ҷониби мактаби истилоҳшиносии С.Лотте муайян карда шуда чунин аст: якмаъноӣ, мунтазамӣ, мухтасарӣ. Дар ҳамин ин мавқеъ ҷонибдорони назарияи сохторӣ – субстатсионии истилоҳ қарор доранд.

Ҷонибдорони назарияи функционалӣ нуқтаи назари дигарро барои муайян кардани хусусиятҳои функционалли истилоҳ иброз медоранд. андеша доранд [4, с.19-29].

Исбот гардид, ки истилоҳ – ин типи воҳиди лексикӣ аст, на типи махсуси воҳиди лексикӣ. (В.Г.Гак, Б.Н.Головин, В.И.Перебийнос, В.М.Лейчик, Ф.А.Циткина, Т.Р.Кияк, Т.И.Панько). Дар тадқиқоти истилоҳоти компютерӣ мо ҷонибдори консепсия оид ба пайдоиши функционалии истилоҳ ҳастем, ки натиҷаи он донистани забон ҳамчун шаклҳои гуногуни функционалии забони

адабӣ мебошад.

Яке аз нишонаҳои асосӣ ва бартаридоштаи истилоҳ ин системанок будани он аст. Ин нишона аввалин бор дар таҳқиқоти Д.С.Лотте ба назар мерасад. Лотте қайд мекунад, ки " ҳар як истилоҳ дорои ҷои муайян (бо тобеият бо истилоҳоти дигар) буда, дар системаи истилоҳот, ба мавқеи мафҳуми ҷавобгӯ будани он дар системаи мазкур вобаста аст» (Лотте, 1961: 14). Илова бар ин системанокӣ ҳамчун тарҳи мазмун ва ҳам тарҳи ифода намудор мешавад (системанокии беруна). Нишонаи системанокии муайянкунандаи истилоҳ дар таҳқиқоти дигар олимон низ ба назар мерасад. (Герд, 1981: 12, Реформатский, 1968: 121; Сорокалетов, 1970: 12); Суперанская, 1976: 74). В.С.Кулебакин ва А.Я.Климовитский истилоҳро ҳамчун калима ва ибора, нишонаи забон, ки бо мафҳум дар системаи дарки ин ё он соҳаи илм ва техника мувофиқ аст, муайян кардаанд.

Мафҳуми якмаъноии истилоҳ яке аз аломатҳои асосии он дар соҳаи мазкур дар назар дошта мешавад [Пумпянский, 1977: 92; Ярцева: 1970: 10]. Якмаъноӣ ҳамчун хусусияти асосии истилоҳ нигоҳ дошта мешавад, аммо берун аз доираи истифодаи истилоҳот, ҳамчунин калимаи бисёрмаъно зоҳир мегардад. [Лотте, 1961:75]. Дар доираи истилоҳотшиносии мазкур ин хусусияти истилоҳ бетаъсир мегардад, дар ин ҳолат низ истилоҳ бештар каммаъно мешавад. Ҳамин тавр, сермаъноии байнифанӣ дар истилоҳоти компютерӣ, нисбат ба дохилифанӣ миқдоран хеле зиёд пешниҳод мешаванд.

На ҳамаи нишонаҳои истилоҳоте, ки А.А.Реформатский зикр кардааст то дараҷаи баробар хоси истилоҳ мебошанд. Дар тадқиқот дарҷ гардидааст, ки чунин талабот ба мисли абстрактнокӣ, байналмиллалӣ ва ғайраҳо нисбӣ мебошанд.

Дараҷаи абстрактнокии истилоҳ дар истилоҳшиносӣ назар ба калимаи лексикаи умумиистеъмол кам мегардад. Чи тавре ки истилоҳоти компютерӣ нишон медиҳанд дар системаи он баробар ҳам лексикаи абстрактӣ ва ҳам истилоҳоти дорои семантикаи конкретӣ мавҷуданд.

Хусусияти байналхалқӣ дар истилоҳ хеле суст мебошад. Дар истилоҳотшиносии компютерӣ ин махсусан зарур аст. Новобаста ба он, ки истилоҳоти компютерӣ нисбат ба истилоҳоти дигар (масалан техникӣ) дар дараҷаи баланди стандартикунонӣ қарор дорад, истилоҳоти қадимӣ дар ин соҳа миқдоран кам бошад ҳам, вуҷуд дорад [15, с.33-41].

Дар масъалаи нишонаҳои нейтралии истилоҳот дар миёни забоншиносон назарҳои гуногун мавҷуд аст. Аксари забоншиносон андеша доранд, ки истилоҳот ҳамеша дар ҳолати нейтралӣ аст, дар сохтори маъноии он табақабандии эҳсосӣ ва экспресӣ вуҷуд надорад. (Герд, 1981: 13; Даниленко, 1971: 11). Дар мақолаи мазкур мо бештар ба андешаи он муҳаққиқоне такя мекунем, ки ба маънои маҷозӣ доштани истилоҳоти алоҳидаи илмӣ низ бовар доранд.

Аксари забоншиносон ба чунин хусусияти истилоҳот -(дефинитивность) тафсирӣ будани он аҳамияти махсус медиҳанд. Масалан, В.П.Даниленко дар зери мафҳуми истилоҳ «калима ё ибораи соҳаи махсус, ки истифодаи он номгӯи маънои махсус мебошад ва тафсирро талаб мекунад " –ро мефаҳмад. Чунин талабот комилан дуруст аст, чунки дар ҳолати набудани тафсир дар таркиби истилоҳ сарҳадҳо истилоҳро васеъ менамояд. Маводҳои таҳқиқшуда ва талаботи болоро дар бораи истилоҳ ба инобат гирифта, дар рафти кор дар муайян намудани истилоҳ онро ба кор мебарем. Истилоҳ – ин калима ё ибораи мутобиқ ба мафҳуми мувофиқ дар сохтори соҳаи муайяни фан (дар айни ҳол- компютерӣ), дар сохтори муносибат бо калимаҳои монанд сохтори махсуси муайяни илмиро ташкил медиҳад [9, с.13-21].

Хусусиятҳои номбаршудаи истилоҳот танҳо дар дохили сохтори истилоҳот амалӣ мешавад, дар ҳолате, ки истилоҳ хусусиятҳои тафсирӣ ва сохториашро аз даст медиҳад, хусусияти муайянкунандагиро мегирад (мисли ифодаи образнок дар забони адабӣ). Раванди муайяншудан (гузаштани истилоҳ ба лексикаи умумиистеъмолӣ) дар бораи ҳамтаъсирии истилоҳот ва лексикаи ғайри истилоҳӣ ба он шаҳодат медиҳад. Дар баробари ***истилоҳсозӣ*** - роҳи ташкили истилоҳ, ретерминологизация - гузаронидани истилоҳ тайёр аз як соҳа ба соҳаи дигар қисман ё мазмунан мавҷуд аст. (масалан - «дифференциал» дар математика ва «дифференциал» дар забоншиносии равоншиносӣ). Истилоҳ метавонад аз забони дигар гирифта шавад (ба ин калька дохил мешавад), ҳамчунин метавонад аз морфемаҳои забони худӣ ва ё элементҳои байналмиллалӣ ташкил шавад [10, с.68-73].

Ҳарчанд раванди истилоҳсозӣ дар забонҳои муқоисашаванда кайҳо объекти таҳқиқи муҳаққиқони забоншиноси ватанӣ ва хориҷӣ аз ҷумла дар асоси исм (Л.Авдрейко, М.Бонелис, З.Коломиец, Ф.Циткина,), феъл (Л.Макеева, К.Семко) сифат (О.Афанасьева, А.Ерченко, Л.Дацюк), қарор дошт, аммо масъалаи таҳлили системаноки раванди истилоҳсозӣ дар доираи забони алоҳида ҳанӯз ҳалли худро пурра наёфтааст.

Масъалаи ташаккул ва инкишофи забони истилоҳоти техникии тоҷикӣ, мушкилот ва омӯзиши он дар таърихи забоншиносии тоҷик дар як қатор корҳои тадқиқотӣ, ки махсус ба таҳқиқи истилоҳоти забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, равшан мегардад. Дар маҷмуъ таърихи ташаккул ва инкишофи истилоҳоти забони тоҷикӣ ва таърихи забоншиносии тоҷик ба тариқи зайл намудор

мегардад.

Аввалин кӯшиши коркарди истилоҳоти илмӣ дар асоси махсусгардонидани калима, иваз намудани калимаҳои арабӣ ба истилоҳи тоҷикӣ ба олими маъруфи асримиёнагӣ Абуалӣ Ибни Сино тааллуқ дорад. Абуалӣ Ибни Сино ин корро дар китоби «Донишнома»-и хеш ва бештар аз 20 офаридаҳои илмиаш, ки бо забони тоҷикӣ иншо намуда буд, анҷом додаст.

Саҳми арзишмандеро дар инкишофи илм, истилоҳоти илмӣ ва техникӣ олими барҷастаи тоҷик Абурайҳони Берунӣ гузоштааст. Лексикаи соҳаи гуногуни ҳунармандӣ (профессионализм) дар «Сафарнома»-и Носири Хисрав , «Таърихи Бухоро» -и А. Наршахӣ ва фарҳангҳои зиёди тафсирӣ зикр шудааст. Ин луғатҳо дар инкишофи минбаъдаи лексикографияи забони тоҷикӣ, «Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ)» нисбат ба луғатҳои пешин нақши боризе гузоштаанд. Аҳамияти бузурги ин луғатҳо дар истилоҳотшиносии асбобҳои техникӣ, дар қатори калимаҳои серистеъмол истифода шудан ва инъикоси худро ёфтани калимаҳои камистеъмол ва ё архаистӣ мебошад. Дар луғат бештар историзмҳо, маънои луғавӣ ва лексикии калимаҳо ба назар мерасад. Луғат бойтарин манобеъ на танҳо барои истилоҳоти техникии солҳои гузашта, балки барои калимаҳои иқтибосии аз таркиби забони арабӣ, туркӣ, чинӣ ва забонҳои ба забони тоҷикӣ гузашта низ мебошад.

Истилоҳоти асбобҳои техникӣ, омӯзиши он, таҳқиқоти илмӣ инъикоси худро асосан дар адабиёти махсус ёфтаанд. Асосгузори ин таҳқиқот С. Иброҳимова мебошад. С.Иброҳимова лексикаи касбии лаҳҷаи Фарғона, ки хоси забони тоҷикӣ аст ва дар забоншиносии тоҷик аҳамият дорад, таҳқиқ намуд. Муаллиф лексикаи ҳунармандӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни тоҷикзабон - Хуҷанд, Чуст, Бухоро Самарқанд истифода мешавад таҳлил намуд. Маълумот дар бораи лексикаи ҳунармандӣ ва лексикаи касбӣ ҳамчунин дар таҳқиқоти А. Н. Шаропов, Т.Джураев, С. Усманов, Н. Ш. Абдуллаева, М. Д. Истамова ва дигарон ба назар мерасад. Дар ин мақола объекти таҳқиқ истилоҳ-истилоҳшиносӣ ва истилоҳоти асбобҳои техникӣ ва фанҳои умумитехникии забони тоҷикӣ қарор дода шудааст.

Ҷанбаи муҳими истилоҳоти ҳозиразамон таҳқиқи муқоисавӣ- типологӣ мебошад. Ин самти таҳқиқоти истилоҳот бахусус солҳои охир хеле инкишоф ёфтааст. Дар рисолаҳои Мамадрасулов Т., С.Толибӣ тарҳи муқоисавӣ- таърихӣ мақсади таҳқиқ лексикаи астрономии забони тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Истилоҳоти соҳаи сохтмон объекти таҳқиқи М.М.Бекмурадов гардид. Истилоҳоти соҳаи обёрӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷониби С. Ҷаматов мавриди пажуҳиш қарор ёфт. Истилоҳоти соҳаи педагогика дар забони тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷониби Б.Ҷуракулов мавриди пажӯҳиш қарор ёфт. Истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқи монографӣ қарор ёфт. Миқдори истилоҳоти муқоисавшавандаи забони англисӣ ва тоҷикӣ дар кори таҳқиқоти Т.Тағоева мавриди таҳқиқ қарор гирифт. З.Мирзоева истилоҳоти варзишӣ дар забони тоҷикӣ ва англисиро мавриди пажӯҳиш қарор дод. Истилоҳоти соҳаи бонк дар забони тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷониби муҳаққиқ М.Валиева мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дошт. Лексикаи демографӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ дар рисолаи И.Дадаҷонова ҳамаҷониба ҳалли худро ёфтааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳамчунин як қатор таҳқиқоти дигар мавҷуданд, ки ба хусусияти таҳлили муқоисавии истилоҳоти забони тоҷикӣ бо русӣ (М.К.Каримбаев, Л.Т. Рузиев ва диг.), олимонӣ (Т.Гафаров) ва забонҳои дигар бахшида шудаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки истилоҳоти соҳаи компютерӣ дар забоншиносии тоҷик, рус, англисӣ аз нуқтаи назари забоншиносӣ таҳқиқ шудааст.

Аввалин коркардҳо дар омӯзиши истилоҳоти англисии компютерӣ дар забоншиносии русӣ ва англисӣ пайдо шуданд. Аз нимаи дуюми солҳои 80-уми асри ХХ аввалин луғатҳои гуногун (якзабона, дузабона, тафсирӣ), ки ба лексикаи компютерӣ бахшида шудаанд, ба вуҷуд омаданд.

Дар давраи бозсозӣ талабот ба луғатҳо афзуд, зеро муносибатҳои хориҷӣ афзуд, нофаҳмиҳо зиёд буд, аз ин рӯ талабот ба шарҳи он бештар шуд. Одамон бештар ба соҳибкорӣ машғул мешуданд, аз ин рӯ донистани истилоҳоти ҳар соҳа зарур гардид. Дар ин давра нашри луғатҳо бештар гардид, то мардум ҳамқадами замон бошанд [2, с.11-22].

Дар солҳои 80-ум аввалин таҳқиқоти забоншиносӣ, ки ба истилоҳоти ҳавопаймоӣ дахл дорад, пайдо шуд, аз ҷумла мақолаи О.В.Стельмак «К вопросу о терминологии» ва ғайраҳо.

Дар соли 1996 мақолаи М.В.Воронцова «Синтаксический способ образования терминов», ба табъ расид, дар ин мақола муҳаққиқ хусусиятҳои сохтории лексикаи истилоҳотро, зиёд будани ибораҳоро, ки бештар типи «муайянкунанда + муайяншаванда»-ро доранд, муайян намудаст.

Истилоҳоти соҳаи компютерӣ бо истилоҳоти соҳаи дигар дар муқоиса омӯхта мешавад.

Хулоса. Қайд кардан ҷоиз аст, ки инқилоби илмӣ- техникӣ дар олами муосир ба фаъолнокии раванди ахборотӣ- коммуникативӣ, инкишофи зиёди истилоҳотро дар соҳаҳои гуногун дар забони миллӣ ба вуҷуд овард. Ин раванд номи «Таркиши истилоҳот»-ро гирифт. Ин нишон дод, ки дар забони адабии тоҷик ҳолатҳои ногувори истилоҳот дар соҳаҳои гуногуни илм ба вуҷуд омад, ки ба ин пайдоиши маъноҳои зиёд ё истилоҳоти номунтазам, аз рӯи сохтори маъноиву грамматикии

мураккаб сабаб шуд. Пеш аз ҳама дар истилоҳоти компютерии забони тоҷикӣ ин чиз баръало эҳсос мешуд. Дар навбати аввал зарурати пайдоиши истилоҳоти илмию объектҳои техникӣ ба вуҷуд омад; ташкили сохтори информатсионии муосир бо истилоҳот, автоматикунонии сохтори идорӣ, талаботи рӯзмарра ба луғати истилоҳот барои тарҷума, таҳсил ва таҷриба дар кори касбӣ ва ғ.

Қуллаи баландтарини «Таркиши истилоҳотӣ» ба андешаи муҳаққиқон дар солҳои 80-ум гузашт, бештар аз 2000 муассисаҳои табъу нашр ба ин кор машғул гардиданд. Дар забони русӣ илми нав – истилоҳотшиносӣ, ки объекти он истилоҳ, маънои луғавӣ ва грамматикии он дар раванди муошират мебошад, ташаккул ёфт.

АДАБИЁТ

1. Авербурх К. Я. Общая теория термина: комплексно-вариологический подход: К.Я. Авербурх / К.Я.Авербурх // Автореф. дис. доктор. филол. наук.- Иваново, 2005. -18 с.
2. Алиреза Акбарипур. Терминологическое строительство в Иране: / Акбарипур. Алиреза // Автореф. дисс. канд. филол. наук. – М., 2006. - 27 с.
3. Аракин В. Д. Сравнительная типология английского и русского языков. / В. Д Аракин. – М.: Просвещение, 1989. -254с.
4. Аракин В. Д. Типология языков и проблемы морфологического и прогнозирования. / В. Д Аракин. – М.: Высшая школа, 1989. -158с.
5. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка. / И.В.Арнольд - М.: Просвещение, 1995. – 328с.
6. Головин Б.Н. О некоторых доказательствах терминированности словосочетаний // Лексика, терминология, стили. / Б.Н.Головин – Горький: Изд-во Горьк. ун-та, 1973. - Вып. 2. - С. 21-29.
7. Гринев С.В. Введение в терминоведение. / С.В.Гринев – М.:Моск.лицей, 1993. -309 с.
8. Даниленко В.П. Лингвистический аспект стандартизации терминологии. / В.П. Даниленко - М., 1993.-280 с.
9. Даниленко В.П. Терминология и норма. / В.П.Даниленко – М.: Наука, 1972. -274 с.
10. Джаматов С.С. Становление и развитие лингвистической терминологии таджикского и английского языков. С.С. Джаматов– Душанбе: Дониш, 2017. – 412 с.
11. Лейчик В.М. Терминоведение. Предмет, методы, структура. В.М.Лейчик – М.: КомКнига, 2006. - 254с.
12. Лейчик В.М. Соизмеримость научных теорий и анализ терминологических определений. // Научно-техническая информация. Сер.2. № 8. / В.М., Лейчик С.Д. Шелов - М.: ВЦП, 1991. - С.12-18.
13. Мирзо Хасани Султон. Истилоҳоти илмии «Китоб-ут-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ. Султон Мирзо Хасани. - Душанбе: Дониш, 2003. -167 с.
14. Реформатский А.А. Термин как член лексической системы языка // Проблемы структурной лингвистики. А.А. Реформатский - М., 1968 .- С.103-126..
15. Реформатский А.А. Введение в языковедение. / А.А. Реформатский - М.: Аспект Пресс, 2005. -536 с.

ШАРҲИ МАФҲУМИ ИСТИЛОҲ ДАР САРЧАШМАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан роҷиби масъалаҳои истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва истилоҳоти забони англисӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Бояд, қайд намоем, ки асосан сухан доираи омӯзиши истилоҳ ва истилоҳгузини мавриди таҳқиқ баррасӣ гардидааст.

Мафҳумҳои илмӣ, тавре ки маълум аст, ифодагари шаклҳои гуногуни зуҳурёбии тафаккури инсон буда, хусусиятҳои аслӣ, иртиботот ва робитаҳои ашё ва ҳодисаҳоро дар соҳаи муайяни дониш инъикос менамоянд. Дар натиҷаи инъикоси вазъияти илмӣ ва иҷтимоию фарҳангии зудтағйирёбанда, дар ҳоли ҳозир ташаккули низомҳои истилоҳоти бахшҳои зиёди дониши илмӣ, махсусан байнифаннӣ ва ба таври фаъол идома дорад. Дар ин робита шумораи зиёди таҳқиқот дар бораи истилоҳот ва терминография ба вуҷуд меоянд. Бо ин ҳол, истилоҳоти забоншиносӣ ба сабабҳои зиёд ба таври фаъолона густариш меёбанд, ки миёни онҳо афзоиши шумораи фанҳои забоншиносӣ, ҷараёнҳо ва мактабҳо нақши муҳимро мебозанд. Аз ин рӯ, шумораи мафҳумҳо ва истилоҳоти марбути «педагогика» бо суръати зиёд афзоиш меёбад.

Инчунин дар мақолаи мазкур зикр шудааст, ки масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ яке аз вазифаҳои мубрами забоншиносӣ буда, дар таркиби назарияи забоншиносии умумӣ мавриди муҳокимаву таҳқиқ қарор мегирад. Масъалаҳои марбут ба маънои забоншиносии «истилоҳ» ва «истилоҳшиносӣ» дар забоншиносии муқоисавӣ дертар дар охири асри XIX ибтидои асри XX пайдо шуд. Мафҳуми «истилоҳ» дар илм асосан дар аввалҳои асри XX ба вуҷуд омадааст. Аввалин тавзеҳи калимаи «истилоҳ» дар «Энциклопедический словарь» Ф.А. Брокгауза ва И.А. Ефрона зикр шудааст.

Таҳқиқи истилоҳшиносон на танҳо истилоҳоти алоҳидаро таҳлил менамояд, балки ба масъалаи коркарди умумии истилоҳотшиносӣ дахл дорад. Таваҷҷӯҳи забоншиносон ба масъалаи истилоҳот тасодуфӣ набуда, ба сохтори назарии истилоҳотшиносӣ, ҳамчунин талаботи амалии истилоҳ мебошад. Яке аз масъалаи муҳими назария истилоҳшиносӣ ин муайян намудани истилоҳ аст.

Калидвожа: *истилоҳшиносон, забоншиносон, тасодуфӣ, мафҳум, вижагиҳо, пажуҳиш,*

бозсозӣ, стандартикунонӣ, истилоҳгузинӣ, таҳаввулот, нимвандҳо, метадиалектҳо, фарозабонӣ, терминография.

ИНТЕРПРЕТАЦИИ ПОНЯТИЕ «ТЕРМИНА» ЛИНГВИСТИЧЕСКИМИ ИСТОЧНИКАМИ

В данной статье рассматривается роль терминов и словарных слов в современном таджикском литературном языке. Следует отметить, что это в основном предмет изучения терминологии и изучаемой терминологии.

Научные концепции, как известно, представляют собой различные формы проявления человеческого мышления и отражают изначальные особенности, связи и связи предметов и событий в определенной области знания.

***Целью статьи** является изучение терминов как одной из важнейших задач языкознания и обсуждается и изучается в рамках теории общего языкознания. Проблемы, связанные со значением «терминологии» и «терминологии» в сравнительном языкознании, возникли позже, в конце девятнадцатого и начале двадцатого веков. Термин «термин» в науке возник в основном в начале XX века. Первое объяснение слова «термин» в «Энциклопедическом словаре» дали Ф.А. Брокгауз и И.А. Упоминается Эфрона.*

Изучение терминологии занимается не только анализом отдельных терминов, но и общей разработкой терминологии. Внимание лингвистов к проблеме терминологии не случайно, а к теоретической структуре терминологии, а также к практическим требованиям терминологии. Одним из важных вопросов теории терминологии является определение терминологии.

***Результаты исследования** отражаются в быстро меняющейся научной, социальной и культурной ситуации; активно идет формирование терминологических систем для многих секторов научного знания, особенно междисциплинарного. В связи с этим появляется большое количество исследований по терминологи.*

Однако, лингвистическая терминология активно развивается по многим причинам, среди которых важную роль играет увеличение числа лингвистических дисциплин, процессов и школ. Поэтому количество понятий и терминов, относящихся к «педагогике», быстро растет.

***Ключевые слова:** терминологи, лингвисты, рандом, концепты, признаки, исследование, реконструкция, стандартизация, терминология, эволюция, семантика, метадиалекты, метафоры, терминология.*

THE PLACE OF TERMS IN THE DICTIONARY OF THE MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

***This article deals** the issues with piace of term in the modern lexical sistem of Tajik and literary language. It should be noted that, this is mainly a subject of study of terminology and studied terminology.*

***Scientific concepts**, as you know, represent various forms of manifestation of human thinking and reflect the initial characteristics, connections and connections of objects and events in a particular field of knowledge. As a result of the reflection of the rapidly changing scientific, social and cultural situation, terminological systems are actively being formed for many sectors of scientific knowledge, especially interdisciplinary. In this regard, a large number of studies on terminology and terminology appear.*

However, linguistic terminology is actively developing for many reasons, among which the increase in the number of linguistic disciplines, processes and schools plays an important role. Therefore, the number of concepts and terms related to «pedagogy» is growing rapidly.

Also in this article is noted that, the issue of termin and terminology is one of the most important tasks of linguistics and in the theory of the general linguistics composition is discussed and studied. Problems related to the meaning of «terminology» and «terminology» in comparative linguistics arose later, in the late nineteenth and early twentieth centuries. The concept of «term» in science arose mainly at the beginning of the twentieth century. The first explanation of the word «term» in the «Encyclopedic Dictionary» was given by F.A. Brockhaus and I.A. Efron is mentioned.

The study of terminology is concerned not only with the analysis of individual terms, but also with the general development of terminology. The attention of linguists to the problem of terminology is not

accidental, but to the theoretical structure of terminology, as well as to the practical requirements of terminology. One of the important issues in the theory of terminology is the definition of terminology.

Key words: *terminologists, linguists, random, concepts, features, research, reconstruction, standardization, terminology, evolution, semantics, metadialects, metaphors, terminology.*

Дар бораи муаллиф:

Ҷӯракулов Бозорали Раҳмоналиевич *- номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, Кӯлоб, кӯч. С.Сафарова 16. Тел: (+992) 985479147*

Сведения об авторе:

Джуракулов Бозорали Рахмоналиевич *- кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и сопоставительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. Тел: (+992)985479147*

About the author:

Jurakulov Bozorali Rakhmonalievich *- candidate of philology sciences, dosent of the ch air of linguistic and comparative typology of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, and S.Safarov St.-16. Phone: (+992) 985479147*

ТДУ – 81.255.2
ТКБ – 4т
Г 57

THE CASES IN THE DIFFERENT STRUCTURED LANGUAGES

Ghiyosov N.I., Kuzieva N.M.

Khujand State University named after Academician B. Gafurov

Introduction. It is common knowledge that case is considered to be a grammatical category of a noun (object, pronoun, numeral) expressing its syntactic relations with other words referring to the statement, or any separate grammatically relevant category, upon the whole. The system of cases is found in different languages of the world: in Russian, Arabic, in some Iranian, Germanic and a number of other languages. It is worth mentioning that they are declined differently that depends on syntactic relations between one word and other words.

There are six cases in Russian:
Nominative case – shkola;
Genitive case – shkolu;
Dative case – shkole;
Accusative case – shkola;
Instrumental case – shkoloy;
Prepositional case – o shkole.

Proceeding from «the above examples one can assert that» [2, p.123; 1, p.101-109] the word ***«shkola»*** possesses different inflexions in various cases, and the root morpheme is considered to be ***«shkol»*** – later on there is a declined morpheme. However, there is a developed system of triple declension in the Arabic language which is resorted to in all three states of the noun.

The object of the corpus of our study is to dwell on some considerations beset with case in languages of different grammatical structures. As it is considered to be a grammatical category of a noun; pronoun; numeral expressing its syntactic relations with other words.

The subject of the corpus of our study is to compare and canvass the system of cases found in different languages of the world, including Russian, Arabic, some Iranian ones, Germanic and a number of other ones.

The aim of the corpus of our study refers to:

- to carry out the role case in term of its function and semantics in a sentence;
- to compare the actualness of the topic in question with the correlative languages;
- to consider certain unique peculiarities of the letter under consideration.

The nominative case is used if the noun does not depend on any other word, and considers mainly the designation of the subject:

الصَبرُ مُقَدسٌ تَقَدسٌ بِهِ الأشياءُ -

The genitive case is used if one noun depends on another or while combining the noun by dint of the preposition, but the majority of Arabic words which we equate with preposition in terms of their essence are

considered to be nouns in the form of accusative case expressing the circumstance of the place and time exactly. Thus, one can assume that the latter in Arabic expresses the dependence of the noun on another one, in general:

ثَمَرةُ الصَبرِ لَذيذةٌ

The accusative case is resorted to in order to express the dependence of the noun on the verb, and this dependence can be very diverse: from direct objects to various types of ones, specifying, limiting and explaining the action of the verb:

بَدأَ المُعلمُ الدَرسَ

In Arabic, there is also a two-cases declension which occurs in indefinite states, in other states, two-cases nouns are inclined according to the general paradigm: كِتابُ, قَلَمُ

In reference to it, the inflexions of cases in Semitic-Hamitic languages are different:

- in Arabic: ū (و) is an inflexion of nominative case; -i - indirect;
- in Hebrew: -i is an inflexion of nominative case; -ē – indirect.

Case inflexions of the correlative languages are presented with short vowels. However, in the early era they were «anceps» -ie could be pronounced both as long and briefly, but initially they were and should remain only long.

Apparently, case inflections are characteristic for all Semitic languages, and they are traced back to the early Semitic period, namely they were originally long or two-fold in Arabic consequently.

In this regard, Arabic case inflexions should not be considered in isolation from similar phenomena in other Semitic languages, and general Semitic facts show that initially in the Semitic languages and dialects there were long vowels in inflections which could also be preserved in some Arabic vernaculars [3, p. 322-324].

The inflexions of cases in Germanic languages are different. For instance, the words hester - horse, kinn - cheek, augu - eye in the Icelandic language are declined in cases in the following way:

Case	**Singular**	**Plural**	**Singular**	**Plural**	**Singular**	**Plural**
Nom.c.	hest –ur	-ar	kinn -#	-ar	aug -a	-u
Gen.c.	hest -a	-a	kinn -ar	-a	aug -a	-na
Dat.c.	hest -i	-um	kinn -#	-um	aug -a	-um
Accu.c.	hest -#	-a	kinn -#	-ar	aug -a	-u

In German, the declension of the following nouns: Strahl - beam, das Auge - eye and die Uhr - watches are declined in cases like this:

Case	**Singular**	**Plural**	**Singular**	**Plural**	**Singular**	**Plural**
Nom.c.	Strahl -#	-en	Aug -e	-en	Uhr -#	-en
Gen.c.	Strahl -es	-en	Aug -es	-en	Uhr -#	-en
Dat.c.	Strahl -#	-en	Aug -e	-en	Uhr -#	-en
Accu.c.	Strahl -#	-en	Aug -e	-en	Uhr -#	-en

So, the differences between Icelandic and German nominal word-morphs are especially evident while comparing the plural paradigmatic numbers. In spite of the almost complete unification of inflections of the genitive and dative cases, the structure of the paradigm still allows partial recognition of the gender of the noun in the Icelandic language. Owing to the presence of differing inflections in plural case their meaning is clearly expressed.

In German, gender differences are leveled: plural foundations of all genera are connected with such suffixes as -e and -en, and the suffix -er can only mark non-female genders.

At the same time, the case system can be found in Scandinavian languages which distinguishes two forms of case, including general and genitive in Swedish and Danish as well:

№	Case	Swedish/indefinite.	Danish/indefinite.
.	General	en pojke (a boy)	en bog (a book)
2	Genitive	en pojke –s	en bog -s

However, there are two cases in English language [6, p.253-258]:

№	Case	General	Possessive
1	Singular	Boy	Boy's
2	Plural	Boy –s	Boy -s'

Clearly, in English, all nouns are divided into two classes: firstly, words denoting unanimated objects that do not have the case category; secondly, words denoting living objects and those having two cases - common and possessive. The seven possessive cases are as follows: objectivity, animation, possessiveness, subjectivity and objectivity.

The declension of nouns by dint of cases is also found in Iranian languages, for example: there are two types of declension in Khotanosak language:

1) declension of masculine names in two varieties - based on the consonant and pine on the vowel - a;

2) declension of feminine names is also in two varieties – based on nouns with cases in singular form in - a and in - ā;

Adducing an analysis beset with case inflexions shows that the first type in its basic variety (and with the basis for the consonant) directly traces back to the ancient masculine - a declension, and the second one to the ancient feminine - ā declension. Therefore, we adduce Khotanosaki case inflexion in the main types of declension and their historical correspondences.

Case	**Singular**	
	Masculine Gender	**Feminine Gender**
Nom.	-ä < -ah (avas.-ō; ancient Persian -a)	-a < -ā (avas. –ā, -a; ancient Persian –ā)
Accu.	-u < -am (avas.-əm; ancient Persian -am)	-o < -ām (avas.-am; ancient Persian - ām)
Gen.	-i < -ahyā (avas.-ahe, -ahyā; ancient Persian -ahyā)	-e < -yāh (avas.-ayå; ancient Persian - āyā)
Pro.	-a (avas.; ancient Persian -ā)	-a < -iya (avas.-aya; ancient Persian -āyā)

Thus, such kind of grammatical peculiarities of the former we can find in Manichean, Buddhist and Sugdian languages which in the masculine and feminine of the ancient declension promote the Khotanosaki case inflexions - a (in masculine gender) and -ā (and feminine gender) [7, p.115].

Despite the fact that in some Iranian languages nouns are declensive, in the Tajik language declensions of cases disappeared at a certain historic time, but we can encounter the ways to express them as well. In order to identify the ways to express the case in the Tajik language, we decided to «adduce examples» [2, p.123; 1, p.101-109] comparing them with other languages:

The caravan of life ***shall pass***
Beware that is fresh as sweet young grass
Let's not worry about what tomorrow ***will amass***
Fill my cup again, this night ***will pass****, alas [4].*
***

In qofilai umr ajab ***meguzarad****,*
Daryob dame, ki bo tarab meguzarad.
Soqi, ghami fardoi qiyomat ***chi khuri****?*
Pesh or piyolaero, ki shab meguzarad [8, p.44]
***

Chto zhizni caravan!On proch ***uhodit****,*
Nam, schastya uderzhat nevmoch ***uhodit****,*
O nas ti ***ne pechalsya,*** *vinocherpiy,*
Skorei napolni chashu – noch uhodit [8, p. 44]
******

Ibriqi mayi maro ***shikasti,*** *Rabbi,*
Bar man dari ayshro ***bubasti****, Rabbi.*
Bar hok ***birehti*** *mayi nobi maro,*
Khokam ba dahon, magar tu ***masti****, Rabbi? [8, p. 196]*
***

يارِبُّ لقد **كسرتَ** *لي إبريقي*
أغلقت *عليّ بابَ عيشي* **وقدرتْ**
إني نَمَلٌ وأنت في عَرْبَدَةٍ
إغفر لي إن قلت فهل أنت سكرتْ ؟*[6]*

***

Ti Kuvshin moy ***razbil****, vsemogushy gospod,*
V ray mne dver ***zatvoril****, vsemogushy gospod.*
Dragotsennuyu vlagu ti ***prolil*** *na kamni -*
Ti, vidat, ***perepil****, vsemogushy gospod? [8, p. 196].*

In the above-mentioned rubais belonging to the pen of Omar Khayyam translated in Tajik, Arabic and Russian languages we can determine and discern the cases of Arabic and Russian languages and their glimpses in Tajik. Those words which are printed in italics refer to the subject and bold words indicate the predicate. The words in italics define indirect cases. Such kinds of examples can be defined in sentences:

Case	*Russian*	*Arabic*	*Tajik*	*English*
Nom.c.	**Student** prishel na fakultet.	جاءَ **الطالِبُ** إلى الكلِيَّةِ	**Donishju** ba fakultet omad.	**The student** came to the university.
Ge.c.	Ya vzyal knigu **u studenta**.	أخذْتُ الكِتابَ **من الطالب**	Man **az donishju** kitob giriftam.	I took a book **from the student**
Dat.c.	Ya otdal **knigu student**	أعْطيتُ الكتابَ **الى الطالب**	Man kitobro **ba donishju** dodam.	I gave the book **to the student**
Accu.c.	Ya uvidel **studenta** v biblioteke	رأيتُ **الطالبَ** في المكتبةِ	Man dar kitobkhona **donishju-ro** didam.	I saw **the student** in the library
Instr.c.	Uchitelnitsa dovolna **svoim studentom**	رضيَتِ المعلمةُ **من طالبها**	Muallima **az donishjuyash** rozi ast	The teacher has agree **with her student**
Prep.c.	Rector universitete besedoval s uchitelyami **o razvitie obrazovanie**	باحث عميدُ الجامِعةِ بالمعلمينَ **عن تطويرِ التعليم**.	Rectori donishgoh bo muallimon **dar borai peshrafti ta`lim** suhbat orost	The President of the University discussed **the improvement of education**

From the above-mentioned table we can see how the selected words are inflected by cases and how the case in the Russian language is declined in Arabic, Tajik and English languages. As it is «stated in the given table» [2, p.123; 1, p.101-109], the declined cases in different languages possess their own morphological and syntactic inflexions and the ways of their own expressions as well.

Conclusion. Having analyzed the case systems one can come to the conclusion that cases in the above-stated languages are different. For instance, there are three cases in Arabic language, and their meanings in the relevant language are transmitted by morphological and syntactic means which correspond to the cases of the Russian language, although there are six cases in it. Into the bargain, in the Tajik language, the case categories are not distinguished, while transmitting the grammatical meanings of the Arabic ones into the Tajik language we resort to syntactic means, on the whole.

LITERATURE

1. Ashrapov, B. P. Consideration on the place and role of subordinate conjunctions in «Tuhfat- ul-khoni» by Muhammad Vafo Karminagi / B. P. Ashrapov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2017. – No 4(73). – P. 101-109.
2. Ashrapov, B. P. The Place of Poly-Affixes in the Tajik Literary Language of the XVIII-th Century / B. P. Ashrapov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2015. – No 3(64). – P. 122-131.
3. Grande B.M. Arabic Grammar Course in Comparative Historical Illumination. - M.: Eastern Literature of the Russian Academy of Sciences, 2001. - 596 pp
4. Internet resource: www.sattor.com. (Date of appeal: 28.10.2014).
5. Internet resource: www.wikiwic.com. (Date of appeal: 02.02.2021).
6. Kubryakova E.S. Grounds of Morphological Analysis (based on the Germanic languages). – M.: Science, 1974. – 319 pp.
7. Rastorgueva V.S., Edelman D.I. Experience of the Historical-Typological Study of Iranian Languages. Volume 1. Phonology. Evolution of the morphological type. – M.: Science, 1975. – 238 pp.
8. Umari Khayyom. Ruboyet. - Dushanbe: Enlightenment and Culture, 2010. - 236 pp.

THE CASES IN THE DIFFERENT STRUCTURED LANGUAGES

The article under consideration is devoted to cases and the author tried to investigate the different structury languages.. Every language that has cases expresses grammatical meaning in different ways. In the course of the study of languages with different structures it turned out that all proto-languages had from 6 to 8 cases and in some languages cases still exist, including six cases in Russian, three cases in Arabic and four cases in German. Into the bargain, the authors of this article consider the existence of cases in the ancient Iranian languages.In the article Russian, Arabic, English, and Tajik languages with examples from the conjugation forms of the cases have been studies.

Keywords: *case, inflection, ways of case expression, morphology, syntax, analysis and comparison.*

ПАДЕЖИ В РАЗНОСТРУКТУРНЫХ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена падежам, и авторы старались исследовать падежи в разноструктурных языках. Каждый язык, который имеет падежи, выражает грамматическое значение разными способами. Во время исследования разноструктурных языков выяснилось, что все праязыки имели от 6 до 8 падежей и в некоторых языках падежи до сих пор существуют, в том числе, в русском

языке – шесть падежей, в арабском языке – три падежа и в немецком языке – четыре падежа. Также в исследовании рассматривается существование падежей в древнеиранских языках. На примерах анализируется изменение слов по падежам в русском, арабском, английском и таджикском языках.

Ключевые слова: *падеж, флексия, способы выражение падежа, морфология, синтаксис, анализ и сравнение.*

ПАДЕЖҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТ

Мақола ба падежҳо - ҳамчун ифодагари маъниҳои грамматикӣ бахшида шуда, муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки забонҳои аз ҷиҳати сохт гуногунро мавриди таҳқиқ қарор диҳанд. Ҳар як забоне, ки падеж дорад, бо воситаҳои гуногун маъниҳои грамматикиро ифода мекунад. Ҳини таҳлилу баррасии забонҳои гуногунсохт маълум гардид, ки ҳамаи забонҳои даврaҳои бостон падежи худро доштаанд ва миқдори онҳо тақрибан аз 6 то 8 падеж будааст. То имрӯз он дар бархе аз забонҳо устувор боқӣ мондааст, аз ҷумла дар забонҳои русӣ – шаш падеж, арабӣ – се падеж, олмонӣ – чор падеж. Инчунин, дар ин таҳқиқот оид ба мавҷудияти падеж дар забонҳои эрониш қадим иттилоъ дода шудааст. Дар мақола забонҳои русӣ, арабӣ, англисӣ ва тоҷикӣ бо мисолҳо аз рӯи тасрифи падежҳо ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Калидвожа: *падеж**,** бандак, воситаҳои ифодаи падеж, морфология, синтаксис, таҳлил ва муқоиса.*

Information about authors:

Ghiyosov Nurullo Ismatovic *- candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Arabic grammar, Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Address: 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekova 1. E-mail: nur-1954@mail.ru Тел.: (+992) 927739641*

Kuzieva Nodira Murodovna *- candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Arabic grammar, Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Address: 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekova 1. E-mail: grammatika-arab@mail.ru Tel.: (+992) 927613244*

Сведения об авторах:

Гиёсов Нурулло Исматович *- кандидат филологических наук, доцент кафедры грамматики арабского языка, Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова, Адрес: 735700, Республика Таджикистан,г. Худжанд, Мавлонбекова 1. E-mail: nur-1954@mail.ru Тел.: (+992) 927739641*

Кузиева Нодира Муродовна *- кандидат филологических наук, доцент кафедры грамматики арабского языка, Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова, Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. E-mail: grammatika-arab@mail.ru Тел.: (+992) 927613244*

Маълумот дар бораи муаллифон:

Ғиёсов Нурулло Исматович *- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи грамматикаи забони арабӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1. E-mail: nur-1954@mail.ru Тел.: (+992) 927739641*

Қӯзиева Нодира Муродовна *- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи грамматикаи забони арабӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1. E-mail: grammatika-arab@mail.ru Тел.: (+992) 927613244*

ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ЭТНОГРАФИИ ИФОДАГАРИ НОМИ МАТОЪ ВА АНВОИ ОН ДАР ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Абдуназарова Г.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни

Сарсухан. Диалектизмҳои этнографии ифодагари номи матоъ ва анвои он дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ҳамчун масъалаи алоҳида дар забоншиносии тоҷик ва шевашиносии он мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Матоъ, навъҳои он вобаста ба маҳсулоти соҳаи бофандагӣ (нахи пахта, абрешим, пашм), вобаста ба ранг, ба таъйинот матоъ ва ҳаҷму андозаи он шаклу номгузориҳои гуногун дошта, ба сатҳи рушди воситаҳои истеҳсолот ва қувваҳои истеҳсолкунанда дар ин ё он

марҳалаи тараққиёти ҷомеа пайванди ногусастанӣ дорад. Р.Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев дар бахши лексикаи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1980) масъалаи мазкурро дар робита ба номҳои либос арзёбӣ намуда, танҳо аз ду диалектизми этнографии **сон** (суф, матои сафеди фабрикавӣ); **рағза** (матои носуфта, дуруште, ки аз пашми шутур, гӯсфанд ва умуман ҳайвонот тайёр карда мешавад) [12, с.162]. Аз нигоҳи замон агар ин ду вожаро дида бароем, яке ба номгузории калимаю истилоҳоти соҳаи бофандагӣ ба охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ (**сон)** тааллуқ дошта, дигаре (**рағза**) дорои таърихи тӯлонии пайдоишро соҳиб буда, ба рушди ҳунарҳои дастӣ дар даврaҳои нисбатан қадимтари инкишофи истеҳсолоти маҳаллӣ вобаста мебошад.

Қисми асосӣ Муҳаққиқи лаҳҷаҳои Рашт профессор Ш. Исмоилов низ баъзе хусусиятҳои номгузории марбут ба номи матоъҳоро дар доираи номи либосҳо ва ҷузъҳои таркибии онҳо баррасӣ намуда, мавҷудияти диалектизми **моъмила** (дар забони адабӣ: тиҷорат, хариду фурӯш)-ро ба маънои «ҳама чизи танҳо ба матоъ ва либосворӣ тааллуқдошта», ки аз ҳудуди деҳаи Яхчи ноҳияи Нуробод берун намебарояд ва бо диалектизмҳои **лоқу лъқ, ҷълу ҷъғел** қисман муродиф будани онро таъкид кардааст, зеро вожаҳои мазкур мафҳуми «ҳама гуна ашёи матоии хона, аз қабили кӯрпа, кӯрпача, гилем, болишт ва ғайра»-ро низ ифода мекунанд [7, с.113]. Дар лаҳҷаҳои Рашт зимни маъракаҳои хурсандӣ дар шакли матоъ туҳфа кардани чизе маъмул будааст ва ин муддаоро дар истеъмол будани диалектизми **саръ по** исбот мекунад. Ё ин ки маҷмуи матоъ ва сару либоси арус дар аксарияти гӯйишҳои шеваи ҷанубӣ бо истилоҳи туркӣ-ӯзбекии **тъқъз** (нуҳ) ифода карда мешавад, ки шумораи **нуҳ** рамзӣ буда, он барои ифодаи мафҳуми якчанд қабат либосу чанд либосвор матоъ ба кор меравад. Ин диалектизм дар нутқи мардуми водиҳои Ҳисору Вахш, минтақаи Кӯлобу Рашт ба маънои зикрёфта роиҷ мебошад.

С. Раҳматуллозода зимни таҳқиқи лексикаи тӯйи арусӣ менависад, ки «Баъд аз муҳайё шудани ҳамаи ашёи зарурӣ қалинг бурда мешавад. Истилоҳоти марбут ба қалинг дар шеваи ҷанубӣ чандон зиёд нест. Баробари калимаи **қалинг** вожаи **маҳр//маҳър//mahp** (ВР), тъқъз//тъқъзак истифода мешавад ва хароҷоти тӯй бо ибораҳои маҳри мол (ШК), **mahpъ** мъхр (Р), молъ амвол (ШК) ифода мегардад». Бояд афзуд, ки дар нутқи бисёр маҳаллоти Водии Ҳисор диалектизми **қалинг** бо истилоҳоти **маҳр** ва **тъқъз** як чиз набуда, зери мафҳуми **қалинг** танҳо пул дар назар дошта мешавад, вале **тъқъз** ба тамоми сару либос ва ҷиҳози арус нисбат дошта, матоъҳоеро, дар шакли туп барои дӯхтани кӯрпаю кӯрпача ва болишт таъин шудаанд, **моли зийотӣ** мегӯянд.

Аз ин мулоҳизарониҳо бармеояд, ки матоъ ва анвои он дар ташаккули дигар унсурҳои луғавӣ нақши муҳим доштааст. Ба ҳамин минвол, мо диалектизмҳои этнографии марбут ба номи матоъ ва анвои онро аз рӯйи мавзуъ, маъно, таъинот ба тариқи зайл тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

1. Диалектизмҳои этнографии ифодагари номи умумии матоъҳо: ***мато*** (ар.: матоъ – 1.порча, қумош; 2.мол, колои тиҷоратшаванда; молу мулк, сарват [13, с.655]; матоъ, газвор; ***газмол*** (газвор; матои фабрикӣ, ки онро дар шакли туп печонида бошанд): Пеш-о ай Дъшамбӣ туп-туп ***газмол*** меовадан (Р); ***карбос//карвос*** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи аслан ҳиндӣ ба маънои «матои дурушти нахӣ» [13, с.539] маънидод шуда, дар Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ «як навъи матои сафеде, ки дар дӯкони дастӣ бофта мешуд» тавзеҳ ёфтааст; ***карбосӣ//карвосӣ*** – мансуб ба матои ***карбос***, ки сафедрангу дуруштбофт аст); дар заминаи вожаи ***карбос*** исми шахси мураккабсохти ***карбосбоф*** ба маънои «бофандаи карбос» сохта шудааст; ***кола*** – вожаи тоҷикиасл буда, дар забони адабӣ дар шакли ***коло*** маънои «мол, матоъ; чизу чора»-ро ифода мекардааст [13, с.558] дар Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бошад, бар 5 маъно мустаъмал аст, ки ҳамаи маъноҳои он хусусияти этнографӣ доранд ва бештари маъноҳои он бевосита ба мавзуи мавриди назар мутааллиқ мебошад: 1) либосворӣ, матоъ; 2) мол, чорво; 3) ашё, чизу чора; 4) қалин, маҳр; 5) сару либосе, ки ба арусшаванда фиристода мешавад [10, с.335]: ***кола****ҳой арус-а пора кардемъ духтем* (ЁЛ, ҶК); диалектизми ***латта*** – асосан «матои куҳнаи фарсуда» маънӣ шуда, мафҳуми «рӯймол ва сарбанд»-ро ҳам инъикос менамояд: *И(н)* ***лата***-ра *мъ либос намкънъм* (ВР). Тавассути он калимаҳои мураккаби ***латтасев*** (навъи себи хеле мулоим), ***латафаранг*** (навъи матои сифаташ паст), ***латахорак*** (навъи хоре, ки аз ғӯрааш рафида тайёр мекунанд); ибораҳои ***латай гирди сар*** (як тарзи рӯймолбандии занон), ***латай ғълбар*** (докаи гулдор), ***латай докагӣ*** (рӯймоли дока), фразеологизми ***лата шидан (***бе ҳолу бемадор, лоғар шудан) ва ғайра сохта мешавад. Дар лаҳҷаҳои Бухоро М.Маҳмудов, Б.Бердиев диалектизмҳои зеринро, ки бо вожаи латта сохта шудаанд, ба қайд гирифтаанд: ***латапарчин*** (босаришта, сариштакор; он, ки либосу либосворӣ (матоъ ва газворҳои гуногун) пасандоз мекунад); ***латабӯй*** (бӯйи ғализи латаи сӯхтагӣ), ***лата-пута*** (либосу матоъҳои куҳна), ***латачигӣ*** (савдогаре, ки шуғлаш матоъфурӯшӣ аст) [9, с.138]; ***рағза*** дар нутқи мардуми Кангурту Ховалинг, ба маънои 1) «матои махсуси носуфтаву дуруште, ки аз риштаҳои нисбатан ғафси пашмӣ ё пахтагӣ тайёр карда мешавад**:** ***рағза****-ра мебофтан-ъ ба (баъд) чаҳман мекаан* (Хов.); 2) либосе, ки аз матои мӯинаи дастибофт дӯхта шудааст (Ғор., т.Вах., ВР); 3) гилеме, ки аз риштаҳои ғафси пашмӣ ва пахтагӣ тайёр карда мешавад (Раштӣ, Хов.) [10, с.570]; калимаи ***рағза*** дар сохтани чунин унсурҳои луғавию грамматикӣ хизмат кардааст: ***рағза задан*** – боло бар задани қисмати поёни

чакман, ҷома, пероҳан (дохил кардани курта ба шалвор); ***рағзабофӣ*** – ҷараёни бофтани рағза; ***рағзақоп*** **–** ҷуволе, ки аз матои мӯинаи дастбоф дӯхта шудааст; ***рағзамол*** – он, ки рағзаро пас аз бофтан бо пошнаи по шибба мекунанд [10, с.570]; ***чалма*** – вожаи аслан туркӣ-ӯзбекист ва дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бар се маъно роиҷ мебошад: 1) чирк, қарқи бадан; 2) муҳосира, иҳота, муҳосира кардан; 3) матое, ки чӯпонон ба шакли салла ба сар мепечонанд [10, с.819]. Дар лаҳҷаҳои Бухоро ин вожа: «саргини дар фарши оғил часпидаи бузу гӯсфанд, ки онро тахта-тахта канда, чун сӯзишворӣ истифода мебаранд» [9, с.235] дар гардиш будааст. Истисно аз ин, дар гӯйишҳои ҷанубӣ дар шакли маҳдуд бошад ҳам, муродифи туркӣ-ӯзбекии калимаи ***рағза – урмак*** (рағза, рағзабофӣ) низ мушоҳида карда мешавад.

2.Диалектизмҳои этнографие, ки хелҳои матоъро вобаста ба ранг ифода мекунанд: ***авлон//алвон*** **–** калимаи арабиасл аст, ки дар забони адабӣ маъноҳои «ҷамъи лавн (ранг), гуногун, рангоранг»-ро ифода карда, дар шеваи ҷанубӣ «матои сурхри якранг» тафсир ёфта, навъҳои зерин дорад: ***авлони ордак*** (бумазӣ), ***авлони патдор*** (навъи бумазӣ); ***алача//алоча*** – матое, ки аз нахи пахта ё ресмони абрешимии рах-рахи рангоранг бофта мешавад: *да ҷоҳой мо бофъндаҳой* ***алача*** *кам бъд*; навъи аълои ***алача//алоча*** бо ибораи ***алачай мийонков*** маъмул буд, ки бо ин ибора ҳатто дар матнҳои фолклорӣ низ дучор омадан мумкин аст: *да танай йоръм* ***алачай мийонков****-ай, дуст-ъш медорум ҷавонаки сийоҳтов-ай* [10, с.54]. Ин навъи матоъ асосан бо истифодаи ду хели ранг: сафеду сиёҳ оро дода мешуд, аз ин рӯ, бо ранги ало (дуранга, рах-рах) марбут мебошад; ***банот*** ҳамчун вожаи арабӣ дар забони адабӣ барои ифодаи мафҳуми 1) «ҷамъи бинт», 2) маҷозан: «ҳамсохт, ҳамто, ҳамҳайат» [13, с.140] ба кор рафта, дар гӯйишҳои ҷанубӣ ба ду маъно роиҷ аст: 1) як навъ матои сурхтоб, ки ба махмал шабеҳ мебошад; 2) ранги сурхи баланд [10, с.86]. Бо таркиби овозии ба он наздик дар лаҳҷаҳои Бухоро барои ифодаи номи матоъ истилоҳи ***банорас*** ба маънои «як навъ матои бофтаи майданақши сиёҳу сафед, ки тораш абрешиму пудаш ресмони пахтагӣ мебошад [9, с.40], ба кор бурда мешавад. Диалектизми ***карбосалача*** (тик, як навъ матоъ, ки ба ***алача*** монанд аст) доираи маҳдуди интишор дошта, бо матои ***тик***, ки он ҳам дуранга аст, муродиф мебошад. Дар робита бо исми ***тик***, ки номи матоъро вобаста ба ранги он – сурху сафед (дуранга) ифода кардааст, ин вожа боз як муродифи наздикмаънои дигар – ***сурхалача*** (алочаи сурхчатоб) пайдо кардааст. Монанди ҳамин истилоҳи ***сийоҳала*** (матои сиёҳи рах-рахи маҳаллӣ) низ номи матоъро, ки рангҳои сиёҳу сафед ва ало дорад, инъикос намудааст. Номи газвори сафеди пахтагӣ бо калимаи суф ифода ёбад. Матои сафеди ***сон***, ки маҳсули тараққиёти воситаҳои технологӣ мебошад, аз рӯйи сифати нахҳо ва рангаш фарқ мекунад. Одамон зимни гузаронидани маросими мурдагӯронӣ барои кафан кардани майит бештар матои ***суф ё сон***ро истифода мебаранд. Дар чунин ҳолатҳо асосан аз этнографизми ***кафан*** (порчаи матои сафеде, ки мурдаро ба он печонда гӯр мекунанд), ки баромади арабӣ дорад ва дар заминаи он вожаи муштаки ***кафанворӣ*** рӯйи кор омадааст, истифода бурда мешавад. Ин унсури луғавӣ дар забони адабӣ низ серистеъмол мебошад. Чунончи, Рӯдакӣ нигоштааст:

Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз

На ба охир ба ҷуз ***кафан*** *бурданд? [13, с.544]*

3. Диалектизмҳои этнографӣ, ки анвои матоъро вобаста ба маҳсулот муайян мекунанд. Дар гузаштаву имрӯза дар манотиқи густариши шеваи ҷанубӣ мардум барои омода намудани матоъ асосан аз се навъи маҳсулот: пахта, пилла ва пашм истифода мебурданд. Аз маҳсулоти номбурда нах, ришта, ресмони борик ҳосил мекарданд. Масалан, нахи абрешимӣ бо диалектизми ***бирешум//бърешум//бирешим//бърешим*** номгузорӣ шудааст. Ин вожа тоҷикиасл аст ва дар забони адабӣ ва тамоми шеваҳои тоҷикӣ ба маъноҳои 1) нахе, ки аз пилла ҳосил мешавад; 2) ҳарир, парниён, матои абрешимӣ роиҷ буда, хусусияти умумитоҷикӣ касб кардааст. Қадимӣ будани ҳунари бофандагиро ин мисраъҳои Фирдавсӣ далел аст:

Зи ***каттону абрешиму мӯю қаз****,*

Қасаб *кард пурмоя* ***дебою ҳаз*** *[13, с.30].*

Вобаста ба анвои маҳсулот диалектизмҳои этнографии ин гурӯҳро чунин тасниф менамоем:

а) Матоъҳои абрешимин: ***адрас*** (матои тораш абрешими ғафс), ***кундал//къндал*** (матои абрешими ҷилодор), ***қазин*** (матои карбосии абрешимин), ***оби равон*** (дар заминаи ташбеҳ маънои маҷозӣ пайдо кардааст ва дар лаҳҷа маънои «газвори ниҳоят нафис»-ро ифода менамояд), ***съндъл*** (ҳин./ар.: **дар забони адабӣ:** 1) дарахти ҳамешасабзе, ки дар минтақаҳои гарм мерӯяд; 2) чӯби дарахти сандал хушбӯ буда, хосияти давоӣ ҳам доштааст; **дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ:** матои абрешимии ҳарир), ***ҳалил*** (ар.: ҳарир; матоъҳои абрешимии нафису ҳарир дар назаранд), ***хосса*** (ар.: дар забони адабӣ ва шеваи ҷанубӣ: навъе аз матои хушсифати нафис), ***пилагӣ*** (як навъ матои абрешимӣ; мансуб ба пила) – калимаи умумитоҷикист – ба маънои «ғӯзаи кирми абрешим, ки аз он торҳои абрешим ҳосил мешавад:

Ҷу парвона оташ ба худ дарзананд,

На чун кирми ***пила*** *ба худ дартананд. Саъдӣ [14, с.60].*

Ториматор (калимаи хоси лаҳҷа маҳсуб меёбад: матое, ки танҳо аз нахҳои абрешим бофта

шудааст), ***шойӣ*** (шоҳӣ; мансуб ба шоҳ; матои маъмули абрешимӣ) ва ғ.

б) Матоъҳои пахтагин: ***карбос*** (умумиторикӣ: матои дуруштбофти пастсифат), **тик** (умумиторикӣ: матои пахтагини дуранга), ***чит*** (умумиторикӣ: матои пахтагии арзонбаҳо), **олчанбар** (диалектизм: як навъ матои пахтагини маҳаллӣ), ***дока, суф, сон*** (вожаҳои умумиторикӣ: анвои матоъҳои пахтагии маъмул), ***латафаранг//латафарҳанг*** (диалектизм: як навъ матои фаранги сифаташ паст), **ҳафкабута** (диалектизм: матои пахтагини гуногунранг) ва ҳоказо.

в) Матоъҳои нахашон омехтаи абрешим ва пахта: ***полбирешъм*** (русӣ/тоҷикӣ: матои нахҳояш абрешиму пахтагин), ***шойикарбос*** (диалектизм: матое, ки тораш аз абрешим ва пудаш аз пахта) ва монанди инҳо.

г) Матоъҳои пашмин: ***рағза*** (диалектизм: матои нахҳояш дурушти пашмин), ***чакман//чагман//чаҳман*** (умумиторикӣ: болопӯши мӯинаи дастбоф): ***чакмани бъзмугӣ*** (диалектизм: чакмане, ки матоаш аз пашми буз бошад), ***чакмани қоқма*** (диалектизм: чакмани матоаш дурушти пашмин) ва мисли инҳо.

4. Диалектизмҳои этнографие, ки мафҳуми шаклҳои гуногуни нахро ифода менамоянд: ***ришта//ръшта*** (умумиторикӣ: ресмони борик), навъҳои ришта: ***40-ум*** (ришгаи хеле борик), ***20-ум*** (ришгаи нисбатан бориктар), ***10-ум*** (ришгаи ғафс ва сахт); ***сетора*** (умумиторикӣ: ришгаҳои сетораи матоъ дар бофандагӣ), ***таҳмуйӣ*** (диалектизм: пати ришгаҳои пашмӣ), ***лос задан*** (диалектизм: тоза кардани ришта аз пат), ***тор*** (умумиторикӣ: нахҳои росту уфуқӣ (горизонталӣ)-и матоъ), ***пуд//пъд*** (умумиторикӣ: нахҳои бари матоъ), ***торсарӣ*** (диалектизм: торҳои ришгаи пашмӣ), ***рушидан*** (диалектизм: амали омехта шудани нахҳо) ва ғайра.

5. Диалектизмҳои этнографие, ки номи воситаҳои дастии ресмонбофиро нишон медиҳанд: ***шимак*** (диалектизм: калобаи ришгаи пашмӣ), ***чалак*** (диалектизм: асбоби пашмресӣ), ***чарх*** (умумиторикӣ: дастгоҳи ресмонресӣ), ***сарпара*** (диалектизм: ришгаи чархи ресмонресӣ; тор, нах), ***урчуқ//урчък//орчък*** (диалектизм: олати ресмонресӣ, ки аз чӯб сохта мешавад) ва ҳоказо.

6. Диалектизмҳои этнографие, ки мафҳуми матоъро дар робита ба таъйиноти он ифода мекунанд: ***либосворӣ*** (умумиторик: матоъҳое, ки барои дӯхтани либос муқаррар шудаанд), ***поҷумавор//поҷумаворӣ*** (диалектизм: матоъҳое, ки аз онҳо лозимӣ омода карда мешаванд), ***саллаворӣ*** (умумиторикӣ: матое, ки барои саллабандӣ муқаррар шудааст), ***кьртаворӣ, кьртагӣ*** (умумиторикӣ: матоъ барои дӯхтани курта), ***сарбанд*** (умумиторикӣ: матоъ барои тайёр кардани рӯймол), ***иртиш*** (диалектизм: пораи матое, ки дар рӯзи ҷаноза ба одамон дода мешуд. Ин таомул алҳол аз байн рафтааст), ***тилимӣ*** (диалектизм: матое, ки аз порчаҳои гуногун дӯхта мешуд), таркдӯзӣ (диалектизм: муродифи қурокдӯзӣ), ***ситорашавак*** (диалектизм: гули матоъҳои рангоранг, ки дар кӯрокдӯзӣ ба кор мебаранд), ***гълакбърӣ, гълакдузӣ*** (муродифи кӯрокдӯзӣ) ва ғ.

Хулоса ба ҳамин тариқ, баррасии калимаҳои ифодагари номи матоъ дар шеваи ҷанубӣ бармеояд, ки як қисми чунин вожаҳо дар шакли унсурҳои луғавии умумиторикӣ дар ҳамаи гӯйишу лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мустаъмал буда, як бахши дигари он танҳо дар доираи як ва ё якчанд маҳалу мавзеъ истеъмол меёбанду халос, ки онҳо дар забоншиносӣ бо истилоҳи диалектизм маъмул мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Бобомуродова М. Вожаномаи мухтасари зебу зинати занон ва заргарӣ / М. Бобомуродова. – Душанбе: Бебок, 2014. – 71 с.
2. Бобомуродова М. Маълумоти мухтасар дар бораи манбаъҳои лексикаи ороишӣ–зиннати занон / М. Бобомуродова // Маҷмуаи илмию методӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2009. – С. 143-147.
3. Бобомуродова М. Намунаи мавод барои таҳқиқи истилоҳоти ороиши занон дар лаҳҷаи Панҷакент / М. Бобомуродова // Маҷмуаи илмию методӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2009. – С. 148-154.
4. Бобомуродова М. Тафсилоти луғавию маъноии калимаю истилоҳоти ороиши занон дар забони тоҷикӣ / М. Бобомуродова // Автореферати диссертатсияи номзадӣ. – Душанбе: ДМТ, 2012. – 25 с.
5. Богорад Ю.И. Южнокулябские диалектизмы / Ю.И. Богорад // Масъалаҳои шевашиносии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1971. –С. 245-257.
6. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. – Душанбе, 2012. –107 с.
7. Исмоилов Ш. Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2018. – 333 с.
8. Исмоилов Ш. Як омили халқияти забони асари бадеӣ / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2012. – 120 с.
9. Маҳмудов М. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, 1989. – 278 с.
10. Маҳмудов М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе, 2012. – 946 с.
11. Неменова Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка / Р.Л. Неменова. – Сталинабад, 1956. – 167 с.
12. Неменова Р.Л., Ҷӯраев, Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ / Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1980. – 328 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. –М.: Советская энсиклопедия, 1969. – 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. –М.: Советская энсиклопедия, 1969.– 951 с.

15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – 996 с.
16. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М., 1972. – 327 с.
17. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М., 1983. – 335 с.

ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ЭТНОГРАФИИ ИФОДАГАРИ НОМИ МАТОЪ ВА АНВОИ ОН ДАР ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола, муаллиф диалектизмҳои ифодагари номи матоъро аз лиҳози маъно, баромад, дараҷаи истеъмол дар шеваи ҷанубӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Мақсади мақола Дар такя бо андешаҳои муҳаққиқони соҳа – Ғ. Ҷӯраев, Ш. Исмоилов, С.Раҳматуллозода, Н.Гадоев ва дигарон ӯ кӯшидааст, ки ҳудуди интишори калимаҳои умумиҳоҷикӣ ва диалектизмҳои этнографии ифодакунандаи номи матоъ муайян намояд.

Маводи фароҳамомадаро аз рӯйи ифодаи номи матоъ, ранг, навъҳои матоъ вобаста ба маҳсулот ва нахи он, воситаҳои дастии матоъбофӣ ва таъйиноти матоъ бо ниишон додани мансубияти забонии калимаҳо тасниф намуда таҳлилу тадқиқ созад.

***Калидвожаҳо**: гӯйиш, лаҳҷа, шева, вожаҳои умумиҳоҷикӣ, диалектизм, этнографизм, диалектизми этнографӣ, таснифот, номи матоъ, ранги матоъ, таъйиноти матоъ ва ғайра.*

ЭТНОГРАФИЧЕСКАЯ ДИАЛЕКТИКА НАЗВАНИЯ ТКАНИ И ЕЕ ВИДОВ В ЮЖНОМ СТИЛЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье автор исследует лексико - семантические особенности этнографических диалектизмов обозначающих названия тканей в южном диалекте таджикского языка. Автор, в ходе исследования темы в основном опирается на мнение ведущих диалектологов, таких как: Г. Джураева, Ш. Исмоилова, С. Раҳматуллозоды, Н. Гадоева и другие, а также самостоятельно определяет множество фонетических вариантов общетаджикских слов, которые употребляются в речи жителей южных местностей, указывает границы распространения диалектизмов, их значения; классифицирует ткани по названию, разновидности, цвету, волокну и назначению ткани в быту.

***Ключевые слова:** наречие, говор, диалект, общетаджикские слова, диалектизмы, этнографизмы, этнографические диалектизмы, классификация этнографизмов, название тканей, цвет тканей, назначении тканей.*

ETHNOGRAPHIC DIALECTICS OF THE NAME OF THE FABRIC AND ITS TYPES IN THE SOUTHERN STYLE OF THE TAJIK LANGUAGE

In this article, the author researches the lexico-semantical - features of ethnographic dialectisms denoted by the names of fabrics in the southern dialect of the Tajik language.

The author of the research topic mainly relies on the opinion of leading dialectologists like G. Juraev, Sh. Ismoilov, S. Rakhmatullozoda, N. Gadoev and others and independently determines the set of phonetic variants of general Tajik words that are used in the speech of residents of southern area. The gained materials from the expression of the name of the fabric and their meaning: colour, name, variety, color, fiber and purpose hand The classification of words is not classified, but analized and research by

***Keywords:** adverb, dialect, dialect, general Tajik words, dialectisms, ethnographisms, ethnographic dialectisms, classification of ethnographisms, name of fabrics, color of fabrics, purpose of fabrics.*

Дар бораи муаллиф:

***Абдуназарова Гулҷаҳон Абдулмаҷидовна** - унвонҷӯи кафедраи назария ва амалияи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел: (+992) 985260572*

Сведения об авторе:

***Абдуназарова Гулджахон Абдулмаджидовна** - соискатель кафедры теории и практики таджикского языка**,** таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Тел: (+992) 985260572*

About the author:

***Abdunazarova Guljahon Abdulmajidovna** - candidate of the Department of Theory and Practice of the Tajik Language**,** Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni**.** Tel: (+992) 985260572*

ОИД БА ЯКЕ АЗ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАЙДОНИ ЛУҒАВӢ ГРАММАТИКИИ КОНСЕПТИ «ҲАРАКАТ» ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Оқилова Д. Ӯ.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Сарсухан. Дар марҳилаи имрӯзаи тараққиёти илми забоншиносӣ шавқу рағбати мухаккикон нисбат ба омӯзиши забонҳо ва ҷиҳати функсияи воҳидҳои забонӣ зиёд гаштааст ва яке аз ҷанбаҳои он, ин ҳамбастагии илм бо фарҳанг, яъне таъсир ва муносибати забон ва фарҳанг мебошад. Аз ин лиҳоз мо ба таҳлили ифодаи консепти «ҳаракат» дар сохтори забон, рӯй овардем. Мафҳуми консепт дар маркази таваҷҷӯҳи бисёр мухаккикон қарор гирифта, бо тарзҳои гуногун тафсиф карда мешавад. Онро ҳамчун муаррифии идеалии фарҳангии шахс дар бораи воқеият ва ҳамчун категорияи мантиқӣ меҳисобанд.[8;40].

Олими машҳури рус Н.Д.Арутюнова консептро чун мафҳуми фалсафаи амалӣ дида мебарояд, ки он натиҷаи ҳамбастагии якчанд омилҳо ба монанди анъанаи миллӣ, таҷрибаи зиндагӣ, дин, идеология, инъикоси санъат, хиссиёт ва маҷмӯи арзишҳо мебошад. Консепт як навъ қабати фарҳангиро ташкил медиҳанд, ки инсон ва ҷаҳонро бохам мепайвандад.[1;6].

Забоншиноси машҳури дигари рус И.А. Стернин дар сохтори консепт қабати асосиро муайян менамояд, ки он воҳиди рамзи (коди) универсалӣ мебошад. [6;12].

Асоси типологияи консепти аз тарафи олими машҳури рус, Г.Г. Слышкин пешниҳод шударо, вижагиҳои арзишҳои таркибӣ ташкил медиҳанд, ки он яке аз хусусиятҳои асосии консепт маҳсуб мешавад.[7;7].

А.П. Бабушкин қайд мекунад, ки консепт нисбатан ивазшаванда буда, метавонанд бо мурури замон маъноашонро аз даст диҳад ва дубора ташаккул ёбад. [3;16].

Дар илми забоншиносии муосир дар радифи таҳлили маводҳои забонӣ аз ҷиҳати танҳо луғавӣ ё танҳо грамматикӣ, воҳидҳои забонӣ дар сохтори майдонҳои функсионалӣ семантикӣ омӯхта мешавад.

Мо низ тасмим гирифтем, ки консепти «ҳаракат»-ро низ дар асоси назарияи майдони семантикӣ таҳлил намоем. Дар сохтори майдони семантикӣ ядро ва периферия. Дар ядро маркази майдони семантики феълҳои ҳаракат дар забони англисӣ феълҳои ҳаракати to move-кӯчидан, to go-рафтан, to come-омадан ташкил медиҳад. Дар периферия онро бошад, феълҳои to run-давидан, to walk-сайр кардан, to draw-кашидан, to drop- рондан, to fly- паридан, to wear- пӯшидан, to swim-шино ҷойгир ҳастанд.

Ба ақидаи А.В. Бондарко майдони функсионалӣ- семантикӣ ин гурӯҳбандии воҳидҳои луғавӣ ва грамматики дар асоси категорияи муайяни маъноӣ, инчунин воситаҳои гуногуни омехта (лексикӣ, синтаксисӣ ва ғайра) ва ҳамбастагии онҳо дар асоси умумиятҳои вазифаҳои маъновии онҳо мебошад.

Қисми асосӣ. Майдони функсионалӣ-семантикӣ- ин системаи воситаҳои гуногуни забонӣ (морфологӣ, синтаксисӣ, лексикологӣ) мебошад, ки дар асоси умумияти вазифаҳои онҳо барои ифодаи ин ё он категорияи забонӣ истифода карда мешавад, яъне «Майдони функсионалӣ - семантикӣ» маҷмӯи воҳидҳои забонист, ки байни якдигар алоқамандӣ доранд ва мувофиқи системаи муайян барои ифодаи ҳодисаи забонии муайян хизмат мерасонанд.[4;94]

Бояд қайд кард, ки дар забони англисӣ мафҳуми «ҳаракат» бо лексемаи асосии «to move» ифода меёбад, ки он маркази асосии консепт маҳсуб мебошад ва он чӣ хеле, ки мо дар боло қайд кардем, маркази ин майдонро ташкил медиҳад. Барои ошкор намудани хусусиятҳои консептуалии он, каноҳаҳои наздики лексемаи «to move» -ро муайян намудан лозим аст, ки онро мо дар ин мақола таҳқиқ менамоем. Дар натиҷа, омӯхтани луғатҳо ,дорои маъноҳои зерини асосӣ мебошад. [12; 13]

1 «Ҳаракат кардан, рафтан»

Масалан:To move a chair – курсиро ба ҷое ҷеҷонидан

2. «Ҳаракат кардан, кӯчидан, ба ягонҷо кӯчидан»

Масалан:To move a house ба хонаи дигар кӯч бастан

3. «Ба ҳаракат даровадан, ба амал намудан шурӯъ кардан»

Бо мисолҳо мебинем:

To move the bowels – маҷбуран б а кор даровардани рӯдаҳо

To move smb.to do anything - касеро ба ҷунбиш даровардан.

Ҳамин тавр, каноҳаи наздики мафҳуми «ҳаракат» аз лексемаҳое иборатанд, ки мафҳумҳои ҳаракатро муаррифӣ мекунанд. Инчунин, лексемаи «to move» боз чунин маъноҳои иловагӣ дорад, ба монанди : [12; 13]

1. «Муассир кардан, даст задан, ламс кардан, ба чизе водор кардан»

Масалан;
To move to anger (to laughter) –ба хашм (ба ханда) водор кардан
To move to tears –ба ашк рехтан водор кардан
2. «Рушд кардан (дар бораи ҳодисаҳо); рафтан, (дар бораи тиҷорат)»
Масалан:
To move rapidly –зуд рушд ёфтан
3. «Пешниҳод, (пешниҳод, қарор); изҳорот кардан; ба суд мурочиат кардан; кардан»
Масалан:
To move to adjourn the meeting – пешниҳоди ба таъхир гузоштани ҷаласа.
4.«Гаштан, дар доираи чизе гаштан»
Масалан :
To move in a literary circles- дар доираи аҳли адабиёт.
5. «Нашукуфтан»
Nothing is moving in the garden – Дар боғ то ҳол ҳеч чиз насазидааст
6. «Ба дигар даст гузаштан; фурухтан»
7.«Ҳукмронӣ кардан; корбарӣ намудан; дасткорӣ кардан»

Ҳамин тариқ, ин маъноҳои иловагии лексемаи «to move» канораи дури мафҳуми «ҳаракат"-ро муаррифӣ мекунанд. Барои муайян кардани дигар маъноҳои консептуалии иловагӣ қатори синонимии лексемаи «to move»-ро дида баромадан лозим аст:

1. Go (v) – to move or travel – «ҳаракат кардан, роҳгаштан, сайёҳат кардан».
2. Come(v) - to move towards the speakers or a particular place-“омадан; биёед; расидан;ба сӯи баландгӯякҳо ё ба ҷои муайян рафтан «.
Ба ҳамин муносибат ӯ ҷумлаҳои пайрави ташбеҳиро бо истилоҳи «қиёсӣ-монандӣ» ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудааст. Ин иқдоми хубест дар таснифи ин ҷумлаи пайрав, аммо ба ду гурӯҳи дигар тақсим намудани навъи ҷумлаи муайянкунанда ба маврид мебошад. Чунки дар гурӯҳи якум маънои ташбеҳ на бовосита ҷумлаи пайрав, балки бо воситаи ҳоли монанди таркиби сарҷумла ба амал омадааст . [13.7с]

Ҷумлаи пайрав бо аломати хосияти монандиро ифода мекунанд. Мисол: Намуди вай мисли уқобе буд, ки худро сӯи кабкчуҷае андохта бошад.

3.Ҷумлаи пайрави ҳолӣ ҳоли амал ва ҳолату вазъияти предметро муайян мекунад.Мисол:

Миршаб, ки то он вақт аз паси даста меомад якбора сари аспашро ба паскӯчаи бозори ангишт ба тарафи Чорсӯ гардонда ба сӯи посбонгоҳи худ раҳсипор гардид. [10.52с] ~ Der Mirschab, der hinter seiner Abteilung ritt, wondete das Pferd in Richtung auf die Basarkreuzung zu einem Wachhaus [11, с.61] Миршаб замыкавший свой отряд повернул коня назад поскокал в переулок где торгуют углем затем по направлению к своему сторожевому посту у базарного перекреска.[12, с.31]

Дар ҷумлаи забони тоҷикӣ пайвандаки тобеъкунандаи"ки» баъд аз калимаи **миршаб»** омада ба ҷумла тобиши маънои дода , калимаи **«якбора»** дар ҳоли ҳолат ифода гардидидааст.Дар забони олмонӣ бошад бо ҷонишини нисбии **«der»** ифода гардидааст. Дар забони русӣ бошад баръакс **пайвандаки"но»** ва пайвандаки тобеъкунандаи **«который»** партофта шудаа дар ин ҷо нобаробарии ҳиссаҳои нутқ дида мешавад.,яъне конвенсия ба амал омадааст.

4. Ҷумлаи пайрави таъинӣ;Ҷумлаи пайрави муайянкунандаи таъинӣ вазифа ва таъиноти предметро нишон медиҳад.Мисол: *Ман 22-юми октябр аз Тошканд баргашта ба Самарқанд омада, дар он ҷо дар як мактаби миёнае, ки барои бачагони халқҳои маҳалли аз Ҳукумати Советӣ кушода шуда буд, муаллим шудам. Am 22 Oktober kehrte ich zurück aus Toshkent in Samarkand dort arbeitete als Lehrer in der Mittelschule die von Sovetregierung für den Kindern dieser Region eröffnet hatte.*

Дар забони таҷикӣ ҷумлаи «**як мактаби миёнае, ки барои бачагони маҳаллӣ аз Ҳукумати Советӣ кушанда шуда буд** ҷумлаи пайрави таъинӣ мебошад, дар забони олмонӣ бошад **«als Lehrer in der Mittelschule, die von der Sovjetregierung für die Kinder dieser Region eröffnet hatte.»** тарҷума шудааст Дар ин ҷо тарҷумаи мантиқӣ ба назар мерасад.

5. Ҷумлаи пайрави соҳибӣ. Ҷумлаи пайрави муайянкунандаи соҳибӣ моликияту соҳибияти предметро мефаҳмонад: *Дуруст аст, ки ду се ҳуҷра дорам, ки онҳо аз падарам мерос мондаанд. [10.43с] Doch ich nenne zwei, drei Zellen, mein eigen, die mir mein seliger Vater vererbt hat. [11.s47] Но у меня есть две три худжри которые достались мне в наследство от покойного отца. [12, с.19]*

Дар ҷумлаи забони тоҷикӣ ***Дуруст аст,ки 2-3ҳуҷра дорам****дар* ***забони олмонӣ*** ҳиссачаи **doch ich nenne vier-drei Zellen (номбар мекунам) ки онҳо аз падарам мерос мондаанд.**

mein eigen-моли ман, боз исми падари раҳматиам илова гардида бо ҷонишини нисбии **die** дар шакли ҷамъ ифода гардидааст**.** Дар забони русӣ бошад ба ҷои **doch ich nenne- но у меня есть** тарҷума шуда бо пайвандаки тобеъкунандаи **который** ифода гардидааст.

6**.Ҷумлаи пайрави баёния.**Чумлаи пайрави муайянкунандаи баёния муносибати гуногуни як предметро ба предмети дигар нишон медиҳад ё ки ба овардани ном, тахаллус, лақаби худашон ё ягон хешу табор муайян мекунанд: *Абдунабӣ ном як хизматгори қадрдоне доштам, медонед, ки ӯ бемор шуда, ба хонааш рафт ва мурд. [10, с.68-69] Ich hatte den Diener namens Abdunabi, einen treuen und erschrodenen Mann wie Sie wissen wurde er krank, kerte er in sein Dorf zurück und starb. [11, с.84] Был у меня слуга по имени Абдунаби. верный и бесстрашный. Он заболел вернулся в родное селение и умер вы знаете об этом. [12, с.42]*

Ҷумлаи **Абдунабӣ ном як хизматгор-den Diener namens Abdunabi Akk,-Objekt** ва **Genetiv Objekt (падежи винительный ва родителный)** ифода гардидааст. Дар забони русӣ бошад пайвандаки **который** партофта шуда **слуга по имени Абдунаби, верный и бесстрашный** ҳамчун муайянкунандаи аслӣ ифода гардидааст.

Тадқиқгари ҷумлаи пайрави муайянкунанда Д.Ҳоҷиев ин навъи ҷумлаи пайрави муайянкунандаро **эзоҳӣ** номида дар ин хусус чунини маълумот додааст.Ин хели ҷумлаҳои пайрав аз рӯи вазифа хусусияти эзоҳи ва сохт аз дигар хелҳои ҷумлаи пайрав эзоҳ медиҳад, аммо нависанда ё гӯянда барои дуруст тасаввур намудани он предмет дар хусуси ягон хосияти ҷудогонаи он маълумоти иловаги медиҳад.Дар натиҷа хонанда ё шунаванда дар бораи предмет дар бораи он маълумоти иловагии нав мегирад.

Маънои эзоҳӣ басе васеъ буда онро ба ҳамаи навҳои ҷумлаи пайрави муайянкунанда ҳатто дигар ҷумлаи пайрав нисбат додан мумкин аст. Маъноҳои хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрав аз маъною муносибати асосии он на он қадар васеъ балки махдудтар мешавад .Аз ҳамин ҷиҳат маънои эзоҳиро, ки аз маънои муайянкунанда васеътар аст ба як хели ҷумлаи пайрави муайянкунанда махдуд карда намешавад.

Сабаби бе калимаҳои ҳамнисбат ҳамчунин бе артикл омадани исмҳои муайяншавандаи ин гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав дар ҳаминаст,ки хусусияти баёншавандаги доранд [9, с.347]

6.Ҷумлаи пайрави тавзеҳӣ: Ҷумлаи пайрави муайянкунандаи тавзеҳӣ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанадаи эзоҳӣ, ки Ю.А. Рубинчик нишон додааст ҳеҷгуна умумияте надорад.

Ю.А.Рубинчик ҳамаи ҷумлаҳои муайянкунандаро ба ду гурӯҳи калон **муайянкунандаҳои *аслӣ*** ва ***муайянкунандаҳои эзоҳӣ*** тақсим намудааст. Ба гурӯҳи дуюм ҷумлаҳои пайраверо мансуб медонад, ки исмҳои ифодакунандаи ҳодисаи фикрӣ, нутқ ва ҳиссиёт (нукта, мавзӯъ, мужда, эломия, умед, натиҷа, воқеият)-ро муайян мекунад. Ба назари ӯ аломати характерноки ин гурӯҳи ҷумлаҳо ин аст а) онҳо мундариҷаи исми муаяншавандаро нишон медиҳанд б) ҳамчун пуркунандаи тафсилӣ истифода мешаванд дар як вақт ҳам ба саволи муаянкунанда ва ҳам пуркунанда ҷавоб мешаванд.[8,

с.146]

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки исмҳои муаяншавандаи ин гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав мисли ҳамагуна исмҳо ҳамеша якхел хусусият зоҳир намекунанд. *Масалан:Ман чаро ба ғазаб омада бошам ман ин гуна ҳазлҳои ҷиддимонанди шуморо акнун намешунавам гуфт тоқияфурӯш дар ҳолате ки аз шӯриш фаромада буд.[10, с.22]. Ach, wozu sol lich mich gekränkt fühlen! Höre ich atwa solehe Scherze von Ihnen zumerstemmel sagte der Tjubitakeshändler, dessen Zorn anscheinend verglos.[11, с.20] Ах что к толку сердиться! Разве впервые я слышу от вас подобные шутки,- сказал более спокойным тоном торговец, гнев которого видимо остыл. [12, с.9]*

Ҷумлаи пайрав мундариҷаи исмро нишон намедиҳад, балки аломати онро мефаҳмонад. Ҳамин тавр вобаста ба вазъияти синтаксисӣ ва муносибати семантикиву структураи ҷумлаи пайрав калимаи муаяншавандаро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад ва моҳияту мундариҷаи онро мекушояд ва аломату ҳолати онро эзоҳ медиҳад ва дар бораи вай маълумоти иловагӣ медиҳад. Тобишҳои маъногии гуногун касб намудани ҷумлаи пайрави муяйнкунанда низ ба ҳамин муносибати маъноиву структурии тамоми ҷумлаҳои пайрав вобаста мебошад.

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда на танҳо моҳияту мундариҷаи исмҳои ифодакунандаи фикру ҳисс балки исмҳои конкретро нишон медиҳад. Ҷумлаи пайрави муайянкунандаи тавзеҳӣ аломату ҳолати предметро бевосита ё бавосита нишон намедиҳад, балки исми муайяншаванда аз ягон ҷиҳат ягон вобастагие дорад, ки он ҳамчун маълумоти иловагӣ зоҳир мегардад.

Алоқаи ҷумлаи пайрави эзоҳӣ бо исми муайяншаванда нисбатан суст мебошад. Ҷумлаи паврав асосан пас аз сарҷумла воқеъ мегардад. Дар забони адабии тоҷик гоҳҳо ҷумлаи пайрави муайянкунанда аъзои сарҷумларо эзоҳ медиҳад. Мисол*: Фурӯшандаи таҷрибакор ки ҷиддӣ ё булҳавас будани харидорро аз чашмони ӯ мефаҳмид.[10, с.19] Der erfahrene Händler, der den Leuten ansah, ob sie etwas kaufen oder nur herumtmäkeln wollten [11, с.21] Опытный торговец который по глазам умел понять- серьезный перед ним покупатель или только желающий прицелится. [12, с.9].*

Ин гурӯҳи ҷумлаи муайянкунанда исми муайяннамуда бо шумораи миқдорӣ ифода мегардад. Ин навъи ҷумлаҳои пайрав низ ҳам бо пайвандак ва ҳам бе пайвандак меоянд: *Ду кас аз ӯҳдаи ин кор мебароянд:- яке сардори участкаи дуюм Олимҷон ва дигаре худи шумо.*

Ҷумлаи пайрави субъективӣ. Ҷумлаи паврави муайянкунандаи субъективии баҳо ва муносибати субъективонаи шахсро ба предмети муайяншаванда ифода менамояд. Мисол: *Модом ки ӯ ингуна одами бадгумон будааст дигар на рӯи ӯро мебинам ва на аз вай ҳуҷра мепурсам.[10, с.41] Wenn er es aber fertigbringt, einen ehrlichen Menschen zu verdächtigen, er sei ein Dieb und ein Räuber, will ich ihn weder sehen noch um eine Zelle bitten![11, с.45] Но раз он способен подозревать честного человека, считать его вором и разбойником не желаю больше не видеть его не просить жельё. [12, с.17]*

Хулоса Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда яке аз серистеъмолтарин ҷумлаҳои мураккаб ба ҳисоб меравад, ки бисёртар онро ҳам дар нутқи хаттӣ ҳам дар нутқи даҳонӣ вохӯрдан мумкин аст. Ҷумлаи пайрави муаянкунанда дар таркиби он ва ҳамчун дигар намудҳои ҷумлаҳои пайрав функсияи худро танҳо дар алоқа бо сарҷумла иҷро менамояд. Барои ҳамин дар омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз он ҷумла ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда мафҳуми асосии семантикӣ ва алоқаи характерноки мазмуни онро эзоҳ медиҳад. Дар забони олмонӣ бошад он на танҳо исми сарҷумла балки сарҷумларо низ ба пуррагӣ ифода мекунад.

АДАБИЁТ

1. Admoni W. Der Deutch Sprachbau/ Admoni W, Leningrad:1960, -263с.
2. Архипов. А.Ф.Самоучитель перевода с немецкого языка на русский/ А.Ф.Архипов, Москва: Высшая школа ,1991, -254 с.
3. Валгина Н.С. Современный русский язык/ Н.С. Валгина, изд.3. Высшая школа. М, -1991.
4. Gegenwartssprache, Duden Grammatik der deutschen/ Gegenwartssprache, Leningrad:1984. -804s.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик.Синаксис/Душанбе:Ирфон, 1970. -268 с.
6. Рустамов Ш.Грамматикаи забони ҳозираи адабии тоҷик/ Ш.Рустамов, Душанбе:198. -324 с.
7. Рустамов Ш, Б.Камолиддинов. Грамматикаи адабии забони хозираи точик. Чилди 3.Ҷумлаҳи мураккаб/ Ш.Рустамов, Б.Камолиддинов, Душанбе: Дониш,1989. -300 с
8. Рубинчик Ю.А. Сложные предложения с придаточным определительным. / Рубинчик Ю.А. 1980.-146с
9. Рустамов.Шарофиддин. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Мушкилоти синтаксис. / Рустамов Шарофиддин, Душанбе: Маориф, 1988. -340 с
10. Садриддин Айнӣ.Марги судхӯр.Ҷилди 4/ Садриддин Айнӣ. Сталинобод: 1961.-316 с
11. S.Ayni.Tod des Wucherers/ S.Ayni, Berlin:1966. -263 S.
12. С.Айни. Смерть ростовщика/ Айни.С, М,1978.-156 с
13. Ходжаев Д. Сложноподчиненные предложения с придаточным определительными в современном таджикском литературном языке/ Д. Ходжаев, Душанбе 2021,- 172 с

14. Шендельс Е.И..Грамматика нимецкого языка/ Е.И. Шендельс, М.: München:1954. -320с
15. Hilke Dreyer, Richard Schmitt, Lehr-und Übungsbuch der deutschen Grammatik/ Hilke Dreyer, Richard Schmitt, München:1991. -300s.

РОҲҲОИ ИФОДАИ СЕМАНТИКИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МУАЙЯНКУНАНДАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ОЛМОНӢ ВА РУСӢ

Ҷумлаи пайрави мураккаби тобеъ яке аз мавзӯъҳои мубрами муҳимтарини замони муосири соҳаи забоншиносӣ мебошад.

Дар мақолаи мазкур тасмим гирифта шудааст, ки яке аз намудҳои пурмаҳсули ҷумлаи мураккаби тобеъ, ифодаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои олмонӣ ва русӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи типологӣ қарор диҳем.

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба мисли дигар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ яке аз воҳидҳои олиташаккули синтаксис мебошад, кӣ он аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содда ташкил ёфта дорои ягонагии семантикӣ ,сохт ва интонатсия мебошад.

Мавзӯи ҷумлаҳои мураккаб хеле мушкил ва дар навбати худ хеле шавқовар ва бахсталаб мебошад,кӣ дар таҳқиқи он забоншиносони хориҷӣ чӣ тавре,ки дар боло дарҷ намудам саҳми бузург гузоштаанд.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда яке аз сермаҳсултарин ба ҳисоб рафта онро дар нутқи хаттӣ ва ҳам даҳонӣ вохӯрдан мумкин аст.

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар таркиби он ва ҳамчун дигар намудхои ҷумлаи пайрав функсияи худро танҳо дар алоқа бо сарҷумла иҷро менамояд.

Ҳадафи мақола Бинобар ин дар омӯзиши синтаксисии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ .аз он ҷумла, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда мафҳуми асосии семантикӣ ва алоқаи характерноки онро эзоҳ медиҳад.;

Дар забони олмонӣ бошад он натанҳо исми сарҷумларо муайян мекунад,балки худи сарҷумларо низ ба пуррагӣ ифода мекунад.Он дар забони тоҷикӣ бо пайвандаки ***кӣ,*** *дар забони олмонӣ бо ҷонишинҳои нисбии* ***der ,die, das****(аз рӯи категорияи ҷинсият ва тасрифи падеж* ***deren,dessen, welcher, solcher*** *дар шакли ҷамъ****.*** *Дар забони русӣ бошад бе пайвандак ва бо пайвандаки тобеъкунандаи* ***который, которая ,которое*** *ва шакли ҷамъ* ***которые*** *бо тасриф дар падежҳои гуногун ифода мегарданд.*

Натиҷаи татқиқот нишон дод, ки ягонагӣ ва фарқияти ҷумлаҳои пайрави муаяйнкунанда дар мисолҳои дар мақола оварда шуда, ба таври бояду шояд мавриди таҳлилу таҳқиқи типологӣ қарор гирифтааст. Мисолҳо аз шоҳасари сардафтари адабиети советии тоҷик устоди гиромқадр С.Айнӣ «Марги судхур» дар забонҳои омӯхташаванда мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифт.

Калидвожаҳо: *ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаи пайрави муайянкунанда, исм, феъл, ҷонишин, хабар,ҷонишинҳои нисбӣ, пешоянд, пайвандак, ҳол ва масдар.*

СПОСОБЫ СЕМАНТИЧЕСКИХ ВЫРАЖЕНИЙ СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С ПРИДАТОЧНЫМИ ОПРЕДЕЛИТЕЛЬНЫМИ В ТАДЖИКСКОМ, НЕМЕЦКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными являются одной из важнейших и актуальных тем в области современной лингвистики.

В данной статье исследуются типологические анализы сложноподчиненных предложений с придаточными определительными таджикского языка в немецком и русском языках их сходства и различия.

Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными, как и другие виды сложноподчиненных предложений являются наиболее употребляемыми синтаксическими единицами, которые состоят из двух или более простых предложений.

Тема сложных предложений считается очень трудной и актуальной, но и в своё время является очень интересной и дискуссионной темой.

Она имеет очень древнюю и длинную историю. В этой области языкознания, то есть грамматике а также некоторой части синтаксиса проводились и проводятся много исследований. Многие зарубежные и отечественные исследователи и учёные внесли большой вклад, который был подчеркнут в данной статье.

Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными одно из наиболее употребляемых, которые наиболее часто встречаются в устной и письменной речи.

Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными выполняют свою функцию по отношению к главным предложениям.

Поэтому, при изучении синтаксиса сложноподчиненных предложений, также с придаточными определительными определяют семантическое значение и объясняет характерность отношения.

- *В немецком языке оно не только определяет имя существительное в главном предложении, но и полностью выражает само главное предложение. В таджикском языке употребляется чаще союз**"ки"**,а в немецком относительные местоимения «**der ,die,das** и косвенных падежей **deren, dessen** множественного числа.*
- *В русском языке они выражаются союзами **который ,которая, которое** и множественное число **которые и** их спряжении в падежей .*
- *Для типологического анализа и исследования были использованы примеры из повести С.Айни «Смерть роставщика"в изучаемых языках.*

Ключевые слова: *сложное предложение, сложноподчиненные предложения, сложноподчиненные предложения с придаточными определительными,имя существительное, глагол, определение, союзы, предлог, обстоятельства, инфинитив, относительное местоимение, причастие и другие.*

THE WAYS OF SEMANTIC EXPRESSIONS OF COMPLEX SENTENCES WITH SUBORDINATE DETERMINANTS IN TAJIK, GERMAN AND RUSSIAN LANGUAGES

The ways of semantic expression of complex sentences with subordinate determinants in tajik, german and russian languages the definite article in German and Russian. Is one of the most important them in modern linguistics.

In this article, the author researches typological analysis of one of the most productive types of compound sentences, the expression of the determiner in German and Russian and their differentation

The determiner, like other subordinate compound sentences, is one of the most highly developed units of syntax, consisting of two or more simple sentences with semantic unity, structure, and intonation.

The subject of complex sentences is very difficult and, in turn, very interesting and controversial, and foreign linguists, as I have mentioned above, have made a great contribution to its study.

A compound subordinate clause with a definite article is one of the most productive and can be found in both written and oral speech.

The defining follower sentence in its composition and, like other types of follower sentences, performs its function only in relation to the header.

Therefore, in the syntactic study of complex subordinate clauses, including the subordinate clause with the determiner, explains the basic semantic concept and its characteristic connection;

In German language, is not only defines the name of the translation, but also fully expresses the translation itself. In the Russian language, without a conjunction and with a subordinate clause, which is expressed in different cases.

The unity and difference of the sentences of the definite article in the examples given in the article have been fully analyzed and typologically studied. Examples from the masterpiece of the Tajik Soviet literature, the honored master S. Ayni «Death of a profiteer» in the studied languages were analyzed.

Keywords*: compound sentence, subordinate clause, noun, verb, pronoun, message, relative pronouns, prefix, conjunction, case and infinitive.*

Сведения об авторе:

Абдулхайрова Сулхинисо Хакимовна *- старший преподователь общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков Таджикского национального университета. Адрес:734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, Рудаки.17. E-mail: abdulkhayrova@internet.ru Тел.: (+992) 935299992*

About the author:

Abdulkhayrova Sulhiniso Hakimovna *- senior lecturer Department of German and French languages Tajik National University,. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki 17. E-mail: abdulkhayrova@internet.ru Phone: (+992) 935299992*

УДК809.155.0+802.0
ББК 81.2(2тоҷик)+81.2анг

ВИЖАГИҲОИ УСЛУБӢ-ЛЕКСИКИИ ВОСИТАҲОИ ЗАБОНИИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ОСОРИ С. АЙНӢ

Ғафорова Т.С.

Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Боиси қайд аст, ки тафаккури инсон бо ёрии забон на танҳо воқеияти объективӣ, балки воқеияти субъективии инсониро инъикос мекунад. Таркиби лексикии забони ҳозираи тоҷик дорои имкониятҳои бузурги тасвирӣ ва ҳиссӣ буда, барои собит кардани омилҳои субъективии инсон хизмат мекунанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар гуна калимаҳо дорои воҳидҳои мухталифи забонӣ буда, муҳиммияти маъноӣ, лексикӣ ва грамматикӣ, ҳамчунин хусусиятҳои денотативӣ ва конотативиро дорад.

Маънои денотативии калимаҳо ва воҳидҳои забонӣ нисбатан доимӣ буда, маънои коннотативӣ ноустувор аст. Онро метавон дар асари бадеӣ истифода намуд ва ҳамчун маъноҳои семантикаи коннотативӣ ба кор бурдд. Пас бояд гуфт, ки ҳар кадоми онҳо дар матни асари бадеӣ нақши калон доранд.

Қисми асосӣ Аксарияти вожаҳо дар забони муосири тоҷик танҳо маънои денотативиро доранд ва аз ҷиҳати маънои экспрессивӣ истеъмол намешаванд. Аммо, ҳар як калимаи истеъмолнашуда, ки ба ҷузъиёти ҳиссӣ (эмотсионалӣ) ифода карда мешавад, мисли он замина пайдо мекунад. Дар айни замон, шумораи зиёди вожаҳо бо рангу тобишҳои устувор ва гуногун истифода бурда мешаванд. Масалан, вожаҳое, ки тобишҳои онҳо меъёри адабии забон аст, воситаҳои услубӣ (таснифоти услубӣ)-ро ташкил медиҳанд ва вожаҳое, ки дорои воҳидҳои забони тасвири бадеӣ ва ҳиссӣ мебошанд, дар илми забоншиносӣ бештар таҳлили илмиро талаб мекунанд.

Истифодаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар асар зимни воқеияти таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва характери муаллиф муайян карда мешавад. Омилҳои лексикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ инҳоянд:

Метафора – «муқоисаи пинҳонӣ буда, як мавзӯъро ба мавзӯи дигар ташбеҳ медиҳад» [2, с.58].

Яке аз намудҳои метафораи нутқ метафораи муфассал аст. Он аз як қатор метафораи соддаи ба ҳам алоқаманд ва мукаммал иборат аст, ки образ эҷод мекунад ва ҳавасмандии онро баланд мебардорад [7, с.121].

Метафораҳое, ки дар асари бадеӣ зиёд ба назар мерасанд, метафораҳои композитсионӣ ё сужавӣ ном доранд. Маънои чунин омилҳои услубӣ ба мисли метафора дар сабки нутқи бадеӣ, хусусан эҷоди образҳои бадеӣ, нисбат ба симои бадеӣ баҳо додан душвортар аст. «Метафора бештар ҳамчун яке аз усулҳои ба таври дақиқ нишон додани воқеият бо вожаҳо ва воҳидҳои забонии тасвири бадеӣ мебошад. Аммо, мафҳуми дақиқи онҳо нисбӣ аст. Метафора симои конкретии мафҳуми абстрактро мефаҳмонад ва имкон медиҳад, ки тафсирҳои хабариро ифода кунад» [3, с.29].

Метафора – ҳамчун воҳиди забонии тасвири бадеӣ ба кор бурда шуда, маҷмӯи вожаҳои ҳаммаъноро таҳлил менамояд: *хазони зиндагӣ* (роҷеъ ба пирӣ; a mighty fortress is our God), ***дастҳои бобаракат (precious hands), тирамоҳи заррин (golden season), нигоҳи хунук (хунукназарона), забони дурушт*** ва ғ. Масалан, Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» чунин менависад: «Дар охири ***тирамоҳи заррин*** – баъд аз тамом шудани мавсими ҳосилғундорӣ - қозӣ нархи ҳар маҳсулро аз рӯйи бозор ба амир арз мекард ва амир дар бораи бо ҳамон нархи қозӣ арзкарда аз деҳқонон рӯёнда гирифтани пули андозҳои ҷинсӣ ба амлокдор фармон мефиристод» [1, с.98].

Тасвир (Олицетворение) – навъи метафора буда, тасвири ашё, ҳайвонот ва мафҳумҳои абстрактӣ сифатҳои инсонӣ: эҳсосот, андеша, нутқро мефаҳмонад.

Баъзе вожаҳоро метавон дар забони англисӣ бо ҷонишинҳои соҳибӣ ***he*** (ҷинси мардона) ва ***she*** (ҷинси занона) ва дар якҷоягӣ бо феълҳои нутқ, тафаккур, хоҳишҳо ва дигар нишонаҳои амал, ҳолат ва дигар хислатҳо инсонӣ, ки ба инҳо хос аст, иваз карда мешаванд» [2, с.66].

Муқоиса – дорои ду мафҳум, яъне шабоҳати ду мафҳум тавсифӣ мебошад. Онҳо бо феълҳо ва ҳиссачаҳои ***чун, ба монанди, ба мисли, ба шакли, ҳамчун, ба мисоли*** ва ғайра истифода мекунанд. Масалан, «Назар ба қавли Султонпошшо, вай ҳар гуна деву париҳоро ва аз ин ҷумла деви ҳафтсарро дидааст. Ӯ мегуфт, ки дар пушти меҳмонхонаи амакбобо (ӯ падаршӯяшро, яъне Абдуллохоҷаи 90-соларо амакбобо мегуфт) деви ҳафтсар ҳаст, аввал вай ба сурати гурба менамояд, баъд аз он ба сурати саг, гург, хар ва ***монанди*** инҳо медарояд, дар охир ***ба шакли*** одами сиёҳи баднамо бадал гардида, дар худ ҳафт сар пайдо мекунад ва ба осмон нигоҳ карда дароз шуда рафтан мегирад, ба ҳадде, ки рафта-рафта сараш ба осмон мерасад» [1, с.61].

Дар забони англисӣ онҳо бо таркиббандҳои ***as, such as, as if, like, seem*** ва ғ. тарҷума мекунанд.

Муқоиса чун метафора, ба таври пурра барои тасвир кардани ашё ва ҳодисаҳо, ҳамчунин барои баён кардани муносибати муаллиф кӯмак мекунад.

Гипербола – усули бадеии муболиға мебошад, ки аз ҷиҳати имкониятҳои воқеӣ ва татбиқи фикр шубҳанок ё оддӣ мебошад [3, с.150].

Гипербола усулест, ки имкон медиҳад возеҳтару рангинтар дар баён сохтани муносибат ва зуҳуроти тавсифшуда ифода ёбад. Гипербола ба сифати меъёри услубӣ маънои калимаро баланд нишон медиҳад. Масалан: ***сад бор гуфтан (to wait an eternity), ба нодонӣ задан (to be stupid.***

Дар «Ёддоштҳо» чунин омадааст: «-Чӣ кор кардед? -Ҳоло аз ваҷҳи он кори ман ба касе чизе гуфтан дуруст нест. Ту ҳам аз он ваҷҳ ба касе чизе нагӯй, -гуфт ва ба шарҳи кори кардаи худ даромад: «-Ман дидам, ки мардуми туман тамоман бехонумон мешаванд ва рӯди нав ҳам намебарояд. Як тахта коғази калонро пур карда ба амир ариза навиштам» [2, с.16].

Антономазия – табдил ёфтани номи инсон аз рӯи шакли берунӣ ва рафтору одат ба лақаби омма. Масалан, баъзе занҳои ҷасур ва далерро «***зани оҳанин» (the Iron Lady), шоҳи бузург*** (***great king***) ва ё мардҳоро бо ҳунарашон ном мебурданд. Устод Айнӣ чунин ба қалам додаст: «Болои Ҳавз раҳсипор шуда ба гузари ***Усто-Руҳӣ*** расидем, ки ҳавлии ***Рӯзӣ-Бадбурут*** дар ҳамин гузар будааст. Дар вақте мо ба он ҷо расидем, ки ***Маҳдуми Гав*** дар пеши масҷиди гузар бо мӯйсафедони он ҷо гуфтугузор дошт» [1, с.271].

Ҳамчунин одамонро ба унвони бузургон ном мебаранд. Чунончи, «***одами донишманд***»-ро ***Эйнштейн, Арасту*** ё ***Сино*** мегӯянд; ***«ошиқу маъшуқ»***-ро ***Лайливу Маҷнун*** ва ғайра.

Синекдоха – воҳиди забонии тасвири бадеъ буда, ҷамъи ашёҳоро дар маҷмӯъ баён мекунад. Масалан, дару хона, ашёҳову лавозимоти хона ва замини гирди онро ***манзил*** мегӯянд, ки ин калимаи умумӣ аст: «Мо ба ***манзил*** рафта хобида пагоҳонӣ боз ба сайргоҳ омадем. Дар сарҳавз он зинати дирӯзаи дӯкондорон намонда бошад ҳам, ба ҳар ҳол асарҳои сӯхторро барҳам дода, як дараҷа ба тартиб даровардаанд. Мо дар чойхонаи сарҳавз ба чойнӯшӣ нишастем, намад ва гилемҳои чойхона ҳам порча-порча шуда, шакли сояи дарахти сафедорро гирифта буданд» [1, с.271].

Метонимия – табдил ёфтани ифодаи маънои як калима ба калимаи дигар дар асоси монандиҳои воқеӣ. Чунончи, ба ҷои «***одамони деҳа танқид мекунанд***» «***деҳа танқид мекунад***»; ба ҷойи «***истакони шиша***» «***истакони об***»; ба ҷои «***осори Саъдиро хондан***» «***Саъдиро хондан***», «***хӯрокро мондан***» «***дастархонро оро додан (оростан)***» ва ҳоказо. Масалан С Айнӣ чунин навиштааст: «Бой он шаб аз пули худ барои зиёфати он зан таомҳои гуногун фармуд. Аз бозор қурсу қанфит ҳам харида оварда ***дастархонро оро дод*** ва як шиша шароби хуб ҳам харида оварда монд» [1, с.451].

Катахреза – истифодаи нодурусти калимаҳо аз сабаби этимологияи беасос ё истифодаи нодурусти истилоҳ ба маънои ба он мансуб набуда мебошад.

Баъдтар истилоҳи ***малапропизм*** пайдо шуд, ки маънои иштибоҳи семантикиро дорад, ки дар он як калимаи муҳимро дар матн калимаи дигаре иваз мекунад, ки аз ҷиҳати овоз монанданд, аммо маънои дигар дорад.

Эпитет – навъи воситаи забонии тасвири бадеӣ буда, сифат, нишонаи падидаи тавсифшударо бо калимаҳо ё ибораҳои атрибутӣ ва зуҳуроти тасвириро таҷассум мекунад [3, с.138]. Аз ин рӯ, эпитет субъект буда, дорои мазмуни эҳсосотӣ мебошад.

Ба ақидаи забоншинос И.В. Арнолд, эпитет метавонад ба сифати муайянкунанда ифода ёбад: ***баҳри саҳт (loud ocean), вазъиятҳоро smile cuttingly (нимтабассум)*** ё мурочиатҳо ***ширинсухан (sweet words)*** ва ғайра. Масалан «Устоамак, ғайр аз хешӣ, бо падарам дӯсти бисёр наздик ҳам буд, ҳар як ба они дигар «ҷӯра» гуфта хитоб мекарданд. Дар фикр ва дар ақидаашон дар ҳаққи одамон ҳам ҳар ду як буданд. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки ***Устоамак ширинзабон***, хушмуомила ва ширинкорнамо буд ва кори бади одамонро бо ширинсуханӣ ба рӯяшон мезад» [1, с.451].

Калима метавонад танҳо ҳангоми якҷо истифода намудани номи ашё ва ҳодисаҳои он ба сифати эпитет истифода шавад.

Бояд қайд кард, ки бештари муҳаққиқон ва забоншиносон эпитетро ба сифати субъект баррасӣ мекунанд. Бо истифода аз эпитет, муаллиф тавонистааст, диққати бештари хонандаро ҷалб намудааст [10, с.127].

Перифраз – ифодаест, ки маънои ифодаи дигар ё калимаро ифода мекунад. Чунончи, ***дили сафед – хоксор, фурӯтан***; ***сайёраи сабз – Замин; тиллои сиёҳ – нафт, нони дуюм – картошка; Фирдавсӣ – офаридаи «Шоҳнома»*** ва ғайра. Масалан, «Дар миёнаи як тӯда ҷаллобон ва тарозудорони сиёҳдил, албатта, ***дили ман сафед*** намемонад. Лекин аз ин кампир дуздӣ намекунам, -гуфт ҷавон бо оҳанги андак тунду тез» [1, с.363].

Ирония – навъи воситаи забонии тасвири бадеӣ буда, бар асоси нутқ, мафҳум ва маънои бар хилофи маънои луғавии калима ифода меёбанд. Воситаи забонии тасвири бадеии мазкур барои муқоисаи байни воқеият ва ҳақиқат бо истифода аз таҳлилҳои ҷиддии илмии забонӣ истифода

мешаванд [5, с.113].

Шаклҳои услубӣ (***шаклҳои сухани тасвирӣ***) воситаҳои асосии нутқ буда, барои баланд бардоштани баёни нутқ истифода мешаванд. Баъзан ***Шаклҳои услубӣ*** ба ***троп*** хеле монанд мешаванд.

Шаклҳои ифодаи нутқ ба чанд навъ ҷудо мешаванд:

- ***антитеза*** – тасвири муқоисавӣ, мухолифати ашё, падидаҳо, хосиятҳо;
- ***анафора*** – такрори унсурҳои монанд дар аввали ҳар як сатри параллелӣ дар назм ва наср истифода мешавад;
- ***эпифора*** – такрори унсурҳои монанд буда, дар охири ҳар як сатри якҷоя монда мешаванд;
- ***градатсия*** – тартиби калимаҳо, ки дар он ҳар як калима маънои калимаи қаблиро меафзояд ё суст нишон медиҳад;
- ***инверсия*** – заиф шудани тартиби муқаррарии калима;
- ***параллелизм*** – сохтори якхелаи синтаксисии ҷумлаҳои ҳамсоя ё сегментҳои нутқ ва ғ.

Зебогии нутқ ва фарқ кардани намудҳои он ҳанӯз дар замонҳои қадим вуҷуд доштааст. Димитрий Александр ғояҳои Аристотелро истифода мебурд ва далел меовард, ки услуби содда бояд табиӣ бошад. Усулҳои он асосии онҳо возеҳӣ, равшанӣ, намоёнӣ, садоҳои сахт ё тартиби нодурусти калимаҳо мебошад. Услуби суханвар метавонад дараҷаи амиқи ифода тартиби рӯйдодҳоро тағйир диҳад. Баъдтар интихоби воситаҳои услубӣ дар таркиби матнҳои мухталиф ҷиҳати се намуд, яъне оддӣ, миёна ва баланд маълум мегарданд.

Тағйироти семантикӣ, ки дар воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва тобишҳои услубӣ мавҷуданд, бо семасиологияи услубӣ тавсиф карда мешавад. Дар ин ҷо бояд хотиррасон кард, ки воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва воситаҳои услубӣ комилан муродиф нестанд. Ҳама воситаҳои услубӣ ба воситаҳои забонии тасвири бадеӣ тааллуқ доранд, аммо на ҳамаи онҳо воситаҳои ифода воситаи услубӣ мебошанд.

Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ метавонанд калимаҳои оддиро таъсирбахш ё баланд нишон диҳанд. Мо метавонем онҳоро бо ҷиҳатҳои фонетикӣ, яъне заддаи мантиқӣ, таваққуф, талаффузи дароз ва зимни қоидаҳои морфологӣ: суффиксҳо ва таснифоти синтаксисӣ пайдо кунем [9, с. 76].

Вижагиҳои услубӣ тақвияти бошууронаи ҳар як усули сохторӣ ва ё семантикии воҳиди забоншиносӣ (воҳидҳои забонии тасвири бадеъ) мебошад, ки ба модели умумиҷаҳонӣ ва аз ин рӯ ба як модели генеративӣ табдил ёфтааст. Бо сабаби истифодаи зуд-зуд, як далели лингвистиро метавон ба як усули услубӣ табдил дод.

Се таснифи муосири воситаҳои тасвирии забони англисиро Ҷ. Лич, И.Р. Галперин ва Ю.М. Скребнев пешниҳод кардаанд.

Таснифоти Ҷ. Лич ба усули фарқ кардани аломатҳои муқаррарӣ ва нодурусти забони адабиёти бадеъ асос ёфтааст. Ӯ меъёрҳои парадигматикӣ ва синтагматикиро аз меъёрҳои лексикӣ ва грамматикии забон муайян кардааст.

И.Р. Галперин таснифоти худро ба равиши сатҳӣ асос дода, се гурӯҳро, яъне воситаҳои экспрессивии фонетикӣ, лексикӣ, синтаксисӣ ва услубӣ муайян кардааст.

Техникаи Ю.М. Скребнев омезиши усулҳои тақсимоти парадигматикӣ ва синтагматикии Ҷ.Лич ва равиши сатҳии Галперинро нишон медиҳад. Вай фонетикаи парадигматикӣ ва синтагматикӣ, морфология, лексикология, синтаксис ва семасиологияро таҳия кардааст.

Таҳлили забони асарҳои бадеӣ аз давраҳои қадим бо тақсим кардани воситаҳои услубӣ ба тасвирӣ (тропҳо: метафора, метонимия, гипербола, литот, ирония, парафраз ва ғ.) ва тасвири бадеӣ (шаклҳои нутқ: инверсия, риторикӣ) гузаронида мешавад. савол, сохторҳои параллелӣ, контраст ва ғайра) Дар марҳилаи кунунӣ, бисёр муҳаққиқон қайд мекунанд, ки воситаҳои визуалиро метавон ҳамчун усули парадигматикӣ тавсиф кард, зеро онҳо ба ҷамъи калимаҳо ва ибораҳои интихобкардаи муаллиф бо калимаҳои дигаре, ки дар матн ифода нашудаанд ва барояшон афзалият дода шудааст, асос ёфтаанд. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ воситаи экспрессивӣ-синтагматикӣ мебошанд, зеро онҳо ба танзими хаттии қисмҳо асос ёфтаанд.

Дар баробари воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, воситаҳои услубии мавзӯиро бояд зикр кард. Мавзӯъ инъикос дар кори адабии соҳаи интихобшудаи воқеият аст. Дар илми муосири забоншиносӣ равиши нав ба тафсири воситаҳои тасвирӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар он зиддияти байни меъёр ва берун аз меъёр мухолифи асосии услубӣ мегардад. Ю.М. Скребнев барои ин ҳолат истилоҳҳоро, ки ба таври анъанавӣ ифода мекунанд ва вазъиятро ифода мекунанд, пешниҳод кардааст.

Хулоса таҳлили таснифоти мавҷудаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва усулҳои услубӣ имкон медиҳад, ки иерархияи дилхоҳро дар асоси зарурати омӯзиши маводи муайяни забон интихоб намоем. Интихоби худи воситаҳои услубӣ метавонад аз рӯи матни бадеӣ, ки барои тадқиқоти забоншиносӣ-услубӣ гирифта шудааст, муайян карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 462 с.
2. Арнольд И. А. Стилистика. Современный английский язык / И.А. Арнольд. – М.: Флинта; Наука, 2002. – 384 с.
3. Гальперин И. Р. Очерки по стилистике английского языка / Гальперин И. Р. – М.: Издательство литературы на иностранных языках, 1958. – 459 с.
4. Гуревич В. В. English Stylistics. Стилистика английского языка / Гуревич В.В. – М.: Флинта; Наука, 2008. – 72 с.
5. Знаменская Т.А. Стилистика английского языка. Основы курса / Т.А. Знаменская. – М.: КомКнига, 2006. – 224 с.
6. Казакова Т.А. Художественный перевод. Теория и практика / Т.А. Казакова. – СПб., 2006. – 536 с.
7. Марченко Т.В. Эмоционально-образный и оценочный потенциал эпитетов: переводческий аспект // Филологические науки. Вопросы теории и практики / Т.В. Марченко. – Тамбов: Грамота, 2013. № 10 (28). С. 118-121.
8. Москвин В. П. Выразительные средства современной русской речи: тропы и фигуры / В. П. Москвин. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 248 с.
9. Оболенская Ю.Л. Художественный перевод и межкультурная коммуникация / Ю.Л. Оболенская. – М., 2006. – 336 с.
10. Скребнев Ю. М. Основы стилистики английского языка / Ю.М. Скребнев – М.: Астрель; АСТ, 2000. – 218 с.
11. Степанова И. В. Стилистика английского языка / И.В. Степанова. – Челябинск: Изд-во Челяб. гос. ун-та, 2012. – 188 с.

ВИЖАГИҲОИ УСЛУБӢ-ЛЕКСИКИИ ВОСИТАҲОИ ЗАБОНИИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ОСОРИ С. АЙНӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф вижагиҳои услубиву лексикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, мавқеъ ва истифодаи онҳоро дар асари бадеӣ, ба хусус дар осори Садриддин Айнӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Зимни таҳлилҳои муаллифи мақола маълум мешавад, ки воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Устод Айнӣ мавқеи калон дошта, ҳатто дар истифодаи онҳо аввалин нависанда ба ҳисоб меравад. Дар осори Садриддин Айнӣ воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ба чанд навъ омадаанд ва асарро ҷаззобтар гардондаанд. Бинобар ин онҳо истилоҳоти гуногун ном бурда мешаванд: ***Метафора*** *– навъи вожаҳоеанд, ки ба ҷойи як калима калимаи дигарро истифода намуда, маънои маҷозӣ медиҳанд ва ғ. Ҳамчунин тасвир муқоиса, гипербола ва дигарҳо дар осори С. Айнӣ мавқеи калонро касб менамоянд.*

Калидвожаҳо: *вижагӣ, тасвир, лексикӣ, нависанда, забоншиносӣ, муҳаққиқ, бадеӣ, усул, илмӣ, услуб.*

СТИЛИСТИЧЕСКО-ЛЕКСИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЯЗЫКОВЫХ СРЕДСТВ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ОПИСАНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ С. АЙНИ

В статье автор исследует стилистические и лексические особенности языковых средств художественного описания, их положение и использование в художественном произведении, особенно в творчестве Садриддина Айни. При анализе статьи становится ясно, что лингвистические средства художественного описания занимают значительное место в творчестве Устода Айни, и даже в его использовании он является первым писателем. В произведениях Садриддина Айни лингвистические средства художественного выражения представлены в нескольких формах, что сделало их более привлекательными. Поэтому их называют разными терминами: ***Метафора*** *- это тип слов, в которых используется другое слово вместо одного для передачи переносного значения и так далее. Есть также* ***сравнение, олицетворение, гипербола*** *и др. В работе С. Айни занимает достойную позицию.*

Ключевые слова: *особенности, описательный, лексический, писатель, лингвист, исследователь, художественный, методический, научный, стиль.*

VIEW TO THE KINDS OF DESCRIPTIONS EXPRESSIONS OF SADRIDDIN AINI'S HERITAGE AND THEIR TRANSLATION INTO ENGLISH

In the article, the reseaches explores the stylistic and lexical features of the linguistic means of artistic description, their position and use in a work of art, especially in the work of Sadriddin Aini. During analyzing, the author of the article, it becomes clear that linguistic means of artistic description occupy a large place in the work of Sadriddin Aini, and even in its use he is the first writer. In the works of Sadriddin Aini, linguistic means of artistic expression are presented in several forms, which made them more attractive. Therefore, they are called different terms: Metaphor is a type of word that uses another word instead of one to convey a figurative meaning, and so on. There is also comparison, personification, hyperbole, etc. In the work of S. Aini occupies a large position.

Keywords: *particularity, descriptive, lexical, writer, linguist, researcher, artistic, methodical, scientific, style.*

Сведения об авторе:

Гафорова Тахмина Сатторовна *- старший преподаватель кафедры иностранных языков Академии управления при Президенте Республики Таджикистан, Тел.: (+992)907854411, E-*

mail: gafarovatahmina2020@gmail.com

About the author:

***Gaforova Takhmina Sattorovna** - Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages of the Academy of Management under the President of the Republic of Tajikistan, Phone.: (+992)907854411, E-mail: gafarovatahmina2020@gmail.com*

СЕМАНТИКА И СТРОЕНИЕ НЕЧЛЕНИМЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ И ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ОБОРОТОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Урозов Б.Х.

Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Одной из основных особенностей преподавания русского языка в национальной школе вызвано потребностями межнационального общения. Изучение русского языка и литературы как формы межнационального общения является актуальным сейчас и литературные связи Республики Таджикистан с Россией продолжаются. Это показывает необходимость к высоким требованиям к уровню его преподавания изучения нечленимых предложений современного русского языка в национальной школе, которая и сейчас продолжает исследование различных проблем изучения нечленимых предложений в современном русском языке.

Общению читателей различных национальностей, его контакт в сфере культурной, и экономической деятельностей, безлесной формы и невозможности с переводной, без составления трехъязычных словарей самой различной характерной формы (тематической, фразеологической, синонимической и т.п.). поэтому совершенно очевидно, что нечленимые предложения имеют очень много теоретического значения.

«В развитии человеческой формы еще не было случая, - пишет Алексеев А.Н., - когда бы шла такая большая сосредоточенная работа над двуязычными словарями на почве общения с одним и тем же основным для всех источником – русским литературным языком» [1, с.17].

Основной часть: Нечлемимых предложений (теории и практикой составления словарей) появились за несколько лет до современного периода. Когда появились различные теории нечлемимых предложений.

В практической грамматике появились особые отрасли – учебная грамматика. Особую роль в эту область грамматики внесли такие ученые, как: В.В.Виноградов, Л.В. Щербо, Н.М. Шпанский, С.И. Ожегов, П.Н. Денисов, В.В. Морковник и другие.

В.В.Виноградов писал: «В форме изданиях в начале XX века книгах и монографиях издается определения год опубликованных «понятию учебного метода грамматикой современного русского языка », показывают различные его формы, сравнительной характеристики учебника современного русского языка» [2, с.88].

Имеются разновидности учебника современного русского языка, как:

1) Методической направленности и характеристика совершенствования учебника с нечлемимых предложений;

2) Выбор языковой проблемы

3) Структура и грамматический строй учебного материала: как раз и показывают виды учебного материала по грамматике современного русского языка – «грамматикой формы обучения и совершенствование грамматикой нечлемимых предложений .

Неполные предложения показывают, что одного из основных членов предложения учебного метода грамматики является «развитие других форм предложения нарастающего развития нечлемимых предложения. Например .

А. Шарафиддинов перевел на таджикский язык нечлемимые предложения:

«- Бисёр ғамгин! – охиста гуфт Дориан Грей, аз сурати худ чашмашро дур накарда.- Бисёр гамгин! Ман мубориза бурда калон шуда бисёр безеб мешавам, аммо сурати манн чавон мемонад. Вай хеч вакт калон намешавад, хамчун ин рузи июн… Ой агар ин кафо мегашт! Агар ин сурат пир мешуд, аммо ман чавон» мемондам! Барои ин … Барои ин ман хамаи чизро медихам. Ягон чизро нигох намедоштам! Чонамро медодам!» [4, с.37].

Неполные предложения относятся к факторам, активно воздействующим на общий уровень восприятия языкового материала. Это указывает на возможность обработки принципов формирования неполных предложений, отбора материала, их структуры, лингвистического и методического освещения. Нечлемимые предложения по отношению к изучающим второй язык в определенной степени выступает в роли преподавателя другого языка, который показывает

различные формы .

Таким образом, развитие основополагающих форм неполных предложений методов создания учебника по современному русскому языку и структура учебника по различным формам н членимых предложениях в частности, выявление наиболее рационального признака построений был и находят в настоящее время в книге современного русского языка и являются одним из значимых форм грамматики современного русского языка .

Например нечлемимых предложений на таджикский язык:

Перевод Эмиля Муллокандова на таджикский язык:

Онхо лангон- лангон аз канори нишеби нахр поин мефуромаданд ва касе, ки аз пеш мерафт, як бор ба санге пешпо хурда калавида монд. Хар ду хаставу монда ва аз модор рафта буданд ва дар чехраи онхо он аломати такдир тандихи, ки дар окибати азият ва тангихои зиёде пайдо мешпавад, накш баста буд. Хар кадоме дар пушти худ халтаи вазнини пур аз чихоззои гуногун дошт, ки бо тасмахо баста шуда буд. Дар дасти хар яке яктоги милтик буд. Онхо бо комати хамида, сархоро поин андохта ва чашмро аз замин духта рох мерафтанд.

- Чи хуб мешуд, агар аз он тирхое, ки дар ниҳонгохи худ рост карда монда будем, - гуфт яке аз онхо.

У бепарвоёна гап мезад ва овозаш хушки беобуранг буд ва хамрохаш,ки нав ба оби ширбарин сап- сафеди дар руи хурсангхо кафккунанда пой монда буд, ба сухани вай чавобе нагуфт.

Дуйумин низ аз паси он ба об даромад. Онхо пойафзолхои худро наканиданд; об яхбарин хунук буд, чунон хунук буд, ки пойхошон ва хатто ангуштони пойхо аз хунуки карахт шуданд. Дар баъзе чойхо об то ба зону мерасид, хар хардуяшоннхам дар хар кадам таккон мехурданд ва ба зур ба по меистоданд [1, с.83].

Грамматика русского языка показывает, что учебники три язычные книги для развития опыта студентов в отличие от других учебников, уделяет внимание методической модели развития современного русского языка..

В настоящее время появились всевозможные учебники, которые показывают всяческое развития нечлемимых предложений в преподавании русского языка, но наблюдение дает понять, что у студентов ограничен словарный запас.

Например на таджикском языке звучит таким образом:

Перевод на таджикский язык:

Касе ки аз акиб меомад, дар руи санги тахте гечида кариб буд, ки галтад, лекин тамоми кувваташро ба як чо гун карда ба по истода ва аз зурии дар сахт фарёд зад. Зохиран сараш гашт,ки калавиду дасти холиашро ба хаво бардошт, гуё мехост бо ин харакати худ такягохе дар хаво ба даст дарорад. Комати худро рост карда,ба пешкадам партофт, лекин боз калавид ва боа зобе аз афтидан боздошт. Он гох вай боз истода, ба он кас, ки аз пеш рафта ва боре хам ру ба тарафи у нагардонда буд, назар андухт.

Дакикае дар чои худ бехаракат истод, гуё бо худ дар маслихат буд, дар охир фарёд зад:

- Хой билл, гуш кун, поям баромадаги барин.

Аммо Билл дар рохи худ давом карда, хамчунон аз оби шир барин сафед лангон- лангон кадам мемонд. У ягон бор хам ба акиб бар гашта нигох накард. Дуйуми шуда истодани уро дида чашм аз у намеканд ва хар чанд чехрааш монанди пештара чизе ифода намекард, вале акнун чашмони гамгинаш чашмони охуеро мемонд, ки мачрух гашта бошад.

Билл аллакай ба он канори дарё расида пеш рафтан мегирифт. Дуйумин, ки хануз дар даруни об буд, аз кафои у ниох карда истод. Лабонаш сахт ларзида ва муйлаби дурушти зардаш хам боло чахидан гирифт. Лабони хушкшудаашро бо нуги забонаш тар кард:

- Билл! Гуён бонг зад.

Ин фарёд фарёди имдодчуёнаи шахсе буд, ки гирифтори фалокате шуда бошад, вале Билл нигох накард. Рафикаш чашм ба паи Билл духт, ки вай бо кадами нохамвор пешпо хурда- -пешпо хурда лангон- лангон аз нишеби бафароз баромада, ба суи хатти норавшани уфук, ки рафта – рафта гуё бо тали пасте мепайваст, мерафт. У то даме нигох карда истод, ки Билл аз тегаи тал гузашта аз назар гоиб гашт. Дар ин дам вай руяшро гардонда, он кисми оламро, ки у пас аз рафтани Билл дар он яккаву танхо монда буд, аз назар гузаронд.

Дар канори уфук хира- хира офтоб метофт, ки гирди онро ғубор ва тумани гализи вазнини пардавор печонида гирифта буд. Вай ба як пои сихаташ такя карда, соаташро аз кисса баровард. Соат хозир чор буд. Ду хафтаи охир у хисоби рузу мохро гум карда буд: тахминан медонист, ки холо ё охири моҳи илю аст ва аввали моҳи август; лекин хамин кадараш ба у маълум буд, ки офтоб бояд дар шимоли ғарб бошад. Ба тарафи чануб нигох карда аз фикраш гузаронид, ки дар ин талхои хузнангез Кули Хирси калон вокеъ аст инчунин медонист, ки ба хамон су аз миёни биёбони хушк ва урёни Канада роҳи хавлангези доираи қутби шимоли мегузарад. Чуё ки у дар он истода буд, шохае аз нахри Коппермайн буд ки ин нахр низ ба тарафи шимол чори буда, оби худро бурда ба халичи

Коронасия ва аз он чо ба Укёнуси Яхбстаи Шимоли мерезад. Худаш хеч вакт дар он ҷойҳо набуд, лекин боре хамаи инро дар харитаи ширкати халичи Гудзон дида бүд.

Он кисми оламро, ки дар он акнун яккаву танхо монда бүд, боз як бор аз назар гузаронд. Манзара манзараи ношоде бүд. Пайваста ба уфук талхҳои пасте кашол мешуданд, ки хатти якранги мавчмонанде ташкил медоданд. На як дарахте ба назар менамуд, на бүттазоре ва на акаллан гиёхе,- ғайр аз биёбони беканори хавлангез чизе дигар ба чашми вай вонамехурд, - ба дилаш вахм афтида, дар чашмонаш тарсу харос хувайдо гардид.

- Билл! Билл!- такрор мекард у пичиросзанон.

Вай дар миёни оби лойолуди чуй диккат нишаст, гуё биёбони бепоён, ки дар атрофи у вокеъ бүд, бо як кувваи беандоза уро фишор дода, бо хашамату хайбату оромонаи худ ба дили у вахм андохта бошад, у табу ларз гирифтаги барин дарак- дарак ларзидан гирифт ва милтик аз дасташ баромада шаластзанон ба даруни об афтид. Ин садо уро ба хуш овард. Тарсу вахмро аз худ дур карда ба худ омад ва хам шуда даст- дасткунон милтикро аз даруни об пайдо кард, баъд халтаро наздиктар ба тарафи китфи чапаш кашид, то ин ки вазнинии бор ба пои дарднокаш камтар таъсир кунад, ниҳоят охиста ва бо тарафи сохил харакат кард.

Ӯ беист рафтан гирифт. Бо як катъияти навмедонае, ба дарди пояш ахамият надода, бо шитоб рафта ба болои тал баромад, ба болои хамон тале, ки андаке пеш Билл аз он гузашта, нопадид шуда бүд; гашти худи у хам аз гашти Билл, ки лангида- лангида базур ба болои тал мебаромад, боз хам хунуктар ва хандаовартар бүд. Дар он тараф тал дарае бүд ва дар он хеч кас набүд. Уро боз тарсу вахм пахш карда, лекин ин дафъа хам онро аз худ дур карда, халтаашро ба китфи чапаш наздиктар кашида, лангон- лангон поин фаромадан гирифт» [3, с.56].

Заключение

Таким образом, надо отметить, что неполные предложения – это предложения, в которых пропущен член предложения, необходимый для полноты строения и значения данного предложения. Пропущенные члены предложения могут восстанавливаться участниками общения из знания ситуации, о которой идёт речь в предложении.

Например, если на остановке автобуса один из пассажиров, посмотрев на дорогу, скажет: «Идёт!», остальные пассажиры легко восстановят пропущенное подлежащее: Автобус идёт.

Пропущенные члены предложения могут восстанавливаться из предыдущего контекста. Такие контекстуально неполные предложения очень частотны в диалогах.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алексеев А.Н. Современный русский язык. / А.Н. Алексеев - М.: Наука, 2015.- 387 с.
2. Виноградов В.В. Различные формы неполных предложений. / В.В.Виноградов - М.: Наука, 2015.- 387 с.
3. Муллокандов Э. Муйсафед ва бахр.- тарчума / Э.Муллокандов // Садои Шарк.-№4.-2014.- С.56-57
4. .Шарофиддинов А. Бахри калон.- тарчума.- Садои Шарк.-№ 5.- 2015 с.34-35
5. Яковлев С.Н. Современный русский язык.- М.: Наука, 2017.- 276 с.
6. Ябусов А.Н. Развитие неполных предложений в русском языке.- М.: Наукк, 2919.- 287 с.

СЕМАНТИКА И СТРОЕНИЕ НЕЧЛЕНИМЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ И ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ОБОРОТОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье автор исследует семантику и строение нечленимых предложений и фразеологических оборотов в русском и таджикском языках. Автор статьи на основе обширного материала показывает семантику и строение нечленимых предложений и фразеологических оборотов в русском и таджикском языках.

Одна из основых особенностей преподавания русского языка в национальной школе вызвано потребностями межнационального общения и изучения русской литературы как формы. Межнациональное общение является актуальным сейчас и литературные связи Республики Таджикистан с Россией продолжаются. Это показывает необходимость высоких требований к уровню его преподавания, изучения нечленимых предложений современного русского языка в национальной школе, которая и сейчас продолжает обзор различных проблем изучения нечленимых предложений в современном русском языке.

***Ключевые слова**: Строения неполных предложений, тематические, фразеологические, русский и таджикский языки, форма, метод.*

СОХТ ВА СЕМАНТИКАИ ҶУМЛАҲОИ НОПУРРА ВА ИБОРАХОИ РЕХТА ДАР ЗАБОНҲОИ РУСИ ВА ТОҶИКИ

Муаллиф дар ин мақола семантика ва сохтори ҷумла ва ибораҳои фразеологиро дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллифи макола дар асоси материалхои васеъ

семантика ва сохти чумлахои бетаъсир ва гардишхои ибораҳои рехта дар забонхои руси ва точики нишон додааст.

Яке аз хусусиятхои асосии таълими забони русӣ дар мактаби миллӣ аз эхтиёчоти муошрати байни миллатхо ба миён омада, омузиши адабиёти рус хамчун шакли муошрати байни миллатхо дар айни замон актуалӣ пайдо карда, робитахои адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия мебошад. Ин зарурати талаботи баландро нисбат ба дараҷаи таълими ӯ оид ба омузиши ҷумлаҳои бетаъсири забони русии муосир дар мактаби миллӣ нишон медихад, ки холо хам проблемахои гуногуни омузиши чумлахои беэътибор дар забони русии муосирро нишон медиханд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки калимаву ибора, ҷумлаи содда ва ҷумлаи мураккаб воҳидҳои муҳимтарини наҳвии ҳар як забони муқоисашаванда ба шумор рафта, ҳамарӯза мавриди омӯзиш ва пажӯҳиши омӯзандагони ин забон ба таври васеъ истифода мегардад. Зеро калимаву иборавоҳидӣ махсуси наҳв набошад ҳам, вазифаи худро маҳз дар таркиби ибора ва ҷумла иҷро менамояд, вай дар ташкили воҳидҳои махсуси наҳв фаъолона иштирок менамояд. Калимаи мустақил мувофиқи имконияти луғавию грамматикии дигар калимаҳоро ба худ тобеъ менамояд ва ба онҳо тобеъ мешавад ва ба ин восита таркибҳои наҳвиро созмон медиҳад. Калима шаклҳои гуногун дорад, ки дар ташкили ҳама воҳидҳо ва категорияҳои наҳвӣ иштирок менамоянд.

Ибора дар ҳарду забон ҳам аз ду ва ё зиёда калимаи мустақил маъно бо роҳи алоқаи тобеъ ташкил меёбад. Ибора дар ҷумла ҳамчун материал истифода мешавад. Н.К. Качалова ва Е.Е. Израилевич қайд меномоянд, ки *«Аз ин рӯ, ибора мисли калима танҳо бавоситаи ҷумла ба системаи воситаҳои коммуникативии забон дохил мешавад. Ибора мисли калима ба гурӯҳи воситаҳои номинативии забон дохил шуда, муносибати байни предмету ҳодиса ва аломату амалро мефаҳмонад. Ибора баръакси калима мафҳуми ба қисмҳо ҷудошавандаро ифода менамояд. Ҷузъҳои ибора дар шакли калима воқеъ мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо дорои аломатҳои грамматикии калима мебошанд. Ин мустақилияти грамматикӣ имконият медиҳад, ки дар байни ҷузъҳои ибора дигар калимаҳои эзоҳдиҳанда дохил шаванд. Инчунин абстрактсияи калима аз абстрактсияи ибора хеле баланд аст*». [14, с.85].

Чӣ тавре, ки қайд кардем ибораҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба амсоли *noun phrases - ибораҳои исмӣ,* дили модар-*the heart of mother*, дарахти зардолу-*the apricot tree, adjective phrases - ибораҳои сифатӣ,* духтари зебо- *the beautiful girl,*ҷавони нозук-*the tender young, numeral phrases-ибораҳои шуморагӣ,* соли 1917-*the 1917 year*, рӯзи бистум-*twenty days*, роҳи сеюм-*the third way, pronoun phrases-ибораҳои ҷонишинӣ,* хонаи мо-*our home,* марҳамати шумо-*you are wellcome,* фармони ӯ-*his order, verb phrases - ибораҳои феълӣ* фурсати рафтан-*the time going* , ёрони рафта, ғайрати гапзадан, ҷавонии гузашта-*the passing younger.For example: He is standing near a wall*- Вай дар наздикии девор истодааст. Резник Р.В. ва диг қайд менамоянд, ки «*Ибораҳои исмӣ дар навбати худ бо дигар ҳиссаҳои номии нутқ аз он ҷумла бо худи исм, сифат, шумора, ҷонишин омада, ибораҳои исмӣ бо исм, ибораҳои исмӣ бо сифат, ибораҳои исмӣ бо шумора, ибораҳои исмӣ бо ҷонишинро ташкил медиҳанд*» [13, с. 87-88].

Дар забони тоҷикӣ гурӯҳи калони ибораҳоро ибораҳои исмӣ ва ибораҳои сифатӣ ташкил медиҳанд, лекин дар забони англисӣ бошад, гурӯҳи калони ибораҳоро фақат ибораҳои исмӣ ташкил

медиҳанду халос.

Маълум аст, ки калимаву ибора мавзӯи баҳси (наҳв саҳв) синтаксис, морфология ва лексикология аст. Вале аз таърифҳои болоии ҷумла ва ибора бармеояд, ки он инчунин мавриди омӯзиши наҳви ҳам будааст. Гап дар сари он аст, ки як калимаи ҷумла ва ибора ҳам шуда метавонистааст. Мисол: *«Fire»* ҳамчун калима ҳодисаи мушаххас, яъне сӯхторро номбар мекунад. Ғайр аз ин, *«Fire !»* бо оҳанги хитобӣ чун ҷумла амал мекунад ва мефаҳмонад, ки касе дар бораи ба вуқуъ омадани сӯхтор хабар дода истодааст. Тафовути байни ду навъи истифодаи вожаи *«Fire»* дар он аст, ки дар ҳолати аввал он калимаи бе оҳанг ва дар мавриди дуюм бо интонатсияи махсус талаффӯз карда шуд. Бинобар ин, оҳанг, яке аз воситаҳои муҳими ташаккули ҷумла ва ибора будааст. Аз ин рӯ, ақидаи фавқулода дар хусуси аз як калима низ таркиб ёфта тавонистани ҷумла дуруст менамояд. Вале таърифи Брянский К., ки зарурияти мавҷуд будани феълро дар ҷумла шарти асосӣ мешуморад, мақбул нест, зеро дар ҷумлаи *«Fire!»* феъл мавҷуд нест, бо вуҷуди он аз ҷумла будани он касе шубҳа карда наметавонад». [4, с. 98].

Дар наҳв ғайр аз ҷумла ибора низ мавзуи баҳсҳои доманадор ва бисёрҷанба гаштааст. Яке аз олими шинохтаи тоҷки П.Дж. Джамшедов ин мафҳумро возеҳ ва фаҳмо шарҳ додааст, яъне ба ҷои вожаи «ибора» истилоҳи «гурӯҳи калимаҳо»-ро *(word-groups)* истифода бурдааст. + нишон додаст, ки «гурӯҳи калимаҳо»- ин маҷмӯи калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати грамматикӣ ва мантиқӣ ба ҳам алоқаманд буда, вале ҷумларо ифода намекунад [6, с. 89] . П.Дж. Джамшедов дар хусуси се қатор калимаҳо сухан ронда, гурӯҳи калимаҳои *«terribly cold weather»*- ро таҳлил намудааст. Дар инҷо *«weather»* калимаи асоси, *«cold»*- калимаи дуюминдараҷа ва *«terribly»*-вожаи сеюминдараҷа номида шудааст, яъне калимаҳо дараҷа ба дараҷа байни ҳамдигар алоқаи иртиботӣ пайдо намуда, барои ифодаи мафҳуми муайян хизмат мекунанд. Бинобар ин, П.Дж. Джамшедов се катори калимаҳои ба ҳам алоқамандро ҷудо мекунад.

Бояд қайд кард, ки ибора дар ҷараёни нутқ ташаккул ёфта, барои ҷумласозӣ чун масолеҳ хизмат мекунад. Чунин созмонҳоро ибораҳои озоди наҳвӣ меноманд. Ғайр аз чунин ибораҳо, ибораҳое низ ҳастанд, ки дар забон чун масолеҳи тайёр арзи вуҷуд мекунанд. Муқоиса кунед: *to kill the bear - хирсро куштан* (ибораи озоди наҳвиест, ки дар ҷараёни нутқ ташаккул меёбад); *to kill two birds with one stone - бо як тир ду нишон задан* ибораи тайёри фразеологӣ аст, ки он дар забон дар шакли тайёр истифода мегардад ва маънои он ба соҳибзабонон маълум аст. Аз ин рӯ, ибораҳои озоди синтаксисиро аз ибораҳои фразеологӣ бояд фарқ кард. Мавзӯи баҳси грамматика ва алалхусус синтаксис иборахои озоди синтаксисӣ мебошад. Ибораҳои навъи дуюмро қисмати дигари илми забоншиносӣ «Фразеология» меомӯзад.

Дар байни ибора ва ҷумла, ки ҳар ду воҳиди синтаксисӣ ҳастанд, фарқи куллӣ мавҷуд аст: 1) Ибора вазифаи номбаркунӣ, вале ҷумла вазифаи коммуникативӣ дорад. Мисол: *a cold winter – хунукии зимистон* чун ибора ҳодисаи табиат, яъне зимистони хунукро номбар мекунад. *I like cold winter* бошад, фикрро ифода менамояд. Дар ҳолатҳои муайян, яъне ҳангоми бо оҳанги лозима талаффуз кардани ибора он низ ба ҷумла табдил меёбад ва ифодакунандаи фикрро муайян менамояд. Мисол: *«Land of Modern. I don't rememder hearing of it before»* [8, с. 21]. Дар ин ҷо *«Land of Modern»* ҷумлаи унвонӣ аст. 2) Ибора аз ҷумла боз бо он фарқ мекунад, ки ҷумла дорои оҳангӣ муайян аст, вале ибора интонатсия надорад; 3) Ҷумла хосияти предикативӣ дорад, вале предикативият ба ибора хос нест. Аз рӯйи диди Б.А. Ильиш предикативият муносибати мазмуни гуфтор ба воқеият аст. Воқеият фарогири се чиз мебошад: шахс, замон ва модалият. Аз ин хотир ба предикативият метавон инчунин таърифи зеринро мақбул донист: «Предикативият – ин муносибати мазмуни гуфтор ба шахс, замон ва модалият аст.» Яъне ҳар гуфтор дар хусуси шахсе ё чизест ва он дар ягон замон ё вақти муайян ба вуқуъ меояд ва инъикоси воқеъият аст; 4) Ҷумла вазифаи мухобиравӣ (хабар расонидан ба ҳамдигар)-ро дорад, яъне гуфтор аст, вале ибора гуфтор нест, балки номи мафҳумҳои мураккаби олами моддӣ мебошад.

Барои ташаккули ибора ва ҷумла воситаҳои гуногуни алоқа мавҷуданд, ки маъмултаринашон инҳо мебошанд: 1) алоқаи пайваст; 2) алоқаи тобеъ; 3) алоқаи предикативӣ. Дар алоқаи пайваст элементҳо ва ё унсурҳои алоқаманд чун ҷузъҳои мустақил, баробарҳуқуқ амал мекунанд ва ба ҳамдигар тобеъ нестанд. Мисол: *The old couple ran the store and lived in it. They were not slaves, not chattels.* Дар алоқаи тобеъ яке аз ҷузъҳои асоси буда, ҷузъи дигар ба он тобеъ аст ва онро шарҳ медиҳад: *The old doctor heard the clock striking midnight. He bought an interesting book.* Дар алоқаи предикативӣ байни мубтадо ва хабар алоқаи мантиқӣ мавҷуд аст. Мубтадо ба дорандаи аломати предикативӣ далолат кунад, хабар дар бораи он предмет, хосияти он маълумот медиҳад: *Miss Helstone was slow. He lives here.*

Ғайр аз ин, дар созмонҳои навъи *Nominative with the Infinitive, Nominative with the participle, Accusative with the infinitive ва Accusative with the participle* алоқаи предикативии дуюмдараҷа мушоҳида карда мешавад, ки инро Л.С.Бархурдаров муносибати предикативӣ ва В.Д. Аракин муносибати сотсиативӣ – предикативӣ номидаанд. Мисол: 1) *He listend to his uncle talking to him.* Дар

ибораи *uncle ва talk I felt Matty touch me on the shoulder* . Инҷо дар байни *Matty* ва *touch* алокаи предикативии дуюминдараҷа ҷой дорад. Ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки ибораҳо ва роҳҳои корбурди онҳо дар грамматикаи ҳар ду забонҳо хеле ҳам фаррох ва доманадор буда, дар сохтани ибораҳои нав ба нав нақши муҳимро мебозад. Зеро ибораҳо дар забон нақши худро доро буда, барои сохтани ибораҳои маъмул бо ҳамоҳангии дигар ҳиссаҳои номии нутқ пайвастагии зич дорад.

Аз ин рӯ, метавон ба хулосае омад, ки дар омӯзиши ибора ва иборасозӣ барои равшан намудани масъалаҳои мухталифи илми забоншиносӣ ва осори он аҳамияти амалӣ ва назариявиро мавриди баррасӣ қарор дод. Бояд зикр намуд, ки омӯзиши ибораҳо дар забоншиносии забони англисӣ аз рӯйи чанд равия анҷом пазируфтааст, ки яке аз ин равияҳо омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ зимни таҳқиқи забон ва услуби ин ё он адиб дар асоси осори ӯ мебошад. Тавре маълум аст, хусусиятҳои сохторӣ ва муносибати ҷузъҳои таркибии онҳо ба маҷози хусусиятҳои семантикӣ мавриди баррасии муфассал қарор мегиранд. Дар ин раванд, сухан асосан дар бораи масоили марбут доир ба ибора ва навъҳои он дар забонҳои муқоисашаванда, хусусиятҳои сохтории он, муқоисаи ибораҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, мақсади истифодабарии онҳо дар забон, хелҳои онҳо аз ҷиҳати грамматикию-фонетикӣ, услубӣ ва умуман роҷеъ ба сохти таркибии ибора ва иборасозӣ мавриди таҳқиқу пажӯҳиши дуҷонибаи хеш қарор гирифтааст.

Хулоса. Қобили қайд аст, ки хусусият ва вижагиҳои ибора ва иборасозӣ дар забонҳои муқоисашаванда гуногуншакл ва мухталиф буда, бисёр муаммоҳоро дар бар мегирад, ки дар мақола ба таври кушоду васеъ ҳал намудани онҳо аз манфиат холӣ нест. Хусусан дар алоҳидагӣ омӯхтани маънои ибораҳо; аниқтар таҳқиқ кардани воситаҳои муайянкунандаи маънои онҳо; ба таври муфассал таъйин кардани мавқеи ибораҳо дар жанру услубҳои гуногуни ду забон; пурратар таҳқиқ кардани ҳодисаҳои ин ба ибора табдил додани дигар ҳиссаҳои нутқ ва муносибати онҳо; чуқуртар омӯхтани вазифаҳои услубии ибораҳо ва монанди инҳо ҳоло ҳам мунтазири таҳқиқ қарор доранд.

АДАБИЁТ

1. Аракин В.Д. История английского языка. / В.Д Аракин. - Учебное пособие. - 2. изд. – М.: Физматлит, 2001.- 272 с.
2. Бархурдаров Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка. / Л.С. Бархурдаров. –М.: Наука, 1975. – 298 с.
3. Брянский К. История английского языка. / К.Брянский. – ТТ. I, II. – М.: Высшая школа, 1955. – 421 с.
4. Джамшедов П.Дж. Очерки о сопоставительном изучении английского и таджикского языков. / П.Дж. Джамшедов Учебное пособие. –Душанбе, 1988. -150 с.
5. Каушанская Л. В. Грамматика английского языка. / Л.В. Каушанская. –М.: Высшая школа, 1985. – 431 с.
6. Качалова Н. К., Е.Е. Израилевич. Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами. /Н.К. Качалова и др. - Москва: Ладком, 2008.-345 с.

НАҚШИ ИБОРА ВА ИБОРАСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф дар бораи нақши ибора ва иборасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Дар доираи ин масъалаи пажӯҳишӣ раванди ташаккул додани ибораҳои феълӣ, роҳҳои корбурди онҳо дар илми забоншиносӣ бо хусусият ва мафҳумҳои иборавӣ дар мақолаи мазкур дарҷ гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки хусусиятҳои вижагиҳои ибора ва иборасозӣ дар забони англисӣ гуногуншакл ва мухталиф буда, бисёр муаммоҳоро дар бар мегирад, ки ба таври кушоду васеъ ҳал намудани онҳо аз манфиат холӣ нест.

Мақсади мақола *Хусусан дар алоҳидагӣ омӯхтани маънои ибораҳо; аниқтар таҳқиқ намудани воситаҳои муайянкунандаи маъноии онҳо; ба таври муфассал таъйин кардани мавқеи ибораҳо дар услубҳои гуногунии ду забонҳо; пурратар таҳқиқ намудани хусусиятҳои табиӣ забони англисӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор рифтааст.*

Натиҷаи татқиқот нишон медиҳад*, ки самтҳои асосии ташкил намудани хусусиятҳои иборасозӣ дар забони англисӣ ба таври ошкор намудани маъноии онҳо аз нигоҳи илмӣ ба таври зарурӣ таҳқиқ намудааст, ки ин раванд ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки ба масъалаҳои хусусияти нақши ибора ва иборасозӣ дар забони англисӣ бештар мароқ зоҳир намояд. Ҳадафи дигари таҳқиқот ба он равона гардид, ки барои ошкор намудани қисматҳои иборавӣ дар забони англисӣ ба таври мушаххас дар мақола аз ҷониби муаллим мавриди таҳқиқоти илмӣ дар илми забоншиносӣ баррасӣ гардид.*

Калидвожаҳо: *нақш, забони тоҷикӣ, ибора, забоншиносӣ, хусусият, маъноӣ, забони англисӣ, баррасӣ, таҳқиқ, калима, алоқа, пайваст, феъл, фразеологӣ, ҷумла, ташаккул.*

РОЛЬ ФРАЗ И ВЫРАЖЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автор исследовал роль фраз и выражений в английском и таджикском языках. В контексте данного вопроса исследования в статье описывается процесс образования

глагольных словосочетаний, способы их использования в лингвистике с указанием характера и выражений словосочетания. Следует отметить, что особенности фраз и выражений в английском языке разнообразны и многогранны, и включают в себя множество задач, открытое и широкое решение которых полезно.

***Цель статьи** заключается в изучении смысла фраз по отдельности; более точное изучение средств определения их значения; детальное определение положения фраз в разных стилях двух языков; также обсуждение более подробного изучения естественных особенностей английского языка.*

***По результатам исследования**, автор попытался изучить основные направления организации особенностей идиом в английском языке с целью раскрытия их значения с научной точки зрения, что позволило автору обратиться к природе роли идиом и идиомы, чтобы больше интересоваться английским языком.*

***Ключаевые слова:** роль, таджикского языка, фраза, лингвистика, особенность, английского языка, исследование, обследование, слова, сочинённый, глагол, фразеологий, предложение, формирование.*

THE ROLE OF PHRASE AND EXPRESSIONS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article has been researched by the author on the role of phrases and expressions in English and Tajik languages. In the context of this research issue, the process of formation of the verb phrases, ways of their use in linguistics with the nature and expressions of the phrase has described in this article.

***Purpose of the article** Especially the study of the meaning of phrases separately; a more accurate study of the means of determining their meaning; define in detail the position of phrases in different styles of the two languages; A more detailed study of the natural features of English language has been studied and discussed.*

***According to the results of the stady** In this regard, the author has tried to study the main directions of the organization of the features of idioms in English in order to reveal their meaning from a scientific point of view, which allowed the author to address the nature of the role of idioms and idioms in be more interested in the English language.*

***Key words:** role, Tajik language, phrasa, linguistics, characteristic, meaning, English language, consideration, research, word, conection, verb, phrase-ological, sentence, progress.*

Сведения об авторе:

***Хакимов Навруз Давлатмуродович** - ассистент кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имена А. Рудаки. Адрес: г. Куляб, ул. С. Сафаров 16. Тел: (+992) 918848417. E-mail: navruz.hakimov.2017@mail.ru*

About the author:

***Hakimov Navruz Davlatmurodovich** - assistant of foreign languages department of the Kulob state university by named A. Rudaki. Address: Kulob city, S. Safarov 16 street. Telephone: (+992) 918848417. E-mail: navruz.hakimov.2017@mail.ru.*

ТАСНИФОТИ ИСТИЛОҲОТУ ЛУҒОТИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Файзалиева Ф.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Сарсухан. Забон – шиносномаи ҳастии миллат ва яке аз рукнҳои асосии пояҳои пойдории давлат маҳсуб меёбад. Эҳтироми забон ва гиромӣ доштани он як омили муҳими ҳувияту хештаншиносии асил аст. Ифтихори миллӣ аз донистани забони адабӣ шурӯъ мегардад. Забони тоҷикӣ аз забонҳои бостонӣ ва соҳибхати олам шинохта шуда, зиёда аз ҳазорсолаҳост, ки ҳамчун забони асил, дар зеҳну замири мардум ҷойгузин аст. Забони миллӣ ва ҳамзамон ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад. Забони адабии тоҷикӣ барои тамоми соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ хизмат менамояд.

Дар солҳои охир омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хеле махсус пайдо кардааст, зеро давлати бузурги мо, дар тӯли аср вуҷуд дорад, аъзои бисёр ширкатҳову созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ аст ва қариб бо ҳамаи давлатҳои хориҷӣ робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангӣ дорад. Бинобар ин, ин гуна забонҳои хориҷӣ бо роҳбарии сарвари мамлакат дар макотибҳои олии кишвар омӯзонида мешавад ва мавриди омӯзиш қарор дорад.

Қисми асосӣ Ин ҳам бошад, барои омӯхтани ҳам забони хориҷӣ ва ҳам забони тоҷикӣ мусоидат мекунад, ки ба сикли фанҳои забоншиносӣ дохил кардани курси грамматикаҳои муқоисавӣ ва

мутаносибии забонҳои гуногун аз тарафи муаллимони факултети филологии мактабҳои олии мо бо хушнудӣ пешвоз гирифта шуд.

Дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик бо пеш рафтани илму техника, иқтисодиёт ва равобити байналмилалӣ миёни кишварҳои дигар мавриди омӯзиш қарор додани мавзуи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, муқоиса намудани забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо ва дуруст тарҷума намудани онҳо аз забонҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ хеле рушд карда истодааст. Муқоисаи ду забон ва зуҳуроти ин ё он ҳодисаи забон имконият медиҳад, ки забонро фарохтару дақиқтар омӯхта умумияту монандии ду забонро аз ягон ҷиҳат барои беҳтар намудани ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам рушд кардани роҳову воситаҳои намудҳои тарҷума имконият медиҳад [7, с.5].

Ба шарофати истиқлолияти кишварамон забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Ба қавли профессор С. Назарзода, «Дар ин миён перомуни таърихи забон, бурду бохти он дар асри XX, роҳҳои такомули минбаъда ва бознигариву ислоҳи иштибоҳот ва албатта вазъи истилоҳгузинии мавҷуда андешаҳои гуногун иброз гардидааст» [8, с.8]. Ин аст, ки аҳли тахассус ҳоло дар пайи тоҷикӣ намудани истилоҳоти соҳавӣ ва такмил бахшидани ин қабати таркиби луғавии забони ноби тоҷикӣ мебошанд. Месазад, ки мутахассисони ҳар як соҳаи касбу кор истилоҳоти соҳаи хешро аз нуқтаи назари пайдоиш, ташаккул ва муносибати забонӣ дарёбанд ва аз маънии дурусти онҳо огоҳ бошанд. Барои аҳли зиё ин масъала хеле муҳим аст, зеро тақдири ояндаи насли наврас дар дасти онҳо аст. Бозбинӣ аз ин масъала барои варзишгарон низ хелемуҳимму зарур мебошад.

Масъалаи тадқиқоти соҳаи гуногун дар забони тоҷикӣ масъалаи хеле мубрам ва актуалӣ ба шумор меравад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ба масъалаи мазкур дар баробари муасисаҳои илмию тадқиқотӣ, муасисаҳои гуногун, роҳбарияти кишвар ва кумитаҳои дахлдори кишвар низ таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд ва мавриди баррасии илмӣ қарор додани онро муҳим мешуморанд [2, с.43].

Дар баробари омӯхтани истилоҳ ва истилоҳшиносӣ ҳамчун як илми алоҳида, ҳамчунин омӯхтани он дар соҳаи муайян низ мавзуи хеле мубрам дар замони имрӯз ба шумор меравад. Махсусан, омӯхтани истилоҳоти соҳаи марбут ба дипломатия яке аз мавзуъҳое мебошад, ки диққати тадқиқотчиёни соҳаи забоншиносӣ ва донишҷӯёнро ба худ ҷалб намудааст. Дар тӯли 30-соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи муносибатҳои дипломатӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гаштааст, зеро мамлакати мо худ «сиёсати дарҳои кушод» -ро пеш гирифта кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки равобитҳои байналмилалии худро бо тамоми давлатҳои дунё мустаҳкам гардонад. Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон узви бисёр созмонҳову ташкилотҳои бонуфузи дунё аз қабили Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони амнияти ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони Ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳои дигар гаштааст ва бо ин васила муносибатҳои дипломатии худро рӯз то рӯз рушд дода истодааст [20, с.43].

Истилоҳот ифодагари номи ашё ё мафҳумҳои ин ё он соҳаи муайян буда, дар сурати воҳидҳои махсуси луғавие зуҳур меёбанд, ки мустақиман дар доираи ҳамон соҳа амал мекунанд. Ба таври дигар, истилоҳот луғати махсуси ягон соҳаи илму техника, санъату фарҳанг ва амсоли инҳо мебошанд, ки бо хусусиятҳои илмӣ ва қонуну қоидаҳои маъруфи худ аз вожаҳои муқаррарӣ ҷудо шуда меистанд.

Омӯхтани истилоҳоти соҳаи варзиш аз ҷиҳати лексикию грамматикӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ ва роҳҳои тарҷума намудани онҳо ба забони тоҷикӣ, муайян намудани доираи истеъмоли он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, яке аз мавзуъҳое мебошад, ки муддати солҳост ки зери тадқиқоти олимону донишмандони соҳаи забоншиносӣ гаштааст. Ба ин мавзуъ инчунин сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Дар ин маврид Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: « Яке аз масъалаҳои мубрам танзими истилоҳоти соҳавӣ ва дар маҷмуъ ба низом овардани истилоҳот, аз ҷумла истилоҳоти бахши иҷтимоӣ ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки дар замони истиқлолият таълифи қонунгузории миллӣ ба забони давлатӣ ҷиддан пайгирӣ шуда, дар ин самт таҷрибаи хуб андӯхта мешавад» [21].

Ҳар як соҳаи илм вазифаҳои муайян дорад, ки махсус ба назарияву амалия, моҳияту мундариҷаи ҳамон соҳа нигаронида шудаанд ва бе иҷрои онҳо оид ба қонунияти инкишоф ва вазъи умумии истилоҳоти он соҳа тасаввуроти амиқ назари тоза пайдо намудан аз имкон берун аст. Ин нигошта ба соҳаи варзиш дар Тоҷикистон, ки таърихи тӯлонӣ дорад, низ иртибот дорад. Ҳамаи ин водор сохт, ки қабати истилоҳоти таркиби луғавии забони тоҷикӣ чун як бахши махсуси илми забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирад. Воқеан, дар солҳои 30-юми асри XX зимни таълими асосҳои илми ҳозиразамон аз тарафи олимони ҷавони тоҷик ба ин масъала мароқ зоҳир шуд. Устод А. Деҳотӣ дар ду мақолаи худ таҳти унвони «Дар хусуси имло, истилоҳ ва забони китобии тоҷикӣ» ва «Истилоҳотро аз кучо гирем?», ки ҳамон солҳо аз чоп баромаданд, дар бобати санҷида гирифтани истилоҳот, меъёрҳои истилоҳсозӣ ва аз ҳисоби имкониятҳои худи забони тоҷикӣ такмил додани низоми истилоҳоти забони тоҷикӣ андешаҳои ҷолиб иброз намудааст.

Ӯ аз ҷумла чунин мегӯяд: «Ба масъалаи интихоби истилоҳоти илмӣ рӯовардани аҳли зиё ба ин

муносибат буд, ки дар ин давра навиштани китобҳои дарсиву дастурҳои таълимӣ доир ба фанҳои ҷудогона, аз ҷумла, забону адабиёти тоҷик, физика, математика, химия, табиатшиносӣ ва ғайра шурӯъ гардида буд, матбуоти даврӣ ба кор даромад, зарурати чопи васеи асарҳои бадеӣ, сиёсию ҷамъиятӣ, илмию оммавӣ, саҳнавию публисистӣ ва ғайра пеш омад, ки ҳамаи ин ба ҷорӣ гардидани мафҳумҳои нав дар ҳаёти сиёсию фарҳангӣ, хоҷагию иҷтимоии мардуми тоҷик оварда расонид» [20, с.76].

Дар таркиби луғавии забони англисӣ вожаҳои ифодагари соҳаи варзиш чунин мавриди истифода қарор мегиранд: авангард avant-garde, авария accident, аврак avrak, автогонк autogonka, автодром autodrome, агитатсия agitation, аждаҳоthe dragon, азартexcitement, (enticing, absorption than either) ex. sports game, айкидо aikido, аккacrow, jackdaw, rook, акробат acrobat, акробатика acrobatics, акт act, ақвиё strong, ақво (strong and stronger against the opponent, аллюр allure, аловпарак playing with fire, алпинизм mountaineeng, алпинистclimber, алфахтан stash, accumulate, collect, алюри тез alluri fast (fast horse trail), амреслингamresling, ангуштарбозӣ ring player, ангуштпӯшак thumb, антропометрияanthropometer, арабеск arabesque, арғунчак rope (to swing on a swing), ардавонardavon, арена arena, армағон armagon, арса scope (sports field, race field), аспарисasparagus, аспгирак horse racing, аспдавакӣ races, аспдавонӣ horsemen, аспи сабуктак a fast horse, аспраз scope, аспрасб scope, аспрасф scope, асптозhorse races, аспу фарзин ниҳодан put a horse, ассиметрия asymmetry, ассистентassistant, атакаattack, атлетика athletics, аут out, афиша poster, афзол preferable, ахлакандувmorality, аҳадӣ ahadith, аҳвом the team of athlete, бадан the body, бадминтон badminton, базаbase, байдарка sports boat, бакен goal, балл score, баланс balance, банд rope, бандаж bandage, барер barrier obstacle, бассейн pool, баоҳусаворшудан to be judged, irony, ба ҳуҷумгузаштан to attack, ба ҳарифҳавододан to give air to an opponent, байдақ foot in a game of chess, байдарка ва каное rowing, байрақча flag, бактар-багтарiron shirt, бакук bakuq, бакуна bakuna, бакунак bakunak, баландгарак higher, баландпарак tall, бандбоз bandit, racer, бандбозӣ walking a tightrope, бандбозӣ tightrope, бандкашакbandwidth, баҳодур brave, бапаҳлӯ sideways, барангехтанto motivate, барга short peak, барҷос range for archery, бармачидан thumb, баскетбол basketball, баттерфлей butterfly, башк running and lying, бакқабозӣ gardening, беггun, бегунrunaway, белак-байлак-беларaddle(arrow and shovein the ln the form of a shovel), белзан two arrows in shooting, белча savoca, беостин sleeveless, беҳуш unconscious, биатлонbaitlon, бивак residence, бидав run, (running horse), билярдbilliards, бин bandage, бит bit, биссепс biceps, бич whip, бишкулӣ vigilance in sport, блок block, блокировка blocking, блокирующий blocking, бо ҳамовехтан mixed, бодбодак kite, бодпо ripidly going, run fast, бозигар player, бозигоҳ place for game, playing field, бозипӯш playful, бозии гиргиракон a game of catch, бозии думдумакон a game of tails, бозии мирувазир a game of mayorminister, miruwazir, бозии чашм eye game, blindfold, бозича –бозича toy, бозича toy, бозӣ game lottery bonds, бозӣ game, бозон lost, бозпеч swing, rattle, бозӯ arm, бой fight, бокshit, бокс boxing, болиштшапак cushion, боло бардошта задан lift up, бомомоланг bomomolang, бон moringa, борт board, боретс wrestler fighter, борикбин estute, shrewdly, insight, бордон large wicker basket, бохтан to lose, бошгоҳ hall, great hall, бревно log, pole, бросок throw, брусия brusia, (log), буёкskiff, boat, canoe, буй a bold victory in gymnastics, бузбозӣ antics, бузкашӣ party goat, бутси boots, буҷулbones, буҷулбозӣ knucklebones, вазирminister, вазнбардор weightlifter, варзанда winner, варзида trained, варзидан farming, gain experience, sport, train, exercise, варзиш sport, exercise, athlete, gymnastics, sporty, варзишгоҳ stadium, playground, варзишкорathlete, knight, wrestler, варзишхона gym, training room, place to train, вариантoption, variant, edition, version, ватерпол water polo, ведуший leading (group leading), велогонка bicycle, cycling, велоспорт cycling, велотриксcycling, волейбол volleyball, вонамуд pretended, ворастан escape, get rid of, ворӯ upside down, ворӯзадан from the back, to enter, восеъмаҷол wide, in wide, extensive, far-flung, гав wrestler, гавбоз wrestler, (a wrestler carrying a cow), гавдарз gavdarz, гавзода descendant of heroes, гавончӣ bold, brave, chief heroes, гавонпаҳлавон great wrestler, галоп gallop, horse back riding, гамбит gambit, гандбол handball, гантелdumbbell, гард guard, гардӣ (small-small), return, гарзамона powerful wrestler, гев gev, гетрӣ getry, гимнастика gymnastic, гир-гиракон catch- up, гирда barbell, гиря weight, голgoal, голкипер goalkeeper, голф golf, головой head-on, гонка race, гриф-штанга vulture-bar (weightlifting), груша punching bag, гуловезшудантook each others throats, гулӯлапартойgunnery, shooting cannon balls, гургакбозӣ wolf play, гурд hero, knight, гурдонheroes, гурз hammer, гурозӣ quret, дастакамон our hand, даста units, gang, handle, set, даровехтан tied to whom or, дарвозабон goalkeeper, далер enterprisingly, давумайдони continuous, давроннишинӣchronology, даволбозӣ flirting, даволакбозӣ leather drum beater, leather belt, даванд racing, fast in, the race, дав run, дами натъӣ the edge of the result, дана run, race, to run, racing, дарвоза the gate, дасташамшер handcuffs, дастбандswaddle, дастбозӣ trying to force, дастболо win out, dominant, дастбурдmanual, overcoming, дастпӯш gloves, дастхобкунак handheld, amresling, даҳра double-edged sword, двойной double, double blow, дебют debut, дебютант debutant, девор wall, flange, fence, дзюдо judo, диета diet, диккак sitting on two legs, дистансиядistance, дисквалификатсия disqual, диққат obstacles, attention, диск disk, дискобол disco,

дихание breath, довrate increase, довар judge, доваривақт judge of time, довари калон senior judge доваримарра judge of the finish, доварипаҳлӯӣ lateral judge, домино dominoes, дона pieces(seals in checkers), донакбозӣ game pits, (children game with seeds), допитингdoping, дор rope, дорбоз walking a tightrope, дорбозacrobat, дорбозӣacrobatic, дум-думакон tail-tail, дурпарак jump, дух the spirit, excitement, дуэл duel ва ғ.

Вожаҳои ифодагари соҳаи варзиш дар забонҳои қиёсшаванда аз нигоҳи сохт низ гуногун буда, онҳоро метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

Дар сохтани соҳаи варзиш калимаҳои содаи ҳамин гурӯҳ нақши асосӣ доранд. Маҳз ба воситаи вожаҳои сода аксарияти истилоҳот баён мешаванд, ки характери умумиҳалқӣ доранд. Ҳар истилоҳ номи муайян дошта бошад ҳам, калимаҳое мавҷуданд, ки барои ҳамаи истилоҳ умумианд.

Хулоса, луғати истилоҳоти соҳаи варзиш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қабати махсус ва бою рангини лексикаи забони тоҷикиро ташкил медиҳад. Пайдоиш ва тараққиёту такомулоти истилоҳоти ин соҳа ба қонуну қоидаҳои дохилии рушди таърихи худи забони тоҷикӣ ва англисӣ вобаста аст, ки имрӯз низ ногузир идома дорад.

Пайдоиши истилоҳоти варзиш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба даврaҳои қадим ва миёнаи рушди забонамон рост меояд, зеро номгузорӣ ба мафҳумҳое, ки бо фаъолияти меҳнатӣ, шикор ва амалиёти ҳарбӣ марбутанд, бевосита дар зиндагӣ, маишат ва муошарати рӯзмарраи одамон инъикос меёбанд, ки ин ҷиҳат барои ташаккули калима-истилоҳоти ин соҳа мусоидат намудааст.

АДАБИЁТ

1. Александровская Л.Н.Управление качеством: Роль образования //высшее образование сегодния .-2004.- №1 –С.8-9.
2. Астахова .Е.С. Рольархитектурной среды в психолого педагогических аспектах образования Инновационные аспекты учебного и воспитательного процесов в технических вузах. Материалы научно – методического семинара вузов Северного Кавказа.-Новочер касск: Изд-во ЮРГТ У,1999.
3. Бабанский Ю.К. Потошник М.М. О тиеизация педагогического процесса (В вопросах и ответах). / Ю.К. Бабанский - Киев: Рад. Школа,1984
4. Бабанский Ю.К. Проблемы повышения Эффективности педагогических исследований. / Ю.К. Бабанский -М. педагогика,1982.
5. Бандаревский Е.Я. физичсское воспитание в пионерском лагере. / Е.Я. Бандаревский, Б.А. Мирончук М.,1976.
6. Барномаи ҳуқуқи инсон барои синфҳои10-11 мактабҳои таҳсилоти умумӣ / Мурат. Зиёев Т.Н., Менглиев Ш.М. ва диг.-Душанбе, 2006.-84с.
7. Бобоҷонов А. Гӯштини миллии тоҷикон / А. Бобоҷонов. «Душанбе: Олӣ Сомон, 1996.
8. Давлатшоев И. Тарбияти маънавии мактабиён дар шароити кунунӣ. / И. Давлатшоев -Душанбе: Мавлавӣ, 2007.-252 с.
9. Ғаффоров Р. Вазъи кунунии истилоҳоти забоншиносии тоҷик ва лузуми такмили он./Р.Ғаффоров.//Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1991, № 4, С. 16-21.
10. Ғафуров Б. Тоҷикон. Дар ду ҷилд. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна./ Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983, Ҷ. 1.– 700 с
11. Меъёрҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ.–Душанбе,1971.–62 с.
12. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ./А. Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 320 с
13. Калонтаров Я.И. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии терминҳои забоншиносӣ. // Я. И. Калонтаров. – Душанбе, 1974. С. 4-56.
14. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ.–Душанбе: Дониш, 2006. – 192 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: СЭ,1969. – 951 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М.: СЭ, 1969. – 996 с.
17. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»[таҳияи И. Ализода]. –Душанбе: Адиб, 1992. – 493 с.
18. Фарҳанги вожагони футбол. Таҳияи Муҳаммад Ризо Шамс. –Кошон: Ҷангал, ФЗТ9.
19. Фарҳанги вожаҳо ва истилоҳоти тарбияти баданӣ ва улуми варзиш. Таҳияи Муҳаммад Солеҳ Абдӣ ва дигарон. – Теҳрон, 1388.
20. Шафоатов, А.Н /Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ// Н.А.Шафоатов, Душанбе-2019. - 318 с.

ТАСНИФОТИ ИСТИЛОҲОТУ ЛУҒОТИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муаллиф зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи тадқиқотҳои зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, асарҳои муътамади фалсафию педагонӣ, ва сомнаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули мавзуи мазкур ва корбурди онҳоро ошкор намояд.

Ҳадафи таҳқиқот: *Ба ақидаи муаллиф, дар тадқиқ ва коркарди истилоҳот нақш ва хидмати олимони маъруфи ватанию хориҷӣ: Дар мавзӯи олимону забоншиносони ватанию хориҷӣ, монанди:* Я.С. *Пейсиков, В.А./Капранов, А.А. Ковалев, Ю.А. Рубинчик, А.Л. Пумянский, забоншиносони тоҷик - Н. Маъсуми, М.Н. Косимова. Х. Маҷидов.Б. Камолидинов, С. Сулаймонов, Д. Саймиддинов, С.Назарзода, Т. Бердиева ва забоншиносони эронӣ - Сайид Нафисӣ, Алиасиари Холабӣ, Довуди Насруллоҳ, Забехуллоҳ Сафо, Карими Кишоварз, Парвиз Нотили Хонлар, Ризозода Шафақ ва*

дигарон хело калон ба назар мерасад.

Натиҷаҳои таҳқиқот: *Инчун муаллиф аз сарчашмаҳои муътабар истифода намуда, корбурди онро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, дар заминаи тадқиқотҳои зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, алахусус забоншиносони тоҷику форс, фарҳангҳои тоҷикӣ, англисӣ, арабӣ ва дигар сарчашмаҳову, сомонаҳои интернетӣ мазмун, моҳият, ва нақши истилоҳотро дар забонҳои иқтибосшаванда муайн намуда, корбурди онҳоро дар забон ошкор сохтааст.*

Калидвожаҳо: *забон, калима, рушди забоншиносӣ, замони истиқлолият, марҳила, забон, калима, таҳқиқот, истилоҳ, рушди забоншиносӣ, замони истиқлолият, марҳила, таҳқиқот, соҳаи варзиш, ташаккул ва ғ.*

КЛАССИФИКАЦИЯ ОПРЕДЕЛЕНИЙ СПОРТИВНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автор предпринимает попытку на основе достоверных научных источников, на базе исследований многочисленных отечественных и зарубежных ученых, проверенных работ по философии, педагогике, интернет сайтов, с целью раскрыть процесс формирования и развития данной темы и их употребления.

Цель статьи. *По мнению авторов, исследование и развитие литературного ритма и служения на королевском и зарубежном языках: предметом языказнание спорта являются отечественные и зарубежные ученые и лингвисты, такие как: Ю. С. Пайсиков, В. А. / Капранов, А. А. Ковалев, Ю.А. Рубинчик, А. Л. Пумян, Таджикские лингвисты - Н. Описание: Косимова. Х. Муджидов. Камолидинов, С. Сулеймонов, Д. Сумиддинов, С. Зазарзода, Т. Бердиева и иранские лингвисты - Саид Нафиши, Али Халиами, Довуд Насрулло, Забехулла Сафо, Карим Кишовар, Парвиз Ноти Хан, Ризозода Шафак и другие*

По результатам исследования *автор использует научные ресурсы для анализа своего научного труда на основе многих отечественных и зарубежных исследователей, особенно лингвистов, таджикских и персидских, арабских и других источников контента интернет-сайтов, их содержаний.*

Ключевые слова: *язык, слово, развитие языкознания, время независимости, этап, язык, слово, исследование, терминология, развитие языкознания, время независимости, этап, исследование, спорт, образование и др.*

CLASSIFICATION OF SPORTS TERMINOLOGE AND DICTIONARY IN TAJIK AND ENGLISH

This article, the author attempts, on the basis of reliable scientific sources, on the basis of research of numerous domestic and foreign scientists, reliable works on philosophy, pedagogy, physical education, Internet sites to reveal the process of formation and development of this topic and their use.

Purpose of the article: *According to the authors, the research and development of the royal and foreign-based literary rhythm and service: The subject of quotations is native and foreign scientists and linguists, such as: J. S. Paysikov, VA / Capranov, AA Ковалев, Ю.А. Rubinchik, A.L. Pumyan, Tajik linguists - N. Description: Kosimova. X. Mujidov. Kamolidinov, S. Sulaimonov, D. Sumiddinov, S.Zazarzoda, T. Berdieva and Iranian linguists - Sayid Nafishi, Ali Khaliami, Dovud Nasrulloh, Zabehullah Safo, Kariim Kishovars, Parviz Noti Khan, Rizozoda Shafaq and others.*

According of the results of the stady: *The article covers the issue of English language quotes in the Tajik language, where it refers to language aspects, identifying structure, composition, and usage in Tajik. In this study, the origins of the English citation are embedded in the scientific and historical context of the scientific and historical perspectives.*

Keywords: *language, word, development of linguistics, time of independence, stage, language, word, research, terminology, development of linguistics, time of independence, stage, research, sport, education, etc.*

Сведения об авторе:

Файзалиева Фархунда *- ассистент кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес:* 734065, г. Куляб, ул. *С.Сафаров 16. E-mail: Farkhunda@mail.ru, тел: (992) 988536900.*

Сведения об авторе:

Файзалиева Фархунда *- ассистент кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес:* 734065, г. Куляб, ул. *С.Сафаров 16. E-mail: Farkhunda@mail.ru, тел: (992) 988536900.*

About the author:

Faizalieva Farkhunda *- assistant of the Tajik language department of the Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki. Address: 734065, Kulob town , street S. Safarov 16. E-mail: Farkhunda@mail.ru, phone: (+992)* 988536900.

ББК: 81.37.15
УДК: 81.366.21

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Сабоҳати И.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Сарсухан.Дар олам ҷанбае вуҷуд надорад, ки барои тадқиқ ва омӯзиш қобили таваҷҷӯҳ набошад, лекин масоиле мавҷуд аст, ки бештари мардум ба он таваҷҷуҳ надоранд ва дар назари эшон чизи оддӣ ва ҳатто нолозим менамояд. Вале бояд гуфт, ки омӯзиши ҳар як шохаи илм муъҷизот, муассирӣ ва паҳлуҳои мусбати ба худ хос дорад. истилоҳоти гиёҳӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ афкори моро моломоли маълумотҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ, огоҳ сохтан аз вазъи иҷтимоии даврони гузашта, таърихи тавлиди калимаҳо, шинос намудан бо тафовути истилоҳот байни ду забон мегардонад. Омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва та риштаи таҳқиқ кашидани истилоҳти гиёҳи дар забонҳои муқоисашаванда дар айни замон аз ҷониби муҳаққиқони соҳа бо назардошти ҷанбаҳои забонӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ хеле роиҷ гаштааст, ки ҷолиби диққат аст. Муҳаққиқони соҳа зимни тадқиқоташон паҳлуҳои гуногуни истилоҳотро мавриди омӯзиши таърихию забонӣ қарор дода, маҳсули тадқиқоташонро дар шакли асарҳои илмӣ, мақолаҳо ва дастуру фишурдаҳои илмӣ ба табъ расонидаанд, ки дар густариши илми истилоҳшиносии тоҷик мақоми созгор доранд.

Қисми асосӣ: Дар ин ҷабҳа тадқиқотҳои олимону муҳаққиқони ватанӣ М.Ғоибов, Д.Хоҷаев, Н. Абдуллоев, Р.Х. Додихудоев, О. Маҳмадҷонов, Ҷ. Алимӣ, О. Ғафуров, Н. Офаридаев, Ф. Абдулло, Ш. Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, М. Шодиев, А. Насриддиншоев, Д.Ф. Майнусов, С.Х. Қурбонмамадов, ки тайи даҳсолаи охир анҷом дода шудааст, шоистаи зикр аст.

Аз ҷумла, таркиби луғавии ҳар як забони алоҳидаро истилоҳот ташкил медиҳанд, ки дорои вижагии илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва гуфтугӯианд.

Маълум аст, ки ҳар гуна истилоҳи ин ё он соҳаи илм ба мисли вожа воҳиди забон идрок мешавад ва ба туфайли ин робитаи байни истилоҳот аз лиҳози муҳтавои он муайян карда мешавад, яъне он тавассути мафҳум, ки навъи асосии робитаҳои мафҳумии истилоҳот ва ибораҳои истилоҳӣ – навъӣ - ҷинсӣ мебошад, муайян мегардад.

Дар ҳоли ҳозир масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти ин ё он соҳа, махсусан дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи бештар дар забоншиносии муқоисавӣ мебошад.

Даҳсолаҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI мумкин аст ҳамчун давраи пешрафти босуръати илмии шадидан афзоишёбанда муайян карда шаванд. Рушди пайвастаи маърифати инсон дар назди забон вазифаи таъмин намудани ҳамаи ҷонибҳои ҳаёт ва фаъолияти инсонро бо номҳои нав мегузорад. Натиҷаи таркиши иттилоотӣ «таркиши истилоҳотӣ» гардид – афзоиши назарраси шумораи истилоҳоти навин ва ҳамчунин ба вуҷуд омадани истилоҳоти ҷадид, ки бо пайдоиши соҳаҳои нави дониш ҳамрадиф ҳастанд [2, с.9]. Ин, дар навбати худ, рушди босуръати чунин соҳаи забоншиносиро монанди луғатнигории истилоҳшиносӣ ё истилоҳнигориро муайян намуд.

Истилоҳнигорӣ бо истилоҳшиносӣ робитаи бевосита дорад, ки низоми мафҳумию истилоҳии соҳаҳои мухталифи донишро аз нуқтаи назари воситаҳои забонии ифодаи мафҳумҳо, созмондиҳии мантиқию забоншиносии низоми мафҳумҳо ва истилоҳот таҳқиқменамояд. Ба сифати мақсади асосии истилоҳшиносӣ омӯзиши хусусияту қонуниятҳои ташаккул ва рушди истилоҳот барои таҳияи тавсияҳо мутобиқи такмил, мураттабсозӣ ва истифодаи бештар самарабахши онҳо ҷудо мешавад.

Мавзӯи истилоҳнигорӣ, ғайр аз таҳияи воситаҳои методологии мураттаб намудании фарҳангҳои махсус, усули (принсипҳои) тасниф ва типологияи истилоҳот, таҳияи принсипҳои аз нигоҳи илмӣ асосноки интихоби лексика, муайян намудани принсипҳои созмондиҳӣ ва интиқоли воҳидҳои истилоҳӣ ба фарҳангҳои махсус барои эҷоди шароити муносиби истифодаи онҳо мебошад.

Тавре ки объекти таҳқиқоти истилоҳнигорӣ истилоҳоти ин ё он соҳаи фан мебошанд, пас барои мураттибони луғат муайян намудани мақоми истилоҳ, муайян намудани вижагиҳои он шарти ҳатмӣ мебошад, ки онҳо дар маҷмӯъ ба он барои дар моддаи луғат ишғол намудани ҷойи муносиб имкон медиҳанд.

Дар инҷо қайд кардан ба маврид аст, ки терминҳо калимаҳои махсус буда, дорои як маъноянд ва бо ин хусусиятҳои худ аз калимаҳои оддии муқаррарӣ махсусан полисимия фарқ мекунанд. Истилоҳ ба монанди калимаи оддии сермаъно ба матн эҳтиёҷ надорад.

Вай на танҳо дар доираи забон, балки дар доираи соҳаи худ бояд як маъноро ифода кунад, зеро

сермаъноӣ камбудӣ ва норасоии термин аст [3. с.48]. Истилоҳот ин ҷамъи калимаҳое мебошанд, ки дар соҳаҳои гуногуни илм ва техника ба кор бурда мешаванд. Масалан ҳар соҳа истилоҳоти хосси худро дорад. Имрӯз дар ин мақолаи хеш итминон гирифтем, ки терминҳои соҳаи гиёҳиро аз ҷиҳати маъно ва сохтор дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил созем [3, с.48-49].

Шодравон, академик Муҳаммадҷони Шакурӣ дар китоби «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад» чунин қайд намудааст: «Кайҳо боз зарурате пеш омадааст, ки дастури муқоисавии забони тоҷикӣ аз арабӣ, русӣ, англисӣ тартиб дода шавад. Чунин дастури забон барои он ки тавонем аз сарватҳои бепоёни забонҳои дигар бештар ва огоҳона баҳраманд шавем, аҳаммияте хоҳад дошт» [9, с.23].

Истилоҳоти марбут ба гиёҳони шифобахш як қабати махсуси таркиби луғавии шеваро фаро мегирад ва барои такмили он мусоидат мекунад, зеро бо гиёҳон табобат кардан дар тамоми тӯли таърих мубрам ва замонавӣ ба шумор меравад [10, с.168].

Албатта, дар марзу буми ҷумҳуриамон гиёҳони шифобахше, ки илм онҳоро медонад бениҳоят зиёд аст, аммо хосиятҳои шифобахшии онҳоро ҳамаи мардум намедонанд. Сабаби асосии ин аз он иборат аст, беморхонаҳои расмӣ ҷойитабибони халқиро гирифтааст ва дар тӯли даҳсолаҳо номи аксарияти гиёҳони шифобахш ба ҳукми фаромӯшӣ даромадаст.

Набототи шифобахш, растаниҳое, ки дар тиб ва байторӣ (ветеринария) барои табобат ё пешгирии касалиҳо истифода мешаванд. 20 ҳазор сол муқаддам, вақте, ки одамон дар ғорҳо мезистанд, баъзе растаниҳои шифобахшро аз растаниҳои заҳрн о к фарқ мекарданд. Тасвиру тавсифи бисёр Растаниҳои дорӯӣ дар аҳромҳои Миср, ёдгориҳои қадимаи маданияти Юнон, Рим, Ҳинд, Чину Мочин инъикос ёфтаанд. Дар китоби қадимаи ҳиндувон (аз «Ведҳо», асри 6 то мелод), ки табибон Чарака (асри 1 мелодӣ) ва Сушрута (асрҳои 7—8 мелод) такмил додаанд 500—700 намуди Растаниҳои дорӯӣ зикр шудаанд. Бисёре аз онҳо (масалан, чилибух, равғани чилмуғ барои табобати махов, рауволфия ҳангоми фишори баланди хун ва ғайра) то алҳол истифода мешаванд. Арабҳо 4—3 ҳазор сол то мелод аз дарахти ос (мӯрд) қатрон мегирифтанд. Онҳо шифоангез будангиёҳи ишкил (пиёзи баҳрӣ) ва камадона (канакунчид)-ро медонистанд. «Падари тибб»-и Чип Шен Нун (қариб 3 ҳазор сол пеш аз мелод) 230 намуди Растаниҳои дорӯӣ ва заҳрнокро медонист. Дар Ҳинд ва Чин 2,7—2 ҳазор сол пеш аз мелод аз шифобахшии ревоҷ (чукрӣ) ва сиёҳмушк воқиф буданд. Шоҳи Пергамия Атталуси 111 (Филометр), ки дар асри 2 пеш аз мелод зистааст, дар боғаш Растаниҳои доруиро парвариш мекард. Табиби маъруфи Юнони Қадим Букрот (460—377 ё 356 пеш аз мелод) барои табобати беморон беш аз 200 намуди Растаниҳои доруиро истифода мебурд. «Падари ботаника», табиатшиноси юнонӣ Теофраст (372—287 то мелод) дар асари безаволи худ «Таърихи табиии растанӣ» аҳамияти беш аз 500 намуди растаниро барои тиб ва рӯзгор нишон додааст. Олим ва нависаидаи Рими Қадим Плинийи Калонӣ (23 ё 24— 79) дар «Таърихи табиат» (Naturalis historiae), ки барои навиштани он 2 ҳазор китобро истифода кардааст, қариб 1000 намуди растаниҳои шифобахшу судмандро ном бурдааст. «Давоҷот» (Demateria medica) аввалин рисолаест дар бораи Растаниҳои дорӯӣ . Муаллифи он табиби ҳарбии лашкари Нерон, «падари фармакологҳо» Диоскорид (асри 1 мелод) доир ба 600 намуди набототи шифобахш (меҳргиёҳ, ангури сагак, шавкарон ва ғайра), паҳншавӣ, маҳалли рушд ва номҳои гуногуни онҳо маълумоти муфид додааст. «Давоҷот» дар Европа то худи асри 16 хеле маъмул буд ва то ҳол аҳамияти илмию амалиашро гум накардааст. Яке аз асосгузорони тибби атиқа Ҷолинус, яъне Гален (129—201) хусусиятҳои доруии беш аз 300 намуди растаниро тавсиф намудааст. Ӯ усули аз узвҳои гуногуни растанӣ тайёр кардани доруҳоро ҷорӣ кард, ки ҳоло бо номи «доруҳои галенӣ» маъмул аст.

Ин ҷо мо номи гиёҳонеро баррасӣменамоем, ки ҳомилони шева хосиятҳои табобатии онҳоро худашон медонанд ва дар ҳаёти ҳаррӯзаашон истифода мекунанд. Онҳо дар қолаби вожаҳои сода, сохта мураккаб шакл гирифтаанд ва доираи интишорашон як хел нест. Истилоҳи содаи коснӣ чун доруи халқӣ, ки аз растании «коснӣ» аст ва истилоҳи сано бо маънии гиёҳи табобатие, ки баргаш ба барги бед монанд буда, ғӯрааш мисли мурч тунд аст, дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб истифода мешавад.

Маълум аст, ки забон, хоссатан қисмати луғавии он, ҳамеша дар ҳолати тағйир аст.

Вақте ин раванд дар замоне фаъолтар шавад, пас маълум мегардад, ки он забон дар ҳоли рушд кардан ва инкишоф ёфтан аст. Забони имрӯзаи тоҷикӣ, бешак, ҳамин гуна забон мебошад. Сабабу омилҳои инкишофу нумуи забон гуногун ва зиёданд, ки таъсири забони зиндаи мардум, забони ВАО ва забони осори бадеиро ҳамчун муҳимтаринашон номбар карда метавонем. Дар бораи нақши суханварон дар инкишофи забон муҳаққиқони ин соҳа зиёд гуфтаанд, чунончи: «…адибони ҷудогона дар асоси қолабҳои муайяни ин ё он таъбир таъбироти тару тозаи дигарро, маъноҳои нави воҳидҳои забон ва ҳамнишиниҳои нав ба нави онҳоро ба вуҷуд овардаанд, ки аз онҳо рафта-рафта захираи луғавӣ, фразеологӣ, ҳатто олами маъноии забонамон ғанӣ мегарданд, аммо ин ҳама тағйир додани системаи имрӯзаи забонамон нест. Ин такмили имкониятҳои каломи он, нутқи он аст» [1. с., 6].

Ба унвони мислол, вожаи сабз дар луғатҳои «Бурҳони қотеъ», «Луғатномаи Деҳхудо», ФЗТ,

ФТЗТ чунин ташреҳ шудааст: ҳар ранге, ки монанди ранги алаф ва баргҳои дарахтон дар фасли баҳор бошад; ҷойи серсабзаву шодоб; ба маънои кабуд дар ашъори баъзе шоирон (осмони сабз, яъне соф; дарёи сабз) ва маҷозан (бахти сабз) бахти баланд, толеи нек, хушбахтӣ, сари сабз киноя аз хушию хуррамӣ, беғамӣ; мач. нав баромадан, нав дамидан (дар бораи сиблат, риш).

Калимаи гул. Бо ин вожа ибора- истилоҳоти фаровоне сохта шудааст, ки теъдоди ибораҳои исмӣ 49 адад, ибораи феълӣ 2 адад дар доираи калимаҳои марбат ба растаниҳо ва 17 ибораи феълии фразеологӣ ба вуҷуд омадааст. Онҳо муносибати муайянкунандагиро ифода кунанд ҳам, барои ифодаи як мафҳум - номи гул хизмат мекунанд. Масалан: гули ҳино, гули гандум, гули бунафша. Гули маҳсар, гули кравчак, гули наврӯз, гули маҳтов, гули чачракӣ, гули чкрӣ, гули шаманлоқ, гули қоқу, гули шибит ва ғ.

Дар қисми дигари ибора-истилоҳоти мансуб ба наботот аломати зоҳирии ашё нақши муҳим дорад ва ҷузъи тобеъ калимаи асосиро аз рӯйи хусусиёти ранг ва шабеҳ будан ба ашёи гуногун муайян мекунанд: гули азрақ, гули зардак ,гули сийаҳгуш, гули ҳамешабаҳор, гули шомусаҳар ва ғ. Калимаи гул дар ду ҳолат ибораи феълии мансуб ба амал сохтааст, ки бакоркарди наботот вобаста аст: гул буровардан ва гул кардан, ки онҳо ҳарду маънои муродифии шукуфтанро ифода мекунанд.

Вожаи гул дар ҳайати ибораҳои фразеологӣ барои ифодаи маъноҳои маҷозии гуногун истифода мешавад, ки ба наботот вобаста нестанд: гул додан, гул задан, гулда умадан, гули алов , гули газита, гули гирд, гули дафтар, гули замин, гули чандгула, гули чорхона, гули ғуза, гул кардан, гул кандан, гулда паридан, гули нос , гули каҳ, гули орд ва ғайраҳо.

Мафҳумҳои илмӣ ифодагари шаклҳои гуногуни зуҳури тафаккури инсонӣ буда, хусусиятҳои аслӣ, иртибот ва ҳодисаҳоро дар соҳаи муайяни дониш таҷассум менамоянд.

Дар натиҷаи инъикоси вазъияти илмӣ ва иҷтимоию фарҳангии зудтағйирёбанда, дар ҳоли ҳозир, ташаккули низоми истилоҳоти бахшҳои зиёди донишҳои илмӣ, махсусан байнифаннӣ фаъолона идома доранд.

Мувофиқати маънавии ин ду шоир инчунин дар он аст, ки ҳар дуи онҳо ба хонадони Пайғамбар, ки дар замони онҳо давлати фотимиён парчамбардори ин хонадон буданд, равшан мегардад ва Носири Хусрав низ дар абёти зиёд ба ин нуқта ишораҳо дорад. Гарчанде дар ашъори Рӯдакӣ мадҳи фотимиён рӯй рост ба назар намерсад ва абёти зиёде аз ашъори ӯ аз миён рафтааст, шояд мисоли ин ашъор дар девонаш чашмрас буда, бо сабаҳои гуногун аз авроқи девонаш дур шудааст, аммо аз рӯи ахбори сарчашмашиносон таваҷҷӯъ ва муҳаббати ӯ ба ин хонадон равшан мегардад. Маъруфии Балхӣ шоири давраи Сомонӣ бо тазмини мисрае аз Рӯдакӣ ба ақидаи ӯ чунин ишора мекунад:

Аз Рӯдакӣ шунидам, султони шоирон,
К-андар ҷаҳон ба кас магарав, ҷуз ба Фотимӣ [9, с.51].

Вале дар ашъори Носири Хусрав мадҳи хонадони Пайғамбар ва махсусан, фотимиён қариб дар ҳар як қасидаи шоир омадааст ва шоир лоиқи мадҳро танҳо ин хонадон мешуморад.

Зи паси Фотимиён рав, ки ба фармони Худой,
Умматонро зи паси ҷадду падар роҳбаранд.
Ҷаддашон раҳбари деву парию мардум буд,
Сӯи ризвони Худову писарон з-он гуҳаранд [14, с.320].

Хулоса ҳамин тариқ, истиқболи андешаҳои шеъри Рӯдакӣ аз ҷониби Носири Хусрав мавриди таваҷҷӯъ буда, ҷанбаҳои зиёдеро метавон мисол оварад, ки Носири Хусрав аз Рӯдакӣ пайравӣ ва ҷонибдорӣ менамояд. Албатта ҳамбастагии ашъори ин ду саромади сухан ҷолиби қайд буда, дар баробари он тафовутҳои маъноӣ ва фикрӣ низ дар сухани онҳо бисёр дидан мумукин аст. Зеро сухани Рӯдакӣ агарчанде соддау равон ва дорои маъниҳои адабӣ бошад, сухани Носири Хусрав ғутавар дар фалсафаву калом буда, ҳар як андешаи ӯ бо соддагияш маъниҳои фалсафӣ ва ақлониву каломиро дар худ нигоҳ медоранд.

АДАБИЁТ

1. Абдулғанӣ Мирзоев. Рӯдакӣ ва замони ӯ. / Мирзоев Абдулғанӣ - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1958. - 237 с.
2. Абдулғанӣ Мирзов. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. / Мирзоев Абдулғанӣ –Ситалинобод: Нашриёти давлатии

Тоҷикистон. 1958. - 276 с.
3. Аълохон Афсаҳзод. Одамушуаро Рӯдакӣ. –Душанбе: Адиб, 2008. 267 с.
4. Қаландаров, Х. Причины и предпосылки приверженя Насира Хусрава исмаилизму// Вестник педагогического университета. Серия общественных, гуманитарных и филологических наук. – Душанбе: // Издание Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айнӣ, 2014, № 1 (56). –С. 3-6.
5. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик/ Холиқ Мирзозода, китоби 2. –Душанбе: 1977. - 489 с.
6. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Холиқ Мирзозода. китоби 1 қисми 2. –Душанбе: 1987. - 487 с.
7. Мирзоҳасанов Л. Шеъру шоирӣ аз нигоҳи Носира Хусрав/ Мирзоҳасанов Лаълҷуба. // Дирӯз, имрӯз ва фардо//– Хуҷанд: «ношир». 2005, саҳ. 425-434.
8. Муллоаҳмадов, М. ва Ҷоннисорӣ, Н. Рӯдакӣ ва суханварони ҳамрӯзгори ӯ/ Мирзо Муллоаҳмадов ва Носира Ҷоннисорӣ. –Теҳрон: 1387.- 264 с.
9. Рӯдакӣ, А. Девон / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Душанбе: «Бухоро», 2007. – 413.
10. Самарқандӣ, Д. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ. –Теҳрон: 1338. -232 с.
11. Сайид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳвол уашъори Рӯдакӣ. –Душанбе: Эр-граф. 2000. 897 с.
12. Ғафуров Б. Тоҷикон.Нашриёти муосир. Душанбе, 2020. 970 Саҳ.
13. Тоҳирҷонов А. А. Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор [таърихи таҳқиқ]. Теҳрон, 1386.
14. Хусрав, Н. Девони ашъор/ Носира Хусрав. Дар ду ҷилд. Бо кӯшиши Амрияздони Алимардон ва Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. –Душанбе: 2009. - 1400 с.
15. Хусрав, Н. Девони ашъор/Носира Хусрав. –Душанбе: Адиб, 2010. «ахтарони адаб». -475 с.
16. Шарифов, Х. Рози ҷахон / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: 2004. - 352 с.
17. Шарифов, Х. Сухане аз адабиёти миллӣ [маҷмӯи мақолаҳо] / Худоӣ Шарифов. Душанбе: Ирфон. 2009. - 477 с.
18. Шарифов, Х. Услуб ва камолоти сухан / Худоӣ Шарифов. Душанбе: Ирфон. 1985. – 172 с.
19. Ҷомӣ Абдураҳмон. Баҳористон/ Абдураҳмони Ҷомӣ. Душанбе: ИРфон, 1976. 169 с.

ТАЪСИРПАЗИРИИ НОСИРИ ХУСРАВ АЗ АШЪОРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳим ва ҷолиби диққати муҳаққиқон ва адабиётшиносон башида шудааст, ин робиттаи маънавии шоирони баъдӣ бо Рӯдакӣ мебошад.

Ҳадафи мақола: Зеро шоиреро дар адабиёт ниҳоят кам пайдо намуд, ки ба ин абармарди олами адабиёт, султони шоирон, асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Ҳаким Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ набахшида бошад ва ё ӯро пайравӣ накарда бошад. Агар ба шеъру сухани Носири Хусрав назар андозем ӯ аз чанд ҷиҳат бо шеъру сухани Рӯдакӣ рақобат дорад. Пайравӣ ва таъсирпазирии Носири Хусрав аз Рӯдакӣ сабабҳои зиёд дошта, дар мақолаи мазкур танҳо се самти робитта ва ҳамбастагии ашъори ин ду абармарди суханро бо ҳам таҳлилу баррасӣ шудааст.

Натиҷаи татқиқот: Дар навбати аввалан, бояд тазаккур дод, ки овардани Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ-султони шоирон дар шеъри Носири Хусрав аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи ӯ нисбати шеъру сухани ноби тоҷикӣ зиёд буда, ба ин хотир, аз сардафтари аадбиёти тоҷик муназзам ёдовар мешавад. Баъдан пайвастагии Носири Хусрав бо шеъри Рӯдакӣ дар он аст, сабку услуби нигориши Носири Хусрав бо сабки Хуросонӣ хеле наздик ва ҳамоҳанг аст ва хусусияти баъдии ин пайвастагӣ дар он зоҳир мегардад, ки мавзӯи панду ахлоқ ба он андозае ки дар ашъори онҳо дида мешавад, дар осори дигар саромадони сухан баробар ва ҳамрадифи онҳо дида намешавад.

Шояд чунин ҳамоҳангӣ бошад, ки дар мураттаб сохтани девонҳои ин ду шоир қитъаҳои зиёде дар ҳар ду девони инҳо оварда шудаанд. Ин ҷанбаҳои ҳамоҳангии осору ашъори шоирон дар он аст, ҳар ду шоир дар мактаби бузурги сабки Хуросонӣ тарбия ёфта, ба камол расидаанд. Ҳамаи ин хусусиятҳо дар мақолаи мазкур оварда шуда, таҳлил ва ба таври возеҳу равшан баён карда шудаанд.

***Калимаҳои калидӣ**: Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Сомониён, Салчуқиён, сабки Хуросонӣ, Девони ашъор, панду ахлоқ.*

ВЛИЯНИЕ ПОЭЗИИ АБУ АБДУЛЛЫ РУДАКИ НА НАСИРА ХУСРАВА

Данная статья посвящена одному из самых важных и интересных вопросов для исследователей и литературоведов, а именно духовной связи последующих поэтов с Рудаки.

Цель статьи: В литературе не мало поэтов, которые бы не подражали Хакима Абу Абдулла Рудаки, великого писателя, султана поэтов, основоположника персидско-таджикской классической литературы. Если проанализировать поэзию Насира Хусрава, то можно выявить что он конкурирует с поэзией Рудаки по нескольким причинам. Причин влияния поэзии Рудаки на поэзию Насира Хусрава много, и в данной статье анализируются и обсуждаются только три аспекта связи и сплочённости поэзии этих двух великих мастеров слов.

По результатам иследования: Прежде всего следует отметить, что упоминание Абу Абдуллы

Рудаки – султана поэтов в поэзии Насира Хусрава свидетельствует о том, что он имел большой интерес к таджикской поэзии, а потому регулярно упоминает основоположника таджикской литературы. Следующая черта этой связи заключается в стиле письма Насира Хусрава, он очень близок и гармонирует со стилем Хорасана, другая причина даннойсвязи заключается в том, чтов поэзии обоих поэтов большое внимание уделяется вопросу нравственности, что не наблюдается в произведениях у других поэтов.

Вероятно, такая согласованность имеет место, и при составлении диванов поэтов многие стихи наблюдаются у обоих. Данная гармоничная связь сторон творчества поэтов, состоит в том, что оба поэта проходили великую школу Хорасанского стиля. Все эти особенности представлены, проанализированы и четко изложеныавтором в данной статье.

Ключевые слова: *Абуабдуллох Рудаки, НасирХусрав, Саманиды, Салджукиды, стиль Хурасан, Диван поэзии, нравственность.*

THE INFLUENCE OF ABU ABDULLAH RUDAKI'S POETRY ON NASIR KHUSRAW

This article is devoted to one of the most important and interesting questions for researchers and literary critics, namely the spiritual connection of subsequent poets with Rudaki.

Purpose of the article: There are many poets in literature who would not imitate Hakim Abu Abdullah Rudaki, the great writer, the sultan of poets, the founder of Persian-Tajik classical literature. If we analyze the poetry of Nasir Khusrav, we can find that he competes with the poetry of Rudaki for several reasons. The reasons for the influence of Rudaki's poetry on the poetry of Nasir Khusraw are many, and this article analyzes and discusses only three aspects of the connection and cohesion of the poetry of these two great masters of words.

According to the results of the stady, First of all, it should be noted that the mention of Abu Abdullah Rudaki - the sultan of poets in the poetry of Nasir Khusrav indicates that he had a great interest in Tajik poetry, and therefore regularly mentions the founder of Tajik literature. The next feature of this connection lies in the writing style of Nasir Khusrav, it is very close and in harmony with the style of Khorasan, another reason for this connection is that in the poetry of both poets much attention is paid to the issue of morality, which is not observed in the works of other poets.

Probably, such coordination takes place, and when compiling the sofas of poets, many verses are observed in both. This harmonious connection between the sides of the poets» creativity lies in the fact that both poets went through the great school of the Khorasan style. All these features are presented, analyzed and clearly stated by the author in this article.

Key words: *Abuabdulloh Rudaki, Nasir Khusraw, Samanids, Saljukids, Khurasan style, Divan of poetry, morality.*

Сведения об авторе:

Беронов Джумъа Саидюёевич *- кандидат филологических наук, доцент кафедры литетартуры Хорогского Государственного Университета им. М. Назаршоева. E-mail. behronov75@mail.ru Тел: (+992) 935972774;*

About the author:

Beronov Juma Saidyuevich *- Candidate of Philology Sciences, Associate Professor of the Department of Literature of the Khorog State University named after M. Nazarshoeva. E-mail. behronov75@mail.ru Phone: (+992) 935972774;*

ТДУ 891.550
ТКБ 83.3 тоҷ
Ҳ-51

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СОЛҲОИ НАВАДУМИ САДАИ БИСТ

Ҳасанова Б.Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар солҳои навадуми садаи гузашта даст ёфтани Тоҷикистон ба истиқлолияти миллӣ шароити мусоидро барои инкишофи адабиёт, аз ҷумла ҷанбаи публитсистии насри бадеӣ ба вуҷуд овард. Ба адибон имконе даст дод, ки дар интихоби мавзуъ, тарзу тариқи эҷод ва баёни андешаву оро озоду мустақил бошанд ва бештар ба тасвиру инъикоси воқеиятҳое сару кор гиранд, ки арзиши милливу умумибашарӣ дошта бошанд. Ҳамчунин дар ин давра нависандагон тавонистанд, ки ба гуфтани ҳақиқат, инъикосу тасвири воқеиятҳои иҷтимоии ба сарнавишт, ҳастии таърихӣ ва имрӯзу ояндаи миллат бевосита алоқаманд таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Ин ҷараён заминаи воқеиро барои ташаккул ва таҳаввули насри бадеии публитсистӣ фароҳам

овард, ки аз ҷаҳати фарогирии мавзуву масъалаҳо, нигориши ҳуҷҷативу гоҳномаӣ (публитсистӣ) ва ҷусторҳои ҳунарӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар ин равиш тамоюлҳои ҳунарии ба ҳам омезиш додани тадқиқи бадеӣ ва нигориши ҳуҷҷативу гоҳномаӣ низ дар наср равнақи тоза пайдо кард, ки дар якҷоягӣ бунёди насри воқеии бадеӣ ва ҷанбаи публитсистию зебоишиносии онро ташаккул ва таҳаввул бахшид.

Қисмати асосӣ. Дар заминаи осори бадеие, ки солҳои навадуми садаи гузашта дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расидаанд, метавон ба ин натиҷа расид, ки дар ин давра нависандагон ба «бисёр масъала ва мавзуъҳои дар адабиёти собиқ шӯравии тоҷик маъмул» бо назари дигар нигариста, «арқому далел ва сарнавиштҳои нави инсонҳо»-ро ба тарзи нав «мавриди тадқиқи бадеӣ қарор» додаанд. Ҳамчунин дар насри ин давра, ба мушоҳидаи А. Набавӣ «диди бадеии тахассусӣ қувват гирифт ва реализми асил (ҳарчанд аз оҳанги танқидиву гоҳномаӣ холӣ набуд) бештар мақом пайдо намуд. Дар паҳлуи ин тағйироти сифатӣ кӯшишҳои инқилобӣ, тозаназарии сирф ва ба доираи тасвири бадеӣ кашидани тарзу усулҳои гуногун ва то ба ҳол дар адабиёти тоҷик номашҳур, балки мамнуъ низ мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб қарор гирифт» [3, с.257], ки минбаъд заминаи мусоидро барои ташаккули сабки хос ва усулҳои тозаи тасвири бадеии публитсистӣ ба вуҷуд овард ва таҳаввул бахшид.

Ба ин тартиб, дар ин давра дар ташаккули насри бадеии тоҷикӣ нақши таъсиргузор гузоштани мабдаи публитсистӣ ҳодисаи тасодуфӣ набуда, ба вазъи сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ ва талошҳои фардии нависандагон дар шинохти воқеиятҳои зиндагӣ алоқаманд буд, ки минбаъд равиши хоси ҷустуҷӯҳои бадеии публитсистии онҳоро мушаххас сохт ва тадриҷан таҳаввул бахшид.

Маводҳои дар давраи мавриди назар дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чопшуда далели он аст, ки ҷустуҷӯҳои нависандагон дар эҷоди насри бадеии публитсистӣ ба ду равиш ҷараён гирифтааст. Дар равиши аввал нависандагони ин гуна осор мусаввири воқеияти замону моҳияти он буда, таълифоти онҳо тамоюлҳои ҷаҳоншиносии ононро ҳамчун публитсист ифода мекунад. Дар қолаби равиши дувум, ки тобеи қонуниятҳои эҷоди бадеист, бештар нависандагон публитсистикаи бадеиро дар алоқамандӣ бо махсусиятҳои ҳунарӣ ва зебоишиносии он мавриди истифода ва ҷустуҷӯҳои бадеӣ қарор додаанд [4, с.37 – 38]. Дар таҷрибаи нависандагони тоҷик ҳар ду равиш ҷойгоҳи хос дошта, таҳқиқ ва арзёбии бамуддаои он баъзе хусусиятҳо ва қонунмандиҳои ин навъи эҷоди бадеӣ ва дар замина моҳияти ҷустуҷӯҳои нависандагонро мушаххас месозад, ки дар ин мақола ба таври фушурда таҳлил ва арзёбӣ хоҳад шуд.

Бо ёрии таҳлили адабиётшиносӣ ва бакоргирии усули индуктивии таҳқиқ мушаххас гардид, ки нависандагоне, ки дар ин давра ба эҷоди насри бадеии публитсистӣ ва анвои гуногуни жанрии он пардохтаанд, пеш аз ҳама, дар инъикоси мавзуъ, моҳияти иҷтимоиву ахлоқии масъалаҳои мавриди назар, тасвири бадеӣ ва махсусиятҳои зебоишиносии осорашон таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, дар ин замина ба бозёфтҳои эҷодӣ низ даст ёфтаанд. Дар ин замина равшании андешаву оро, ҳисомезӣ ва таъсиргузории таҳкияю тасвири воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳо хусусияти ҳунарии насри бадеии публитсистии замони мавриди назарро муайян менамояд, ки аз дастовардҳои адабиёти тоҷик, аз ҷумла насри ин давра аст.

Таваҷҷуҳи амиқи нависандагон ба мавзуъҳои муҳим ва тақдирсоз дар як давраи каҷдору марез, ки вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ бо пош хӯрдани шӯравӣ ҳар лаҳза дар тағйир буд, далели масъулияти ҳунариву иҷтимоии онон дар назди онрӯзу ояндаи кишвар аст. Ба ифодаи Раиси вақти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аскар Ҳаким «Назари адиб ба руҳи иҷтимоии замон бетафовут буда наметавонад, он ҳатман баҳое дорад. Дар шеър ин баҳо аён ба назар мерасад, зеро муфради ғиноӣ, ки аксаран сухан аз номи ӯст, бо шахси шоир қаробати наздике дорад ва шеър, ки бозгӯяндаи таассуроти ӯст, баҳои шоирро низ ифода мекунад. Дар наср агар ин баҳо аз номи ровӣ ва ё ин ё он қаҳрамон ба забон оварда нашавад, худи интихоби ҷузъиёт ва воқеа баён менамояд» [7, 8]. Ба ифодаи дақиқтар, баҳои нависанда ба авзои замон, танқиди норасоиҳои иҷтимоиву ахлоқии он дар осори ӯ бо тарз ва услубҳои гуногун ифода мешавад, ки баёнгари ҷустуҷӯҳои ҳунариаш дар ин замина мебошад. Ин тарзи нигориш, ки дар он тадқиқи бадеӣ бо ҷанбаи публитсистӣ ба ҳам созгор омадааст, дар таълифоти Урун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Карокатуллоҳи Мирзо, Баҳманёр, Ҷонибек Акобиров, Муҳиддин Хоҷаев, Иноят Насриддин ва дигарон ба тарзҳои гуногун зоҳир шудааст ва ифодагари ҷустуҷуҳои бадеии публитсистии онҳо мебошад. Дар зайл мо баъзе вижагиҳои ҳунарии У. Кӯҳзод, А. Самад, М. Хоҷаев ва К. Мирзоро дар эҷоди публитситикаи бадеӣ таҳлил ва арзёбӣ хоҳем кард.

Дар аксари таълифоти индавраинаи У. Кӯҳзод тадқиқи бадеӣ ҳамроҳ бо нақли пурҳарорати ҳисомези публитсистӣ ба шаклгирии сохтори бадеию публитсистии мундариҷавию ҳунарии ҳикояҳову қиссаҳои ӯ мусоидат намудааст. Ин тарзи нигориш дар насри тоҷикӣ заминаи таърихиву фарҳангӣ дошта (8, 74), омили таконбахши он шароити иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки заминаро барои ҷустуҷуҳои тозаи нависанда ва ташаккулу таҳаввули он фароҳам овардааст. Дар ҳикояи «Се раҳакӣ аз се ҳизб» рӯҳи публитсистӣ яке аз шаклҳои зоҳир шудани манфиатмандии

шахсии нависанда дар роҳи тағйири авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ватан буда, равиши мубориза, дахолати фаъолона, назари интиқодӣ ва иштироки бевоситаи ӯро ба ҷараёни воқеиятҳои зиндагӣ муҷассам месозад. Ин ҳикоя бори дигар ба ҳақ будани суханони зерини Ҳаким Карим гувоҳӣ медиҳад: «Ҳикояе, ки ҷӯши ҳаёт дар он набошад, ба нуҳ пул намеарзад» (5). Дар ин ҳикоя нависанда «ҷӯши ҳаёт»- заминаҳо ва омилҳову барангезандагони фоҷиаи миллии тоҷиконро, ки ҳадафи ҷудоиандозӣ ва мутеъ кардани мардуми Тоҷикистонро дошт, ба хонанда менамоёнад.

Урун Кӯҳзод дар мақолаи публитсистии «Ду фоҷиаи бузург дар як аср» навишта буд, «Таърих исбот кардааст: агар миллат аҳлу муттаҳид бошад, ягон қувва онро мутеъ карда наметавонад. Шикаст хӯрдан мумкин аст, вале мутеъ намешавад. Ва агар миллат ноаҳлу нотифоқ бошад, бозичаи дасти ҷоҳталабону ҷаҳонталабон мешавад ва ҳар кадоме аз онҳо мавриди мувофиқ ва дасти дароз ёбад, ба ҳар тариқе, ки хоҳад, онро бозӣ медоронад» [1, с.38]. Нависанда ин андешаро 24-уми сентябри соли 1995 дар айни авҷи ҷанги бародаркуш баён карда буд. Вале повести «Гардани ғам бишканед» соле қабл дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расидааст. Дар ин повест нависанда фоҷиаи «дар асари номуросоии байни маҳалҳо, ки аз эътирозҳои даҳонӣ дар оилаҳо оғоз гирифта, дар давоми понздаҳ бист сол ба дараҷаи даъвоҳои рӯи майдону минбарҳо ва оқибат, ба як ҷанги бенизому беқоида ва хеле ҷоҳилона ва кушторҳои ваҳшиёна расид» (2, 93), бо камоли ҳунар ба тасвир гирифтааст. Назари танқидӣ ва зиндагисози ӯ оҳанги публитсистии повестро тақвият бахшида бошад ҳам, ҷанбаи бадеии онро коҳиш надодааст. Ба ин далел, дар мисоли ин повести нависанда метавон хулоса кард, ки публитсистикаи ӯ комилан мутааллиқ ба адабиёт буда, ҳамчун публитсистика низ арзишманд мебошад [4, 38]. Лиризм ва ҳисомезӣ аз афзалиятҳои ҷанбаи публитсистии осори бадеии нависанда мебошад, ки махсусият ва таъсиргузории ҳунари тасвиргариашро низ ба сароҳат нишон медиҳад.

Ин повести Урун Кӯҳзод тафсири бадеии публитсистии фоҷеаи «тафриқа андозу ҳукмронӣ кун» дар кишвар буда, нависанда онро «давоми шикамро муқаддам аз ҳама муқаддасоти ҷаҳон донистан ва натиҷаи сибқат надоштани гуфтору кирдор» [2, с.139] медонад ва «мавзӯи дигар... ва достони дигар» будани ин баҳсро таъкид меварзад, яъне хонандаро умедвор мекунад, ки сари ин мавзуъ ҳарфҳояш тамом нашудаанд ва ба ваъдааш вафо карда ҳикояи ғаррои «Се раҳакӣ аз се ҳизб» – ро менависад, ки аз назари мавзуъ, тарзи фарогирии масъалаҳо ва тасвир ҷолиби диққат мебошад.

Ин ҳикоя паҳлуи дигари ҳунари У. Кӯҳзодро дар инъикос ва шарҳу тафсири воқеиятҳои сиёсию иҷтимоие, ки солҳои навадуми садаи гузашта аз сари Тоҷикистон ва мардуми он гузашт ошкор менамояд, ки онро ба таври мухтасар метавон гароиши публитсистӣ унвон кард. Ба ифодаи дигар, ин таъбир қаринаи лотинии «публикус» буда, мавқеият ва тамоюли андешаву орои нависандаро дар фазои ақидатӣ ва сиёсиву иҷтимоии замон ифода мекунад. Ҳикояи ёдшуда бо сатрҳои зайл оғоз мешавад:

Дар шаҳри Себароз, ки панҷ маҳалла ва ҳабдаҳ гузар дорад, ба тақлид аз Шаҳри шаҳрҳо, ки панҷ ҳазор маҳаллаву ҳабдаҳ ҳазор гузар дошт, се ҳизби нав – ҳизби Бародарон, ҳизби Баробарон ва ҳизби Ҳамагон таъсис ёфт.

Ҳамаи ин ҳизбҳо як даъво карданд. – Рӯзгори халқ талх аст! Халқ ба ҳаёти ширине ҳақ дорад!

Ҳамин буду шуди даъво. Ва ҳизбҳо дар гирди ҳамин масъала баҳс кушоданд ва рӯзномаҳо бароварданд ва хитобаву мақолаҳо менавиштанд ва ҳар кадоме ба тарзи худ исбот мекард, ки агар низоми тоталитарӣ бишканад ва ба ҷои он низоми демократӣ биёяд, гӯристони мавҷуда зуд бошад, ки ба гулистони воқеӣ мубаддал бишавад.

Мақсад як буд, вале даъвоҳо гуногун – ҳизби Бародарон шиор партофт, ки «дигарон вайрон карданд, шумо дастгир шавед, мо обод мекунем; ҳизби Баробарон ливо бардошт, ки «то баробарии комил таъмин нашавад, адолат ғолиб нахоҳад омад»; ҳизби Ҳамагон ташвиқот мебурд, ки «ман ғами халқро мехӯрам, ту ғами халқро нахӯрӣ, рӯзи беҳӣ фаро нахоҳад расид».

Шӯру ғавғо бархест» [2, с.141].

Нависанда бо ин ручуъ ва тасвири бамудаои амалу кирдори шахсиятҳо заминаҳо ва омилони аслии нооромиҳои Тоҷикистонро ба хонанда намуда, ба ин васила мухолифати худро ба онҳое, ки танҳо барои манфиатҳои шахсӣ ватанро ба саҳнаи ҷангу куштори ҳамқавмон табдил доданд, баён мекунад. Тасвири ҳисомез ва андешамандии ояндабинона аз унсурҳои сохторие ҳастанд, ки ҷанбаи публитсистии тасвири бадеии нависандаро устувор ва таъсиргузор сохтаанд. Чунин тарзи нигориши У. Кӯҳзод бо ҳадафмандии сиёсиву иҷтимоӣ, ки яке аз хусусиятҳои тарзи тасвири публитсистии ӯ мебошад, аз таълифоти ҳамсони ҳамқаламони ҳамдавраш фарқ дорад.

Танқиди авзои замон ва норасоиҳои иҷтимоӣ дар осори публитсистии У. Кӯҳзод бо тарзҳои гуногун амалӣ шудааст. Агар дар намунаҳои дар боло зикршуда ин танқид намод ва оҳанги ошкорои публитсистӣ дошта бошад, дар баъзе осори дигари ӯ, аз ҷумла ҳикояи «Очаи бачаҳо», ки ибтидои солҳои навадум таълиф шудааст, аз таҳтулматни сухани ровӣ берун меояд. Дар ҳикоя вазъи зиндагии нофарҷоми очаи бачаҳо ба ҳадде таъсиргузор ба тасвир омадааст, ки ба қавли Аскар Ҳаким «дилро чунон ба танг меорад, ки «бас» гӯён фарёд задани кас меояд. На дар сухани ровӣ, на

дар рӯзи муқаррарии очаи бачаҳо фазое барои дам рост кардан нест. Ин худ баҳои сахтест ба иҷтимои замон, ки сухани дигаре лозим надорад» [7, с.8].

Ҳукми У. Кӯҳзод дар ҳикояи зикршуда сахт аст: очаи бачаҳоро замона ва низоми ахлоқию иҷтимоӣ озоди бандӣ сохтааст. Дар повести А. Самад «Маҳбус», баръакс шахсияти асосии асар дар байни бандиён озод аст. Сохти иҷтимоӣ ҳатто дар маҳбас вазъеро таҳким бахшидааст, ки як нафар маҳбус метавонад бар аҳли зиндон тасаллути комил дошта бошад. Нигоҳи интиқодӣ ва публитсистии ду нависанда нисбат ба озодии иҷтимоии инсон аз ду дидгоҳ ироа шуда бошад ҳам, моҳиятан ба шинохти ҳақиқати сарнавишти инсон бармегардад, ки дар ниҳояти кор ҳадафи ислоҳотхоҳӣ дорад.

Бисёре аз нависандагоне, ки дар ин давра ба таълифи осори бадеии публитсистӣ машғул будаанд, аксаран ба мавзуоте таваҷҷуҳ кардаанд, ки қаблан низ ба он гароиш доштаанд. Дар ин радиф метавон аз таълифоти М. Хоҷаев «Кӯҳ бе варта нест» ёд кард. Чунонки дар осори қаблии дар мавзуҳои «сохтмони давр» навиштааш ин нависанда бештар ба публитситикаи таблиғӣ таваҷҷуҳ дошт, дар романи зикршуда низ ҳамин суннатро риоят карда, ба он хусусияти таблиғию тамоюлнокӣ ва ҳадафмандии ғоявӣ бахшидааст, ки бармегардад ба эътирофи хостаҳои иқтисодию иҷтимоии низоми ҳоким дар эъмори сохтмонҳои азим.

А. Самад ин романи М. Хоҷаевро «асари замони бозсозӣ» унвон карда, аз ҷумла навишта буд: «Муаллиф қаҳрамони худро аз Норак ба Роғун мебарад ва барои онҳо майдони нави набарду гирудор фароҳам месозад. Ҳолати рӯҳии қаҳрамонон баъди фатҳи як марҳилаи бузурги кору зиндагӣ, талоши шуҳрату курсии мансаб, таззоди синну соли сулолаи коргарон ва аз як манзил ба манзиле кӯчидани онҳо ва ниҳоят ба кори нав камар бастани ҷавонони деҳоти кӯҳистон, ба миён омадани мухолифони сохтмони нерӯгоҳи барқи Роғун ва дар ин замина тавлиди нотавонбиниву тангназарӣ, кинаву адоват, дурӯягиву найрангбозӣ, хиёнату вайронкорӣ ва ишқу муҳаббат дар асар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст» [6, с.29]. Чунонки мебинем, А. Самад мавзуъ ва масъалаҳои романро зикр карда, бо ин ба оҳангҳои публитсистии он ишораи сареҳ намудааст. Дар воқеъ ин роман низ идомаи асари М. Хоҷаев «Об – рӯшноӣ» буда, ҳатто насли дигари шахсиятҳои ин асар, аз ҷумла писари Бобо – Қаро Саидбек дар романи сонӣ фаъолияти густурда дорад.

Яке аз вижагиҳои осори бадеии публитситии ин нависандаро аз оғоз тамоюлнокии интихоби мавзуъ, тасвири таблиғии сарнавишти шахсиятҳо ва дарунмояи ба талаботи замон созгор шакл додааст, ки мутаассифона заъфҳое низ дар пай доштааст ва он марбут мешавад ба тарзи тасвири хушк ва воқеагарои маҳз дар тарзи тасвир. Мо аҳамияти таблиғии публитсистикаи ин нависандаро дар мисоли ин роман эътироф карда, усули интихоб ва тасвири шахсиятҳои калидии чунин осорашро, ки тобеияти ақидатии низоми шӯравиро бозгӯ мекунанд, аз кӯтоҳиҳои усулии бархӯрди нависанда ба воқеияти солҳои навадуми садаи бист медонем.

Дигар аз нависандагоне, ки навиштаҳои солҳои навадумаш хусусияти хоси публитсистикаи бадеии ин давраро ошкор месозад, Карроматуллоҳи Мирзо мебошад. Бахусус романи «Дар орзуи падар», ки бо повести «Дар орзуи падар»-ӯ ҳамном буда, вале аз нигоҳи мавзуву масъалагузорӣ мутафарриқ аст, дар ин равиш ҳарфи тоза буда, мавқеияти муаллифро ҳамчун нависандаи публитсист ба таври возеҳ нишон медиҳад. Ин роман баъди дувоздаҳ соли таълифи повести ҳамном дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расид ва истиқболи гарм ҳам ёфт.

Муҳимтарин хусусияти публитситии ин романро тарзи тасвир ва бархӯрди муаллиф ба воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои асар шакл додааст. Корбурди ҳадафманди унсури нақл ва бештар аз он тасвири таъсиргузори ҳолату ҳаракат, андешаву орои шахсиятҳо ва муколамаҳои ҳадафманд ба дараҷае замонӣ ва зарурист, ки чеҳраи нависандаро хонанда ҳамчун посбони тир дар камин ба ёд месупорад ва азиз медорад, зеро ба сароҳат дармеёбад, ки муаллифи роман фақат аз масири поки ахлоқи инсонӣ ва зиндагии бошарофат ҳикоят ва ҳимоят мекунаду бас. Тасвири бамуддаои воқеиятҳову сарнавиштҳо ва бовар кунонидани хонанда ба он чи ки метавонад аз сари ҳар инсон гузарад, василаи дигари таъсиргузори тарзи тасвири бадеию публитситии К. Мирзо мебошад. Ҳукми публитсистии нависанда дар асар ҳукми воқеият аст, ки инсони белаҷомро метавонад радди маърака созад. Шахсиятҳои асар-падару писар аз хонаю дар ва хешу ақрабо маҳрум «зери гунбади фалак беасо, дастонашон аз осмону пойҳояшон аз замин канда» аз хонаи Гулбарг бадар мераванд. Нависанда рӯ ба роҳ афтодани падару писарро «ба офтоби дами ғуруб» монанда карда, ба хонанда ва замондорон ҳушдор медиҳад, ки омили сукути шахсият фақат майгусорӣ нест, балки ин фоҷеаро барои симои ояндадор муҳити иҷтимоиву ахлоқӣ тарҳрезӣ кардааст. Сабақи ахлоқӣ дар андешаву орои нависанда барои хонанда фақат ҳушдор нест, балки моҳиятнамои раванди зиндагии шахс ва нобасомониҳои муҳити ҷомеа аст.

Хулоса ба ин тартиб, метавон хулоса кард, ки дарки огоҳонаи воқеият, ҳолу ҳавои инсон ва таъсири муҳит ба зиндагиву амалу кирдори шахсият дар солҳои навадуми садаи гузашта ҷанбаи ахлоқиву иҷтимоии насри тоҷикиро қавӣ сохта, барои амиқрафти диди тадқиқиву таҳлилӣ, ки ифодакунандаи вижагии осори насри бадеии публитсистии ин давра низ мебошад, имконоти

ҳунариро муҳайё сохтааст. Натиҷаи муҳими ин ҷустуҷӯҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии бофти бадеии асар қарор гирифтани унсури публитсистӣ мушаххас месозад, ки василаи таъсиргузоре дар шинохт ва арзёбии воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давр мебошад.

АДАБИЁТ

1. Кӯҳзод, У. Ду фоҷиаи бузург дар як аср / У. Кӯҳзод. Ғайр аз хӯрдан ва пӯшидан. – Душанбе: «Шарқи озод», 2017. – С. 35 – 45.
2. Кӯҳзод, У. Гардани ғам биҳканед / У. Кӯҳзод. – Душанбе: «ЭР – граф», 2018. – 344 с.
3. Набавӣ, А. Намунаи шоистаи насри ҷадиди тоҷикӣ / А. Набавӣ. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2009. – С. 257 – 264.
4. Прохоров, Е. П. Публицист и действительность / Е. П. Прохоров. – Издательство Московского Университета, 1973. – 317 с.
5. Раҷабов, З. Дӯсти ман / З. Раҷабов // Ҳақиқати Ленинобод. – 1975. – 24 – уми июн.
6. Самад, А. Насри солҳои охир / А. Самад // Садои Шарқ. – 1994. - № 9 – 12. – С. 26 – 37.
7. Ҳаким, А. Адабиёт аз дидгоҳи замони нав / А. Ҳаким // Садои Шарқ. – 1994. - № 1 – 8. – С. 3 – 17.
8. Шукуров, М. Тадқиқи бадеӣ ва ҷанбаи публитсистӣ / М. Шукуров. Мактаби одамият: Баъзе масъалаҳои адабиёт ва маънавият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С. 73 – 91.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СОЛҲОИ НАВАДУМИ САДАИ БИСТ

Дар мақола вижагиҳои публитсистикаи бадеии тоҷик дар солҳои навадуми садаи бист ва ҷустуҷӯҳои ҳунарии нависандагон дар ин замина мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Ҳадафи мақола *мустасаран доир ба вижагиҳои публитсистикаи У. Кӯҳзод, А. Самад, М. Хоҷаев ва К. Мирзо сухан карда, дар заминаи таҳлили намунаҳое аз осори онҳо равишҳои асосии ҷусторҳои эҷодии ин нависандагонро ба таври мушаххас нишон додааст.*

Натиҷаи таткиқот *дар заминаи маводи дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чопшуда муайян кардааст, ки ҷустуҷӯҳои нависандагон дар эҷоди насри бадеии публитсистӣ дар солҳои мавриди назар бо ду равиш ҷараён гирифта, дар равиши аввал онҳо аксаран мутаваҷҷеҳи инъикоси воқеияти замон ва моҳияти сиёсию иҷтимоии он будаанд ва таълифоти онҳо тамоюли ҷаҳоншиносиашонро ҳамчун публитсист ифода мекунад; равиши дувум тобеи қонуниятҳои эҷоди бадеӣ буда, нависандагон публитсистикаи бадеиро дар алоқамандӣ бо махсусиятҳои ҳунарӣ ва зебоишиносии сохтории он мавриди истифода қарор додаанд, ки баёнгари ҳунари тасвиргарии онҳост.*

Калидвожаҳо: *истиқлолият, наср, бадеӣ, публитсистика, миллӣ, умумибашарӣ, ҳуҷҷатӣ, зебоишиносӣ, мабдаъ, дарунмоя, индуктивӣ, ҳисомезӣ, таблиғотӣ, тамоюлнокӣ, гоҳномаӣ, ҳикоя, повест, роман .*

НЕКОТОРЫЕ СПЕЦИФИКИ ПУБЛИЦИСТИКИ ДЕВЯНОСТЫХ ГОДОВ ДВАДЦАТОГО СТОЛЕТИЯ

В статье исследованы специфики таджикской художественной публицистики в девяностых годах двадцатого столетия и художественные искания писателей.

Цель статья *в конкретном аспекте показала некоторые специфики публицистики писателей У Кухзода, А.Самада, М.Ходжаева, К.Мирзо, и на этом основе проанализировала некоторые образцы их произведение.*

По результатам исследования *на основе примеров которые опубликованы в журнале «Садои Шарк» (Голос Востока) определила, что художественные искания писателей в создании художественной публицистики в названных периодах развивалось в двух направлениях. В первом направлении писатели были заинтересованы в отражении действительности времени и его политико-общественной значение и их творчества показала их мировоззрению как публициста. А во втором направлении писатели в зависимости от художественных творческих закономерностей создали свои публицистики в тесном отношении художественной и эстетической специфики, который наглядно показывает их мастерство.*

Ключевые слова: *независимость, проза, художественный, публицистика, национальный, всемирный, документальный, эстетический, источник, основной содержание, индуктивный, ощущение, пропаганда, наклонность, публицистический, рассказ, повесть, роман.*

SOME SPECIFICS OF JOURNALISM OF THE NINETIES OF THE TWENTIETH CENTURY

This article deal with the specifics of Tajik artistic journalism in the nineties of the twentieth century and the artistic quest of writers. The author, in a specific aspect, showed some of the specifics of the journalism of writers U. Kuhzoda, A. Samada, M. Khodzhaev, K. Mirzo, and on this basis analyzed some samples of their work. Purpose of the article: based on examples published in the journal «Sadoi Shark» (Voice of the East), determined that the artistic quest of writers in the creation of artistic journalism in these periods developed in two directions. According to the results of the stady,

In the first direction, writers were interested in reflecting the reality of time and its political and social significance and their creativity showed their worldview as a publicist. And in the second direction, writers, depending on artistic creative laws, created their journalism in a close relationship of artistic and aesthetic specificity, which clearly shows their skill.

Keywords: *independence, prose, artistic, journalism, national, world, documentary, aesthetic, source, main content, inductive, sensation, propaganda, inclination, journalistic, story, story, novel.*

Маълумот дар бораи муаллиф:

Ҳасанова Бунафша Насриддиновна *- унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, тел: (+992) 987601318.*

Сведения об авторе:

Хасанова Бунафша Насриддиновна *- соискатель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 987601318.*

About the author:

Hasanova Bunafsha Nasriddinovna *- an applicant in the Department of Theory and History of Literature,Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 987601318.*

ДОИРАИ АДАБИИ РОҒ ДАР ОХИРҲОИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

Мирзораҳматова Г.М.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар нимаи дувуми асри XIX ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ё аниқтараш Осиёи Миёнаро мутеъи худ намудани Русия сабабҳои худро дошт. Яке аз онҳо ин буд, ки ҳанӯз пеш аз ба Русия ҳамроҳ намудани Осиёи Миёна аз замонҳои қадим байни ин ду кишвар робитаҳои пайвастаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ мавҷуд буд. Ин муомилот ба хусус, дар асри XVII ривоҷ ёфта, мустаҳкамтар шуд. Зеро алоқаи Осиёи Миёна баъди воқеаҳои хунини байни Сафавиҳо ва Шайбониҳо алоқаи тиҷорату иқтисодро бо ҳамсоягони ҷанубӣ-шарқии худ канда кард ва ба ин восита аз бозори ҷаҳонӣ ҷудо шуд. Ягона роҳ он буд, ки ашёҳои хом ва маҳсулоти ҳунармандии худро ба бозори Русия бароварад ва аз Русия барои худ молҳои зарурии рӯзгорро ворид намояд. Русия, ки рӯ ба тараққиёти капиталистӣ ниҳода буд, ба ашёи хоми Осиёи Миёна ниёз дошта ба ин тиҷорат манфиати зиёд медид [7, с.627-656].

Дуввум ин ки аз ҷониби ҷанубӣ-шарқии Осиёи Миёна, яъне аз Афғонистон, ки дар асри XX мустамликаи Англия ба ҳисоб мерафт, хавфи ба Осиёи Миёна ҳуҷум овардани англисҳо буд ва ин ба Русия метавонист ҳам зиёни сиёсӣ ва ҳам зиёни иқтисодӣ расонад. Русия, пеш аз ҳама намехост, ки ашёи хоми гаронбаҳои Осиёи Миёнаро аз даст диҳад. Ҳатто кор ба ҷое расида буд, ки Русия барои тақсим кардани ғаниматҳои Осиёи Миёна бо Англия қариб ба ҷанг даромада буд [7, с.641]. Зиёда аз ин, ҳатто Хитой низ кӯшиши ба Помири Шарқӣ даромаданро мекард. Дар Помири Ғарбӣ бошад, вазъият то рафт ошуфтатар мегардид. Дар кӯмак ба бадахшониён дасти Русия кӯтаҳӣ мекард. Ҳокимони маҳаллӣ Шоалимардон дар Вахон ва Юсуфалихон дар Шуғнон, ки аз тарафи Абдураҳмони афғон маъзул гардида буданд, ба халқ якҷоя бар зидди афғонҳо муборизаи беамон мебурданд. Қисми зиёди вахониҳо диёри худро тарк карда, ба Туркистони Шарқӣ кӯч бастанд.

Қисмати асосӣ Дар ин давра, бештар аз пештар аз ҷониби аморати Бухоро ба сари халқ фишорҳои таҳаммулнопазир мерасид. Дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX Бухоро дар Осиёи Миёна ҳамчун маркази таассуби динӣ ва реаксияи феодалӣ баромад менамуд ва дар замони ҳукумронии ду амри охирони он: – Абдулаҳад (1885-1910) ва Олимхон (1910-1920) давраи

тиратарину мудҳиштарини мардуми кишвар, ба хусус тоҷикону ӯзбекон буд. Агар дар охири асри XIX ва аввали асри XX Бухорои қарнҳо машъалбардори фарҳанги асили форсии тоҷикӣ бад-ин ҳол афтода бошад, пас дар атрофу акнофи он, махсусан, Бухорои Шарқӣ чӣ ҳодисаҳое, ки рӯй намедод? Ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии аморати Бухоро наметавонист, Бухорои Шарқии дурдастро зери назорати пурраи худ қарор диҳад.

Бинобар ин, мардуми Бухорои Шарқиро ба ихтиёри ҳокимони маҳаллӣ гузошта, ба қадри ҳолу тавон аз онҳо боҷу хироҷ талаб мекарду бас. Ҳокимони маҳаллӣ бошанд, аз рӯйи «инсоф»-и худ бо зердастон муомила менамуданд. Ин ҳолатро дар Бухорои Шарқӣ, ҳам дар Хатлон, ҳам дар Қаротегин, ҳам дар водии Ҳисори Шодмон тақрибан, якранг метавон мушоҳида намуд. Нотавонии пардохти андозҳои миёншикан мардумро парешон ва ҳокимгурез намуда буд, ки ин ба доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ бетаъсир набуд. Бояд гуфт, ки ин доираҳои адабӣ низ ба таври шоиста амал намекарданд. Ҳатто эҷодкорон дар мавқеи якхела қарор надоштанд.

Ҳамин раванди зиндагӣ барои мардуми Хатлон ва доираҳои адабии атрофу акнофи он низ хос буд ва яке аз чунин доираҳои адабӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX доираи адабии Роғ ба шумор мерафт. Доир ба Роғу роғиён, асли баромади онҳо, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии ин мардум, гузашта аз ин шеваи гуфторашон дар мақолаю гузоришҳо ва рисолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, монанди И.Л. Яровский, Ю.В. Гонковский, Р. Ҳодизода, Б.Н. Искандаров, М.С. Андреев, А. Абибов, И. Икромов, С. Ҳакимов, метавон маълумоти заруриро дарёфт, ки онҳо ҳама дар ҳаллу фасли ҳадафи мо судманд ва ҳамчун дастёри беминнат хидмат хоҳанд кард.

Ин ҷо бояд сари он андешем, ки Роғ чӣ маънӣ дорад ва чаро мардуми он мавзеъ деҳи худро Роғ ном ниҳодаанд? Дар луғатҳои тафсирии маъруфу эътимодбахш, аз ҷумла: «Ғиёсу-ал-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин, «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Фарҳанги сурурӣ», «Фарҳанги рашидӣ»-и Абдуррашиди Таттавӣ, «Фарҳанги низом»-и Муҳаммадалии Дорулислом Ҳайдарободӣ, «Бурҳона қотеъ»-и Бурҳон Муҳаммадҳусейн ва ғайра қариб ба таври зайл маълумоти якхела дода шудааст: Роғ-“домани кӯҳ, ки аз ҷониби саҳро бошад» ва домани фарохи сабзу хуррами кӯҳ, марғзор». Ҳамаи ин маъниҳо дурусту воқеӣ буда, ба табиати мавзеи мазкур ва ҷуғрофияи он мувофиқ асту як навъ баёнгари ҳақиқати манзараи деҳи Роғ аст.

Тибқи маълумоти мавҷуда, мардуми Роғ, ки имрӯз дар вилояти Хатлон сукунат доранд, асосан аз қисмати Роғи Бадахшони Афғонистон ба ин диёр ё кӯч бастаанд ё муҳоҷир гардидаанд. Сабаб дар чист? Сабаби асосӣ он аст, ки дар ин диёр баробари сусту заиф гардидани ҳукумати Бухоро, ки дар асри XIX бо русҳо даст ба гиребон шуда бошанд, аз ҷониби дигар, мустамликадорони англис ба Афғонистон даст дароз намуда, аҳволи иҷтимоии мардумро тоқатфарсо карда буданд. Шоҳу ҳокимони Афғонистонро мебоист, ҳам худ ва ҳам мустамликадоронро таъмин намоянд, то ҷонашонро дар амон нигоҳ доранд. Ин зарбаи сахти амлокдорону ҳокимони он тарафи рӯдхонаи Панҷ, минҷумла роғиёни Бадахшони Афғонистон ба мардуми одӣ таъсири ҷонкоҳ расонида буд.

Мардум аз ӯҳдаи додани боҷу хироҷи пешниҳодкардаи амлокдорон баромада наметавонистанд ва ба онҳо гуруснагии ҷонкоҳ лаҳза ба лаҳза таҳдид мекард.

Ҳатто дар миёнаҳои асри XIX таҳдиди аз рӯдхонаи Панҷ ба хоки шоҳи Бухоро гузаштани мустамликадорони англис хеле равшан эҳсос карда мешуд. Подшоҳи рус ин нияти ғаразноки англисҳоро ҳис намуда, тавонист Бадахшонро ба тобеияташ дарорад ва онро ва ба зери назорати худ қарор диҳад. Вале русҳо қудрати тамоми Бадахшонро, ки дар ду соҳили рӯдхонаи Панҷ воқеъ буд, ба зери назорати худ даровардан надошт надоштанд. Бинобар ин, бо англисҳо ва шоҳи Афғонистон забон як намуда, сарҳадро лаблаби рӯдхонаи Панҷ ҷудо намуданд. Ин ба он маъност, ки соҳили рости рӯдхона ба шоҳигарии Бухоро ва соҳили чапи он ба Афғонистон мутааллиқ гардид. Ба ин мувофиқанома англисҳо низ ризоият доданд [1, с.18]. Пурсида мешавад, ки чаро русҳо ин корро карданд? Ҷавоби мухтасару мушаххас ҳамин аст, ки Осиёи Миёна чун манбаи гаронбаҳо ва арзони маводи хоми заводу фабрикаҳои Русияи подшоҳиро ҳатталимкон таъмин мекард. Бо Бадахшонро ба зери назорати худ даровардани русҳо ба мардуми таҳҷоӣ то андозае сабукиҳо расид. Ин оромии нисбӣ онҳоро ҳам аз зулми мустамликадорон ва ҳам аз истибдоди ҳокимони маҳаллӣ то ҷое паноҳ медошт. Бадахшониёни тарафи рости рӯдхонаи Панҷ ва поёнтар, як қисми Хатлониён акнун ҳарос аз шоҳу ҳокимони Афғонистон ва мустамликадорони онҳо надоштанд. Дигар ин ки зулми даҳшатноки амири Бухоро ба онҳо, ки хеле масофа дур буд, камтар эҳсос мешуд. Бадахшонро ба тасарруфи худ даровардани ҳукумати подшоҳии рус ба мардум сабукиҳое оварда. Вале Бадахшониёни тарафи чапи рӯдхонаи Панҷро шиканҷа бештар буд.

Подшоҳи Афғонистон Абдураҳмонхон, ки солҳои 80-уми асри XIX ба Самарқанд ҳиҷрат намуда буд, ба ватан баргашта, пеш аз ҳама вилоятҳои марказии Бадахшонро бо зӯрӣ мутеи худ менамояд. Ҳатто вай соли 1882 аз беиттифоқии ҳокими Шуғнон Юсуфалихон бо мардум пай бурда, мақсади забти Шуғнонро мекунад ва барои иҷрои ин ҳадаф соли 1882 Сарвархон ном саркардаро бо сипоҳи зиёд ба он ноҳия мефиристад. Сарвархон бо макру ҳиял Юсуфалихонро ба даст дароварда,

маҳбус карда, ба Кобул мефиристад [14,18]. Ҳокимияти афғонҳо дар тамоми минтақаи Бадахшони кӯҳӣ то соли 1895, то созишномаи байни Русия ва Англия идома ёбад ҳам, тавре ишора рафт, минбаъд беҳбудие ба назар намерасид. Бадахшон ду тақсим гардида буд. Дар Бадахшони ҷониби чапи рӯдхонаи Панҷ ҳоли Бадахшониён аз буда, бадтар гардидааст. Зиддиятҳои мазҳабӣ ва беинсофии амалдорон рӯз ба рӯз меафзуд. Мардум ҷойи осудатареро ихтиёр мекардагӣ шуданд ва ҳамоно бештарашон роғиёни он сӯйи рӯдхонаи Панҷ буданд ва онҳоро зарурат пеш меояд, ки ҳиҷрат кунанд. Тибқи назари забоншиноси рус Ю.И. Богорад, ки дар мавриди гӯйишҳои роғии забони тоҷикӣ пажӯҳиши пуразише анҷом дода, онро интишор намуда буд [6], ватани аксари мардуми Роғро сарзамини бостонии Бадахшон медонад.

Дар ҳақиқат, қисми бештари ин мардум имрӯз ҳам дар вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, яъне дар ватани бумии ниёгонашон зиндагию фаъолият доранд. Ин муҳаққиқи шевашинос боварии комилу қавӣ ва итминонбахш дорад, ки роғиёни имрӯз дар қисми ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунатдошта, ки асосан, дар минтақаи Кӯлоб ва атрофу акнофи он, алалхусус ноҳияи имрӯзаи Шӯрообод буда, давоми насли он роғиёне мебошанд, ки аз ҷабру зулм ва ҷафою беадолатии бераҳмонаи ҳокимони худхоҳу бадкеши афғон роҳи гурез пеш гирифта, ичборан тарки зодгоҳу маҳалли зист намудаанд ва ба тарафи чапи дарёи Панҷ гузашта, маскун шудаанд [6]. Ин фикр баъдтар дар китобу осори илмии Б. Искандаров [10;11], А. Абибов [2,52-77], И. Икромов [9], Қ. Наимов [15] дастгирӣ ва таъйиди худро ёфтааст.

Адабиётшинос И. Икромов, ки ба таҳқиқу омӯзиши зиндагинома ва мероси адабии як зумра адибони доираи адабии Роғи тоҷики асрҳои XIX-XX корҳои зиёда арзишмандеро ба анҷом расонида, доир ба ин мавзӯъ китобу мақолаҳо интишор намуда, пешкаши аҳли таҳқиқ карда, ақидаи Ю.И. Богорадро дар мавриди маҳз вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон будани ватани бумии мардуми Роғ ҷонибдорӣ менамояд, сабабҳои макони таваллуду маҳалли зисташонро иваз намудани эшон ҷонноктару муфассалтар ба таври зайл таъкид кардааст: «Дар ҳақиқат, тоҷикони Роғ, ки дар қишлоқҳои Зердеҳ, Деҳшор, Бузкуш, Шингон, Зӯ, Морҷ, Майдон, Қандоб, Сада, Ёвон, Барроғ, Хулдуск ва Яфтали Бадахшон зиндагӣ мекарданду аҳолии муқимию таҳҷоии ин мавзеъ буданд, дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX аз сабаби зиндагии сахт: кам будани заминҳои ҳосилхез, хунукии қаҳратун ва авҷи зулму золимии ҳокимони давр яке пеш ва дигаре баъдтар он диёрро тарк карда, ба тарафи чапи дарёи Панҷ (қаламрави ҳозираи Дашти Ҷум ва Шӯрообод) муроҷиат менамоянд» [9, с.4-5].

Қобили зикр аст, ки муҳоҷирони роғӣ низ монанди аксари дигар муҳоҷирони тоҷики аз кӯҳистон ба водиҳо кӯчбастаю кӯчонидашуда ба маҳаллу деҳот ва мавзеи ҷойи нави иқомати худ дар бештар мавридҳо номи аслии мавзеъ ё деҳотеро мегузоштанд, ки қаблан макони зисташон будааст. Бешубҳа, ин нишонаи меҳру муҳаббати бепоёни табиии мардум ба ҷою сарзамине мебошад, ки ба қавле, хуни нофашон дар он ҷо рехтааст.

Ҳамин тавр, аз сарчашмаҳои адабию таърихӣ, нақлу ривоятҳо ва осори маҳфузмондаю дастрасгардидаи солҳои охири адибони ин давраи минтақа маълум мегардад, ки тоҷикони зиёде аз деҳоти зиёди Роғи Бадахшони Афғонистон бо сабабҳои гуногуни дар боло зикршуда дарёи Панҷро убур намуда, дар мавзеи Дашти Ҷум, дар наздикиҳои доманакӯҳҳои Шӯрообод (ноҳияи Шамсиддин Шоҳини имрӯза М.Г.), ки пештар Дашти Терай унвон дошт, сукунат ихтиёр менамоянд. Ин аст, ки имрӯз дар ноҳияи Шӯрообод минтақаи ҷуғрофии машҳуру зебоманзаре бо номи Роғ доман паҳн кардааст. Номи Роғ ба ин мавзеъ, ки дар ҳақиқат, минтақаи кӯҳии рӯ ба ҷониби саҳрост, хеле мувофиқ афтодааст. Аз он ки роғиёни ноҳияи Шӯрообод дар ҳақиқат, мардумони омаданд, ин андешаи Розиқи Сидиқ хеле ҷолиб аст: «Мардуми таҳҷоии мавзеи имрӯзаи Шӯрообод дар даврaҳои гуногун ба Терайзамин омада, маскан гирифтаанд. Ҳамин аст, ки онҳо дар деҳаҳои алоҳида гурӯҳ-гурӯҳ омада, макони доимии зисти худро интихоб намудаанд. Инҳо мардумони роғӣ, ёхсучӣ, ховалингӣ ва дарвозӣ мебошанд» [16, с.76].

Чун сухан аз доираи адабии Роғ меравад, пеш аз ҳама гуфтан зарур аст, ки аслан, доираи адабии Роғ аз нигоҳи ҷуғрофӣ хеле васеъ ва сернамоянда буда, қисмати ниҳоят зиёди адибони роғӣ дар ватани аслии хеш-дар Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон зиндагию эҷод кардаанду мактаби адабиашон имрӯз ҳам дар он диёр идома дорад. Мо дар рисолаи худ дар бораи ҳавзаи адабии Роғи тоҷик ва як нафар намояндаиасили он - Мирзо Қадам ва эҷодиёти ӯ баҳси илмӣ оростанием.

Ин роғиён решапайвандони ҳамон роғиёне мебошанд, ки аслу насабашон аз Роғи Бадахшони Афғонистон буда, сабабҳои ишорашуда онҳоро минбаъд парешон кардааст. Маҳдуд намудани мо доир ба доираи адабии Роғи ду соҳили рӯдхонаи Панҷ аз он ҷиҳат аст, ки он ба ҳаҷми китоб вобастагӣ дорад.

Тавре аз маъхази мавҷуда, сарчашмаҳои таърихӣ ва омӯзишу пажӯҳиши аҳли таҳқиқ бармеояд, дар сарзамини Роғ, ки мардумонаш амсоли кулли тоҷикони дигар минтақаҳо адабиётдӯсту шоирпарвар ва шеърдӯсту шоиртабиат мебошанд, дар суханпардозию ҳозирҷавобӣ устод буда,

адибону суханварони зиёде дар як доираи адабии маълуму машҳури ба ном доираи адабии Роғ дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX, новобаста ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва нобасомониҳои замон баробари пеш бурдани рӯзгори қашшоқона ба корҳои эҷодӣ низ камар баста будаанд. Ба андешаи солими муҳаққиқ И. Икромов, муайян намудани сароғози шеъру шоирӣ дар сарзамини Роғ кори саҳл нест.

Сабаби асосӣ ин дар он аст, ки роҷеъ ба рӯзгору осори боқимондаи адибони ин сарзамин то асри XIX сарчашмаҳои адабӣ ва манобеи таърихӣ ба нудрат ва ҳатто ками кам метавон дучор омад. Иллати равшани ин ҳолат дар он аст, ки чи сарзамини Роғ ва чи аксари аҳли илму адаб ва фарҳангдӯстони он аз марказҳои шуҳратёри илмию адабии тоҷикони он давра, монанди: Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Шаҳрисабз, Балх, Ҳирот ва ғайра хеле дур буданд ва зиёда аз ин нодорию тангдастӣ ва вазъи нобасомони қарнҳои мавриди назар барои таҳсили илму такмили дониш дар он марказҳо имконияте надоштанд. Бинобар ин, бештари онҳо дар мадрасаҳои маҳаллии диёр ё ба таври худомӯзӣ ба ҷодаи илму адаб қадам монда, фориғ аз кору бори рӯзгор санҷиши қалам менамуданд. Муҷрими Роғӣ, Мирзо Раҷаб, Лиқои Роғӣ, Мирзо Қадам, Мулло Бурҳон (Бисмил), Мирзо Булбул, Мирзо Наими Сафедобӣ, Мухлис, Валии Роғӣ, Мисраъ, Абдулҳамиди Қадрӣ, Абдии Сафедобӣ ва дигарон аз шоирони шинохтаи доираи адабии Роғи асри XIX ва аввали асри XX- и баршумурда шудаанд, ки дар мадрасаҳои диёр бо худомӯзӣ таълиму тарбия ёфтаанд. Масалан, Муҷрими Роғӣ ва Мирзо Раҷаб дар мадрасаҳои диёри худ таҳсил намудаанд. Мирзо Қадам бошад, пас аз хатми мактаби ибтидоии динии Зордеҳ асосан, ба худомӯзӣ машғул гардидааст. Вале вай аз боиси камбағалӣ ва бебизоатӣ умуман, таҳсилро дар деҳи Сари Намак қатъ карда, дунболи зиндагонии бечорагии худ шудааст.

Яке аз сабабҳои дигари ҳолати мазкур, ба андешаи мо, дар он аст, ки аксарияти мутлақи адибони он замона дар масҷиду мадрасаҳои деҳаҳои Морҷ, Майдон, Ёвон ва ғайра ва ё дар назди муллоҳои ҷудогона таҳсили илм намуда, хатту савод баровардаанд ва асосан, улуми диниро вобаста ба тақозои давру замон, фаро гирифтаанд. Омӯзишу азхудкунии мероси адабии гузаштагони адабиёти форсии тоҷикӣ низ аз машғулиятҳои пайвастаи онҳо будааст. Бо вуҷуди он ки муҳити адабии Роғ аз марказҳои пешрафтаю муқтадири адабию фарҳангии замон дар масофаи дуртар ҷойгир аст, вале ҳатталимкон таълиму тадриси девони Хоҷа Ҳофиз, «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ, «Баҳористон»-и Мавлоно Ҷомӣ, «Шоҳнома»-хониҳо, «Бедил»-хониҳо ва ғайра ба роҳ монда шуда будааст.

Чуноне ки таъкид гардид, нахуст дар бораи доираи адабии Роғ И. Икромов [9] ва Қ. Наимов [15] амиқтар маълумот додаанд. Агар И.Икромов дар рисолаи тазкирамонанди худ «Шоирони Роғи охирҳои XIX ва ибтидои асри XX тоҷик» бо овардани намунаҳои ашъор аз рӯзгору мероси адабии 8 нафар суханварони доираи адабии Роғ: Мирзо Қадам, Муҷрими Роғӣ, Мухлис, Мисраъ, Мирзо Булбул, Лиқои Роғӣ, Бисмил ва Мир Раҷаб ба таври хеле мухтасар ёд карда бошад, дувумӣ роҷеъ ба рӯзгору осори Муҷрими Роғӣ рисолаи номзадӣ ба сомон расонидаву дифоъ намудааст, ки бо фушурдаи он аҳли таҳқиқи соҳа ошноянд. Мақолаҳои С. Ҳакимов «Дараҷаи омӯхта шудани адабиёти Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик» [17, с.36-40] ва «Ҳаёт ва эҷодиёти Лиқои Роғӣ [18, с.38-42] низ андешаҳои хуби илмӣ дошта, дар пурратар шинохтани доираи адабии Роғ ва намояндагони маъруфи он аҳамияти вижа доранд.

Искандар Икромов дар омӯзишу пажӯҳиши доираи адабии охирҳои асри XIX ва аввали асри XX нисбат ба дигар муҳаққиқон фаротар рафта, доираи адабии Роғи тоҷикро то ба имрӯз ба се насли ба ҳам пайванд мансуб медонад, ки мо онро ба таври зайл дастабандӣ намудем:

Насли аввале, ки ӯ ишора намудааст, инҳоянд: Муҷрими Роғӣ, Мирзо Қадам, Мирзо Раҷаб, Лиқои Роғӣ, Мулло Бурҳон (Бисмил), Мирзо Булбул, Мирзо Наими Сафедобӣ, Мухлис, Валии Роғӣ, Мисраъ, Абдулҳамиди Қадрӣ ва дигарон.

Насли дуюми ин ҳавзаи адабӣ: Абдии Сафедобӣ (Саттор Зикруллоев) ва писари ӯ Муслим Сатторов, ки бо тахаллусҳои Абдӣ ва Муслим асар менавишт ва Бурҳонов Абдуҳалим, мутахаллис ба Бурҳониро мансуб донистем.

Ба насли сеюми ин ҳавзаи адабӣ: Раҷабалии Роғӣ, Рашиди Қодириён, Шермадӣ, Ҷиёнхони Латифӣ, Мадхони Шариф, Сангмади Шарифӣ, Аҳмади Билол, Шамси Хатлонӣ, Ёрии Роғӣ, Файзимад, ки бештарашон дар нимаи дувуми асри XX ба дунё омадаанду дар қайди ҳаётанд ва дар баробари шуғлу пешаи ҳамешагии худ ба эҷоди осори бадеӣ машғуланд, шомил мешаванд.

Самара ва дастовардҳои эҷодии насли севуми доираи адабон Роғи тоҷик, ки ба рӯзгори мо рост меояд, саҳми онон дар пешрафти ҳаёти ҷомеаи минтақа ва берун аз он назаррасу ҷолиб аст. Дар байни номбаршудагон Раҷабалии Роғӣ, Рашиди Қодириён, Шермадӣ, Ҷиёнхон Латифӣ соҳиби китобҳои алоҳидаи шеърӣ мебошанд. Бешак, адибони насли сеюм тарбиятёфтаю бакамолрасидаи даврони Шӯравианд ва аз соли 1991 инҷониб шаҳрванди Тоҷикистони соҳибистиқлоли худанд, аз ду насли аввалӣ дида, бо рушду такомули савияи дониш ва огоҳона сайқал додани маҳорату малакаю истеъдод ва фарогирии мавзӯъ комёбтаранд. Ба хусус, мавзӯю мӯҳтавои эҷодиёти насли севуми

доираи адабии Роғи тоҷик ҳамқадами замон буда, тараннумгари ҳаёти воқеии даврон мост, ки баҳсест доманадору алоҳида.

Доираи адабии Роғи тоҷик дар асри XIX ва ибтидои асри XX, ки аз ҷумлаи доираи адабии дорои суханварони зиёди сермаҳсули ҳамин давраи ноҳияҳои атрофу акнофи Кӯлоб маҳсуб мегардад, имрӯз аз ҳарвақта дида, ба таҳқиқу пажӯҳиш ва ба омӯзиши мукаммалтару саҳеҳтар ниёзе бештар дорад. Чаро? Барои он ки мо ба доираҳои адабии Хатлон ба таври бояду шояд маълумоти зарурӣ диҳем, ҳатман доираи адибии Роғи тоҷик бояд дар мадди назар бошад ва ҳатто дар навиштани таърихи адабиёти Хатлон низ кояям дониста мешавад. Зеро бештари корҳои ба ин доираи адабӣ суратгирифта характери умумипажӯҳишӣ ва таърихӣ дошта, пайдоиш, заминаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва омилҳои асосии ташаккулёбӣ ва таҳаввули он ношинохта мондааст. Зиёда аз ин, паҳлӯҳои гуногуни осори адибони ин доира, монанди мавзӯю мӯҳтаво, жанрҳои бадеӣ, хусусиятҳои сабкии адибони алоҳидаи он пурраю дақиқ ва дар муқоисаю муқобила мавриди баҳодиҳӣ ва таҳқиқи ҷиддии илмӣ қарор нагирифтаанд.

Намунаи ашъори шоирони ин давраи Роғи тоҷик дар навбати аввал анъанавӣ буда, аз ғазал, қитъа, муаммо, чистон, фардбайтҳо, маснавиҳои хурд ва ниҳоят қасида иборат мебошанд. Аммо қасида бо сабабҳои сахт таназзул ёфтани ин жанр ва набудани давлати муттамарказ мавқеи асосӣ надошт [9, с.74]. Масалан, дар маснавӣ, мухаммас, мусаддас ва рубоӣ Муҷрим, Мухлис, Мисраъ, Мирзо Қадам пешдаст будаанд. Мусаммату тарҷеъбанд ва қитъаро Мисраъ ва Мирзо Қадам бештар гуфтаанд. Дар «Девон»-и Мирзо Қадам танҳо як қасида дучор омад, ки дар фасли «Мероси адабии Мирзо Қадам» дар ин бора муфассал, бо замон ва зарурати эҷоди онро баррасӣ намудаем. Дар ин мавриди И. Икромов баъди ҷамъбасти мулоҳизаҳои худ оид ба жанрҳои адабии доираи адабии Роғи охирҳои асри XIX ба хулоса меояд, ки «жанри аз ҳама ривоҷёфтаи ин давра ғазал мебошад. Аксар шуарои ин аҳд ғазалсаро буда, маҳорату истеъдоди худро дар эҷоди ин навъи шеърӣ санҷидаанд. Баъзе ғазалҳои шуарои давраи мазкур нисбат ба асрҳои гузашта калонҳаҷмтаранд» [9,74]. Масалан, ғазале, ки бо матлаи:

Бишнав ғазале, ин соли ҳирмон омад,
Айёми баҳору барфу борон омад [12, с.86].

аз Мирзо Қадам аст, ба мавзӯи иҷтимоӣ бахшида шудааст, ки он аз 32 байт иборат мебошад [13, с.107-109].

Дар баробари жанрҳои хурди лирикӣ забон ва сабки шоирони ин давраи Роғи тоҷик хуросонӣ ё ироқӣ ва каломашон содаву равон буда, дар онҳо истифодаи зарбулмасалу мақолҳои халқиро зиёд дучор меоем. Масалан, мақоли «Хори ватан аз мулки Сулаймон беҳтар»-ро шоири ин давр Мисраъ чунин ба назм овардааст:

Зи гулгашти ҳузури ғурбат озори ватан хуштар,
Зи дасти шафқати бегона силиҳои ихвон беҳ [12, с.87].

Вақте ба тамоми осори муҳфузмондаи адибони Роғи тоҷик таваҷҷӯҳи амиқ намоем, маълум мешавад, ки онҳо аз адабиёти классикии форсии тоҷикии то замони худ бархурдор будаанд. Дар намунаҳои асарҳои лирикии онҳо таъсири Аттори Нишопурӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва таъсири доираҳои адабии форсигӯёни Ҳинду Покистон равшан ва мушоҳида мешавад. Як қисми шоирони Роғ бо лаҳҷаҳои маҳаллӣ низ шеър гуфтаанд, ки дар онҳо таъсири адабиёти шифоҳӣ бештар мушоҳида мешавад. Ин шеваи нигориш бештар дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам ҷой дорад, мисли вожаи «авқот», ки онро Ю.И. Богорад «лаҳҷаи роғӣ» [6] номидааст.

Аз ин ҷост, ки ҳам дар эҷодиёти даҳонакии халқ, ҳам дар осори шоирони мавриди назар сурудаҳои зиёдеанд, ки бо лаҳни зебои маҳаллӣ садо медиҳанд, онҳо на танҳо барои аҳли маҳал, балки барои ҳамаи тоҷикзабонон (даризабонону форсизабонон), ки реша аз як забони ягона доранд, гӯшнавозу шуниданианд. Барои мисол ба ин рубоии халқии хеле машҳури мардуми Кӯлоб мутаваҷҷеҳ мешавем:

Чархофалако, маро ба чарх овардӣ,
Кӯлобӣ будам, маро ба Балх овардӣ.
Кӯлобӣ будам, оби ширин мехӯрдам,
Баргашта маро ба оби талх овардӣ [4, с.13].

Дар хусуси аз соҳили чапи дарёи Панҷ ба соҳили рости он иҷборан фирор намудани роғиҳо ва ба ғарибӣ афтодани онҳоро ин рубоии мардуми Роғ ҳикоят менамояд:

Рафта Сари Навранғаву дидам Роға,
Дар синаи реши худ бимондам доға.
Гуфтам, намирам, як бор бинам Роға,
Армон ба дилам бимонд, надидам Роға [5,4].

Сари Навранга дар баландии деҳаи Порвори Шӯрообод (Теҳрай) ҷой дошта, аз он ҷо ба чашм намоён будани Роғи қисми Афғонистон баёнгари он аст, ки роғиёни аз рӯдхона гузашта, аввал дар

Терайзамин сукунат намуда, бо мурури замон ба ноҳияҳои дигари Хатлон парешон гашта будаанд.

Аз шоирони доираи адабии Роғи тоҷик Сангмади Шарифӣ, ки худ эҷод мекарду навиштаҳояшро ба оҳанг дароварда месароид, ба адабиёти шифоҳию хаттии мардуми Роғ назари гарму некбинона дошт ва мулки Роғ ва бузургони ин сарзаминро бо муҳаббати зиёд ситоиш намудааст. Вай аз бузургону азизон, чашмасорону обҳои зулоли рӯдхонаҳои Роғ, боғҳои сермеваю шакаристони он, мардони зӯру бихрадаш ёд карда, чунин замзама менамояд:

Ҷойи бузургон дар мулки Роғай, Ҷамъи азизон дар мулки Роғай.
Оби зулолу сарду шифобахш, Заб чашмасорон дар мулки Роғай.
Дар боғҳояш чӣ мева хоҳӣ, Чун шакаристон дар мулки Роғай.
Мардию зӯрӣ хосай ба роғӣ, Заб паҳлавонон дар мулки Роғай.
Духтари роғӣ, мисли парӣ, Бас хубрӯён дар мулки Роғай.
Аз дами аспаш номард гурезон, Заб човандозон дар мулки Роғай.
Ҳамдарси Айнӣ андар Бухоро Домулло Бурҳон дар мулки Роғай.
Булбули Роғӣ, Муҷриму Мухлис, Мирзо Қадамҷон дар мулки Роғай.
Аз ҳофизони шӯридаи Роғ, Садири хушхон дар мулки Роғай.
Кардӣ,Шарифӣ, ёди бузургон, Моро ниёгон дар мулки Роғай [9,7].

Мулло Бурҳон мутахаллис ба Бисмил аз шоирони барҷастаи охирҳои асри XIX ва солҳои 70-уми асри XX-и тоҷик маҳсуб меёбад. Ӯ таҳсили ибтидоии диниро дар деҳаи Хоҷағалтони ноҳияи Шӯрообод гирифта, чанд муддат дар мадрасаи Тебалай ба дарёфти илму дониш машғул будааст. Баъд Мулло Бурҳон ба Бухоро рафта, бо устод Садриддин Айнӣ шарикдарси мадраса гардида, дубора ба ватан бармегардад ва бо тахаллуси Бисмил шеър мегӯяду дар тарбияи фарзандони ташнаи дониши диёр ҳиссагузорӣ менамояд.

Тавре ишора рафт, аксар шоирони роғӣ, ки акнун паҳну парешон шуда буданд, танҳо аз бобоёни худ ёд менамуданду халос. Дубора ба диёри бобоӣ - Роғи Бадахшон баргаштан ғайриимкон буд. Масалан, дар як ғазали Мирзо Қадам аз зодгоҳи азизаш Деҳшор ва Зардеҳ бо ҳасрат ёд мешавад:

Чӣ гӯям, эй мусулмонон, ман андар ҳасрати Деҳшор, Дигар з-он Зордеҳи ҷонон, аз он ҳар як ниҳоли хор.
Чу булбул бо дили зорам, зи дида ашк меборам, Дили пурдарди садпорам, надорам тоқати гуфтор.
Дареғ аз умри меҳмонам, гузаштӣ чун зимистонам, Ҷудо аз боғу бӯстонам, ба меҳмонхонаи ағёр.
Ба дил доғе, ки дорам ман, зи ҳасратҳои Деҳшорам, Ба ёрони ватандорам зи даҳ якро кунам изҳор…[12, с.91].

Чуноне ки таъкид гардид, удабои доираи адабии Роғи асри XIX ва ибтидои асри XX ҳаёти сиёсию иҷтимоии вазнинро аз сар гузаронидаанд. Бо вуҷуди ин, роғиёни эҷодкор, ба душвориҳои мавҷуда, ки аз ду тараф гӯё иҳота шуда буданду бароямон роҳ ба марказҳои бузурги илму фарҳанги форсу тоҷик баста буд, вале онҳо хастанопазирона ҳам масолеҳи рӯзгори худро муҳайё мекарданд, ҳам дар лаҳзаҳои фориғ аз заҳмат бо кори эҷодӣ машғул мешуданд. Ин ба он маъност, ки аз ҷониби амири Бухоро ба онҳо фишорҳои миёншикан мерасид, илова ба онҳо фишори ҳукумати русҳо сарборӣ буд.

Аз ҷониби Афғонистон бошад, мустамликадорони англис бо ҳукумати Абдураҳмон ба сарашон боҷу хироҷи миёншикан гузошта буданд. Бо ин ҳама маҳдудиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ адабиёт роҳи худро дар ин ҳавзаи адабӣ равшан нигоҳ дошта омадааст. Далели ин танҳо дар боло номбар гардидани намояндагони ин доираи адабӣ андешаи моро таъйид менамояд.

Ин ҷо зикри ин нукта зарур аст, ки дар илми адабиётшиносии тоҷик то ба имрӯз на фақат ҳаёт ва эҷодиёти суханварони боқимондаи доираи адабии Роғи тоҷик, ҳатто намояндагони машҳури он пурра ва ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Зиёда аз ин, доир ба анвои осори бадеӣ, жанрҳои адабӣ, мазмуну мундариҷа ва мӯҳтавои ашъори шоирони ин доираи адабӣ таҳқиқоти комили илмӣ рӯйи кор наомадааст. Сабаби ин шояд, пеш аз ҳама, дар дастрас набудан ё камтар дастрас будани дафтару девони ашъори бисёре аз шоирони маълуму машҳур ва ҳам каммашҳуру гумноми пешини доираи адабии Роғи тоҷик дар набудани маълумоти хаттӣ ва ишораҳо дартазкирҳова ҳаҷми осори бамеросмондаи ин суханварон бошад.

Ҳамин норасоиҳо иҷрои муваффақонаи ин нияту мақсадро вазнин ва душвор гардонидаанд, ки ин ба осори маҳфузмондаи Мирзо Қадам ва ҳамасронаш бетаъсир набудааст. Сабабҳои асосӣ, ба андешаи мо, аз инҳо иборатанд:

1. Баъзе ва шояд бисёре аз эҷодкорони ин доираи адабӣ, ки табъи хуби эҷодӣ доштанду шеъри равон мегуфтанд, ба сабаби нобасомониҳои рӯзгорашон ба чакидаҳои хомаи хеш беэътиноӣ мекарданд, ашъори гуфтаашонро дар шакли девон ё маҷмӯа гирд намеоварданд, дафтари ашъор мураттаб наменамуданд. Биноан, аз онҳо ба ҷуз авроқе чанд парешону бетартиб чизе дар ихтиёр

нест.

2. Азбаски пешаи асосӣ ва василаи рӯзгузаронии бештари адибони ин даврa ва ин доираи адабӣ на шеъру шоирӣ, балки кишоварзию деҳқонӣ, боғдорӣ ва косибӣ будааст, онҳо ҳосили ғизои ҷисмониро аз ғизои рӯҳӣ бартар гузоштаанд.

3. Чун эҷодкорон барои ба шакли дафтару девон даровардани офаридаҳои бадеияшон намекӯшиданду беэътиноӣ ва бепарвоӣ зоҳир мекарданд, наздикону пайвандон ба лозим будани он гуфтаҳо дар оянда чандон эътиборе надодаанд.

4. Нобасомонии рӯзгор, ташвишу сарсониҳо, муҳоҷиратҳои маҷбурӣ, хорузоршавии аҳли илму адаб ва ҳунар эҷодкоронро, ки табъу завқи нозуку дили ҳассос доштанд, дар масъалаи ҷамъоварию китобат кардани осорашон дилсарду бетараф месохт.

5. Ҷабру ситами ҳокимони давр чи дар соҳили чапи рӯдхонаи Панҷ ва чи дар тарафи рости он, андешаҳои вазнин ва ғайра, аз манзиле ба манзиле кӯч бастан, баъзан ба талафёбии асарҳои бо хуни дил навиштаи адибон боис мегардид.

6. Ба орият гирифтани дафтари шеър ё девони ин ё он адибу дубора барнагардонидани он низ ба талафёбии осори адибони асри XIX ва аввали асри XX сабаб шудаанд. Масалан, чунин ҳолати нохуш ба сари қисми аввалу охири «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам рух додааст, ки сарнавишти он дар поёнтари китоб шарҳ дода мешавад.

7. Азбаски аксарияти мутлақи шахсони бофазлу дониш ва дар ҷодаи эҷод соҳибҳунар дар масҷиду мадрасаҳо ва назди муллоҳо саводу хат омӯхта буданд, ки дар ашъорашон мавзӯоти мухталифи ҳаётӣ бештар аз нигоҳи динӣ матраҳ мешуд, барои идеологияи баъдтар ба сари ҳокимият омадаи давлати Шӯравӣ ва ҳизби коммунист нолозим ва ҳатто хатарнок шуморида мешуд, омӯзиш ва паҳн намудани ин қабил асарҳо мамнӯъ буд.

8. Дар солҳои 1930-1950 дар айни шиддати муборизаи идеологӣ дар Давлати Шӯравӣ, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба авҷи аълояш расида буд, бисёр асарҳои нодир ва бузурги илмӣ ва адабиёти классикии форс-тоҷик, аз ҷумла баъзе асарҳои адибони доираи адабии Роғи тоҷик, ба монанди шарҳи муфассал ба девони Хоҷа Ҳофиз навиштаи Мирзо Қадам бо «айби зарарнок» будан, дар қатори китобҳои мӯътабари динӣ сӯзонда шуданд.

9. Пас аз даргузашти баъзе шоирон наздикону пайвандони мутаассифона, аз илму адаб дури онҳо дафтару китоби ашъорро маҳфуз надошта, сабабгори гумшавӣ ё нестшавиашон гардидаанд.

10. Ба эҳтимоли зиёд ҳанӯз ҳам намунаҳои осор ва шояд девон ё дафтарҳои шеъри шоироне, ки номаълум ё ноомӯхта боқӣ мондаанд, дар дасти ашхосе бошанд, ки бо сабабҳои ноаён онҳоро на ба бойгонӣ медиҳанду на ба дасти муҳаққиқе барои омӯзиш ва ба табъ расонидану дастраси оммаи васеъ гардонидани онҳо.

11. Аз ҳама чашмрастараш ба назар аз баландии имрӯз он аст, ки доираи адабии Роғи тоҷик дур аз марказҳои фарҳангии ҳамзабонон бесару сарвар ва раҳнамо амал мекард. Бо сабабҳои камбағалию нодорӣ онҳо барои гирифтани таълимоти мукаммал ба шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Хӯқанд ва ғайра рафта натавониста, дар мадрасаҳои диёр ё мехонданд ё худомӯзӣ мекарданду ҳаёт ва осорашон «аз мадди назари муаллифони тазкиранависи он давр берун» [17,194] монда буданд. Тӯфони ҳаводиси замон ҳамаро парешон нигоҳ медошт, камтар имконият мешуд, ки адибони эҷодкор ҷамъ оянду суҳбате ороянд, ба осори якдигар баҳо диҳанд, андешаҳо радду бадал намоянд ва ғ.

Хулоса ҳамин тавр, воқеаҳои ба сари мардуми Роғ овардаи замон ва сабабҳои дар боло як-як барчида боис шудаанд, ки дафтари шеър ё девони ашъори суханварони зиёди Роғ умуман, Роғи тоҷик аз асри XVIII то нимаи дувуми асри XX, дар як муддати дарози таъриҳ, то замони мо камтар боқӣ мондаанд, ки корро дар пешбурди ҳадафи мукаммали ҷустуҷӯ ва таҳқиқу баҳодиҳӣ ба ҳунар ва вижагиҳои эҷодиёти онҳо ва баррасии паҳлӯҳои услубии осори маҳфузмондаашон мувоҷеҳи мушкилот месозанд.

Бо вуҷуди нокифоя ва нокомил будани пажӯҳишҳои дар ин самт баанҷомрасида айён аст, ки намояндагони ин доираи адабӣ дар рушду такомули жанрҳои мухталифи адабиёту фарҳанги тоҷик, хоса қисмати ҷанубии Тоҷикистон ё ба ибораи дигар Бухорои Шарқӣ ҳиссаи назаррас гузоштаанд.

Яке аз намояндагони соҳибдевон ва миёни мардуми бумии ҷанубии мамлакат нисбатан маълуму машҳури доираи адабии Роғ Мирзо Қадам мебошад, ки таҳқиқоти мо ба рӯзгору осори ӯ бахшида шудааст, ки то ба имрӯз хеле кам омӯхта шудааст. Итминон дорем, ки он ҷои холимонда ва наомӯхтаи ин доираи адабиро дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX пурратар мегардонад ва ба омӯхтани ҳаёту эҷодиёти намояндагони дигари ин доираи адабии низ мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
2. Абибов А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон/ А. Абибов. – Душанбе: Дониш, 1971. – 199 с.
3. Абибов А. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ (асри XIX ва ибтидои асри XX) /А. Абибов. – Душанбе: Дониш, 1984. - 240 с.

4. Амонов Р. Рубоиҳои халқӣ ва рамзҳои бадеӣ /Раҷаб Амонов – Душанбе: Дониш, 1978. – 296 с.
5. 5.Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик / Раҷаб Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 453 с.
6. Брагинский И.С. Очерки из истории таджикской народной поэзии /И.С. Брагинский. – Москва: АН СССР, 1956. – 496 с.
7. Давронов С. Сохти шеъри тоҷикӣ /С. Давронов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 25 с.
8. Икромов И. Ганҷи нуҳуфта/ Искандар Икромов. – Душанбе: Кишоварз, 2006. – 105 с.
9. Икромов И. Шоирони Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик / Искандар Икромов. – Душанбе: Афсона, 2008. – 144 с.
10. Искандаров Б.Н. Восточная Бухара и Памир во второй половина XIX в. / Б.Н. Искандаров. – Душанбе: Таджик-издат, 1962. – 354 с.
11. Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присаединоная Средней Азии к России /Б.И. Искандаров.- Душанбе:
12. Мирзо Қадам. Девон// Мураттиб ва муаллифи сарсухан Искандар Икромов. Ба хатти кириллӣ баргардонанда Шерхон Ватанов/Мирзо Қадам. – Душанбе: Кишоварз, 2009.-184с.
13. Мирзо Қадам**.** Қасас-ул-анбиё// Мураттиб ва муаллифи сарсухан Искандар Икромов. Муҳаррир ва ба хатти кириллӣ баргардонанда Шерхон Ватанов/ Мирзо Қадам. – Душанбе: Кишоварз, 2010. – 336с.
14. Нарзиқул М. Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър) / Мисҳобиддини Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 79 с.
15. Наимов К.К. Муджрим и литературная среда Рога в конце XIX и начале XX века/Наимов Қудратулло Кахорович.- Автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата филологических наук. – Душанбе, 2010. – 23 с.
16. Солеҳов М. Арӯз ва омӯзиши он / М. Солеҳов. - Душанбе, 2005. -110 с.
17. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.
18. Ҳодизода Р. Шоҳин /Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1974. – 142 с.

ДОИРАИ АДАБИИ РОҒ ДАР ОХИРҲОИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

Дар ин мақола оид ба доираи адабии Роғ, ки аз нигоҳи ҷуғрофӣ хеле васеъ ва сернамоянда буда, қисмати ниҳоят зиёди адибони роғӣ дар ватани аслии хеш-дар Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон зиндагию эҷод кардааанду мактаби адабиашон имрӯз ҳам дар он диёр идома дорад, сухан меравад.

Мақсади мақола, дар бораи ҳавзаи адабии Роғи тоҷик ва як нафар намояндаи асили он - Мирзо Қадам ва эҷодиёти ӯ баҳси илмӣ ороста аст.

Ба андешаи муаллиф, сабаби асосии аз қисмати Роғи Бадахшони Афғонистон ба ин диёр ё кӯч бастааанд ё муҳоҷир гардидани роғиҳо дар сусту заиф гардидани ҳукумати Бухоро дар асри XIX , аз ҷониби дигар, ба Афғонистон даст дароз намудани мустамликадорони англис тоқатфарсо гардидани вазъи иҷтимоии мардум мебошад.

Муаллиф дар такя ба пажуҳиши олими адабиётшиноси тоҷик Искандар Икромов қайд менамояд, ки доираи адабии Роғи тоҷикро то ба имрӯз ба се насли ба ҳам пайванд мансуб медонанд, ки Мирзо Қадам ба насли якуми ин ҳавзаи адабӣ шомил аст.

Аз таҳқиқи намунаҳои ашъори шоирони давраи аввали Роғи тоҷик, аз ҷумла ашъори Мирзо Қадам бармоеяд, ки ашъорашон анъанавӣ буда, аз ғазал, қитъа, муаммо, чистон, фардбайтҳо, маснавиҳои хурд ва ниҳоят қасида иборат мебошанд. Инчунин, дар ин маврид И. Икромов баъди ҷамъбасти мулоҳизаҳои худ оид ба жанрҳои адабии доираи адабии Роғи охирҳои асри XIX ба хулоса меояд, ки жанри аз ҳама ривоҷёфтаи ин давра ғазал мебошад.

Вожаҳои асосӣ: *давраҳои адабӣ, вижагиҳои адабиёт, баҳси илмӣ, доираи адабӣ, мавқеи эҷодкор, сатҳи иҷтимоӣ, жанрҳои адабӣ, фазлу дониш.*

ЛИТЕРАТУРНЫЙ КРУГ РОГА В КОНЦЕ XIX И НАЧАЛЕ XX ВЕКОВ

В данной статье рассматривается литературный круг Рога, который очень широк и географически репрезентативен, причем подавляющее большинство писателей Рога жили и писали на своей родине, в Бадахшане Исламской Республики Афганистан, а их литературная школа продолжается и по сей день.

Цель статьи. Рассмотреть научную дискуссию о литературной сфере Рого Таджикистан и одного из его самобытных представителей Мирзо Кадама и его творчестве.

По мнению автора, основной причиной миграции Бадахшанских жителей Рога Афганистана в Таджикистан стало ослабление бухарской власти в XIX веке, с другой стороны, вторжение английских колонизаторов в Афганистан и невыносимое социальное положение.

Основываясь на исследованиях таджикского литературоведа Искандара Икрамова, автор отмечает, что литературный округ Таджикского Рога до сих пор считается принадлежащим к трем взаимосвязанным поколениям, и Мирзо Кадам принадлежит к первому поколению этого литературного округа.

Изучение образцов поэзии первого периода таджикских рогов, в том числе стихов Мирзо Кадама, показывает, что их призведения традиционно состоят из газелей, стихотворений, поговорок и загадок, изречений, малых маснави и, наконец, касыды . Также в данном случае И. Икромов обобщая свои выводы о литературных жанрах рожского литературного круга конца XIX века, отмечает, что наиболее развитым жанром этого периода была газель.

Ключевые слова: *литературные периоды, особенности литературы, научная полемика, литературный круг, творческая позиция, социальный положение, литературные жанры, мудрость и знание.*

THE CIRCLE OF LITERARY THE HORN AT THE END OF THE XIX AND THE BEGINNING OF THE XX CENTURIES

This article discusses the literary circle of the Horn, which is very wide and geographically representative, with the vast majority of the writers of the Horn living and writing in their homeland, in Badakhshan, the Islamic Republic of Afghanistan, and their literary school continues to this day.

Purpose of the article *conducts a scientific discussion about the literary sphere of Rogo Tajikistan and one of his original representatives Mirzo Kadam and his work.*

According to the author, the main reason for the migration of the Badakhshan inhabitants of the Horn of Afghanistan to Tajikistan was the weakening of the Bukhara authorities in the 19th century, on the other hand, the invasion of the British colonialists in Afghanistan and the unbearable social situation.

Based on the research of the Tajik literary critic Iskandar Ikramov, the author notes that the Tajik Horn literary district is still considered to belong to three interrelated generations, and Mirzo Kadam belongs to the first generation of this literary district.

The study of samples of poetry of the first period of Tajik horns, including poems by Mirzo Kadam, shows that their works traditionally consist of ghazals, poems, sayings and riddles, sayings, small masnavi and, finally, qasida. Also in this case, I. Ikromov, generalizing his conclusions about the literary genres of the Rozhsky literary circle of the late 19th century, notes that the most developed genre of this period was the ghaza.

Key words: *literary periods, features of literature, scientific controversy, literary circle, creative position, social position, literary genres, wisdom and knowledge.*

Маълумот дар бораи муаллиф:

Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна *- номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Сурога: шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16, Тел: (+992) 989095453*

Сведения об авторе:

Мирзорахматова Гулнора Миралиевна *- кандидат филологических наук, преподаватель кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, Адрес: г. Куляб, улица С.Сафарова, 16, Тел: (+992) 989095453*

About the author:

Mirzorakhmatova Gulnora Miralievna *- candidate of Philology, teacher of the Tajik language department of the Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone: (+992) 989095453.*

ОМӮЗИШИ ОСОРИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ МУОСИР

Олимӣ Х.Х., Иброҳимов Ф.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX ганҷинаҳои дигари наср «Наводир-ул-вақоеъ», «Меъёр-ут-тадаюн», «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шамсуддин Шоҳин, «Туҳфаи Сомӣ»-и Мирзо Азими Сомӣ, «Савонеҳ-ул-масолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» ва «Рӯзномаи вистафкаи Маскоб»-и Абдураҳмони Мустаҷир, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷиддини Ҳаким, «Мунозира»-и Абдурауфи Фитрат, «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ таълиф шудаанд. Махсусан, дар охири асри XIX иншо гардидани «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмадмахдуми Дониш инқилоби тозаеро дар насри бадеии тоҷик ба вуҷуд овард.

Қисми асоси Гузашта аз ин, донишҳои гуногунпаҳлуи адибони моарифпарвари тоҷик, ба мисли Аҳмади Дониш, Шамсуддин Шоҳин, Қорӣ Рахматуллоҳи Возеҳ, Савдо, Абдураҳмони Мустаҷир, Ҳайрат ва дигарон ифодакунандаи воқеияти бадеӣ ва таърихии авзои сиёсию иҷтимоии охири асри XIX дар Бухорост ва зимни таҳқиқи қонуниятҳои ташаккулёбии раванди маорифпарварӣ, жанрҳои адабӣ-таърихӣ, забони адабӣ, арзишҳои эстетикӣ ва робитаи он бо иҷтимоъ баррасӣ карда шуд.

Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи адабиётшиносоне мебошад, ки доир ба адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX маълумоти кофӣ оварда, зимнан ба осори адибони ин давр баҳои муносиб додааст. Нахустин намуна ва ё ба қавле шиносномаи миллати тоҷик дар солҳои тақдирсоз барои мардуми мо ин «Намунаи адабиёти тоҷик» буд, ки соли 1926 дар Маскав интишор мегардад ва то андозае ба даҳони душманони миллату фарҳанги тоҷик қулфи хомӯшӣ мезанад. Дар сарсухани «Намунаи адабиёти тоҷик» С.Айнӣ тазаккур медиҳад: «Аз бозе, ки вақоиъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳру Туркистон чунонки як қавми муаззам ба номи тоҷик ё ки тозик истиқомат дорад, ҳамчунон забону адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст». Абулқосим Лоҳутӣ дар пешомади ин китоб шахсият, заҳмат ва дониши Айниро тавсиф менамояд ва ба «Намунаи адабиёти тоҷик» баҳои баланд медиҳад: «Ба фикри ман, «Намунаи адабиёти тоҷик» беҳтарин намунаи сайри тараққии адабии тоҷикон аст. Устод Айнӣ барои ёфтани баъзе аз нусхаҳои хаттии шоирони тоҷик басо рӯзҳо, ки дар ба дару кӯча ба кӯча рафта, то онро ёфтаву ба даст оварда ва дар натиҷа заминаи ҳозире барои танқиду таҳлилоти адабии тоҷикон омода намуда»[1, с.7].

Асари мазкур аз се қисм иборат буда, маълумоти кофӣ ва пурра доир ба адабиёти асри XIX дар қисми дувум ба чашм мерасад. Дар ин қисмат дар бораи адибони маорифпарвар Аҳмадмахдуми Дониш, Савдо, Возеҳ, Шоҳин иттилоот дода, баъзе масъалаҳои рӯзгор ва осори онҳоро ба хонанда шарҳ додааст, ки ин барои таъкиди мушкилоти замони амирони манғит хеле ба маврид аст.

Фаъолияти устод Айнӣ дар хусуси ба табъ расонидани матни саҳеҳи асарҳои бадеӣ ҳанӯз пеш аз Инқилоби Октябр оғоз ёфта буд. Дар аввали асри XX бо раҳбарии Садри Зиё С. Айнӣ ҳамроҳи Мунзим ва Ҳайрат дар асоси татбиқи нусхаҳои алоҳидаи «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш нусхаи комили асарро ба вуҷуд меовард [2, с.28]. Махсусан, баҳои С.Айнӣ ба осори Аҳмади Дониш хеле дақиқ аст: «Маълум аст, ки дар он овон дар Бухоро аз фикрҳои наву адабиёти ҷадид асаре набуд. Пас маълум мешавад, ки ин доҳии модарзод ҳамаи афкорашро аз ғайри талқини касею китобе маҳз аз тадаббуру тафаккури худ маишату дунёро ҳосил кардааст»[1, с.20]. Агар ба ин фикр такя намоем, пас хулосаи муҳаққиқони замони шӯравӣ дар мавриди он ки маорифпарварии Дониш аз сафарҳои мунтазамаш ба Русия сарчашма мегирад, комилан ихтилоф дорад. Ба қавли устод Айнӣ, бинобар беэътиноӣ нисбат ба назмаш ашъори таълифнамудаи Дониш ҷамъоварӣ карда нашудаанд ва оид ба насри мутафаккир меорад: «Аз Аҳмадмахдум дар пуштҳои китоб, дар маҷмӯаҳои мутафарриқа, дар дафтарҳо ва дар коғазпораҳо хеле осори мансура мондааст. Аммо номдортарин осори мансурааш «Наводир-ул-вақоеъ» ном китоби мудавван аст, ки тахминан дорои 750 сафҳа аст. Мундариҷоти ин китоб воқеаҳои мутафарриқа ва саргузаштҳои парешон ва баъзе масоили илмия буда, забонаш форсии сода, тартибаш наздик ба румон аст, ки дар зимни саргузаштҳои хаёлӣ хеле ибратбахшост»[1, с.201-202].

Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» бевосита сарчашмаҳои истифода намудаашро тазаккур дода, ҳамзамон роҷеъ ба тазкиранависон маълумот додааст.

Дигар асаре, ки оид ба воқеаҳои нимаи дувуми асри XIX маълумот додааст, ин «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба шумор меравад. Махсусан, дар «Ёддоштҳо» ифодакунандаи рӯзгори Аҳмади Дониш, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Абдулвоҳиди Мунзим, Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрат, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Қорӣ Абдулкарими Офарин, Мирзо Азими Сомӣ, Азизхоҷаи Азиз, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Шамсуддини Шоҳин маълумоти фаровон оварда шудааст.

Чеҳраи Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо» асосан дар бахшҳои «Одами аҷиб» (дар қисми дуюми асар), «Шарифҷонмахдум ва ҳамсуҳбатони ӯ», «Тарзи зиндагонии шабонарӯзӣ ва ҳафтагии Аҳмадмахдум», «Оби ганда ба хандақ», «Саёҳати солонаи Аҳмадмахдум», «Шеърҳои ҳаҷвии Аҳмадмахдум» (дар қисми сеюми асар), «Хабари вафоти Аҳмади Дониш» ва «Аввалин шиносоии ман бо калонтарин асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» (дар қисми чоруми асар) инъиксос ёфтааст. Дар «Ёддоштҳо» аз рӯзгори Аҳмади Дониш мисолҳои намунавӣ бо таҳлили устод Айнӣ оварда шудааст. Айнӣ Донишро ба ҳайси хаттот, шахси таърихдон, маорифпарвар ва донишманд инъикос намуда, ҷое мавқеи ҳунари Аҳмадмахдумро тасвир мекунад: «… даромади асосии Аҳмадмахдум аз роҳи меҳнати худаш буд… ӯ бисёр хушхат ва лаввоҳи ҳунарманд буда, даромади ин пеша харочоти «валинеъматонаи» ӯро мебардошт. Ӯ на танҳо лаввоҳ ва ҷадвалкаш буд, балки рассоми ҳунарманд ҳам буд, ки расмҳои бисёр зинда мекашид»[3,с.285]. Аз он ки Айнӣ бо дастнависҳои Дониш ошно буд, ҷойи шакку шубҳа нест, зеро худи нависанда таъкид менамояд: «Ман як «Юсуф ва Зулайхо»-ро бо хат, лавҳ, ҷадвал ва расми Аҳмад-Махдум дидаам, ки дар ҳамон вақт ба қимати сесад пуд гандум фурӯш шуда буд»[3, с.285].

Асосан, воқеаҳои охири асри XIX ва махсусан масъалаи инсонрабоӣ, зулм ба бечорагону фақирон ва ғуломфурӯшӣ дар романҳои «Дохунда» ва «Ғуломон» ошкортар баён гардидааст. Дар китоби «Таърихи инқилоби фикри дар Бухоро» Айнӣ Донишро чунин тавсиф намудааст: «Аҳмадмахдум фозил ва олими дараҷаи аввал ҳам, аз дарсҳои расмӣ шогирд қабул нанамуд ва ба эътирозкунандагон дар ин бора фасоду вайронии мадрасаҳо ва дарсҳои расмиро фаҳмонда истод...

Муҳимтарин ва аз ҷиҳати танқид бераҳмонтарин асари Аҳмадмахдум «Наводир-ул-вақоеъ» ном китоби ба тариқи роман навиштаи ӯст. Ин китоб (дастнавис) аз 750 саҳифа иборат буда, мундариҷаташ аз саргузаштҳои оддӣ ва аз баъзе мақолаҳои илмӣ иборат аст»[4, с.21].

Дар бораи Аҳмади Дониш дар адабиёти пешазинқилобии рус низ тақрибан чизе нест. Фақат сайёҳи рус Л.Ф. Костенко «Дар саёҳати ҳайати сафорати рус ба Бухоро дар соли 1870» ном асари худ чанд сатре ба Аҳмади Дониш бахшидааст. (Нашри соли 1871-ум, Петербург). Ба қавле Л.Ф. Костенко тасдиқ мекунад, ки Мираҳмад дар музокираҳои ҳайати дипломатии рус бо ҳукумати Бухоро дар соли 1870-ум «Котиби сафорати Бухоро» будааст. Л.Ф. Костенко ба Петербург сафар кардани Мираҳмадро низ қайд карда мегузарад. Бо вуҷуди хеле кӯтоҳ ва пароканда будан маълумотҳое, ки Л.Ф. Костенко дар бораи Аҳмади Дониш медиҳад, онҳо ҷиҳатҳои тарҷимаи ҳоли ин марди маорифпарварро равшан мекунанд [5, с.12].

Хидмати Сотим Улуғзода низ дар шинохти Аллома Аҳмади Дониш назаррас мебошад, ки ҳанӯз соли 1946 китобе бо номи «Аҳмади Дониш» иншо менамояд. Сотим Улуғзода ин асари ҳудро «очерк» номидааст ва бо сабабҳои ба мо маълум тазаккур менамояд, ки «Мақсади ин китобча хонандагонро ба тариқи умумӣ ба ҳаёт ва фаъолияти адабии Аҳмад махдуми Дониш ошно кардан аст. Вай даъвои ба таври чукур ва ҳаматарафа таҳлил кардани асарҳои ӯро надорад» [6, с.3].

Дар ин очерк нависанда ҳам аз услуби бадеӣ ва ҳам аз услуби илмӣ истифода намуда, баъзан хотираҳои ачиберо низ зикр намудааст. Дар оғози рисола портрети Аҳмади Дониш аз қаламу Улуғзода тавсиф гардидааст, ки шояд аз шунидаҳои нависанда сарчашма гирифта бошад.

Ҳамон тавре ки дар боло зикр гардид, Сотим Улуғзода Аҳмади Донишро асосгузори адабиёти нав медонад.

И. С. Брагинский низ дар таҳқиқи адабиёти замони маорифпарварӣ бо дарназардошти таҳаввулоти мавзӯъ ва мароми адибон Аҳмади Донишро асосгузори адабиёти нави тоҷик мешуморад ва аҳамияти муҳимро дар пайдоиши адабиёти нав аз таъсири Русия медонад [7, с.214]. Ба андешаи И.С. Брагинский, Аҳмади Дониш тавонист, ки пайравони ҳудро пайдо намояд ва соҳиби мактаби хоссаи ҳуд гардад, ки аз ҷумлаи нафарони дар атрофаш гирд омада инҳо Шоҳин, Савдо ва баъдтар С. Айнӣ, Т. Асирӣ ва дигарон буданд [7, с.220].

Олими маъруфи рус Е.Э. Бертелс ҳанӯз соли 1936 оид ба даврабандии адабиёти асримиёнагии тоҷик муҳокима ронда, дар ин ҷода ба адабиёти нимаи дуюми садаи Х1Х ва намояндаи барҷастаи он Аҳмадмахдуми Дониш бештар таваҷҷуҳ карданро таъкид мекунад: «Дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик бештар ба адабиёти нимаи асри Х1Х диққат бояд кард, зеро маҳз дар ин давра дар адабиёти буржуазияи Осиёи Миёна он пешрафт дида мешавад, ки дар аввали асри ХХ ба пайдоиши адабиёти ба номи «ҷадидӣ» оварда расонд... ва вақте ки ба омӯхтани адабиёти тоҷики асри Х1Х шурӯъ мекунем, пеш аз ҳама ба симои барҷастаи «падар»-и адабиёти нави тоҷик- Аҳмади Калла вомехӯрем, ки фаъолияти вай ба тамоми адабиёти бадинаш ин давра таъсир доштааст [8, с.23].

Агар ба андешаҳои боло такя намоем, пас ба хулосае омадан мумкин аст, ки адабиёти нави тоҷик аз охири асри ХIХ оғоз мегирад. Замони бедории фикрӣ ва таҷассуми онро дар адабиёти тоҷик омили пайдо гардидани марҳилаи комилан ҷадид дар адабиёти тоҷик метавон шумурд.

. Сотим Улуғзода.Аҳмади дониш.-Нашр.дал.Тоҷикистон, Сталинобод, 1946.- 64 с.

Таваҷҷуҳи Р.Ҳодизода ба «Наводир-ул-вақоеъ» нисбатан мукаммал буда, дар он таҳлили ғоявии насри адиб ба мушоҳида мерасад. Минҷумла, дар он омадааст: «Нусхаҳои нави асарҳои маълуми ӯ, махсусан нусхаҳои тоза ва муътабари «Рисолаи таърихӣ» ва «Наводир-ул-вақоеъ» пайдо гардид. Ҳамаи ин заминаи илмии нашри осори Аҳмади Донишро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа аз соли 1957 ин тараф чопи илмию интиқодии «Рисолаи таърихӣ» оғоз ёфт, ду тарҷумаи нисбатан мукаммали асарҳои ӯ бо забони русӣ ба нашр расидааст. Проблемаи дигар таҳқиқи афкори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафии Аҳмади Дониш, инчунин муайян намудани мақом ва таъсири адабии ӯ ба адабиёти нимаи дуюми асри ХIХ ва ибтидои асри ХХ буд. Дар асарҳои А.Баҳовaддинов, З. Рачабов, Б. Ғафуров, И. Муъминов ва дигарон афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ дар нимаи дуюми асри ХIХ ва ибтидои асри ХХ то андозае тадқиқ ва таҳқиқ гаштааст» [9, с.5]. Соли 1967 Р.Ҳодизода повести ҳуҷҷатиеро бо номи «Аҳмади Дониш» менависад, ки дар асоси он В. Максименков филми бадеии «Ситорае дар тирашаб»-ро (1974) меофарад. Асари мазкур тағйироти куллии андешаҳои Донишро пас аз сафари Русия таҷассум намудааст. Асоси тадқиқоти назариявӣ роҷеъ ба осори Дониш аз қаламу олими маъруф Р. Ҳодизода ба анҷом расида бошад ҳам, чи хеле ки худи ӯ дар баҳси «Ҷадидия ва дурнамои таърих» қайд мекунад: «…ҳанӯз андешаҳои Аҳмади Дониш чун маорифпарвар дуруст омӯхта нашудааст» [10, с.15].

Аммо бояд гуфт, ки муҳаққиқони мазкур асосан аз дидгоҳи идеологияи замони шӯравӣ аақидаҳои маорифпарворонро таҳқиқ намудаанд ва ба осори онҳо якҷониба баҳо додаанд. «Наводир-ул-вақоеъ» ҳамчунин ба забонҳои русӣ аз қаламу мутарҷимон Османова М.Н. ва Л.Н. Демидчик бо унвони «Путешествие из Бухары в Петербург» соли 1960 нашр мегардад.

Муҳаққиқи хориҷӣ Ян Рипка аҳамияти назариявии «Наводир-ул-вақоеъ»-ро дар «История

персидской и таджикской литературы» зикр намудааст. Дар адабиётшиносӣ то ҳанӯз «Наводир-ул-вақоеъ» чун асари бадеию публитсистӣ маъруф мебошад. Хусусиятҳои услубӣ, унсурҳои бадеӣ ва мундариҷаи асосии «Наводир-ул-вақоеъ» ба таври пурра баррасӣ нагардидааст.

Хулоса ҳамин тариқ, Масъалаи омӯхтан ва таҳқиқи мероси адабию фарҳангӣ дар замони истиқлолият, ки диди нав ва пажӯҳишҳои тоза бидуни ҳар гуна идеологияю саддироҳшавӣ ба роҳ монда шудааст, яке аз масъалаҳои муҳимми адабиёшиносӣ ба шумор меравад. Чунки таърихи адабиёти тоҷик дар доираи таърихи миллат ва суннатҳои миллӣ бояд баррасӣ гардад, вагарна аз идеологияи коммунистӣ, онҷуноне ки гурӯҳе аз муҳаққиқон ҳарф мезананд, ба идеологияи дигари аҷнабӣ ворид хоҳем гашт. Ба ин масъала андешаҳо дар бораи баъзе истилоҳоти воридгардида ва даврабандии адабиёт дохил мегардад. Ба ҳар сурат ҳодисаҳои адабӣ, ба мисли иваз гардидани сабк, жанрҳо, мавзӯъҳо ва мисли ҳамин, аз нуқтаи назари воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бояд баҳогузорӣ карда шаванд ва дар замони муосир, ки имкониятҳои зиёде дар таҳқиқу баррасии илми мухталифи ҷомеа озодона ба роҳ монда шудааст, дар омӯхтани мероси адабии ниёгони худ бояд муносибати дуруст кард ва илми назарияи таърихи адабиётро ташаккул дод.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. / С. Айнӣ – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
2. Садри Зиё. Наводири зиёия. Таҳияи М.Шукуров ва С.Сиддиқов / Садри Зиё -Душанбе: Адиб, 1991. - 128 с.
3. Айнӣ С. Ёддоштҳо. /С. Айнӣ //Куллиёт, ҷ.7–Душанбе: Нашр.дав.тоҷик, 1962. -618 с.
4. Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. /С.Айнӣ. –Куллиёт. Ҷилди 14. –Душанбе: Ирфон, 2005. –270 с.
5. Костенко А.Ф. Путешествие в Бухару русской миссии 1870 г. (СПб., 1871); «Средняя Азия», «Туркестанский край» (СПб., 1880).
6. Сотим Улуғзода.Аҳмади дониш.-Нашр.дал.Тоҷикистон, Сталинобод, 1946.- 64 с.
7. Брагинский И. С. От Авесты до Айни. /И. С.Брагинский - Душанбе. Ирфон. 58с.
8. Бертельс Е. Э. Рукописи произведений Ахмада Каллэ. Тр. Таджикистанской базы, т. 3. Лингвистика, /Бертельс Е. Э. -М.—Л., 1936. – 23с.
9. Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. /Р.Ҳодизода - Душанбе: Ирфон, 1976-468 с.
10. Ҷадидия ва дурнамои таърих// Садои Шарқ, 1990 №3
11. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы. /Ян Рипка - Москва: Прогресс, 1970. -450 с.

ОМӮЗИШИ ОСОРИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ МУОСИР

Маорифпарварон бо андешаҳои ислоҳотхоҳӣ, тасвири воқеият дар осор ва инъикоси вазъи иҷтимоӣ асосгузори адабиёти навин буданд, барои раҳоӣ аз ҳаёти ақибмондагӣ ва гузоштани гом сӯйи ҷомеаи мутамаддин ислоҳоти ҷадидро дар ҷомеа хоҳон мешаванд.

Мақсади мақола мушкилоти иҷтимоӣ боиси он гардид, ки маорифпарварон ба хотири баланд бардоштани маърифати мардум талошҳо мекунанд.

Таҳқиқи осори маорифпарваронаи адибони тоҷик бе баррасӣ намудани авзои сиёсӣ ва бархурдҳои геополитикии кишварҳои Аврупо натиҷа намедиҳад, чунки афкор ва андешаҳои онҳо ба ҳаводиси сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии аморати Бухоро дар нимаи дувуми садаи XIX вобаста мебошад.Дар мақолаи мазкур муаллифон ба масъалаи омӯзиши рӯзгор ва осори яке аз саромадони маорифпарварии тоҷик- Аҳмади Дониш дар адабиётшиносӣ андешаҳои худро баён намуда, омӯзиши осори ниёгонро аз диди нав таъкид намудаанд.

Калидвожаҳо: *маорифпарвар, воқеият, мушкилот, маърифат, адибон, рӯзгор, осор, адабиётшиносӣ, андешаҳо, ҷараёни адабӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ, сабк, тамаддун, тараққихоҳ падидаи таърихӣ,омӯзиш.*

ИЗУЧЕНИЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ АХМАДИ ДОНИША В СОВРЕМЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Просветители с реформаторскими идеями, изображением действительности в произведениях и освещением общественной ситуации были основоположниками новой литературы, стремившейся к новым преобразованиям в обществе, чтобы избавиться от отсталости и шагнуть в цивилизованное общество.

Цель статьи Просветители приняли новое решение изображать реальность в своих работах, чтобы привлечь внимание общественности.

По результатам исследования изучение наследия таджикских просветителей будет невозможно без учёта политической ситуации и геополитических подходов европейских стран, так как их взгляды и мнения зависят от политических, социальных и экономических событий Бухарского эмирата во второй половине XIX в.

В данной статье авторы высказывают свои взгляды на изучение жизни и творчества

Ахмада Дониша в литературоведение и акцентируют внимание на изучении его творчества с новой точки зрения.

Ключевые слова: *просветители, действительность, проблемы, просвещение, писатели , жизнӣ произведения, литературная критика, идеи, литературный процесс, политическое мировоззрение, стиль, цивилизация, развитие исторического явления, исследование.*

THE STUDY OF AHMADI DONISH'S WORKS IN CONTEMPORARY LITERATURE

Educators with reformist ideas, depictions of reality in works and coverage of the social situation were the founders of the new literature, seeking new reforms in society to get rid of backwardness and step on a civilized society. Educators have taken a fresh decision to depict the reality in their works in order to raise public awareness.

Purpose of the article:*The study of the legacy of Tajik educators will not be possible without considering the political situation and geopolitical approaches of European countries, as their views and opinions depend on the political, social and economic events of the Emirate of Bukhara in the second half of the XIX century.*

According to the results of the stady, *In this article, the authors express their views on the study of the life and works of Ahmad Donish in literature and emphasize the study of his works from a new perspective.*

Keywords: *education, reality, problems, enlightenment, writers, household, works, literary criticism, ideas, literary process, political worldview, style, civilization, development of historical phenomenon, study.*

Маълумот дар бораи муаллифон:

Олимӣ Хосият Ҳоким *- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе. E-mail hosiyat.olimova@mail.ru Тел: (+992) 917160791;*

Иброҳимов Файзалӣ *- докторант (PhD) – и кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе. E-mail: Fair2345@mail.ru*

Сведения об авторах:

Олими Хосият Хаким *- кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы. E-mail hosiyat.olimova@mail.ru Тел: (+992) 917160791*

Ибрагимов Файзали *- докторант PhD-и кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода (Республика Таджикистан, г. Душанбе. E-mail: Fair2345@mail.ru*

Information about authors:

Olimi Hosiyat Hakim *- Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzod (Republic of Tajikistan, Dushanbe). E-mail hosiyat.olimova@mail.ru*

Ibragimov Fayzali *- PhD student of the Department of Theory and History of Literature Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzod (Republic of Tajikistan, Dushanbe). E-mail: Fair2345@mail.ru*

УДК 882+891.550

ПРОБЛЕМА ПОИСКА ЭКВИВАЛЕНТА ПРИ ПЕРЕВОДЕ ПОВЕСТИ «БЭЛА» М.Ю.ЛЕРМОНТОВА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Кувватова С.М.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Введение. В отличие от других актов речевой коммуникации, целью которых является информативность, главной целью любого художественного произведения является эстетическое воздействие и создание художественного образа. Следовательно, главной задачей художественного перевода тоже является воссоздание на языке перевода произведения, который мог бы оказать эстетическое воздействие на читателя.

В современном переводоведении стало аксиомой положение о том, что перевод нельзя расценивать как замену «одного языка другим; это специальное поле деятельности, где встречаются представители различных культур и где происходит перенос различных культурных ценностей из одной системы в другую с учетом национальных особенностей, склада ума, видения мира людей, живущих иногда даже в различных эпохах. Перевод – это взаимодействие двух культур, уклада,

мышления и образа жизни в различных регионах мира» [2, с. 8-9]. В связи с этим особого внимания заслуживает проблема передачи образных средств, использованных автором оригинального текста, которые как ничто другое помогают оказать эстетическое воздействие на читателя.

Человеческому мышлению всегда присуща образность. При переводе любого художественного текста, предстает необходимость передать ее, хотя иногда это требует от переводчика больших усилий. Обычный читатель художественного произведения не отягощен никакими обязанностями, в то время как переводчик, который также является читателем художественного произведения, отвечает за адекватность выполненного им перевода. Основная задача переводчика заключается в том, чтобы определенно точно расшифровать образы, задуманные автором оригинального произведения.

Основная часть. Чем удачнее переданы образы, использованные автором оригинального текста, для изображения персонажа, пейзажа, действия или события, тем красочнее и легче читатель переводного текста может воссоздать происходящее в своем сознание.

Мы считаем необходимым, рассмотреть проблемы перевода на материале таджикской версии повести М.Ю.Лермонтова «Бэла» из романа «Герой нашего времени», так как выявленные в ней неточности перевода достаточно типичны для воссоздания лермонтовской прозы определенного периода (30-50-е годы XX века). Перевод «Героя нашего времени» был осуществлен Вадудом Махмуди в 1936 году. Поэтические и прозаические шедевры М.Ю.Лермонтова широко изучались в таджикских школах, в частности, повесть «Бэла» еще в 1939 году была включена в «Хрестоматию по литературе Х1Х века». Перевод творческого наследия М.Ю.Лермонтова представляет большой интерес для литературоведческой науки. Вопросы воссоздания произведений великого русского классика на таджикский язык осветили в своих работах известные литературоведы А.З.Розенфельд, А.Дехоти, Х.Ахрори, Х.Шодикулов, Н.Маъсуми, Р.Хашим и многие другие.

В переводе Вадуда Махмуди роман «Герой нашего времени» переиздавался ещё трижды, в то же время и в этом переводе, который весьма точно воссоздает содержание текста, мы можем выявить те неточности, преодоление которых может сыграть особую роль для адекватного восприятия деталей лермонтовской прозы таджикским читателем, а также в дальнейшем предотвратить аналогичные ошибки и получить возможность буквально приблизить восприятие перевода к восприятию оригинала.

Рассмотрим отрывок из повести «Бэла», который нашел смысловой перевод: «Я ехал на *перекладных* из Тифлиса. Вся поклажа моей тележки состояла из одного небольшого *чемодана*, который до половины был набит *путевыми записками* о Грузии. Большая часть из них, к счастию для вас, потеряна, а *чемодан*, с остальными вещами, к счастию для меня, остался цел [4, с.277]. / «Ман аз Тифлис *бо ароба* ҳаракат намудам. Ҳамаи *бори* ароба аз *як чемодане,* ки то нимааш пуропур аз *хотираҳои саёҳати* Грузия аст, иборат аст. Бештари инҳо ба хушбахтии шумо гум шудааст; аммо *чемоданча* бо чизҳои боқимондааш ба бахти ман саломат мондааст [5, с.13].

В целом смысл оригинала отражен в переводе, однако наблюдается значительная деформация. Значение первой фразы: «Я ехал на перекладных из Тифлиса» переведено как «Ман аз Тифлис бо ароба ҳаракат намудам» (*досл.*: Я из Тифлиса двинулся на тележке), хотя «перекладная» означает «лошади или экипаж, перевозящие пассажиров от одной станции до другой», поэтому было бы точнее перевести данное выражение как «бо аробаи дар истгоҳҳои почта ивазшаванда».

Вторая фраза: «Вся поклажа *моей* тележки состояла из одного *небольшого чемодана*, который до половины был набит *путевыми записками* о Грузии» переведено как «Ҳамаи *бори* ароба аз *як чемодане* ки то нимааш пуропур аз *хотираҳои саёҳати* Грузия аст, иборат аст» (*досл.*: Весь груз тележки состоял из одного чемодана, который до половины был набит *воспоминаниями о путешествии* по Грузии). Хотя слову *«поклажа»* в таджикском языке существует эквивалент *«бағоҷ»,* почему-то оно переведено как «*бор» (груз)*. Далее переводчик опустил притяжательное местоимение *«моей»* и добавил числительное *«один»,* которого нет в исходном тексте, а сочетание *«путевые записки»* переведено как *«воспоминания о путешествии»*, в то время как существуют слова «сафарнома», «саёҳатнома», каждое из которых полностью передает значение данного сочетания на таджикском языке. Известно, что слово «*чемодан»* заимствовано из персидского «ҷамадан» - «место для хранения одежды», где «ҷама»-«одежда» и «дан»-«хранилище», в таджикском языке оно звучит как «ҷомадон». Но в переводе использован именно русский, графически измененный вариант этого слова. Видимо по причине того, что как и большинство русских заимствований (например, автобус, машина, лампочка, чайник и т.д.) данное слово закрепился в таджикском языке и прочно вошел в разговорную речь.

Третья фраза приведенного отрывка: «Большая часть из них, к счастию для вас, потеряна, а *чемодан*, с остальными вещами, к счастию для меня, остался цел» воспроизведен как «Бештари инҳо ба хушбахтии шумо гум шудааст; аммо *чемоданча* бо чизҳои боқимондааш ба бахти ман *саломат* мондааст» (*досл.*: Большая часть из них к счастию для вас, потеряна; а чемоданчик с остальными

вещами к счастию для меня остался *невредимым*»). В данном случае в первую очередь следует обратить внимание на изменение исходной пунктуации. В исходном тексте вводные сочетания «*к счастию для вас*», «*к счастию для меня*», которые выражают эмоциональную оценку сообщаемого, обособлены, но в переводном тексте мы этого не наблюдаем. По нашему мнению, пунктуация очень важна, если переводчик хочет донести мысль автора исходного текста, к тому же в таджикском языке правила пунктуации почти такие же, как и в русском («запятая» разделяет границы между предложениями, между однородными членами предложений, служит для раздела вводных слов и т.д.). Мы считаем, что ввиду указанных неточностей, часть смысла приведенного выше отрывка была потеряна, не говоря уже об образности. Тем не менее, перевод данной фразы выполнен близко к тексту оригинала с учетом особенностей переводящего языка.

Второй пример интересен и тем, что переводчик В.Махмуди позволил себе некоторую вольность. Он добавил сочетание «*дам нагирифта*» (*досл.*: не отдохнув), хотя в оригинале такая информация отсутствует, и сочетание «*распевал песни*» перевел как «*ғазалхонӣ мекард*» (*досл.*: распевал лирические песни) вместо «*сурудхонӣ мекард*». Далее, не совсем ясно, почему и на основании чего переводчик географическую реалию «Койшаурская Долина» перевел как «Дараи Кайшаур» (Койшаурское ущелье), и это при наличии в таджикском языке слова «*водий*», который является полным эквивалентом слову «*долина*». Отмеченные неточности при переводе географических реалий, повлияли на передачу образности, потому что в таких случаях нельзя сохранить колорит оригинала. Итак, рассмотрим:

«Уж солнце начинало прятаться за снеговой хребет, когда я въехал в Койшаурскую Долину. Осетин-извозчик неутомимо погонял лошадей, чтоб успеть до ночи взобраться на Койшаурскую Гору, и во все горло распевал песни [4, с.277]. / «Офтоб кайҳо дар паси қуллаҳои барфнок ба пинҳон шудан сар карда буд ки ман ба Дараи Койшаур даромадам. Асатин-аробакаш то шаб ба Кӯҳи Койшаур бароем гуфта, аспҳоро дам нагирифта медавонид, ва бо ҳамаи овозаш ғазалхонӣ мекард [5, с.13]. – *Досл.*: Солнце уж начинало прятаться за снеговой хребет, когда я в Койшаурское Ущелье въехал. Осетин-извозчик чтобы до ночи взобраться на Койшаурскую Гору, гонял лошадей без остановки, и во вес голос распевал лирические песни». Слова-реалии имеют большое значение в тексте Лермонтова. Переводчику необходимо было при переводе учитывать тот факт, что географические слова-реалии дают полное представление о месте действия в произведении, и они способствуют воплощению идеи автора оригинального текста.

Известные ученые В.Н.Комиссаров, А.В.Федоров, Г.Гачечиладзе и др. выделили некоторые требования, которым должен отвечать перевод художественного произведения. Одно из требований – это точность, когда «переводчик обязан донести до читателя наиболее полно идеи, высказанные автором. Заботясь о полноте передачи высказывания, переводчик вместе с тем не должен ничего добавлять от себя, не должен дополнять и пояснять автора. Это было бы искажением текста оригинала» [9].

К.Чуковский писал, что «…переводчик должен обладать широким филологическим кругозором, профессиональным фонематическим слухом, богатым словарем и чувством стиля» [7, с. 10].

При переводе следующей фразы, наряду с нарушением композиции, наблюдаются также погрешности в плане лексики (неточный перевод слов), в результате теряется связь между частями текста:

«Сначала мулла прочитает им что-то из *Корана*, потом дарят *молодых* и всех их родственников, едят, пьют бузу, потом начинается джигитовка…» [4, с.286]. / «Аввало мулло барои онон чизе аз *қуръон* мехонад. Баъд аз он ба *хурдсолон* ва ба ҳама хешовандонашон инъом ва эҳсон мекунанд, таом мехӯранд, бӯза менӯшанд. Пас аз он асптозӣ сар мешавад» [5, с.25]. – *Досл.*: Сначала мулла для них прочитает что-то из корана (?). Затем маленьким (малолетним) и всем родственникам дарят подарки, едят, пьют бузу. После этого начинаются скачки».

В данном примере не сохранена независимость лермонтовского предложения, оно передано тремя таджикскими предложениями. При переводе лермонтовской прозы такое часто можно наблюдать из-за необычного построения предложений и их определенной ритмической нагрузки. Однако, подобное действие можно охарактеризовать как признак несоблюдения в переводе ритмики исходного текста, следовательно, и особенностей его композиции. Далее переводчик перевел «*молодых*» (в значении *молодожен*) как «*хурдсолон*» (*досл.*: маленькие, малолетки), вместо того чтобы перевести его как «арӯсу домод», в результате чего читателю трудно определить о чем конкретно идет речь. Этот факт является ярким примером низкого качества перевода. Все эти погрешности свидетельствуют о том, что переводчик не раздумывался над значением каждого слова, каждого предложения, вследствие чего неверно передал смысловые связи в исходных предложениях, поэтому их смысл был искажен.

Если переводчик хочет выполнить качественный перевод, прежде всего, наряду с чувствами и

Третий случай использования пословиц представлен следующим отрывком, в котором авторство пословицы опять приписывается иранскому царю Хосрову:

صرت كالثين يشرب الماء فيها قال كسرى بعلة الريحان
او كما قيل قبل اياك اعني فاسمعوا يا معاشر الجيران

Я стал похож на смоковницу, которая как говорил Хосров, орошается за счет базилика,
Или на то, что говорили раньше: «Я тебя имею ввиду, но услышьте все соседи» [5,V.265].

В остальных случаях использования пословиц, поговорок и афоризмов, Абу Нувас не указывает на их иранское происхождение. В этих случаях можно прибегнуть ко второму пути определения происхождения этих образцов паремического фонда, а именно – сопоставление этих образцов с персидско-таджикскими пословицами и поговорками. В случае выявления тематическо-смыслового соответствия между ними, можно с определенной долей уверенности причислить их иранскому паремическому фонду. Именно в этом ракурсе рассмотрим ниже ряд пословиц, поговорок и афоризмов, использованных Абу Нувасом в его стихах различных жанров. Так в следующем бейте использована поговорка, которая издревле распространена среди таджиков и других иранских народов:

زال الحمار وكانت تلك منيته في الطين ان حمار السوء موحول

Осел завяз в глине, - а это было предначертано ему, воистину плохой осел завязнет в глине [5,V.265].

Сравним персидско-таджикскую поговорку***: «Мисли хар дар шилко» (Словно осел в тине).***

Другой пример соответствия:

ومن غاب من العين فقد غاب من القلبِ

Тот кто скрылся с глаз, тот исчез и из сердца – [5,V.267].

В персо-таджикской форме находим аналогичный вариант:

«Мехр дар чашм аст» (Любовь заключена в глазах) **[3,II.281].**

Другой пример:

فلا ترومي جمع هذا وذا فليس يحوى الغمدُ سيفين
لا يحمل المنبر ردفا و لا يصلح ملك بين اثنين

Не требуй от меня соединить это с тем, ведь в одни ножны не вкладывают две сабли.

Так же как за одной кафедрой не могут стоят двое, и одной страной не могут управлять два царя [5,V.256].

Сравним: ***Як шахру ду подшох нагунчад***
Ду сар ба яке кулах нагунчад
(В одном государстве не могут быть два царя,
И две головы нельзя поместить в одну шапку) [2,II.73].

Или:

Ду тег дар як каём нагунчад (Два меча не поместятся в одних ножнях) [3,II.44].

Другой пример:

فأجابني منه بحرف واحد هيهات تضرب في حديد بارد

И ответил он мне от его имени одним словом: Увы, ты бьешь по холодному железу [5,V.268].

Сравним:

Охани сард кубидан (Быть по холодному железу, т.е. делать бесполезную работу).

Или:

Оханро дар гармиаш мекубанд (Куют железо, пока оно горячо) [3,II.502].

Другой пример:

الحب داءٌ ما بلي بمثال حرقته القلوب
والحب ليس له سوي من قد كلفت به طبيب

Любовь – это боль, которая не излечивается, так как она сжигает сердца.

И нет врача для этой болезни кроме того, кого любят [5,V.268]

Или стихи Фаридуддина Аттара осмысливают такую тему:

Давои ишк кардан ру надорад

Ки дарди ошикон дору надорад. (Недуг любви не излечивается, так как нет лекарства от болезни влюбленных) [2, с.161].

А также:

Набошад ишкро чуз ишк дармон. (Нет у любви лечения кроме любви) [2.337].

Другой пример:

ولا تذكري ما مضي عفا الله عما سلف

Не напоминай мне то, что прошло, ведь Аллах простил все то, что было в прошлом [5,V.276].

Сравним:

Гузаштаро боз натавон овард (Прошлое не вернешь).

Гузашт, он чи гузашт (Прошло тот, что прошло) [3,I.288].

Другой пример:

ما أُتضرب في حديد بارد لي كلام الليل يمحوه النهار

Напрасно ты стараешься убедить меня (букв.: Ты бьешь по холодному железу), говорят же ведь: Слово сказанное ночью, не подтверждается днем [5,V.276].

Сравним:

Гапи хона ба бозор рост намеояд (Слово, сказанное дома, не соответствует тому, что скажут на базаре) [3,I.270].

Другой пример:

كشارب الماء في المنام اذا اكثر شرباً بزيده عطشاً

Это похоже на жаждущего пить, который видит во сне воду и чем больше пьёт ее, тем сильнее испытывает жажду [5,V.271].

Сравним:

Ташна дар хоб об мебинад (Испытывающий жажду видит во сне воду) [3,III.116].

Другой пример:

فانت في تكليفك السرمن لا يعرف السيف من الفأس
في مثل يا بئس مستودعا للدهر سراً بطن قرطاس

Ты в том, что доверяешь тайну другому, похож на того, кто не может отличить меч от мотыги.

Как говорится в пословице: Какое несчастье для мира хранить тайну, записав ее на бумаге [5,V.270].

Сравним:

Рози худро чун ту худ махрам най,

Дигаре худ махрами он чун бувад.

(Если ты сам не можешь хранить свою тайну, почему другой человек должен это делать?) [3,II.567].

Или:

Агарчи дуст азиз аст, рози худ макшой,

Ки дуст ноз бигуяд ба дустони дигар

(Не раскрывай свою тайну другу, как бы дорог он ни был тебе,

Так как этот друг может поведать о ней другим друзьям) [3,I.50].

Другой пример:

أن كان سماك شمساً من ضلالته فالحُنْفُساء تسمى بنتها القمرا

Если он назвал тебя солнцем из-за неведения то знай, что навозные жуки также называют своих отпрысков луной [5,Ш.258].

Сравним:

Агар чанд фарзанд чун дев зишт,

Бувад назди модар чу хури бихишт.

(Если ребенок уродлив как демон,

Он для матери красив как райская гурия) [3,I.50].

Другой пример:

رأيت تداني الدار ليس بنافع اذا كان ما بين القلوب بَعيدُ

Я обнаружил, что нет пользы в близости домов, если между сердцами – отдаленность [5,V.263].

Сравним:

Хар он маъшук, к-аз ошик нуфур аст,

Ба сурат гарчи наздик аст, дур аст.

(Если она испытывает неприязнь к нему, то даже если они близки физически, то далеки сердцем) [3,III.539].

Другой пример:

الذئب لا يؤمن لكنه عليه في بوسف مكذوب

هم طرحوا يوسف في جبه عمداً وقالوا خانة ذيب

Волки не внушают доверия, но в случае с Юсуфом их оклеветали,

Ведь братья намеренно бросили Юсуфа в колодец и сказали, что волки его съели [5,V.261].

Сравним:

Гурги дахонолудаву Юсуф надарида.

(Волк), пасть которого запятнана кровью, хотя он не съел Юсуфа. – это поговорка о тех, кого оклеветали и обвинили необоснованно) [2,I.294].

Сравним также:

Дар куи ту маъруфаму аз руи ту махрум,

Гурги дахонолудаву юсуфнадарида.

(Я прославился в любви к тебе, но лишен твоих очей,

Похож я в этом на волка, пасть которого запятнана кровью, хотя он не съел Юсуфа).

Другой пример:

فقُلتُ متى رايتُ الذئبَ مأمونا على الغنَمِ؟

И сказал я ей: «Когда ты видел волка, безопасного для овца?»

Сравним:

Касе, ки аз гург битарсад, гусфанд нигох надорад (Тот, кто боится волка, тот не должен держать овец) [3,II.179].

Или:

Сари гургон бояд аввал бурид,

На чун гусфандони мардум дарид

(Нужно голову отрезать волкам прежде чем, они разорвут на куски стадо овец) [3,III.46].

Другой пример:

وشارب الخمر يصحو بعد سُكرَتِهِ وشاربُ الحبِ حتى الموت سكران

Пьющий вино протрезвеет после пьянства, но пьющий вино любви до своей смерти останется пьяным [5,V.275].

Сравним:

Ишк дарди бедавост. (Любовь не излечимый недуг) [3,II.161].

Также встречаются пословицы с назидательными темами в творчестве поэта:

إذا امتحن الدنيا لبيبٌ تَكَشفَتْ
لَهُ عن عَدُوٍ في ثيابِ صَديقِ

Если разумный человек испытает этот мир,
То узнает, что он - враг в одежде друга. [6.478].
Сравним:
Чархи гарданда, ки гирди сари мо мегардад,
Душмани мост, вале дустонамо мегардад.
(Этот вращающийся над ними небосвод, является нашим врагом, но изображает из себя друга) [3,III.397].
Или
Отождествление этого находим в творчестве Абулхасана Фаррухи:
Зи душман дусти н-ояд, гарчи дусти чуяд. (Враг не станет другом, если даже ищет дружбы.)

Приведенные примеры свидетельствует о том, что Абу Нувас хорошо знал паремический фонд иранских народов. Переводя пословицы, поговорки и афоризмы на арабский язык и используя их в своих стихах, он, с одной стороны, сохранил их в условиях «молчания» иранских языков, с другой, обогатил арабскую поэзию образцами иранской мудрости.

ЛИТЕРАТУРА

1. Зоҳидов Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабонӣ) / Н. Зоҳидов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. – Москва: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. – 952с., Ҷилди 2 – 954с.
3. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикиюфорсӣ. Дар се ҷилд. Ҷилди 1 – Душанбе, Ирфон, 1975; - 368с., Ҷилди 2 – Душанбе, Ирфон, 1977; - 584с., Ҷилди 3 – Душанбе, Нашри Камол, 2014, - 640с.

٤. ابن المعتز. طبقات الشعراء المحدثين. تحقيق عبد الستار احمد فراج. ـ القاهرة: دار المعارف بمصر،١٩٥٦.
٥. أبي نواس الحسن بن هانئ الحكمي. ديوان. تحقيق ايقالد فاغنر و غريفور شولر. ٥ مجلد. الطبعة الثانية. ـ بيروت: النشرات الاسلامية، ١٤٢٢هـ ـ٢٠٠١م.
٦. أبي نواس الحسن بن هانئ. ديوان. حققه وضبطه وشرحه أحمد عبد المجيد الغزالي.ـ بيروت ـ لبنان: دار الكتاب العربي،١٤٠٤هـ ـ ١٩٨٤م ـ ٧٦٧ص.
٧. الحصرى، القيروانى. زهر الآداب و ثمر الالباب. ٤ أجزاء. بقلم زكى مبارك، ـ بيروت: دار الجيل، ١٤٢٠/١٩٩٩. ـ١١٦٨ص.
٨. الخطيب، عبد الله، صالح بن عبد القدوس حياته وشعره. ـ بغداد، ١٩٦٧.
٩. العسكري، ابو احمد. في تفضيل بين بلاغتي العرب و العجم.ـ القسطنطنية: مطبعة الجوائب، ١٣٠٢. ـ ١٦٧ص.
١٠. موافي، عثمان. التيارات الأجنبية في الشعر العربي. مؤسسة الثقافة الجمعية، ١٩٨٣. ـ ٤٢٠ص.

ПАРЕМИЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ ИРАНСКИХ НАРОДОВ В ПОЭЗИИ АБУ НУВАСА

Данная статья посвящается взаимовлиянию фольклорной литературы двух народов арабов и персов в период великой экспансии арабского Халифата. В доисламское время фольклор занимал особое место в персидской литературе, свидетельством, чего являлись такие великие произведения как «Андарзнамак», «Панднамак», а также сами поэты и писатели иранского происхождения были хранителями и фондом персидского паремического наследия. В данной статье приведены образцы внедрения персидского пармического фонда в арабскую поэзию на примере творчество знаменитого поэта своего времени Абу Нуваса. Данная методика позволило не только сохранить фольклорное наследие иранского народа, но тем самым, своими мудрыми и риторическими изречениями повлияло на обогащение однообразной арабской поэзии. Абу Нувас обогащает свое творчество пословицами, поговорками и афоризмами иранских народов, тем самым укрепляет иранский мир своего творения. Данный подход, являясь новым направлением в арабской литературе, был очень развит в поэзии арабоязычных поэтов.

Также в статье использована историко-сравнительная методика исследования, посредством чего выявлено паремическое наследие иранского народа повлиявшее на развитие арабской поэзии VIII-IXвв.. Следует отметить другое превосходство статьи демонстрирующий нам сравнение и влияние данного паремического фонда на персидско-таджикскую литературу и фольклор уже постисламского периода.

Ключевые слова: *паремика, иранский народ, фольклор, поговорки и афоризмы, доисламский Иран, наследие Абу Нуваса.*

PAREMIC HERITAGE OF THE IRANIAN PEOPLES IN THE POETRY OF ABU NUWASA

This article is devoted to the mutual influence of the folklore literature of the two peoples of the Arabs and Persians during the great expansion of the Arab Caliphate. In pre-Islamic times, folklore occupied a

special place in Persian literature, evidence of which was such great works as «Andarznamak», «Pandnamak», as well as the poets and writers of Iranian origin were the keepers and fund of the Persian paremic heritage. This article presents examples of the introduction of the Persian paremic fund into Arabic poetry on the example of the famous poet work on his time, Abu Nuwas. This technique allowed not only to preserve the folklore heritage of the Iranian people, but thereby, with its wise and rhetorical adages, influenced the enrichment of the monotonous Arabic poetry. Abu Nuwas enriches his work with proverbs, sayings and aphorisms of the Iranian peoples, thereby strengthening the Iranian world of his creation. This approach, being a new direction in Arabic literature, was very developed in the poetry of Arabic-speaking poets.

Also, the article uses a historical-comparative research methodology, through which the proverbial heritage of the Iranian people is revealed, which influenced the development of Arabic poetry of the VIII-IX-th centuries. It should be noted another superiority of the article, which demonstrates to us the comparison and influence of this proverbial fund on the Persian-Tajik literature and folklore of the post-Islamic period.

Key words: *proverbs, Iranian people, folklore, sayings and aphorisms, pre-Islamic Iran, heritage of Abu Nuwas.*

Сведения об авторе:

Акилова Нигора Азизовна *- кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии факультета восточных языков ГОУ «Худжанского государственного университета имени Б. Гафурова», E-mail: akilovan@yahoo.com, Тел: + 992920033637*

About the author:

Akilova Nigora Azizovna *- Candidate of Philology Sciences, Dotcent of Arabic Philology Chair, Faculty of Oriental Languages, SEI «Khujand State University named after B. Gafurov», E-mail: akilovan@yahoo.com, Tel: + 99292003637*

МАХСУСИЯТИ ПАХШИ МУСТАҚИМ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН

Абдуллоева А.Н.

Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъат и Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Сарсухан. Пахши мустақим инкишофёфтатарин шакли барномаофарӣ ва маълумотдиҳӣ барои аудитория оид ба иттилоотҳои иҷтимоии назаррас мебошад, ки рӯйдодҳои якбора рухдиҳандаро дар худ бо махсусияти хос ба бинанда пешкаш месозад. Ин навъи пахш иртиботи табииро миёни бинанда ва барнома ба вуҷуд меорад. Ин гуна барномаҳо одди набуда, табии ва таъсирбахш ҳастанд. Пахши мустақим ба маънои барномаҳои табии телевизионӣ метавонад барои рафъи нигаронии тамошобин бо ёрии студияи сайёр, яъне барномаҳои мустақиме, ки дар эфир дар муддати муайян пахш мегарданд, амалӣ гардад. Дар ин шакл барномаҳо вақти бинанда бо вақти пахши барнома дар вақту замон сурат мегирад. «Дар телевизион ду тарзи пешниҳоди мавводи телевизионӣ истифода мегардад. Якум намоиши пурра сабткарда шуда, дуюм намоиши мустақим пешниҳодшаванда. Дар байни воситаҳои ахбори омма шакли пешниҳоди мустақими барнома бештар ба телевизион хос мебошад» [1, с. 106].

Қисмати асосӣ Дар зуҳури фазои рақобатпазир, чунин раванди ташаккулдиҳии барномаҳо боис мегардад, ки тамошобин иртиботро боварибахш бо телевизион ба роҳ монад. Дар идомаи андешаҳояш ин муҳаққиқи ватанӣ чунин арз медорад, ки: «Мустақиман ба эфир додани намоиш ва ё барномаи телевизионӣ, ин шакл, тарз ва намуди пешниҳоди мавводи телевизионӣ мебошад» [1, с. 108-109].

Мувофиқатҳои вақти эфир ва бинанда яке аз омилҳои асосии бунёди пахши мустақим мебошад. Ин навъи барномаи телевизионӣ тамоми хусусиятҳои иртиботиро дорост, ки қисмате аз онро дар ин мақола мавриди баррасӣ қарор медиҳем «Одатан барои таҳияи гуфтугӯи мустақими телевизионӣ тамоми имкониятҳои маркази техникии телевизион истифода шуда, журналистоне ба ин барнома ҷалб карда мешаванд, ки қобилияти дар эфир озодона ҳарф заданро доранд»[2, с. 20]. Арз менамоем, ки барномаҳои мустақими телевизионро таҳлили муқоисавӣ намуда, хусусиятҳои офариниши барномаҳои мустақимро дар васоити электронӣ чун унсурҳои калидии амалӣ дар системаи равандҳои иртиботӣ дар бар дошта, омӯзиш намуда, барои таҳлил намудани мушахасоти ин шакли барномаофарӣ дар самтҳои зерин онро муайян менамоем:

-тарзи интиқоли иттилоот;

- таъсири иштироки бевосита;

- шароити қабули иттилоот бо вақти табиӣ;

Ҳамаи мушахасоти таъйиншударо дар ҷараёни омӯзиш муфассалтар таҳлил менамоем. Шуруъ

мекунем аз интиқоли иттилоот. Мусаллам аст, ки телевизион ин фаъолияти махсуси хабаррасонии электронӣ дар низоми махсуси таҷҳизотҳои қабулкунанада ва равонкунанда тариқи мавҷ аст. Бунёди он кори дастҷамъонаи олимони ҷаҳон аст. «22 майи моли 1911 олими рус Б.Л. Розинг ба ихтироотии А. Т. Столетов ва А. С. Попов такя намуда, дар ҷаҳон аввалин шуда, тасвирро дар масофа зери экрани карнаи электронӣ – нурдиҳандааш намоиш дод, ки дар манзари сафетчатоб пайдо шудани хатҳои сиёҳ ба назар мерасид»[3, с. 23]. Дар миёнаи солҳои 30 – юми асри гузашта аввалин системаи телевизиони электронӣ пайдо шуд ва амалиётҳо бо ёрии телевизион ва лулаҳои электронӣ амалӣ мегардиданд. «Аввалин намоишҳои мунтазами телевизионӣ соли 1936 дар Инглистон ва баъдан соли 1941 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чунин намоишҳо оғоз гардиданд» [4, с. 8]. Дар тақвияти андешаи ин муҳаққик матлаберо дар хусуси ихтирокориҳои олимони рус баён доштан ба маврид аст, ки «Олимони рус Б. Л. Розинг, И. С. Катаев, П. В. Шкамова, В.К.Зворыкин ва дигарон дар такя ба кашфиёту ихтирооти олимони Аврупо телевизионро дар як муддати муаян ба вуҷуд оварданд» [5, с. 5]. Дар таърихи журналистикаи ҷаҳон аввалин нишонаҳои пайдоиши телевизион дар Инглистон ва Амрико ба назар расидааст. «Тараққиёти имрӯзаи ахбору алоқаи (коммуникатсия) иттилоотии ҷаҳон бемисл аст. Аз рӯйи маълумоти ташкилотҳои гуногун ҳоло дар ҷаҳон беш аз 30 ҳазор стансияҳои радио ва телевизион, миллиардҳо теле ва радиоприёмникҳо фаъолият доранд» [6, с. 8-9]. Дар тақвияти андешаҳои муҳаққир А. Нуралиев муаллифи китоби «Режиссураи телевизион, кино ва радио» Саидҷон Қодирӣ чунин баён медорад, ки «Ҳадафи асосии стансияҳои телевизионӣ, ин қонеъ намудани эҳтиёҷоти сокинони шаҳру ноҳия вобаста ба ҷойгиршавии стансия, ба ахбори дақиқу асоснок оид ба воқеаҳои ҷаҳон, ҷумҳурӣ ва шаҳр мебошад, ки он барои инкишофи олами маънавию фарҳангии онҳо кумак расонида, ба ташвиқу тарғиби арзишҳои баланди ахлоқи умумибашарӣ, инсондӯстӣ мусоидат менамояд» [7, с. 7].

Дар масъалаи ташаккул ва таҳаввули телевизионҳо дар ҷаҳон гуфтан ба маврид аст, ки медорем, ки таъсиси он дар аксар кишварҳои ҷаҳон санаҳои гуногунро дар бар гирифтааст. Соли 1939 дар шаҳри Маскав бо усули телевизиони электронӣ барномаҳо пахш гардиданд. Инчунин, соли 1951 Студияи марказии телевизионӣ дар Маскав ташкил гардид, ки дар як муддати кутоҳ рӯ ба рушд намуд. Инчунин, солҳои 1952 шаҳрҳои Киев, Минск, Екатеринбург ва соли 1953 дар ин раванд дар Рига, Таллин, Боку, Харков, Самара, Тошканд, Вилнюс ба бунёди телевизионҳои худ асос гузоштанд. Аввалин намоишҳои телевизионӣ дар Берлин соли 1935 сурат гирифтааст. Телевизион дар Испания дар соли 1956 пайдо шудааст. Аввалин намоиши телевизионӣ моҳи январи соли 1954 дар Италия ба фаъолият пардохтааст. Нахуст намоишҳои техникии тасвирӣ дар Фаронса соли 1931 гузашта, студияи озмоишии он соли 1933 ташкил гардидааст. Дар Эрон соли 1967 ва дар Афғонистон 1977 ба фаъолият шуруъ намудааст. Соли 1962 дар Сурия телевизион ба фаъолият оғоз гардида, дар Арабистони Саудӣ фаъолияти телевизион солҳои 1965 – ро дар бар мегирад. Дар Ироқ бошад ин соҳа соли 1958 – фаъолияти худро оғоз менамояд.

«Пайдоиш ва рушду нумӯи телевизион дар Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ ба таърихи таъсис ва ташаккули телевизиони марказии Иттиҳоди Шӯравӣ алоқамандии бевосита дорад» [5, с. 5]. Аз соли 1959 то соли 1965 марказҳои зиёди техникии телевизионӣ, дар умум, 60 марказ дар Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолият дошт. «Охири соли 1965 дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ 160 Маркази техникии телевизионӣ амал мекард, қариб 15 миллиион телевизион хизмат мерасонд, онҳоро 70 миллион одамон тамошо мекарданд» [3, с. 23]. Ин ҷараёнҳо оҳиста – оҳиста рушди афкори илмӣ ва техникиро имкон дод, ки стандартҳои аналогӣ ба стандартҳои мукаммалтари рақамӣ мубаддал гарданд: дар он сигнал рақамгузорӣ шуда, маҳз дар ҳамин шакл дақиқтар ба масофаи дуртар ирсол гашт. Дар технологияҳои рақамӣ ояндаи фаъолияти телевизион дар ҷаҳон пешбинӣ гардида: «Соли 2006 дар як саду як кишвари дунё ва дар қатори онҳо Тоҷикистони соҳибистиқлол низ дар шаҳри Женеваи Шветсария ба муоҳадае имзо гузоштанд, ки тибқи он ин мамолик уҳдадор шудаанд, ки то соли 2015 пурра ба пахши рақамӣ гузаранд» [8, с. 282]. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки вусъатёбии иттилоот аз ҷониби кишварҳои дигар ҳар лаҳза дар ҳоли афзудан қарор дорад, зарур аст, ки телевизионҳои ватании мо маводҳои дар сатҳи баланд омодашударо баҳри бинанда пешкаш намоянд, зеро ки барномаҳои телевизионҳои ғайр наметавонанд манфиятгари армонҳои миллии мо башанд. Шуруъ аз соли 2006 то солҳои 2015, ки телевизионхои тоҷик ба системаи рақамӣ гузаштан оғоз намуданд муҳаққиқ Сангин Гулов роҷеъ ба ин масъала меорад, ки «Нақш ва таъсири расонаҳо ҳамеша якмаром нест. Вобаста ба авзои рӯз он метавонад тағйир ёбад, метавонад боло равад ва ё коҳиш ёбад. Ин вобаста ба он аст, ки кадом мақсадро бо кадом шева ва ба кадом аудитория пешниҳод мекунанд» [9, с. 41]. Барои муваффақ шудани телевизион дар масъалаи ҷалби аудитория аввал бояд журналистони ватанӣ тавлидоти барномаҳои такрориро дар фаъолияти худ қатъ созанд, дуввум, рӯ ба барномаҳои мустақим оваранд, зеро ки бинанда воқеиятро вақте ба таври табии мебинад худро дар ҷараёни ҳодиса тасаввур менамояд. Рушди барномаҳои дилгиркунандаро хотима бахшидан, ягона роҳи таъсиррасонӣ барои маҳдуд кардани аудиторияи телевизиони кишвари бегона метавонад бошад. «Имрӯз аксари ҷавонон

моҳвораро барои истифода аз барномаҳои илмии он интихоб намекунанд, балки бештар тамоюл доранд ба дидани барномаҳое, ки дар телевизиони дохили кишвар намеёбанд» [10, с. 142]. Соли 2019 миёни ҷомеа назарсанҷӣ бобати барномаҳои телевизиони тоҷик гузаронидем, аммо натиҷа он шуд, ки аксари назардиҳандаҳо қисмати зиёди барномаҳои телевизионҳои тоҷикро хастакунанда ва такрорӣ баҳо доданд. «Телевизион муассисаи маърифатист, ки ба бесаводу бомаърифат, зиёиён, эҷодкорон, кулли онҳое, ки ба умқу мурват дастгоҳро чолон мекунанд, дониш, маърифат, шинохти хубу бад ва арзиш додан ба онро одат мекунонанд» [11, с. 6]. Пахши мустақими телевизионӣ ба вақти табии таъсир нарасонида, балки чузъе аз он мебошад, «Табиати телевизион, ки навори табииро бештар меписандад, диққати бинандаро намоиши мустақим дарҳол ба худ ҷалб мекунад» [1, с. 106].

Пахши мустақим, тамоми ҳодисаҳои рухдиҳандаро бо садову ҷузъиёташ пешкаш мегардонад. Бояд гуфт, ки ин тарзи фаъолият ҳамчунин ба пайдоиши боварӣ дар бинандагон, ки асоси барномаи мустақимро ташкил медиҳад ҳодисаҳои воқеии рӯйдиҳанда ё ин, ки аз фаъолияти касбии баланди эҷодии рӯзноманигор, режиссёр ва наворбардор дарак медиҳад. Беҳтарин инъикоси эҷодӣ дар пахшҳои мустақим, метавонад дар пахшҳои мусобиқаҳои варзишӣ ба вуҷуд ояд, масалан, футбол, ки пурбинандатарин барнома дар тамоми ҷаҳон аст. Инчунин, волебол ва ё гӯштинҳои миллиро метавон ёдовар шуд, зеро инҳо барномаҳое ҳастанд, ки ҳангоми таҳия то давраи ҷамъбаст бинанда намедонад ғолиб кадом даста ва ё кадом варзишгар аст. Мухлис ҳаракатҳои муваффақонаи тими дӯстдоштаашро мушоҳида мекунад ва интизор надорад, ки кадом даста ғолиб меояд. Зиёда аз ин тақвияти басаҳнагузории табиии чунин ҳодисаҳои гурӯҳи эҷодӣ, ки бо сухани бозӣ ва рақобат оғоз мегардад, ба сохтори намоиши махсуси омодакардаи режиссёрӣ, танзим ва такрори видеоҳои санъати наворбардорӣ, инчунин, шарҳҳои журналистӣ, метавонад ботақвияттар гардад. Тамоми ин шакли пахшро метавон барои таҳияи боз ҳам ҷолибтар равона намуд. Яъне пешниҳоди ҳодиса дар лаҳзаи иҷрои воқеа, ин ҳолатест, ки пахши мустақими телевизиониро бо пахши сабтшуда, мувофиқатҳо ва фарқиятҳои онҳоро муаян месозад.

Дар кори пахшҳои мустаким телевизион бо интернет ба пуррагии ҳаҷмаш бевосита наздиктар мебошад. «Воситаи наве, ки хислати аз як ҷиҳат маҳдуди дастрасӣ, вале бештар сареҳии иттилоотӣ дораду авҷаш асри XXI аст, интернет аст. Дар айни ҳол функсияи ҳамаи навъҳои воситаи ахборро иҷро мекунад» [12, с. 223]. Дар шабакаи глобалии интернет имрӯз метавон пахшҳои онлайнро вохӯрд, ки телевизионҳои ватанӣ низ тавассути ин сайтҳо ва саҳифаҳои махсус пахши мустақими худро доранд. Фарқият аз дигар воситаҳои ахбори оммаи электронӣ ин фаъолият дар он зоҳир мегардад, ки ин шакли барномасозӣ ба воситаҳои муошарати гуногун аз дигар шакли барномасозӣ афзалият дошта, қобилияташро ҳамчун роҳҳои ҷалби бинанда дар фаъолияти журналистикаи муосир ба роҳ монда метавонад.

Имрӯз муҳимтарин барномаҳои мустақимро дар телевизионҳои ватанӣ дар жанри таҳлилӣ ва хабарӣ, дида метавонем, ки пуркунандаи фазои иттилоотӣ гаштаанд. Аслан, жанри таҳлилӣ маъмултарин жанр дар журналистика аст, ки дар он масъалагузориҳо, таҳлилҳо ва суҳбатҳо ба намоиш гузошта мешавад. Ва бештари барномаҳое, ки дар ин жанр дар шакли мустақим таҳия мегарданд ин суҳбати телевизионӣ мебошад. Дар тақвияти ин андеша, хусусияти барномаҳои мустақими Телевизиони Тоҷикистонро дар мисоли барномаи «Тамос», ки дар жанри суҳбат таҳия гаштааст, пайгирӣ менамоем. Барномаи «Тамос» бо мақсади ҳаллӣ масъалаҳои муҳими зиндагӣ, ҷалб намудани доираи васеи одамон, чун ҳамешагӣ дар арафаи иду ҷашнҳо таҳия гашта, «Санаи 08.03.2015 дар ин барнома, баранда дар ҳолати ногуворе монд, ӯро сулфа гулугир кард. Дар ҳоле, ки баранда Сайрам Бақозода меҳмононро аз рӯи тартиб хуш омадед гӯён, бояд муаррифӣ менамуд, чун дид вазъро дигар карда намешавад аз режиссёр хоҳиш намуд видео сужети «Модар» - ро омодаи пахш созад ва пас аз тамошои сужет барномаро идома медиҳанд» [16]. Барои тақвияти фикр қисмате аз барномаро таҳлил менамоем:

«Видеонавор»
Мусиқӣ. Кулоҳи барнома
мебарояд. Баъдан студия
нишон дода мешавад.
Журналист: Хуш омадед ба барномаи идонаи мо, ки бахшида ба
рӯзи Модар амалӣ мегардад. (журналистро баъд
ифшои ҳамин як ҷумла сулфае гулугир кард,
дигар натавонист идома диҳад).

Дар ин барнома баранда, ки соҳибкасб буд, рафти барномаро идора карда тавонист ва барои боз ҳам ҷалибтар шудани ин барномаи ҷашни таваҷҷӯҳи бинандаро зиёдтар намуд. Барномаи «Тамос» дар баррасӣ ва ҳалли масоили зиндагӣ тамошобинро фаъол мегардонд. Дар барнома ходимони машҳури илму фарҳанг, мутахассисони соҳаи тандурустӣ, ҳунармандони варзида ва амсоли онҳо даъват мешаванд ва барнома монандие мегирад ба мусоҳибаи колективӣ (мизи гирд). Барои дар ин

гуна вазъиятҳо муваффақ амадан ва барномаро таъсирбахш намудан таҳиягарон метавонанд, пешаки вобаста ба мавзӯи барнома видеосужетҳо омода сохта, онро дар давоми барнома дар ҷойҳои лозимӣ истифода баранд. «Мушкилоти пахши мустақим дар ташкили он аст. Барои ҳамин ҳам омодагии пешакии журналистро ба он тақозо мекунад» [13, с.156]. Маҳорати муаллифи барнома дар телевизион новобаста аз жанре, ки эҷод кардааст, муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин холат шинохти шаш вазифаи телевизион: фарҳанги маънавӣ, фароғатбахшӣ, педагогӣ, интерактивӣ, маърифатӣ, ташкилотчигӣ аз рӯйи жанрҳо бояд муҳим дониста шавад. Муайян кардан ва донистани ҳалли масъалаҳои эҷодӣ, амалигардонии малакаҳои махсуси касбӣ, сифатҳои психологӣ, мушкилии идоранамоӣ ва дигар ҳамкориҳо кумакрасон аст. Барномаи дигарро, ки мавриди таҳлил қарор медиҳем ин барномаи «Симо» мебошад, ки ин барномаи ба намоиш гузошташуда дар жанри суҳбат ва дар шакли мустақим пешкаш гаштааст. Барномаи «Симо» [17]. бо иштироки Ҳунарманди мардумӣ ва дар пахши мустақим аз ҷиҳати мавзуву рафти суолу ҷавоб пурмуҳтаво буд ва аз ин насли наврасу ҷавон яқин ибрату пандҳои гаронборро гирифтанд, зеро Қурбони Собир ба муҳтавои суолҳо ва ҳам андешаҳои худро хуб ба тамошобин расонида тавонист. Ин ҳама шаҳодат аз ҳунару дониш ва истеъдоди баланди фитрии ин ҳунарманд дарак медиҳад, аммо журналистоне, ки бо ҳунарманд сари суҳбат нишаста буданд ва суолҳои мухлисонро, ки тариқи паёмак ба барнома ирсол мешуд ба ҳунарманд пешкаш мекарданд, дар баробари тавоноиву суханони Қурбони Собир сабуксорӣ менамуданд. Журналистонро зарур аст, ки донандаи хуби бисёре аз соҳаҳо бошанд ва бо мутахассиси ин ё он касбу кор, ки суҳбат анҷом медиҳанд, донандагии он соҳа дар онҳо бояд зоҳир гардаду дар ҷараёни суҳбат озодияшон бахшад. Журналистон дар ин барнома хеле қолабӣ ба назар мерасиданд. Ҳангоми суханронӣ Қурбони Собир ба вақд меомад, аммо пешбарандаҳои барнома дар ин росто хеле ором буданду партниёри худро дида наметавонистанд. Дар кори аператор ҳам иштибоҳот зиёд буд, зеро лаҳзае, ки бояд кадри калон «крупний план» бигиранд, аммо кадри умумӣ «общий план» ё кадри байн»средний план» мегирифтанд, ки ин ишорат аз ҳирфавӣ набудани аператорон мекунад ва ҳамчунин, коргардони барнома низ ин иштибоҳотро нодида мегирифт. Дар ин матлаб ибораеро ёдовар мешавем, ки «тасвир «ҷон» –и телевизионро ташкил медиҳад» [14, с. 137]. Фаъолият дар телевизионҳои ватанӣ имрӯз дар он зоҳир мегардад, ки атрофи масоили рӯз суҳбатҳои тулонӣ сурат гирифта, аз ин усул тамоми телевизионҳо истифода мебаранд, ки ин шакли фаъолият як навъ безавқиро миёни бинандаҳо ба вуҷуд овардааст. «Як замоне барномаҳои телевизиони Тоҷикистон бинандаи доимии худро дошт ва ба қавле, ба зеҳну шуури онҳо ҳадафро мерасонид. Замони имрӯз, ки замони пуртазод ва давраи пурҷӯшу хурӯши муборизаҳои иттилоотӣ аст, барои аудиторияи худро нигоҳ доштан ва ҳадафҳои худро пиёда намудан журналистро заҳмати зиёд мебояд. Бинанда дигар ба суҳбату таҳлилҳои дурудароз, ки танҳо аз сухан иборат аст, таввақҷуҳ надоранд, балки соҳиби воқеа будан мехоҳанд, яъне ба он хотир ба телевизион рӯй меоранд, ки воқеаро бевосита бинанд ва хулоса кунанд. Солҳои пештар телевизиони давлатии Тоҷикистон танҳо ду «рақиб» дошт - Шабакаи якуми Русия (ОРТ) ва «РТР», он ҳам бошад, тобеи як давлат буданд, аммо имрӯз бо пайваст шудан бо моҳвора шумораи «рақибон» барои бинанда хеле ва хеле зиёд асту мунтазам меафзояд. Гарчанде дар кишвари мо низ шумораи телевизионҳои давлатӣ аз 1 ба 9 расидааст, аммо оё метавонанд ҳамаи ин шабакаҳо муқобили телевизионҳои бузурги ҷаҳонӣ истодагарӣ кунанду аудиторияи худро нигоҳ доранд» [15].

Муҳимтарин рушди иртиботи телевизионӣ ин масъалаи ташкили баланд бардоштани сатҳи фаврии дастрасии иттилоот аст. Чӣ гунае, ки муҳаққиқон таъкид менамоянд: «Телевизион ин ҷаҳонест, ки тамоми масофаҳоро нобуд сохтааст». Дар воқеъ имрӯз, дастовардҳои нави технологие, ки интиқоли иттиллотро тавассути моҳвора ба масофаҳои дуру наздик пахш менамоянд, яке аз пешравиҳои фаъолияти телевизион ба шумор меравад. Махсусан, ин пешравӣ дар барномаофарии пахши мустақим, зарур аст, ки бояд мақоми муайянеро касб намояд.

Ба ин тартиб пахши мустақими телевизионӣ, ки солҳои охир ба гӯшаи фаромӯшӣ супурда шудааст. Махсусият ва вижагии фарогири дорад. Мафҳуми фарогирӣ ба он маъност, ки аз тариқи барномаи пахши мустақим на танҳо ҳайат ва персонали эҷодиву техникилии барнома ҷалб мешаванд, балки тамошобинони гуногунтабақа ба барнома ба таври табии ва ихтиёрӣ фаро гирифта мешаванд, ин аст, ки сатҳи тахассуси дар пахши мустақим нақши калидӣ дорад. Ҳар кадар персонали эҷодӣ ва техникиву ҳирфавӣ – аз ровию муҳаррир саркарда то коргардону тими тавлид огоҳтар, бовармандтар ва пурэнержитар бошанд, ҳамон қадар имкони ҷалби тамошобин зиёдтар мешавад. Аз ин лиҳоз тарбияи мутахассисони барномаҳои телевизионӣ бо салиқа ва савияи баланди касбию эҷодӣ дар авлавияти кори телевизиони муосири миллӣ бояд қарор гирад. Аз тарафи дигар, ба ҳошия ронда шудани барномаҳои мустақим вазъи рақобати эҷодии касбии телевизионҳои ҷумҳуриро ногувор сохтааст. Зимнан, зарфият, иқтидор ва потенсиали каму маҳдуди журналистони телевизион боиси хеле кам шудани барномаҳои пахши мустақим гардидааст. Воқеият ин аст, ки дар шароити телевизиони муосир феълан теъдоди журналистоне, ки дидгоҳи миллӣ, мавқеияти илмию фаннӣ, тафаккури фалсафӣ ва зарфияти баланди фикрӣ доранд, ангуштшуморанд.

Хулоса Имрӯз замоне расидааст, ки аз тариқи пахши барномаҳои мустақим шаффофияти рақобати ҳирфай дар сатҳи шабакаҳои ватанию хориҷӣ таъмин карда шаванд ва сатҳи журналистикаи телевизион боло бурда шавад. Ба ин маъно, ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси журналистони телевизион ва, махсусан, мутахассисоне, ки ба барномарезиҳои пахши мустақими телевизионӣ иртиботи бевосита мегиранд, зарурати имрӯзӣ аст. Ба думболи ин, вусъат бахшидани кори нақди телевизион аз талаботҳои замони муосир аст. Нақди барномаҳои телевизионӣ ва, махсусан, интиқоди мунсифона ва касбию ҳирфай, барномаҳои пахши мустақими телевизионӣ, рақобатпазирии (конкурентно способность) телевизиони миллиро боло мебарад. Ва роҳро барои майдони ҷалби тамошобини серталаб ҳамвор месозад.

АДАБИЁТ

1. Муъминҷонов З. Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион/ Муъминҷонов З. – Душанбе:-Ирфон 2015 – 119 с.
2. Ҷума Қ. Асосҳои журналистикаи телевизион ва радио/ Ҷума Қ. Душанбе: - Нарнияи Студент 2008 – 82 с.
3. Абдусаломова Р. Телевизион оинаи зиндагист/ Абдусаломова Р. Душанбе: – Сурушан 2002 – 143 с.
4. Саидмурод Х. Таърихи телевизиони Тоҷикистон/ Саидмурод Х. Душанбе: - Анҷумани девоштиҷ 2007 - 239 с.
5. Эшматов З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон/ Эшматов З. Душанбе: – Кайҳон 2016 – 231 с.
6. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ/ Нуралиев А. Душанбе: – Сурушан 2001 – 223 с.
7. Қодирӣ С. Режиссураи телевизион, кино ва радио/ Қодирӣ С. Душанбе: - Ирфон 2011 – 210 с.
8. Исмоилов З. Мушкилоти ВАО – и электронӣ дар Тоҷикистон/ Исмоилов З. // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012. ISSN 2027-1847, Сино. 282 с.
9. Гулов С. Нақши радиову телевизион дар фазои иттилоотии Тоҷикистон/ Гулов С. // Васоити электронии ахбор ва армонҳои миллӣ/ Душанбе: - Баҳманрӯд 2015 -157с.
10. Самиро Т. Таъсири моҳвора ба мардуми Тоҷикистон/ Самиро Т. //Васоити электронии ахбор ва армонҳои миллӣ/ Душанбе: - Баҳманрӯд 2015 -157с.
11. Саъдуллоев А. Ростиро завол нест/ Саъдуллоев А. //Васоити электронии ахбор ва армонҳои миллӣ/ Душанбе: - Баҳманрӯд 2015 -157с.
12. Абдусаломова Р. Наттоқ чаҳраи телевизион/ Абдусаломова Р. Душанбе: - Анҷумани Девоштиҷ 2008 – 225 с.
13. Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он/ Муқим Ҷ. - Душанбе: - 2013 -156 с.
14. Манонова М. Нақши наворбардор дар фаъолияти телевизионӣ/ Манонова М. //Васоити электронии ахбор ва армонҳои миллӣ/ Душанбе: - Баҳманрӯд 2015 157 с.
15. Сафарова М. Андешаҳои яктарафа ва иттилои муғризона дар пардаи телевизион ё чӣ гуна журналист аз андешаи муқобил бояд натарсад/ Сафарова М. http://journalism.tnu/tj/index.php/mo-dar-vao/
16. Телевизиони Тоҷикистон барномаи Тамос 2015 с.
17. Телевизиони Тоҷикистон барномаи Симо 2015 с.

МАХСУСИЯТИ ПАХШИ МУСТАҚИМ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН

Пужуҳиши махсусияти барномаҳои мустақим дар телевизион ба натиҷаҳои зайл омада расид: 1. мушаххсас гардид, ки пахши мустақими телевизион солҳои охир ба гушаи фаромушӣ супурда шудааст. 2. Пахши мустақим махсусият ва вижагии фарогирӣ мехоҳад. 3. Тариқи пахши барномаҳои мустақим шаффофияти рақобати ҳирфаи дар сатҳи шабакаҳои ватанию хориҷӣ таъмин карда шаванд ва сатҳи журналистикаи телевизион боло бурда шавад.

Мақсади мақола Ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси журналистони телевизион ва махсусан мутахассисоне, ки ба барномарезиҳои пахши мустақими телевизионӣ иртиботи бевосита мегиранд зарурати имрӯзи аст. 4. Сатҳи тахассуси дар пахши мустақим нақши калиди дорад. Ҳар қадар персонали эҷодӣ ва техникиву ҳирфавӣ – аз ровию муҳаррир саркарда то коргардону тими тавлид огоҳтар бовармандтар ва пурэнержитар бошанд, ҳамонқадар имкони ҷалби тамошобин зиёдтар мешавад. 3. Тарбияи мутахассисони барномаҳои телевизионӣ бо салиқа ва савияи баланди касбию эҷодӣ дар авлавияти кори телевизиони муосири миллӣ бояд қарор гирад. 5. Ба ҳошия ронда шудани барномаҳои мустақим вазъи рақобати эҷодӣ ва касбии телевизионҳои ҷумҳуриро ногувор сохтааст. 6. Зарфият, иқтидор ва потенсиали каму маҳдуди журналистони телевизион боиси хеле кам шудани барномаҳои пахши мустақим гардидааст.

Натиҷаи татқиқот нишон дод, ки дар шароити телевизиони муосир теъдоди журналистоне, ки дидгоҳи миллӣ, мавқеияти илмию фаннӣ тафаккури фалсафӣ ва зарфияти баланди фикри доранд, ангуштшумор гардидаанд.

Калидвожаҳо: *пахши мустақим, жанр, телевизион, журналист, баранда, рақобат, табиӣ, иртибот, муосир, ҳирфавӣ, барнома.*

ОСОБЕННОСТИ ПРЯМОЙ ТРАНСЛЯЦИИ ПО ТЕЛЕВИДЕНИЮ

Изучение специфики прямых трансляций телепрограммы дало следующие результаты: 1. Стало ясно, что в последние годы о прямом телевещании забыли. 2. Прямая трансляция требует всестороннего охвата. 3. Обеспечить прозрачность профессионального конкурса на уровне отечественных и зарубежных каналов и повысить уровень тележурналистики за счет прямых трансляций.

Целью статьи обуславливается необходимость срочно организовать специальные курсы по подготовке и переподготовке тележурналистов, и особенно специалистов, непосредственно занятых в прямом эфире. 4. Уровень квалификации играет ключевую роль в прямом эфире.

Чем больше творческих, технических и профессиональных кадров, от рассказчика и редактора до рабочего и постановочной бригады, уровненные и энергичнее, тем больше возможностей привлечь зрителей. Подготовка квалифицированных специалистов телепрограмм, высокий уровень профессионализма и творчество должны стать приоритетом в работе современного отечественного телевидения. 5. Исключение прямого эфира ухудшило творческую и профессиональную конкуренцию республиканских телекомпаний. Ограниченные возможности тележурналистов привели к значительному сокращению прямых трансляции.

***По результатам исследования** в условиях современного телевидения лишь единицы журналистов обладают национальным видением, научно – предметной позицией, философским складом ума и высоким уровней мышления.*

***Ключевые слова:** Прямая трансляция, жанр, телевидение, журналист, телеведущий, конкуренция, естественный, контакт, современный, талантливый, программа.*

FEATURES OF LIVE BROADCASTING IN TELEVISION

The search of the specifics of live programs in television has yielded the following results: 1. it has become clear that live television broadcasting has been forgotten in recent years. 2. Live broadcasting requires specificity and specificity of coverage. 3. Ensure transparency of professional competition at the level of domestic and foreign channels and increase the level of television journalism through live broadcasts. There is an urgent need to organize training and retraining courses for television journalists and especially for professionals who are directly involved in live broadcasting television. 4. Qualification level plays a key role in live broadcasting. The more creative, technical and professional staff - from the narrator and editor to the director and the production team - the more reliable and fuller of energy the more opportunities to attract viewers. Training of TV presenters with high professionalism and creative level should be a priority of the work of modern national television. 5. The marginalization of live broadcasts has aggravated the situation of creative and professional competition of the republic's televisions. 6. The limited capacity and potential of TV journalists has led to a significant reduction in live broadcasts. In the context of modern television, the number of journalists who have a national vision, scientific and scientific position, philosophical thinking and a high capacity for thinking is limited.

***Keywords**: television, Journalist, live broadcasts, program, instant, natural, genre, form, profession, conversation.*

Сведения об авторе:

***Абдуллоева Адиба Негматовна** - старший преподователь кафедры телерадиожурналистики ГОУ «Государственний институт культуры и искусств имени М. Турсунзаде». E – mail: adib 8801@mail.ru, Тел: (+992) 931880108*

Маълумот дар бораи муаллиф:

***Абдуллоева Адиба Негматовна** - муаллими калони кафедраи рӯзноманигории телевизион ва радиошунавонии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъат и Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода., E – mail: adib 8801@mail.ru, Тел:(+992) 931880108*

About the author:

***Abdulloeva Adiba Negmatovna** - senior teacher of Department of journalist and radio of the SEI «Tajik state Institute of culture and arts named after Mirzo Tursunzoda». E – mail: adib8801@mail.ru, Phone: (+992) 931880108*

ХАРАКТЕРИСТИКА ПЕРЕВОДА РОМАНА ПАВЕЛА ЛУКНИЦКОГО НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Холматова Д.
Кулябский педагогический колледж

Введение. Таджикско-русские литературные связи в первой половине XX обширны и многогранны. Большое место в них занимают переводы произведений поэтов и писателей русской литературы на таджикский язык. Благодаря усилиям таких русских и таджикских ученых-востоковедов, как А.Н. Самойлович, Н. Остроумов, М. Гаврилов, К. Залеман, Г. Андреев, Н.Лыкошин, М.Шукуров, И. Брагиский, А.Сайфуллоев русская литература и культура получила.

Пропаганда русской литературы велась посредством статей о писателей и поэтов русской литературе, об источниках этой литературы, о научных встречах. В этом процессе положительную роль сыграла журнал «Шарки Сурх», который являлся печатным органом союза писателей и поэтов Таджикистана, защищал интересы; однако, благодаря инициативе таджикских переводчиков и ученых на ее страницах печатались и статьи о переводе русской литературы на таджикский язык. В течение 1950-1960 гг. журнал познакомил своих читателей с жизнью и творчеством многих русских поэтов и писателей, как Павел Николаевич Лукницкий и других. Переводы и статьи из русской литературы с особым вниманием принимались таджикским читателем, воспитывали в нём любовь и уважение к русской литературе и культуре, познакомили с мастерством таких великих русских писателей и поэтов, как Павела Лукницкого и др.

В переводе на таджикский язык этот роман звучит таким образои:

Яке аз духтархои вай на танхо умеди бойро ба чо наовард , балки инчунин «барои тамоми округ як чанчол кард» — аз оила гурехта, бе дуои падару модар ба корнети чавон хонадор шуд. карор дод, ки аз духтари иродааш халос шавад, ба у як «порча» дод: дехаи аз хама сералаф ва панч хазор сум. Пас аз ду сол шавҳари у гурехт ва ӯро «бо ду духтари дугоник: " танҳо гузошт. Худи вай баъди се мох вафот кард ва бар хилофи хохиши худ мачбур шуд, ки ду ятими бепарасторро панох дихад.

Фарзанди сеюми чуфти вай " дар оила бо се ном маълум буд: Узбекхо, хунхорҳо ва писари ошкоро.» Ӯ аз хурдӣ ба модараш ғазаб мекард ва аксар вақт ӯро масхара мекард».

Баръакси пурраи кӯдаки хурдтарин дар оила – вай буд. Аз хурдӣ ба ҳеҷ чиз таваҷҷуҳ зоҳир намекард, аз ҳама дур мемонд, «чудо, аз мардум дур буданро дӯст медошт». Бо мурури замон, як «шахсияти бепарво ва пурасрор ғамгин» ташаккул ёфт, ки аз ҳама гуна хоҳиши ҳама гуна амал комилан маҳрум буд.

Вай мефаҳмад, ки писари калонӣ хонаи Помир ба маблағи ночиз фурӯхта, ният дорад, ки ба амволи падару модараш баргардад. Бо вуҷуди ин, ӯро ғайбатҳои ногузири инсонӣ таъқиб мекунанд ва ӯ қарор мекунад, ки «барои ҳалли сарнавишти ғамгин шӯрои оилавӣ даъват кунад».

Баробари омадани писаронаш аввал «шикоят мекарду худаш дилгир мешуд», вале баъд ба кор даромад» [4, с.46]

И для изучения изобразительных средств таджикского языка использовали различные художественные методы, чтобы развивать образы художественного произведения в произведениях русского писателя начало XX века.

Хотелось бы отметить развития художественного образа в прозе и поэзии Павела Лукницкого, который считается одним из писателей начало XX века в русской литературе. Он известен своими произведениями не только в русской литературе, но также известен в Республике Таджикистан. Этой теме он посвятил несколько свои произведения. Таджикско- русские переводы служат делу взаимопонимания народов Таджикистана и равноценного взаимодействия их языков. Поэтому русско -таджикские переводы является одно из важнейших направлений переводческого дела в республике, внимание к которому в настоящее время становится жизненно необходимым, имеющим и политическое, и экономическое, и неоценимое культурное значение. .

Абразивов И.Т. писал: «Весомым вкладом в процесс духовного единения народов является перевод произведений русской современной литературы на таджикский язык. Переводы произведений русской литературы существуют уже не один десяток лет. Однако научное осмысление их, по существу, в республике отсутствует» [1. С.88] .

Традиция творчества русских фантастических поэтов и писателей Повела Лукницкого можно встречать в творчестве таджикских поэтов и писателей Адаша Истада и Абдумалика Бахори, которые писали стихи и повести и рассказ А.Истад «Гиберпространства» (Гиперфазо»), «Уход Кибербая», «Герби Шердор», «Новый день большого солнце», А.Бахори «Оборванный контакт», сборники Абдумалика Бахори научно-фантастических рассказов «Риск доктора Мансура», «Очкастая оса» (1971), «Чудеса Нодара» (1972), «Возвращение» (1973), «Санбула» (1974), «Юные всадники» (1975), «Побег ассистента» (1981), «Погибшие свидетели» (1984) имели огромный успех

и были переведены на множество языков мира и показали в своих произведениях различные проблемы фантастической жизни. Например в повести «Гиберпространства» Адаш Истад писал:

Брагин Г.Г. писал: №Среди множества разнообразных фантастических жанров этой литературы особое развитие получил жанр фантастического рассказа, занявший в современном литературном процессе прочное и устойчивое положение. В развитие и совершенствование этого литературного фантастического жанра свою лепту внесли многие таджикские писатели, пишущие для детей, однако особенно заметны заслуги Абдумалик Бахори и Адаша Истада. Благодаря их идейно-эстетическим поискам фантастический жанр рассказа более ярко и отчетливо проявил свои композиционно-художественные и жанрово-стилевые возможности» [2, с.23],

В истории русско-таджикских литературных связей одно из центральных место занимает русский писатель Павел Николаевич Лукницкий, который оставил после себя огромное количество художественных, политических произведений, где русский писатель показал жизнь и традиций таджикского народа.

В творчестве Повела Николаевича Лукницкого особое место занимает роман «Ниссо». В этом романе автор показывает жизнь таджикского народа в 30-40 годы XX века. Когда в горном Бадахшане происходит различные бои между богатыми людми и бедных. Образ Ниссо это образ таджикской эженщине в начале XX века.

Особенности творчества Михаила Шолохова, Юрия Бондарева, Бориса Васильева, Роберта Рождественского), в том что они продолжиди традиции русского поэта и писптеля, который в своих произведениях показал образ таджикской женщиныи образ Востока. Находясь в Таджикистане в 30-40 годы XX русский поэт и писателя Павел Лукницкий в своих произведениях различные образы и пейзаж таджикских гор Памира.

В России получили широкое развитие научная фантастика и литература ужасов, а во второй половине XX века — фантези, который были преимущественно развлекательной и породила поджанр «космическая опера», описывавший приключения первопроходцев космоса.

В романе русского писателя Павела Лукницкго «Ниссо» центральное место занимает тяжелый труд таджикского народа. Он переведенн на таджикский язык в 1951 году в журнале «Садои Шарк.

Перевод на таджикский язык:

«Рохбар яке аз мулкҳои куҳҳои Тоҷикистон назди бой бурда бо салом меояд. Ҳама корҳоро ба ӯҳда гирифта, ӯ бо дили нохоҳам аз хабари муҳим ба ӯ хабар медиҳад: писараш Аорор барои қарз фурӯхт. Хонум аз шунидааш афсурда мешавад — «ин хабар, аз афташ, шуури уро бурдааст».

Хонум ба худ омада, ба ғазаб меояд: охир, ҳамагӣ ду сол пеш ин хонаро «дувоздаҳ ҳазор як тин» дода буд ва ҳоло пулис онро хеле арзонтар фурӯхтааст.

Хамсари вай «шахси сабукфикрона ва майзада» аст. Бар хилофи зани ҷиддӣ ва кордонаш аз овони ҷавонӣ бо хислати бетартибӣ фарқ мекард.

Вай «чор фарзанд дошт: се писару як духтар». Вай хатто дар бораи духтару писари калониаш гап задан намехост. Писари калонӣ - бо хислати аз ҳад зиёд бадхоҳаш шӯҳрати шӯхӣ дошт. Вай комилан ба ҳаёт мутобиқ карда нашудааст: ӯ метавонад кортҳоро то ғазаб бозӣ кунад, ба қарзҳои аз ҳад зиёд дучор шавад.

Духтари вай на танхо умеди бойро ба чо наовард , балки инчунин «барои тамоми округ як чанчол кард» — аз оила гурехта, бе дуои падару модар ба корнети чавон хонадор шуд. карор дод, ки аз духтари иродааш халос шавад, ба у як «порча» дод: дехаи аз хама сералаф ва панч хазор сум. Пас аз ду сол шавҳари у гурехт ва ӯро «бо ду духтари дугоник: " танҳо гузошт. Худи вай баъди се мох вафот кард ва бар хилофи хохиши худ мачбур шуд, ки ду ятими бепарасторро панох дихад.

Фарзанди сеюми ҷуфти вай «дар оила бо се ном маълум буд: Узбекхо, хунхорҳо ва писари ошкоро.» Ӯ аз хурдӣ ба модараш ғазаб мекард ва аксар вақт ӯро масхара мекард».

Баръакси пурраи кӯдаки хурдтарин дар оила – вай буд. Аз хурдӣ ба ҳеҷ чиз таваҷҷуҳ зоҳир намекард, аз ҳама дур мемонд, «ҷудо, аз мардум дур буданро дӯст медошт». Бо мурури замон, як «шахсияти бепарво ва пурасрор ғамгин» ташаккул ёфт, ки аз ҳама гуна хоҳиши ҳама гуна амал комилан маҳрум буд.

Вай мефаҳмад, ки писари калонӣ хонаи Помир ба маблағи ночиз фурӯхта, ният дорад, ки ба амволи падару модараш баргардад. Бо вуҷуди ин, ӯро ғайбатҳои ногузири инсонӣ таъқиб мекунанд ва ӯ қарор мекунад, ки «барои ҳалли сарнавишти ғамгин шӯрои оилавӣ даъват кунад».

Баробари омадани писаронаш аввал «шикоят мекарду худаш дилгир мешуд», вале баъд ба кор даромад» [4, с.46]

При переводе на таджикский язык встречаются различные ошибки. Которые в дальнейшем были исправлены со строны таджикских переводчиков.

Перевод на таджикский язык.» Мазмуни асари «Хаётзистан» хеле якранг аст; он тақрибан аз тарҷумаи ҳоли ҳокимони шаҳрҳо, ки тақрибан як аср сарнавишти шаҳри Фоловро идора мекарданд ва тавсифи амалҳои ҷолиби онҳо, аз қабили: савори зуд ба почта, ситонидани қарз , маъракаҳои

зидди мардуми шаҳр, тартиб ва бесарусомонии роҳҳо, андозбандӣ аз деҳқонони андоз ва ғайра. Бо вуҷуди ин, ҳатто бо ин далелҳои ночиз метавон физиогномияи шаҳрро дарк кард ва аз он мушоҳида кардан мумкин аст, ки чӣ гуна тағйироти мухталифе, ки дар як вақт дар шаҳр ба амал меоянд. сохахои олӣ дар таърихи он тачассум ёфт. Пас, масалан, мири замони Бирон бо бепарвоии худ фарк мекунад, мири замони Потемкин идоракунанда ва мири замони Разумовский аз асли номаълум ва шуҷоати рыцарӣ. Хамаи онхо ба сокинон тозиёна мезананд, аммо якум тозиёна, дуюм сабабхои идоракуниро бо талаботи тамаддун шарх медихад, сеюм мехохад, ки сокинон дар хама кор ба шучоати онхо такя кунанд. Чунин ходисахои гуногун, албатта, ба анбори ботинии хаёти одамон таъсир накарда наметавонистанд; дар аввал мардуми шаҳр беҳуш меларзиданд, дар дуюм, аз ҳуш меларзиданд.

Ҳатто савори пуркувват дар почта - ва ин ҳатман бояд як миқдори муайяне дошта бошад, рӯҳияи фаластиниро бо мисолҳои қувват ва ноустувории асп мустаҳкам мекард"[5, с.46].

В 1946 году вышел в свет первый роман Павела Лукницкого «Ниссо». Этот роман, как и другие романы русского писателя того времени, был связан с натурализмом. Одновременно с дальнейшим развитием натурализма, к которому были близки и писатели «потерянного поколения» (чья юность пришлась на период между мировыми войнами — Михаила Шолохова, Юрия Бондарева, Бориса Васильева, Роберта Рождественского), в России пришёл и европейский модернизм, к которому можно отнести поэзию П.Н.Лукницкого, впрочем, эмигрировавшего в Англию. В 1941 году возник журнал «Masses», в котором началась деятельность Павела Лукницкого. Журнал объединял вокруг себя радикально настроенных русских писателей и поэтов , в том числе и коммунистов, представителем которых был Павел Лукницкий .

Метавон гуфт, ки заминаи меъёриву ҳуқуқӣ барои иҷрои муқаррароти зикршуда Созишномаи байни ҳукуматҳои кишварҳои узви СҲШ дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг аз соли 2007 мебошад. [17] Агар дар сатҳи дуҷониба ин равандро ҷаласаҳои комиссияҳои ҳукуматӣ оиди ҳамкориҳои гуманитарӣ роҳандозӣ ва назорат намояд, дар сатҳи чандҷониба мунтазам машваратҳои роҳбарони вазорату идораҳо бо шумули вазирони фарҳанг, тандурустӣ, таҳсилот, нақлиёт, технологияҳо ва ҳолатҳои фавқулодда баргузор мегарданд. Имрӯз метавон даҳҳо далелҳо аз баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ: баргузории ҷашнҳои фарҳанги рус (Чин, 2003) ҷашнҳои фарҳанги чинӣ (Россия, 2004), соли Россия дар Чин (2006), соли Чин дар Россия (2007), ҷашни фарҳангии Казоқистон (дар Чин, соли 2001), кинофестивали кишварҳои СҲШ (якум – 2006 дар Душанбе, кинофестивали Иссиққул дар Чолпон-Ато), форуми адабии «Кули Сихуро тасвир мекунем» дар Ханчжоу, экспозитсияи адабии «Тиру камони баҳорӣ» дар Узбекистон, выставкаи санъати тасвирӣ (выставкаи нахустни соли 2004 дар Россия, баъд дар Остона), Тошканд, Москва, Казон, Набережные Челни, Елабуг, Бишкек, Чанжи, Шанхай, Гуанчжоу, Ханчжоу, выставкаи СҲШ «Кудакон афсонаҳоро ба тасвир мекашанд», марказҳои фарҳангӣ дар пойтахтҳои якдигар («Олами рус», маркази фарҳангии Конфутсий) мебошанд. Рузҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, Қирғизистон, Россия, Қазоқистон, Чин ва дигар кишварҳо бо иштироки беҳтарин ҳунармандону санъаткорони ҷумҳурӣ баргузор гардида, дар доираи онҳо чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, намоишҳои консертӣ баргузор шудаанд. Аз ҷумла, тайи 4 соли охир ду маротиба «Рузҳои фарҳанги Ӯзбекистон дар Тоҷикистон» (майи соли 2017, ноябри соли 2019), ва як маротиба «Рузҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон » (октябри соли 2017) баргузор гардиданд. Ҳамроҳ бо чорабиниҳои фарҳангии берун аз марзҳои мамлакат дар худи кишвари мо мунтазам конфронсҳои байналхалқӣ бахшида ба санъат, мусиқӣ, эҷодиёти классикҳои адабиёти тоҷику форс доир гардидаанд[14].

Ҳамкории босамари ҳамкориии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф дар мисоли фаъолияти Донишгоҳи СҲШ дидан мумкин аст, ки аз соли 2008 фаъолият мекунад. Рисолати аслии Донишгоҳи СҲШ татбиқи раванди тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар заминаи барномаҳои инноватсионии таҳсилотӣ аз руи ихтисосҳои афзалиятнок барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои узви СҲШ ба шумор меравад. Ба таркиби Донишгоҳи СҲШ аз Тоҷикистон Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абулаи ибни Сино, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улузода, Донишгоҳи давлатии омрӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон шомил шудаанд. Донишгоҳ мутахассисонро дар чунин соҳаҳои афзалиятнок, аз қабили энергетика, экология, минтақашиносӣ, нанотехнология, IT-технология, омрӯзгорӣ, иқтисод тайёр мекунад. Дар чаҳорчӯбаи Донишгоҳи СҲШ низоми чандсатҳии таҳсилот – бакалавриат, магистратура, аспирантура, докторантура амал мекунад. Тайи мавҷудияти хеш Донишгоҳи СҲШ на танҳо абзори асосии ҳамкориҳои чандҷониба дар маҳдудаи СҲШ, балки лоиҳаи асосии гуманитарӣ ҳам гардид, ки ба таҳкими эътимоди тарафайн ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ байни кишварҳои узв ва болоравии мақом ва имиҷи СҲШ дар арсаи байналхалқӣ мусоидат мекунад. Донишгоҳи СҲШ ҳамчун шабакаи донишгоҳҳои амалкунанда дар кишварҳои узв, кишварҳои нозир ва шарикони муколама амал мекунад. Дар рафти баргузории ҳафтаи XI (дар Душанбе, 2016) намояндагони кишварҳои узв лоиҳаи ҳуҷҷати асосӣ - Созишнома дар бораи таъсис ва фаъолияти Донишгоҳи СҲШ - ро баррасӣ ва мувофиқа карданд, ки мақоми ҳуқуқии Донишгоҳро мустаҳкам намуда фаъолияти онро ба танзим медарорад. Вазифаҳои асосӣ ҷиҳати татбиқ ва ҷорӣ кардани барномаҳои таҳсилотии байналхалқии кафедраи Донишгоҳи СҲШ – таъмини табодули академӣ дар чаҳорчӯбаи донишгоҳҳои шарик, мувофиқсозии барномаҳои таҳсилотии магистрӣ ва

татбиқи онҳо, созишномаҳои иловагӣ байни шарикон, таъминоти методикӣ ва ташкилотии раванди таълим дар чаҳорчӯбаи Донишгоҳ ба шумор мераванд. Лоиҳаи инноватсионии бунёди Донишгоҳ идомаи мантиқии ҳамгароии низоми таҳсилотии байналхалқӣ гардид [13].

Тавре дар боло ишора рафт, яке аз муқаррароти «Стратегияи 2025» чунин аст: «Кишварҳои узв дар форматҳои дуҷониба ва чандҷониба пайгирона робитаҳои байни муассисаҳои таҳсилотӣ, илмӣ ва таҳқиқотиро тавсеа бахшида, барномаҳо ва лоиҳаҳои муштараки илмиву таҳқиқотиро, ки мавриди таваҷҷӯҳи тарафайн мебошанд татбиқ хоҳанд кард». Нақши хосро дар ҳамкориҳои соҳаи таҳсилот баргузории ҳафтаҳои таҳсилоти кишварҳои узви СҲШ таҳти унвони «Таҳсилот бидуни марз», баргузории конфронсҳои байналхалқӣ, мизҳои мудаввар, форумҳои ректорони донишгоҳҳои пешбари СҲШ ва форумҳои ректорони академияҳои хизмати давлатии кишварҳои узви созмон бозӣ мекунанд. Аз ҷумла, ҳафтаи таҳсилотии СҲШ дар Москва дар соли 2008 ба вохуриҳои анъанавии коршиносон дар соҳаи маорифи кишварҳои узв асос гузоштанд. То соли 2013 ҳафтаҳои таҳсилоти СҲШ дар Москва баргузор мегардиданд. Тайи солҳои баъдина вохуриҳо дар Уфа, Барнаул, Белгород, Далян, Остона, Душанбе гузаштаанд[14].

Дар ҳамкориҳои илмӣ рушди лоиҳаҳои инноватсионӣ мубрамияти худро гум накардааст. Албатта, дар соҳаи инноватсионӣ, ки ҳам мубрам ва ҳам афзалиятнок аст, ҳалли масоил ва вазифаҳое, ки пайваста пеш меоянд, зарур аст. Аз қабили: кооператсияи байнидавлатӣ дар соҳаҳои илмиву техникӣ ва илмиву таҳсилотӣ, дастгирӣ ва рушди ҳамкориҳои илмиву техникии кишварҳои иштирокчӣ, инчунин ташкили ҳамкориҳои самараноки онҳо дар фазои инноватсионӣ, илмиву техникӣ ва иттилоотии муштарак ва таъмини муътадил-гардонии мувозинати технологӣ. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 7-уми Шурои саронии давлатҳои узви СҲШ, ки 16 августи соли 2007 дар Бишкек баргузор гардида буд, ба масъалаи таҳкими ҳамкориҳои байни кишварҳои узв дар соҳаи фарҳанг ва таҳсилот дахл карда, изҳор дошта буд, ки ҳамкориҳои давлатҳои узви СҲШ дар соҳаҳои фарҳанг ва таҳсилот қувват гирифта ва бо гуногуннавъӣ фарқ мекунад. Татбиқи созишномаҳои байни ҳукуматҳои кишварҳои мо ба имзо расида дар масъалаҳои зикршуда ҳамкориҳои давлатҳои узви СҲШ ро дар соҳаҳои маънавӣ-фарҳангӣ ва таҳсилотӣ ганӣ гардонда, халқҳои моро боз ҳам ба ҳамдигар наздиктар мегардонанд. [6]

Дар моҳи июни соли 2008 дар шаҳри Урумчи бори аввал Форуми намояндагони Академияҳои илмҳои давлатҳои узви СҲШ доир ба масъалаҳои ҳамкориҳои илмӣ баргузор гардида буд. Дар рафти вохурии аввали коршиносони давлатҳои узви СҲШ доир ба илм ва техника дар моҳи июли соли 2009 дар Урумчи оиди ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар чунин соҳаҳо, аз ҷумла, омодасозӣ, такмили ихтисос ва табодули мутахассисон, пешбурди корҳоимуштараки илмӣ-тадқиқотӣ, семинарҳои илмӣ, курсҳо, ташкили намоишгоҳҳои илмиву техникии байналхалқӣ ва монанди инҳо мубодилаи афкор баргузор гардид. Аз ҷумла, зарурияти тезонидани татбиқи 9 лоиҳаҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ, ки дар Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои Барномаҳои ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи тиҷоративу иқтисодӣ таъкид шуда буд. Аз руи натиҷаҳои Машварати нахустини роҳбарони вазоратҳо ва идораҳои илму техникаи давлатҳои узви СҲШ дар мавриди ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар чунин соҳаҳо, аз қабили такмили ихтисос ва табодули мутахассисон, баргузории якҷояи корҳои илмиву таҳқиқотӣ, семинарҳои илмӣ, курсҳо, ташкили намоишгоҳҳои байналхалқии илмиву техникӣ мувофиқа ба даст омада буд. Нақши муҳимро дар рушди ҳамкориҳои илмӣ ва таҳсилотии байни кишварҳои узв Форуми СҲШ ҳамчун механизми ҷамъиятии машвартиву таҳлилии бисёрҷониба, ки ба хотири мусоидат ва дастгирии илмии фаъолияти Созмон, инчунин рушди ҳамкориҳои марказҳои илмиву таҳқиқотӣ ва сиёсатшиносии давлатҳои узви Созмон бозӣ мекунад[21, с.187]».Форум 22-23 майи соли 2006 дар Москва, дар Донишкадаи давлаии муносибатҳои байналхалқии Москва таъсис дода шуда буд[8]. Ба таркиби Форум муассисаҳои илмии муътабари давлатҳои узви СҲШ шомил буда, мақоми маркази миллии тадқиқотии Созмонро соҳибанд. Феълан чунин мақомро муассисаҳои зерин – Пажуҳишгоҳи байналхалқии сиёсати муосир (Ҷумҳурии Казоқистон), Институти масоили байналхалқии Чин, Пажуҳишгоҳи таҳлил ва баҳогузории стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Киргизистон, Маркази тадқиқотии Осиёи Шарқӣ ва СҲШ – и ДДМБ шаҳри Москва (ВКХ Россия), Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон соҳибанд[16].

Тавре маълум аст, дар рушди иқтисодиёт ва муколамаи фарҳангҳои байни халқҳо туризм нақши муҳим мебозад. Ҳарчанд ки дар ин самт давлатҳои узв механизми самараноки ҳамкориҳоро ба роҳ монда натавонистаанд. Мушкилоти мавҷуда ба вижа дар ташкили зерсохтори сайёҳӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз ҷонибҳо қабули чораҳои зарурио ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои туристӣ, рушди ҳамкориҳо дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳуқуқии сайёҳон, таъмини амнияти туризм, мусоидат ба ҳамкориҳои байни корхонаҳои саноати сайёҳӣ ва корхонаҳои алоқаманд, ҷалби маблаггузориҳо дар бунёд ва такмили зерсохтори туристии

давлатҳои увви СҲШ тақозо мекунанд. Дар саммити 15- уми Тошканд (2016) бори аввал барномаи муштараки рушди робитаҳои туристӣ, ки бо ташаббуси Ростуризм таҳия шуда буд, тасдиқ гардид. Ҳадафи асосии барномаи мазкур – мусоидат ба тавсеа ва рушди ҳамкориҳои баробарҳуқуқ ва мусоид дар соҳаи туризм барои ташаккули муҳити сайёҳии муштарак дар заминаи алоқаҳои устуворшудаи фарҳангиву таърихӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад. Чорабиниҳои мазкур ба ташдиди табодули сайёҳӣ, афзоиши даромади ба даст овардаи кишварҳои узв, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҳаёти шаҳрвандон мусоидат хоҳад кард. Гуфтанист, ки дар ҳудуди кишварҳои созмон 143 объекти мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ҷойгиранд. Дар доираи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июли соли 2021 дар шаҳри Душанбе форуми сайёҳии СҲШ баргузор гардид, ки ба табодули таҷриба ва тавсеаи робитаҳои байни намояндагони идораҳо ва соҳибкорӣ дар соҳаи туризм дар маҳдудаи СҲШ, инчунин омрӯзиши вижагиҳои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ дар кишварҳои узви созмон бахшида шуда буд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон изҳор дошта буданд: «Дар қаринаи ҳамкориҳои гуманитарӣ Тоҷикистон ба ҳайси раис ҳама гуна пешниҳодҳоро ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва илм, фарҳанг, варзиш, туризм, инчуни кор бо ҷавонон дастгирӣ хоҳад кард. Дар шароити имрӯза рушди ҳамкориҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, бо фарогирии масъалаи тағйирёбии иқлим аҳамияти хос касб мекунад. Мо ба дастгирии минбаъдаи шарикон дар татбиқи ташаббусҳои мо доир ба рузномаи об, аз ҷумла пешниҳод оиди таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо умед дорем. Соли дар пешистода, бо назардошти аҳамияти рамзии он соли фарҳанги кишварҳои СҲШ эълон шудааст, ки дар чаҳорчӯбаи он баргузории як қатор чорабиниҳои амалӣ ба нафъи таҳкими муколамаи байнитамаддунӣ ва пайгирии минбаъда аз «Руҳи Шанхай», ки мазмуни аслии он эътимод ва суди ҳамдигарӣ, баробарҳуқуқӣ, машваратҳои тарафайн, эҳтироми гуногунрангии фарҳангҳо ва тамаддунҳо, кушш барои рушди муштара аст, ба нақша гирифта шудааст. Чунин меҳисобам, ки дар шароити мураккаби имрӯза ин усулҳо аз ҳарвақта дида барои ҳамаи аъзоёни ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба ягонагӣ ва муттаҳиддӣ дар ру ба руи таҳдидҳои пешомада новобаста аз моделҳои пешгирифтаи рушди сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ ниёз доранд, актуалӣ мебошанд[22]».

Ёдовар бояд шуд, ки ҳамоиши душанбегии СҲШ – дар моҳи сентябри соли 2021 доира ва миқёси ҳамкориҳои гуманитариро аз ҳамкориҳои фарҳангӣ, таҳсилотӣ, илмӣ-техникӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, иқлим, ҳолатҳои фавқулодда то масъалаи занон, дипломатияи мардумӣ, ҳуқуқи инсон, ҳамкориҳои байниминтақавӣ, ваосити ахбори омма, ҷавонон, варзиш, туризм тақвият дод ва майдони амали дипломатияи фарҳангиву гуманитарии моро тавсеа бахшид. Имконияти фароҳам омада коршиносону мухаққиқон ва масъулони хамкорихои гуманитариро водор месозад, ки роҳу механизмхои нави тавсеаи ҳамкориҳоро ҷустуҷу намуда дар татбиқи ғояхои маърифатпарварона, фарҳангсолорона ва башардустонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳмгузор бошанд. Бо назардошти авомили зикршуда метавон гуфт, ки ҳамкориҳои гуманитарии кишвари мо бо давлатҳои минтақа дар чаҳорчӯбаи СҲШ марҳилаи муайянеро тай карда ба дастовардҳои назаррас комёб гардидааст. Дар ин миён метавон аз мавҷудияти усулҳои мушаххаси шаклгирифта, ки ҷавобгӯи диди нақши фарҳанг ва таҳсилот дар равобити байналмилалии муосир мебошанд ва ба мавқеи кишварҳои иштирокчӣ наздиканд; ташаккулёбии пойгоҳи устувори аҳдномавиву ҳуқуқӣ дар соҳаи гуманитарӣ; бунёди механизмҳои самараноки таҳлиливу коршиносӣ; мушаххассозии самтҳои ҳамкорӣ ва шаклҳои татбиқи барномаҳои фарҳангӣ ва таҳсилотӣ дар сатҳҳои дуҷониба ва чандҷониба ёдовар шуд. Дар марҳилаи кунунӣ, - навиштааст муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - ҷаҳон ба марҳилаи тағйиротҳо ва ҷаҳишҳои бузург ворид шудааст, пандемия бошад раванди бозсозии суроби байналхалқиро метезонад, бо вуҷуди ин сулҳ, пешрафт, ҳамкорӣ ва суди ҳамдигарӣ тамоили бебозгашти даврабоқӣ мемонанд. Дар ру ба руи нуқтаи ибтидоии таърихӣ ва чолишҳои афзояндаи глобалӣ мо бояд Руҳи Шанхайро ба роҳбарӣ гирифта, мо бояд баҳри ҳамкориҳои гуногунҷониба ва адолати байналхалқӣ устуворона талош намоем ва неруи Созмони ҳамкории Шанхайро ҷиҳати танзими сиёсии низоъҳо ва такомули идораи глобалӣ баҳри сохтмони босуръати Ҷомеаи сарнавишти ягонаи СҲШ ва эҷоди муштараки ояндаи беҳтари созмон истифода барем.

АДАБИЁТ

1. Айтбаева Р., Н. Касимова. Гуманитарное сотрудничество стран ШОС. CONCORDE, 2018, N file:///C:/Users/user16-101/Downloads/gumanitarnoe-sotrudnichestvo-stran-shos%20(1).pdf
2. Алиева А.Р. Международный диалог в области культуры на пространстве ШОС // Известия Саратовского университета. Новая сер. Сер. «История. Междунар. отношения». – № 4. – Т. 14. – 2014. – [Манбаи электронӣ]. – URL http:// cyberleninka. ru/article/n/mezhdunarodnyy-dialog-v-oblasti-kultury-na-prostranstve-shos.
3. В Душанбе состоялось XI заседание Форума ШОС .http:// rus.sectsco. org/news /20160429/85023 .html#:~:text=28-29% 20апреля 2016года.
4. Главные темы Форума ШОС: безопасность, экономика, гуманитарное сотрудничество и расширение организации.12

марта 2015. https :// rspp. ru/ events/news/glavnye-temy-foruma-shos-bezopasnost-ekonomika-gumanitarnoe-sotrudnichestvo-i-rasshirenie-organizats--25655/
5. Китайская Народная Республика и Республика Таджикистан как стратегические партнер Отношения Таджикистана и Китая. Мирзоев Х.Т. (Материалы Республиканской научно-теоретической конференции): Душанбе «Эр-граф» 2018 с. 93-97.
6. Культурно-гуманитарное сотрудничество в рамках ШОС // Деловой клуб Шанхайской организации сотрудничества [Манбаи электронӣ]. – URL : http:// infosco .biz/ ru/?pageId=231.
7. Лю Сышо. Гуманитарное пространство ШОС / Сышо Лю, Мэнъин У // Китай. М.: Жэньминь Хуабао, 2016. – № 6. – С. 40–42.
8. Минин, Е.М. Недели образования государств – членов ШОС как новая форма взаимодействия на образовательном пространстве ШОС / Е.М. Минин // Вестник МГЛУ. –2014. – Вып. 8. – С. 23–35.
9. Мирзоев Х.Т. Взаимодействия Республики Таджикистан с Китайской Народной Республики в сфере образования. Вестник Таджикского национального университета, сер. гум. наук. 2020. № 5 ISSN 2074-1847. Стр. 77-82
10. Морозов Ю. Сотрудничество стран ШОС в гуманитарной сфере: проблемы и возможные пути их решения. // Центральная Азия и Кавказ, 2009, № 4-5. С. 157.
11. Мирзоев, Н. М. Взаимоотношения Республики Таджикистан и КНР в рамках ШОС / Н. М. Мирзоев, Х. Мирзоев // Вестник Педагогического университета. – 2019. – № 6(83). – С. 179-186.
12. Мирзоев Х.Т. Научное, культурное и гуманитарное сотрудничество Республики Таджикистан с Китайской Народной Республикой в рамках Шанхайской Организации Сотрудничества// Приоритетные направления и перспективы многовекторной политики Республики Таджикистан в современных условиях. Материалы республиканской научно-практической конференции. Таджикский национальный университет. 2019. С. 187-196.
13. Мирзоев, Н. М. Новые горизонты стратегического сотруничества Республики Таджикистан и Китайской народной Республики / Н. М. Мирзоев, Х. Т. Мирзоев // Вестник Педагогического университета. – 2019. – № 6(83). – С. 222-228.
14. Пресс-релиз о председательстве Республики Таджикистан в Шанхайской организации сотрудничества в 2020-2021 годах . https:// mfa. tj/ru/main/ view/ 6989/press-reliz-o-predsedatelstve-respubliki-tadzhikistan-v-shankhaiskoi-organizatsii-sotrudnichestva-v-2020-2021-godakh.
15. Сафронова, Е.И. Текущая и перспективная роль гуманитарного сотрудничества в деле развития ШОС / Е.И. Сафронова // Китай в мировой и региональной политике. История и современность. – 2015. – Вып. 20. – №6. – С. 96–112.
16. Соглашение между правительствами государств-членов ШОС о сотрудничестве в области культуры. Секретариат Шанхайской организации сотрудничества. 2007. URL: http://rus.sectsco.org/documents/ (дата обращения: 12.05.2019).
17. Соглашение между правительствами государств – членов Шанхайской организации сотрудничества о сотрудничестве в области образования // Conventions [Манбаи электронӣ]. – URL : http:// www. conventions . ru/view_base.php?id=1497.
18. Хабибджон Мирзоев. Сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в области образования и науки. Институт Азии и Европы научний журналь. Душанбе-2020. №2,(4), С. 34-40.
19. Стратегия ШОС до 2025 года. – 2015 [Манбаи электронӣ]. – URL: http://sco-russia.ru/ load/1013640805. html.
20. Холикназар Х. Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотрудничества (1996-2014гг.). Душанбе: Ирфон, 2015.
21. Мирзоев, Н. М. Приоритетные направления гуманитарного сотрудничества между Таджикистаном и Узбекистаном на современном этапе / Н. М. Мирзоев, Л. Н. Нурова, Х. Т. Мирзоев // Вестник Педагогического университета. – 2019. – № 6(83). – С. 186-191.
22. Цзяо Ицян. Гуманитарное сотрудничество и Шанхайская Организация Сотрудничества. // Вестник КРСУ.2008.Том 8. № 1.file:///C:/Users/user16-101/ Downloads/ Гуманитарное% 20 сотрудничество% 20и%20 Шанхайская% 20Организация%20сотрудничества.pdf.
23. Шанхайской организации сотрудничества о сотрудничестве в области культуры от 16 августа 2007 г. // Законодательство стран СНГ. [Электрон-ный ресурс]. – URL : http:// base. spinform. ru/ show _doc .fwx?rgn =18147.
24. Мирзоев, Н. М. Экономическое сотрудничество Республики Таджикистан с Китайской Народной Республикой: проблемы и перспективы сотрудничества / Н. М. Мирзоев, Х. Мирзоев, Л. Н. Нурова // Вестник Педагогического университета. – 2019. – № 6(83). – С. 173-179.
25. Эмомали Рахмон: ШОС - влиятельный участник современной системы международных отношений. 21 Июня 2021 inform. Kz. https :// www. Inform kz/ru/emomali-rahmon-shos-vliyatel-nyy-uchastnik-sovremennoy-sistemy-mezhdunarodnyh-otnosheniy_a3803455
26. Эмомалӣ Раҳмон. 20 соли СҲШ: ҳамкорӣ баҳри субот ва шукуфоӣ. https://mo.tnu.tj/tj/20-soli-s-sh-amkor-ba-ri-subot-va-shukufo/

РАЗВИТИЕ ГУМАНИТАРНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА В РАМКАХ ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА

В статье рассматривается развитие и перспективы гуманитарного сотрудничества между Республикой Таджикистан и региональными учреждениями и организациями на примере Шанхайской организации сотрудничества. В последнее время все чаще стали говорить о необходимости налаживания и развития международного гуманитарного сотрудничества и это не случайно. Гуманитарное сотрудничество в современных условиях становится фактором и условием дальнейшего развития национальных государств. В международно-политической науке гуманитарное сотрудничество традиционно охватывает связи в сфере науки, образования, туризма, культуры, спорта, молодежных обменов и т. д. Сегодня основные гуманитарные интересы Республики Таджикистан в отношениях со своими партнерами в рамках ШОС становятся все более четко выраженными и состоят в стремлении к их дальнейшему развитию с учетом потенциальных возможностей и национальных особенностей. Развитие гуманитарного сотрудничества занимает особое место во внешней политики главы государства, лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона. Можно смело говорить о том, что за годы существования Шанхайской организации сотрудничества государствам участникам удалось создать прочную правовую базу и устойчивый механизм проведения сотрудничества. Сотрудничества успешно развивается особенно в сферах культуры, образования, науки, техники и др. Наглядный тому пример регулярное проведение национальных дней культур в странах-партнерах, организация различных культурных, научных симпозиумов, фестивале, ярмарок, выставок, праздников, функционирование Университета ШОС, Форума ШОС, обмена студентов, научных кадров и т.д. Вопросы развития гуманитарного сотрудничества занимали особое место год председательства Республики Таджикистан в ШОС в 2021 году. «В настоящее время» - говорит уважаемый Эмомали Рахмон. - мир вступил в период большой турбулентности и перемен, а пандемия форсирует преобразование международной архитектуры, но все же мир, развитие, сотрудничество и взаимовыгодная остаётся необратимой тенденцией эпохи. Стоя на новой исторической отправной точке и сталкиваясь с постоянно растущими глобальными вызовами, мы должны, руководствуясь «Шанхайским духом», твердо отстаивать многосторонность и международную справедливость и вносить «силу ШОС» в дело политического урегулирования конфликтов и совершенствования глобального управления во благо ускоренного строительства более сплоченного Сообщества единой судьбы ШОС и совместного создания лучшего будущего для организации».

Ключевые слова: Лидер нации, Республика Таджикистан, Шанхайская Организация сотрудничества, гуманитарное сотрудничество, Шанхайский дух, Университет ШОС, Форум ШОС, образование без границ, стратегическое партнерство, страны-партнеры.

DEVELOPMENT OF HUMANITARIAN COOPERATION IN TAJIKISTAN WITHIN THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION

Recently, they have increasingly begun to talk about the need to establish and develop international humanitarian cooperation, and this is not accidental. Humanitarian cooperation in modern conditions is becoming a factor and condition for the further development of nation-states. The article examines the development and prospects of humanitarian cooperation between the Republic of Tajikistan and regional institutions and organizations on the example of the Shanghai Cooperation Organization. In international political science, humanitarian cooperation traditionally covers ties in the field of science, education, tourism, culture, sports, youth exchanges, etc. Today, the main humanitarian interests of the Republic of Tajikistan in relations with its partners within the SCO are becoming more clearly expressed and consist in striving for their further development, taking into account potential opportunities and national characteristics. The development of humanitarian cooperation occupies a special place in the foreign policy of the head of state, the leader of the nation, respected Emomali Rahmon. We can say that over the years of the existence of the Shanghai Cooperation Organization, the participating States have managed to create a solid legal framework and a sustainable mechanism for cooperation. Cooperation is successfully developing especially in the fields of culture, education, science, technology, etc. A clear example of this is the regular holding of national days of cultures in the partner countries, the organization of various cultural, scientific symposia, festivals, fairs, exhibitions, holidays, the functioning of the SCO University, the SCO Forum, the exchange of students, scientific personnel, etc. The development of humanitarian cooperation occupied a special place during the year of the chairmanship of the Republic of Tajikistan in the SCO in 2021. «Nowadays,» says the respected Emomali Rahmon. - The world has entered a period of great turbulence and change, and the pandemic is forcing the transformation of the international architecture, but still peace,

development, cooperation and mutual benefit remain an irreversible trend of the era. Standing at a new historical starting point and facing ever-growing global challenges, we must, guided by the Shanghai Spirit, firmly defend multilateralism and international justice and bring the «strength of the SCO» to the cause of political settlement of conflicts and improvement of global governance in order to accelerate the construction of a more cohesive Community of Common Destiny of the SCO and jointly create a better future for the organization. "

Keywords: Leader of the Nation, Republic of Tajikistan, Shanghai Cooperation Organization, humanitarian cooperation, Shanghai spirit, SCO University, SCO Forum, education without borders, strategic partnership, partner countries.

Сведения об авторах:

Мирзоев Н.М.*- доктор исторических наук, профессор кафедры дипломатии и внешней политики РТ факультета международное отношения ТНУ.* ***Адрес:*** *Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки, 17 E-mail: nmmirzoev@mail.ru Тел: (+992) 919-16-00-26*

Одинаев Абдумавлон Назирович*, старший преподаватель кафедры история таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, E-mail: abdumavlon1987@gmail.com*

Мирзоев Х. Т., *кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры международных отношений Таджикского национального университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 933-60-94-94. Электронная почта :diplomat.tj94@mail.ru.*

About the authors:

Mirzoyev N.M. *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan of the Faculty of International Relations of TNU. Address: Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave., 17 E-mail: nmmirzoev@mail.ru Phone: (+992) 919-16-00-26.*

Odinaev Abdumavlon Nazirovich. *Senior Lecturer of the Department of History of the Tajik People, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, E-mail: abdumavlon1987@gmail.com*

Mirzoev Kh. T.*, Candidate of Historical Sciences, Senior Lecturer, Department of International Relations, Tajik National University. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 933-60-94-94. Email: diplomat.tj94@mail.ru.*

НАҚШИ ТАЛБАК НАЗАРОВ ДАР РУШДИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1994-2006)

Раджабзода А.Н.

Академияи идоракунии давлатии назди Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар таърихи 28 декабри соли 1994 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба яке аз мансабҳои калидии ҳукумати кишвар – вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баҳри баланд бардоштани имиҷи давлат, хомӯш намудани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва ба даст овардани сулҳи тоҷикон мавқеи марказиро мебоист иҷро мекард, Талбак Назаровро таъин намуданд. Зеро ин фард анқариб ҳама зинаҳои ҳаёт, илму сиёсатро убур карда, дорои таҷрибаи кофии илмию сиёсӣ буд. Барои кишваре, ки дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ месӯхт, ба таҷрибаву дониши чунин шахсият ниёз вуҷуд дошт.

Вобаста ба ҳамин иддаои мо, Ҷумъахон Темурзода дар китобаш «Қаламрави ёдҳо» чунин қайд кардааст: «Вуруди Талбак Назаров, ки аз замонҳои Тоҷикистони Шӯравӣ миёни мардуми соҳибтамаддун ва донишманду зиёиёни кишвар соҳиби арҷу эҳтироми хеле зиёд буд, ба ҳайати Ҳукумати кишвар эътибори давлат ва сиёсати фарҳангии Роҳбари хирадманди мардумӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро миёни мардумони кишвар ва берун аз он даҳчанду садчанд намуд”[16, с.98].

Дар ҳақиқат ба арсаи сиёсат ворид шудани Талбак Назаров барин шахсияти шинохта ва боэътибор дар ҳукумати навтаъсисёфта дар он давра бисёр муҳим ба ҳисоб мерафт. Зеро дар ин давра дар садри Вазорати корҳои хориҷӣ кор кардан осон набуд ва аз фаъолияти роҳбари ин мақом бисёр нозукиҳо вобастагӣ дошт.

Бояд қайд намуд, ки даврони дар мансаби вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани Талбак Назаров шояд даврони аз ҳама душвортарини ҳаёт ва фаъолияти ӯ ба ҳисоб равад. Зеро дар ин давра дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ шурӯъ гардида, бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ва фалаҷ шудани корхонаю муассисаҳо вазъи кишварро дар ҳолати хеле душвор қарор дода буд. Дар ин баробар, зимоми давлатдорӣ барои мо ба таври мустақил душвор буд ва мантиқист, ки мо бояд на

танҳо амал мекардем, балки меомӯхтем.

Бояд қайд кард, ки дар он вақт дар дастгоҳи марказии Вазорат ҳамагӣ 19 корманд сари кор буд ва мебоист дар муддати кӯтоҳ ҳайати нав бо мутахассисони варзида пурра карда шавад [17, с. 30-31], то ки дар баланд бардоштани имиҷи давлат, пайдо кардани сармоягузорон, беҳтар кардани муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи мамлакат бо давлатҳои хориҷию созмонҳои байналхалқӣ кӯмак намоянд. Вобаста ба ин, академик Талбак Назаров ҳатто баъд аз чанд соли аз ин мансаб рафтан дар таърихи 29 сентябри соли 2016 дар суханронии хеш вобаста ба рӯзи кормандони хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифтитоҳи бинои нави Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ оиди ин мавзӯъ чунин қайд намудааст: «Албатта барои аз ухдаи ин вазифаҳо баромадан мо бояд кадрҳои баландихтисос, кордон, дорои малакаҳои хоси дипломатӣ ва симои касбӣ дошта бошем. Чи тавре мегӯянд: **Кадрҳо ҳалкунандаи ҳама масъалаҳо мебошанд!** Агар ҳалли масъалаҳои муҳим ба кадрҳо вобастагӣ дошта бошанд, пас Вазорати корҳои хориҷӣ бояд ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи дипломатия ва тарбияи касбии онҳо аҳамияти ҷиддӣ диҳад». [2]

Ба ҳамин хотир, дар даврони кор кардан дар вазорат (Вазорати корҳои хориҷӣ – Р.А.) Талбак Назаров базаи моддӣ-техникӣ ва иқтидори кадрии онро мустаҳкам намуд. [14, с. 79]

Дар ин маврид бояд қайд кард, ки кори дипломатиро бояд шахсе анҷом диҳад, ки соҳиби обрӯ ва сазовори боварию эътимод буда, манфиатҳои кишвари худро ҳимоя карда тавонад. Ин хусусиятҳо сатҳи интихоби шадиди озмунии номзадҳоро барои кор дар вазорат муайян намуд. Акнун ҷустуҷӯи одамоне, ки қобилияти кор кардан дар мақомоти сиёсати хориҷиро доранд, ин як тарафи масъала буд. Тарафи дигари масъала ин ба онҳо омӯхтани дониши махсус буд, ки доираи васеи масъалаҳои ин самтро дар бар мегирифт. Аз ин хотир, дар назди роҳбари навтаъини Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров вазифаи ниҳоят душвор гузошта шуда буд.

Барои ин корҳоро ба анҷом расонидан дар он солҳо бо баъзе аз кишварҳои дӯст роҷеъ ба омода кардан ва бозомӯзии кадрҳои дипломатӣ шартномаҳо ба имзо расида, аксарияти кормандони вазорат курсҳои кӯтоҳмуддатро дар кишварҳои хориҷӣ хатм намуданд.

Ҳамаи ин ба туфайли ҳамкорӣ бо вазоратҳои корҳои хориҷии Британияи Кабир, ИМА, Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Австрия, Нидерландия ва як қатор кишварҳои дигар имконпазир шуд. Аз ҷониби Академияи дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия дар ин самт низ кумак расонида шуд, ки дар давоми ду сол ба он ҷо 9 нафар аз ҷумҳурӣ қабул карда шуданд. Инчунин, роҳбарияти Академияи дипломатӣ омода гашт, ки минбаъд шумораи ҷойҳоро барои Тоҷикистон афзоиш диҳад. [5, с. 12]

Дар солҳои баъдӣ сохтори дастгоҳи марказии вазорат муносиб бо пешомадҳои нави сиёсати хориҷӣ инкишоф ёфта, дар таркиби он раёсатҳои нав кушода шуданд [1, с. 24], ки бевосита қисми зиёди он ба даврони вазирии Талбак Назаров рост меояд. Масалан, дар ин давра шӯъбаи кишварҳои Аврупо ва Амрико (1997), Раёсати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (1997), Раёсати кишварҳои Аврупо ва Амрико (2000), Раёсати шартнома ва ҳуқуқ (1997) ва Раёсати корҳои идорӣ (1998) кушода шуданд. [3, с. 262-283]

Ҳамин тавр, дар давраи роҳбарии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар ӯҳда доштани Талбак Назаров сохтор ва иқтидори кадрии он ба таври зарурӣ рушд карда, шумораи кормандони он ба 110 нафар расид, ки дар он 13 раёсат ва 1 комиссияи миллӣ амал мекард. [12, с. 94-95]

Т.Н. Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷӣ на танҳо дар амалӣ сохтани сиёсати хориҷии давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон нақши амиқ гузошт, балки дар як муддати кӯтоҳ бо маҳорати хоси дипломатӣ дар байни кишварҳои Ғарбу Шарқ ва ҳамсояҳои дуру наздики ҷумҳурӣ муносибату равобити судмандеро ба роҳ монд ва дар ин замина барои ба вуҷуд овардани мактаби ҷадиди дипломатияи тоҷик, ки ташаккули он ба номи ин марди наҷиб алоқаманд аст, заҳмати зиёд кашид. [7, с. 12]

Дар ин давра (даврони вазирии академик Талбак Назаров) шумораи намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа ба таври назаррас афзоиш ёфта, аксарияти онҳо соҳиби биноҳои нав гардиданд [15], ки дар ин кор саҳми академик Талбак Назаров ниҳоят калон аст. Масалан, дар даврони вазирии ӯ сафорату консулгариҳо ва намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қазоқистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Австрия, Намояндагии ҶТ дар назди САҲА ва Иттиҳоди Аврупо, Шоҳигарии Белгия, Ҷумҳурии Қирғизистон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Ҳиндустон кушода шуданд ё соҳиби бинои нав гардиданд. [3, с. 90-121]

Ҳамзамон, дар давраи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон будани академик Талбак Назаров кишвари мо тавонист бо 39 кишварҳои ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор намояд. Аз ҷумла 12 кишвар аз қитъаи Осиё, 12 кишвар аз қитъаи Аврупо, 9 кишвар аз қитъаи Африқо ва 6 кишвар аз қитъаи Амрико. [4, с. 167]

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи вазирии академик Талбак Назаров узви 7

созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ гардид, минҷумла Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ (2 ноябри соли 1995), Созмони байналмилалии алоқаи спутникии «ИНТЕЛСАТ» (22 феврали соли 1996), Бонки рушди исломӣ (моҳи ноябри соли 1996), Созмони умумиҷаҳонии гумрук (1 июли соли 1997), Бонки осиёии рушд (20 феврали соли 1998), Суди байналмилалии ҷиноятӣ (11 декабри соли 1999) ва Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ (МАГАТЭ) (1 ноябри соли 2001). [11, с. 268]

Дар даврони дар маснади вазири корҳои хориҷӣ қарор доштани Талбак Назаров заминаҳои ҳуқуқӣ ва назариявии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то ин давра қариб мавҷуд набуд, низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Аз ҷумла, як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳияву қабул гардиданд, ки ба масъалаҳои рушди сиёсати хориҷӣ ва таъминоти ташкилию сохтории он бахшида шуда буданд. Масалан, соли 2002 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» қабул гардиданд, ки ҳам барои муайянсозии самтҳо, ҳадафҳо, авлавиятҳо, роҳу василаҳо, тактика ва стратегияи сиёсати хориҷӣ ва ҳам барои мақомоти хизмати дипломатӣ, ки ба хотири амалӣ намудани ин сиёсат фаъолият мекунад, аҳамияти зиёд дошт. [1, с. 29] Ин консепсия ва қонун аз зумраи аввалин санадҳои муайянкунандаи масири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Ҳамчунин, ба хотири ба вуҷуд овардани пойгоҳи ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ як силсила санадҳои зарурӣ таҳия ва қабул гардиданд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 Низомномаи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои асосии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлатҳои дигар аккредитатсия шудаанд, тасдиқ гардиданд. Дар баробари ин, санадҳои дигаре, аз қабили Ойинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 30 июли соли 1998) қабул гардиданд, ки фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии ҷумҳуриро дар самтҳои гуногун танзим менамуданд. [17, с. 32-33]

Инчунин, соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳрии Тоҷикистон» қабул гардид, ки тартиби таҳиясозӣ, имзогузорӣ, ба тасвиб расонидан ва дигар амалҳои вобаста ба санадҳои байналмилалиро ба танзим даровард. [1, с. 32]

Бояд қайд намуд, ки дар баробари санадҳои дар боло ишорашуда дигар санадҳо дар соҳаи мазкур низ дар ин давра (яъне аз соли 1994 то соли 2006) имзо ва қабул гардидаанд, вале муайянкунандаи масири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ҳамин санадҳо мебошанд.

Ҳамин тавр, дар давраи вазирии Талбак Назаров заминаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам гардида, хизмати дипломатии ҶТ ба шакли муайян даромад ва фаъолияти Вазорати корҳои хориҷиву муассисаҳои хориҷии ҷумҳурӣ ба маҷрои муайян ворид гардид.

Яке аз хизматҳои дигари академик Талбак Назаров дар даврони дар маснади вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани ӯ, ин иштироки бевоситаи вай дар гуфтушунидҳои миёни тоҷикон ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ аз моҳи январи соли 1996 то ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» (27 июни соли 1997) ба ҳисоб меравад.

Худи Талбак Назарович роҳбарии худро дар ҳайати ҳукуматӣ дар музокирот давраи душвор, аммо пурсамари фаъолияти хеш медонад: «Хушбахтона миссияи ман дар ин вазифа бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар соли 1997 ба итмом расид».[8]

Академик Фозил Тоҳиров дар яке аз мақолаҳояш вобаста ба ин мавзӯъ бамаврид қайд кардааст, ки «дар ҳақиқат тамоюлҳои посдории сулҳ, ҳамгироӣ ва дигар равандҳо бе иштироки фаъолонаи Талбак Назаров дар онҳо, ҳамчун роҳбари мақомоти сиёсати хориҷии кишвар ва ҳамчун як арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ сурат гирифта наметавонистанд. Ӯ дар ҳақиқат яке аз онҳоест, ки сиёсати пешгирифтаи ҳукумат ва Президенти кишвари аз ҷониби мардум интихобшударо ба таври суботкорона амалӣ карда, тамоми кӯшишро ба харҷ додааст, то Тоҷикистонро аз муқовимати мусаллаҳона бароварда, ризоияти миллӣ ба даст оварда шавад». [6, с. 47]

Дар баробари вазир Талбак Назаров дигар кормандони масъули Вазорати корҳои хориҷии ҶТ низ дар ташкил ва гузаронидани гуфтушунидҳо фаъолона иштирок карданд, ки ин худ исботи ба таври дуруст ба роҳ мондани кор ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият дар ин мақоми давлатӣ аз тарафи роҳбари он мебошад.

Ҳамин тавр, академик Талбак Назаров тӯли 12 сол мақоми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар дӯш дошт, ки бидуни шак шаҳодати эътимод ва эътиқоди Президенти мамлакат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба шахсият ва қобилияти созмондиҳии ӯ маҳсуб мешавад.

Дар ин бора Ҳамрохон Зарифӣ – собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ин мансабро пас аз академик Талбак Назаров соҳиб шуд, чунин мегӯяд: «Ҳаёт нишон дод, ки дар ин ҳолат интихоби Президент хеле дақиқ ва муваффақона буд. Дар тӯли ин давра, Талбак Назаров аз

аввал то ба охир ба халқ ва Ватани худ содиқона ва фидокорона хидмат карда, дастурҳои Сарвари давлатро бо ҳисси масъулият ва касбияти баланд ба ҷо меовард». [15]

Дар баробари ҳамаи инҳо, ҳангоми дар мансаби вазирӣ қарор доштанаш барои кормандон ӯ ҳамчун як роҳбари намунавӣ ба ҳисоб мерафт. Муносибати ӯ бо кормандони вазорат гарму самимӣ буд ва ҳатто метавон гуфт, ки нисбати ҷавонон муносибати падарона мекард. Ӯ мутахассисони хубро қадр мекард. Дар ҳама ҷое, ки ӯ фаъолият намудааст, рафтораш чунин буд ва аз ҳамин хотир имрӯз ҳам дар доираҳои илмӣ ва ҳам дар сохторҳои давлатӣ шогирдони зиёде дорад. [14, с.79]

Масалан, дар ин бора Ҳамрохон Зарифӣ, яке аз дастпарварони беҳтарини академик Талбак Назаров, ки дар даврони вазирии ӯ то сатҳи Сафири фавқуллода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон расидааст ва баъдан бо тавсияи худи устод ба мансаби вазирӣ таъин шудааст, чунин мегӯяд: «Вақте ки Талбак Назарович вазири корҳои хориҷӣ буд, бо як боварии комил ӯ масъулияти бузургро ба дӯши дипломатҳо мегузошт. Бо эътимоди худ, ҳамчун роҳбари хирадманд, ба дипломат имкон медод, ки ташаббус нишон дода, мустақилона роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷориро ҷустуҷӯ кунад. Ба туфайли ин эътимод мо тавонистем ҳатто корҳоеро анҷом диҳем, ки ғайриимкон менамуданд. Албатта, коре, ки ба эътимод асос ёфтааст, дар худ таҳкурсии мустаҳкам дорад. Ин аст, ки сарфи назар аз имкониятҳои маҳдуди мавҷуда, дипломатҳои мо тавонистанд дар ҳама соҳаҳо муваффақ шаванд». [7, с. 47]

Як хислати ибратпазири дигари Талбак Назаров барои шогирдонаш дар даврони вазирӣ ҳамин аст, ки ӯ умуман ба ҳашамату дабдаба ва карруфар роҳ надодааст. Баръакс, ӯ фикр мекард, ки утоқи корӣ ба шахсияти роҳбар эътибор зам намекунад ва баръакс шахсияти роҳбар шаҳомати онро афзун мегардонад. Академик Талбак Назаров оиди ин мавзӯъ дар яке аз мубоҳисаҳояш чунин қайд намудааст: «Ман умуман шукӯҳу шаҳомат ва карруфарро нағз намебинам. Аз тарафи дигар, медонам, ки бисёре аз шахсони мансабдор, баъд аз оне ки ба мансаб таъин мешаванд, аввал аз таъмир кардани утақҳои кории худ сар мекунанд. Танҳо як чизро бояд гуфт, ки тамоми солҳои фаъолиятам дар утоқи кории Вазорати корҳои хориҷӣ будаам, ҳамон мебелҳое, ки дар даврони роҳбарии Абдулаҳад Қаҳоров дар Шӯрои вазирон дар он ҷо буданд, ман ҳам онҳоро истифода бурдам. Ман боварӣ доштам, ки пеш аз ҳама утоқи корӣ бояд тозаву озода бошад, шукӯҳу шаҳомат ҳеҷ фоидае надорад». [10]

Чи тавре ки мо медонем, роҳбари Вазорати корҳои хориҷиро одатан ҳангоми сафарҳо якчанд нафар ҳамроҳӣ мекунад. Аммо Талбак Назаров кӯшиш мекард, ки ҳамроҳаш танҳо ҳамкоронашро гирад. Дар солҳои аввал умуман танҳо рафта, ҷиҳати иқтисодии сафарҳоро ба назар мегирифт. Чунки буҷети кишвар на он қадар мустаҳкам буд (даврони ҷанги шаҳрвандӣ) ва намехост, ки он боз ҳам ноустувортар гардад. Пас аз чанд муддат Президент аз ин кораш хабардор шуда, ба ӯ гуфт, ки набояд ба сафар танҳо равӣ ва бояд ягон ёвар ё тадқиқотчиро ҳамроҳат гирӣ. Бо вуҷуди ин, бурдани бағоҷи либосҳо, портфел ва иваз кардани костюм дар вохӯриҳо барои вазир аз рӯи қоида нест. Баъд аз ин, ҳамчун қоида дар сафарҳо ҳамроҳаш танҳо як корманди Вазорати корҳои хориҷиро, ки дар ин ё он соҳа масъул буд, мегирифт. Чи тавре ки, як ҳамкасби хитоияш дар яке аз вохӯриҳо ба ӯ гуфт, ки мехоҳад таҷрибаи иштирок кардани ӯро дар вохӯриҳои байналмилалӣ аз худ намояд. Ӯ дар ҳайрат монда буд, ки чи гуна ҳайати Тоҷикистон иборат аз ду нафар метавонад кореро анҷом диҳад, ки ин қадар корро намояндагиҳои иборат аз 20 нафара ба мушкили анҷом медиҳанд. [13]

Талбак Назаров баъди фаъолияти пурсамари 12-сола аслан бо хоҳиши худ аз мансаби вазири корҳои хориҷӣ ба истеъфо рафт. Хоҳиши ба истеъфо рафтанашро ду сол пеш ба Президент пешниҳод карда буд. Аммо президент баъд аз ду сол (30 ноябри соли 2006) ба истеъфо рафтанаш розигӣ медиҳад. Худи академик Талбак Назаров вобаста ба ин масъала чунин мегӯяд: «Ман аз мансаби вазирӣ бо иродаи худам рафтам. Хоҳиши ба истеъфо рафтанамро ду сол пеш ба Президент пешниҳод карда будам. Ман аллакай 70 – сола будам ва аз кор кардан хеле хаста шудам, зеро 12 сол бе рӯхсатии меҳнатӣ кор кардам ва ба истироҳат ниёз доштам. Аммо Президент баъд аз ду сол ба истеъфо рафтанам розигӣ доданд». [13]

Умуман, замони дар мансаби вазири корҳои хориҷӣ қарор доштан, ба Талбак Назаров муяссар гашт, ки бо бисёр шахсони обруманди сиёсатшинос ва ходимони давлатӣ вохӯрад. Ӯ ҳамеша Президентро ҳангоми сафарҳои хориҷияш ҳамроҳӣ карда, инчунин, ба сифати роҳбари Вазорати корҳои хориҷӣ ба бисёр кишварҳои ҷаҳон сафари корӣ анҷом дода, бо президент ва роҳбарони кишварҳои ба монанди ИДМ, ИМА, Франсия, Япония, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Покистон, Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Либия, Афғонистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон вохӯриҳо гузаронида, дар ташаккулу рушди муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷониба саҳми беандозаи худро гузоштааст.

Аз маълумотҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки Талбак Назаров замоне роҳбарии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар душ гирифта, ба эҳёи сиёсати хориҷии кишвар шурӯъ кард, ки рӯйдодҳои сиёсии кишвар дар солҳои 1991-1992 ва омилҳои берунае, ки онҳоро мутаҳаррик сохта буданд, ба нуфӯзи байналмилалӣ ва хусусан ба мавқеи он дар минтақа халали ҷиддӣ ворид

намуда буданд. Масалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 оид ба ташаккули сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ сухан ронда, аз ҷумла, чунин иброз намуда буданд: «…ба иллати оғоз ёфтани ихтилофоти дохилӣ, шиддат ёфтани он ва ниҳоят, забона задану доман паҳн кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии мо бо мушкилоти зиёди мухталиф рӯ ба рӯ шуд». [9]

Аммо новобаста аз шароити мавҷуда ба Талбак Назаров муяссар шуд, ки сиёсати хориҷии пешгирифтаи Сарвари давлатро дар амал тадбиқ намуда, дар таъсиси мактаби дипломатияи тоҷик саҳми арзандаи худро гузорад. Аз ҳамин хотир, имрӯзҳо Талбак Назаровро ҳамчун пири (патриархи) дипломатияи тоҷик ном мебаранд. Агар ба маънии дигар гӯем, Талбак Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷӣ на танҳо дар татбиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистони тозаистиқлол нақши муайян гузошт, балки дар як муддати кӯтоҳ бо маҳорати хоси дипломатии худ миёни давлатҳои Шарқу Ғарб ва ҳамсояҳои дуру наздики кишварамон муносибату ҳамкориҳои судмандеро ба роҳ монд ва дар ин замина барои ба вуҷуд овардани мактаби ҷадиди дипломатияи тоҷик заҳмати зиёд кашид. Имрӯз даҳҳо шогирдони Талбак Назаров дар дохилу хориҷи кишвар дар вазифаҳои гуногуни дипломатӣ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар амал татбиқ мекунанд ва мактаби ин шахсияти беҳамторо ба таври шоиста намояндагӣ мекунанд.

Ҳамрохон Зарифӣ, ки пас аз мансаби вазири корҳои хориҷӣ рафтани Талбак Назаров ҷойнишини ӯ гардида буд, даврони вазирии Талбак Назаровро чунин баҳогузорӣ мекунад. «Талбак Назарович, ки тӯли 12 сол дар вазифаи вазири корҳои хориҷӣ буд, дар бунёди пояҳои сиёсати хориҷии давлати мо, ҳимоя ва татбиқи манфиатҳои миллии кишвар дар арсаи минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми бузург гузоштааст. Бояд дар назар дошт, ки академики муҳтарам Талбак Назаров вазоратро дар як давраи душвору шадиди ҳаёти халқу давлат, ки зарурати истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ, рафъи оқибатҳои даҳшатноки ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат буд, роҳбарӣ кард. Соли 1996 аз як кишвар ба сафари корӣ ба хориҷа рафтам ва баъди даҳ сол ба кишвари дигар баргаштам, ки дар он ҷо сохтори мустаҳкам ва ҳокимияти пуркуввати президентӣ таъсис ёфта, субот ҳукмфармост ва иқтисод босуръат рушд мекунад. Ман «эстафета»-ро дар роҳбарияти Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ қабул карда, албатта, тамоми қувваро ба кор мебурдам, ки пайвастагии кори мақомоти сиёсати хориҷиро нигоҳ дошта бошам». [14, с. 62]

Хулоса ҳамин тавр, аз таҳлилҳои боло мо ба хулосае омада метавонем, ки дар даврони роҳбарии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар ӯҳда доштани академик Талбак Назаров эҳёи сиёсати хориҷӣ дар чанд самт сурат гирифта, оқибат пойгоҳи мустаҳкамеро барои амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд оварда шуд:

1. Иқтидори кадрии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пуркувват гардонида шуд;
2. Базаи моддию техникии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардонида, дар таркиби он раёсату шӯъбаҳои нав кушода шуд;
3. Шумораи намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа ба таври назаррас афзоиш ёфта, аксарияти онҳо соҳиби биноҳои нав гардиданд;
4. Кишвари мо бо 39 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, аъзои 7 созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ гардид;
5. Асосҳои ҳуқуқӣ ва назариявии сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд оварда шуд;
6. Намояндагони вазорат дар ташкил ва гузаронидани гуфтушунидҳои миёни тоҷикон фаъолона иштирок карданд ва аз моҳи январи соли 1996 то анҷоми он (27 июни соли 1997) вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров ҳайати ҳукуматиро дар гуфтушунид роҳбарӣ намуд, ки он бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар соли 1997 ба итмом расид;
7. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як субъекти мустақил ворид гардида, ҷойгоҳ ва мақоми худро дар он пайдо кард.

АДАБИЁТ

1. 25 қадам дар паҳнои олам (Зери назари Сирочидин Аслов) Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон (СХТ). Душанбе: Ирфон, 2016. - 220 с.
2. Бойгонии шахсии академик Талбак Назаров. Аз матни суханронии Талбак Назаров вобаста ба рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ ва ифтитоҳи бинои нави Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ, 29.09.2016.
3. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 2. Под общей редакцией Хамрохона Зарифи (Составитель Д. Назриев) Серия: Внешняя политика Таджикистана. - Душанбе: «Ирфон», 2011. - 296 с. илл.
4. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ) Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009, 296 с.
5. Лебедев М.С., Шарипова Д.Б. Дипломатия Таджикистана (к 50-летию создания Министерства иностранных дел Республики Таджикистан). Историко-документальный очерк. – Душанбе: Шарки Озод, 1994 г. – 28 с.

6. Назаров Талбак Назарович (к 75-летию со дня рождения). Душанбе, Бухоро, 2013, – 118 с.
7. Назаров Талбак Назарович (к 80 – летию со дня рождения). – Душанбе: ОАО «Чопхонаи Дониш», 2018. – 130 с.
8. Одили Нозир. Академик Талбак Назаров. Роҳи ноҳамвор ва пурифтихори пири сиёсат ва дипломатияи тоҷик. [Манбаи электронӣ]. URL: https://pressa.tj/tajikistan/akademik-talbak-nazarov-roxi-noxamvor-va-puriftihori-piri-siyosat-va-diplomatiyai-tojik/ (санаи мурочиат: 15.12.2020).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/1084 (санаи мурочиат: 29.01.2021).
10. Патриарх. Талбак Назаров о себе, о жизни и о тонкостях таджикской дипломатии. [Манбаи электронӣ]. URL: http://rr.eastera.tj/ru/news/life/person/20180315/patriarhtalbak-nazarov-o-sebe-o-zhizni-i-o-tonkostyah-tadzhikskoi-diplomatii (санаи мурочиат: 04.06.2021).
11. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ) Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2011, 340 с.
12. Талбак Назаров, Абдунабӣ Сатторзода. Дипломатияи муосири тоҷик, Душанбе, Ирфон, 2006, 224 саҳ.
13. Талбак Назаров. Патриарх. Талбак Назаров о себе, о жизни и о тонкостях таджикской дипломатии [Текст]. Журнал VIP-zone, №5, 2009 года.
14. Хамрохон Зарифи. Многовекторная дипломатия Таджикистана (Статьи, интервью, выступления, хроника визитов и встреч) – Душанбе: Издательство ООО «Офсет», 2010 – 352 с.
15. Хамрохон Зарифи. Мудрый человек и искусный политик [Текст] / Хамрохон Зарифи // Народная газета. – 9 апреля 2008 года. - №15 (19621).
16. Ҷумъахон Темурзода. Қаламрави ёдҳо. Душанбе, «Шарқи озод», соли 2021, 272 с.
17. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). – Душанбе. «Ирфон», 2012, 272 с.

НАҚШИ ТАЛБАК НАЗАРОВ ДАР РУШДИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1994-2006)

Муаллиф дар ин мақола нақши Талбак Назаровро дар рушди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1994-2006) мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф аз ҷумла қайд мекунад, ки Талбак Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷӣ на танҳо дар татбиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистони тозаистиқлол саҳми арзанда гузоштааст, балки дар як муддати кӯтоҳ ба шарофати қобилиятҳои хоси дипломатии худ, ки дар Тоҷикистон ба даст омадааст муносибатхо ва хамкории пурсамари мамлакати мо бо мамлакатхои Шарку Гарб, хамсояхои наздику дур. Дар ин замина у барои ба вучуд овардани мактаби нави дипломатияи точик бо гайрати калон мехнат кард.

Ҳамзамон, дар матлаб таъкид шудааст, ки дар давраи фаъолияти вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров заминаи кадрӣ, назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳким ёфт.

***Калимаҳои калидӣ**: академик, дипломатия, муносибатҳо, сохторҳо, сиёсати хориҷӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, давра, Вазорати корҳои хориҷӣ, кишварҳои ҷаҳон.*

РОЛЬ ТАЛБАКА НАЗАРОВА В РАЗВИТИИ МИНИСТЕРСТВА ИНОСТРАННЫХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (1994-2006)

В данной статье автор рассматривает роль Талбака Назарова в развитии Министерства иностранных дел Республики Таджикистан (1994-2006 гг.). В частности, автор отмечает, что Талбак Назаров на посту министра иностранных дел не только сыграл значительную роль в реализации внешнеполитического курса нового независимого Таджикистана, но и в короткие сроки благодаря своим особым дипломатическим способностям наладил плодотворные отношения и сотрудничество между нашей страной и странами Востока и Запада, нашими ближними и дальними соседями. В этом контексте он усердно работал над созданием новой школы таджикской дипломатии.

В то же время в статье отмечается, что за время пребывания Талбака Назарова на посту Министра иностранных дел РТ были укреплены кадровая, теоретическая и правовая основы внешней политики Таджикистана.

***Ключевые слова**: академик, дипломатия, отношения, формирования, внешняя политика, гражданская война, период, Министерство иностранных дел, страны мира.*

THE ROLE OF TALBAK NAZAROV IN THE DEVELOPMENT OF THE MINISTRY OF FOREIGN AFFAIRS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (1994-2006)

In this article, the author examines the role of Talbak Nazarov in the development of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan (1994-2006). In particular, the author notes that Talbak Nazarov, as Minister of Foreign Affairs, not only played a significant role in the implementation of the

foreign policy of the newly independent Tajikistan, but also in a short time, thanks to his special diplomatic abilities, established fruitful relations and cooperation between our country and the countries of East and West, our near and far neighbors. In this context, he worked diligently to create a new school of Tajik diplomacy.

At the same time, the article notes that during the tenure of Talbak Nazarov as Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan, the personnel, theoretical and legal foundations of Tajikistan's foreign policy were strengthened.

***Keywords**: academician, diplomacy, relations, formations, foreign policy, civil war, period, Ministry of Foreign Affairs, world countries.*

Сведения об авторе:

***Раджабзода Аъзамджон Нурали** - соискатель кафедры дипломатии и международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Адрес:734003, г. Душанбе, улица Саида Носира 33, тел.: (+992) 917604067; E - mail: ran.13031996@mail.ru*

About the author:

***Rajabzoda Azamjon Nurali** - applicant for the Department of Diplomacy and International Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Adress: 734003, Dushanbe, Said Nosir Street 33, Phone: (+992) 917604067; E - mail: ran.13031996@mail.ru*

УДК: 930.1(575.3)

БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ВАЗЪИ ЗАНИ ТОҶИК ТО ҚАРНИ ХХ ДАР ОСОРИ ИЛМИИ МУҲАҚҚИҚОН

Зубайдаи А.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти илмии нимаи дуюми қарни ХХ ва чоряки аввали асри ХХ1 ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии масъалаи занон коркард шудаанд. Аз ҷумла роҷеъ ба нуктаи назари мутафаккирони ҷамъиятиву сиёсӣ оид ба нақши занон дар ҷомеа, самтҳои таҳқиқи илмии масъалаи вазъи зани тоҷик то даврaи шӯравӣ равшанӣ андохта шудааст. Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаву маъхазҳои зиёд, адабиёти таърихӣ ба хулосе меоранд, ки дар ғанӣ намудани ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшаванда натанҳо муҳаққиқони соҳаи илмҳои таърих, балки фалсафа, ҳуқуқ, сотсиология, иқтисодёт ва ғайра низ саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар монографияи доктори илмҳои таърих, профессор М.Ф.Зикриёева «Таърихнигории масъалаи занони Тоҷикистон» қайд мегардад, ки дар тӯли марҳилаҳои гуногуни таърихӣ раванди ташаккулу такомули масъалаи занон пайваста ба омилҳои такконбахши рушди ҷомеаи инсонӣ сурат мегирифт. Нақш ва ҷойгоҳ, мақом ва мавқеи доимо тағирёбандаи занон дар ҷомеаву оила бо низоми мавҷудаи дидгоҳ, муносибатҳо, эътиқодҳо, дар маҷмӯъ бо арзишҳои милливу динӣ, махсусиятҳои фарҳангӣ, ҷаҳонбинӣ ва шуури ҷамъиятии ҳар як даврaи таърихӣ зич алоқаманд буд. Баҳс дар атрофи масъалаи занон ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли амалии он даврa ба даврa ба вуқӯъ пайваста:

аввалан, боиси тадриҷан тағйир ёфтани дидгоҳ ва нуктаи назари мутафаккирони ҷамъиятию сиёсӣ роҷеъ ба масъалаи ҷойгоҳ ва нақши занон дар ҷомеа ва дарки амиқи он гардид;

дуввум, ба баррасӣ ва таҳқиқи масъала аз мавқеи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, ахлоқӣ ва равонӣ мусоидат намуд.[12, с. 45]

Дар ҷодаи омӯзиши мероси пурғановати афкори ҷамъиятию сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик, равшананидозии арзиши бебаҳои консепсия-ҳои илмӣ ва методологии муттафакирони бузурги илму фарҳанг ва нобиғаҳои забардаст, фарҳангсолор ва равшангари илми таърихнигории ватанӣ, олими забардарст, Арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои таърих , профессор Р. А. Набиева бештар ба таҳқиқи нуқтаи назари эшон оид ба нақши занон дар ҷомеа ва тамаддуни инсонӣ диққат додааст. Ӯ дар рисолаи докториаш масъалаи мазкурро муфассал таҳлил намуда, аз ҷумла, иттилоот медиҳад, ки дар меҳвари эҷодиёти мутафаккирони забардасти форсу тоҷик: А.Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, Саъдию Ҳофиз, А. Сино, У. Хайём, А. Ҷомӣ, А. Дониш, С. Айнӣ ва бисёр дигарон мубрамтарин ва умдатарин масъалаҳои рӯзгор, вазъ, мавқеи амалии зан-модар, зан-тарбиятгар, зан-маҳбуба дар ҷомеа ва оила мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Воқеан нуктаи назари муаррихи мумтоз оид ба дараҷаи инъикоси масъалаи нақш ва хидматҳои арзандаи занон дар марҳилаҳои тӯлонии тошӯравӣ ва Шӯравӣ дар:

1) назди кулли башарият;

2) ташаккули ахлоқию маънавӣ ва ҳаматарафаи насли наврас;

3) тарғиби ғояҳои ватанпарастӣ, хештаншиносӣ, инсондӯстӣ ва меҳнатдустӣ дар осори бебаҳои мутафакирону назариячиён, равшан-фикрону таҳлилгарон, комилан дуруст аст.

Қисми асосӣ: мавриди қайд аст, ки муаррих дар мақолаҳову асарҳои илмияш нуқтаи назари олим, файласуф, назариячӣ, табиб, мутаффакири забар-даст Абуали ибни Синоро оид ба зарурияти баланд бардоштани саҳми зан дар тарбияи инсони комил ва рӯҳану ҷисман солим, ташаккули одоби хонаводагию ҷамъиятӣ, баланд бардоштани маърифатнокии фарзандон омӯхта, аз фаъолияти эшон дар ҷодаи таҳкими саломатии модарон ва кӯдакон арзёбӣ намудааст. [17, с. 301]

Оид ба фаъолияти шоири барҷаста, файласуф ва мусиқишиноси тоҷику форс Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавриди тараннуми фазилатҳо ва хиради занон ибрози назар намуда, муҳаққиқ зикр мекунад, ки А. Ҷомӣ дар осори хеш ақлу заковати яке аз бузургони олами маънавиёт, намояндаи мактаби тасаввуфии Басрӣ, қаҳрамони ривоятҳои сершумори исломӣ, зани зоҳиду порсо - Робияи Адавияро ҳамчун намунаи барҷастаи инсони комил ситоиш карда, муносибати ӯро ба таълим ва фарҳанг таблиғ мекунад. [19. с.7]

Дар асарҳои профессор М.Ф. Зикриёева таҳқиқи нуқтаи назари намояндагони барҷастаи ҳаракати маорифпарварӣ: А. Дониш, Ш. Шоҳин, М. Ҳайрат, Т. Асирӣ, А. Савдо, Р. Возеҳ, С. Айнӣ ва дигарон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Муаррих зикр мекунад, ки бештари эшон роҷеъ ба зарурати дарки моҳияти омӯзиши мушкилоти ҳаёти занон изҳори ақида карда, чунин меҳисобиданд, ки танҳо бонуи бо-маърифат метавонад дар рафъи ақибмонии фарҳангӣ ва иқтисодии кишвар саҳмгузор бошад. Дар ин радиф андешаҳову ақидаҳои пешвои барҷастаи маорифпарварони тоҷик А. Дониш оид ба масъалаи зан мавқеи хоссае доранд. Ӯ муносибати мавҷударо нисбат ба занони қаламрави Аморати Бухоро сахт маҳкум карда, баҳри тағйири дидгоҳи ҷомеа ба масъалаи зан, беҳбудии воқеӣ дар вазъ ва ҳаёти бонувон пешниҳодҳои мушахасс намудааст. А.Дониш дар асари худ «Рисолаи сиёсӣ» нуктаи назари нафаронеро, ки рафтори амир Музаффарро дар самти пайваста пурра намудани ҳарамхона ва тез-тез иваз кардани бошандагони он, дар ҷаҳорҷӯбаи қонуниятҳои шариат комилан сафед менамуданд, зери танқид қарор дода буд. Зикр бояд кард, ки танҳо дар раванди истилои Қӯқанд (соли 1865) амир 300 духтар ва занони ҷавонро барои ҳарамхонаву духтархонаи худ гирифта буд.[12, с. 59]

Номзади илми педагогӣ Т.З Мунавварова дар осораш ба саҳми яке аз шахсиятҳои бузург, Қаҳрамони Тоҷикистон, нахустин Президенти Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, олим, асосгузори адабиёти муосири тоҷик - Садриддин Айнӣ дар омӯзиши масъалаи мавқеи зан дар ҷомеа равшанӣ андохтааст. Ӯ қайд менамояд, ки С. Айнӣ ҳанӯз дар давраи тошӯравии фаъолияташ, ҳамчун иштирокчии фаъоли ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия ба масъалаи дарёфти самтҳои самараноки ҷалби занон ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии кишвар таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд. Аз назари мутафаккир қудрату тавоноии инсон дар илму дониш буда, меҳвари тарбия маърифатнокию хирадмандӣ аст. Аз ин лиҳоз, афкору ақидаҳои С. Айнӣ оид ба таълим ва тарбияи занон, хусусан духтарон арзишманданд. Ӯ дар китобаш «Духтарча ва ё Холида» оид ба зарурати зоҳир намудани ғамхории махсус дар беҳтар намудани раванди ҷалб ба таҳсил ва баландгардонии сифати таълими ҷавондухтарон ибрози андеша карда буд. «Мақсади аввалини Холида, - қайд мекунад С.Айнӣ, - бонуи барҷаста шудан ва бо истеъдоди худ ба мардум кӯмак расонидан аст». Мавриди зикр аст, ки ин китоб ҳамчун асари дидактикӣ ва василаи таълимӣ барои духтарони синфҳои ибтидоӣ пешбинӣ шуда буд. [15, с. 89]

Муҳаққиқбонуи ҷавон Зубайдаи Амридин эҷодиёти илмии Қаҳрамони Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои ҷумҳурӣ Б.Ғ.Ғафуровро омӯхта, ба хулосае омадааст, ки дар осори аллома низ масъалаи занон ҷойи махсусро ишғол менамояд. Ӯ дар таҳқиқотҳои илмияш зикр менамояд, ки ба омӯзиши масъалаи мазкур Б.Ғ. Ғафуров асару мақолаҳои махсуси хешро бахшидааст ва дар саҳифаҳои он ба вазъу мақоми зани тоҷик дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ баҳо додааст.

Дар эҷодиёти илмии хеш аллома борҳо қайд кардааст, ки азбаски бе ҳалли дурусти масоили занон ҷомеа пеш рафта наметавонад, аз ин лиҳоз зарур аст, ки масъалаи мавқеи зани тоҷик дар ҷамъият аз давраи қадим то давраи навин бодиққат ва дар асоси сарчашмаҳои гуногун холисона таҳлил ва тадқиқ гардад. Таҳқиқи масъала дар эҷодиёти илмии олими забардаст ба ду марҳила: аз замонҳои қадим то инқилоби Октябр ва давраи Шӯравӣ ҷудо карда шудааст. Хусусан, дар шоҳасараш «Тоҷикон» Б.Ғ. Ғафуров дар асоси сарчашмаҳои гуногуни нодир холисона саҳми бонувони тоҷикро дар идоракунии давлатӣ, мубориза алайҳи аҷнабиён, инкишофи фарҳанг дар мисоли шаҳбонуи массагетҳо Томирис, малика Турконхотун, шоираҳои тоҷику форс Робиаи Балхӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Зебунисо, Дилшод, иштирокчии фаъоли ҳаракати миллӣ–озодихоҳии соли 1916 Бисолеха Қодирова ва бисёр дигарон инъикос гардидааст.

Аллома Б. Ғ. Ғафуров ба чунин хулосаи қавӣ омадааст, ки занон ҳамеша ташаббускори наҷиб ва муборизи роҳи ваҳдати халқи тоҷик ва дӯстии байни халқҳову миллатҳо буданд. Бо туфайли зан – тоҷикон ҳамчун халқ, миллат аз саҳнаи таърих нарафта, баръакс дар ҷомеаи байналхалқӣ мавқеи худро то давраи муосир пуркувват карда истодаанд.

Академик Бобоҷон Ғафуров ба масъалаи озодшавии зани тоҷик баҳои махсуси илмӣ-назариявӣ додааст. Дар мақолаҳои бахшида ба масъалаи зан ӯ навиштааст, ки инқилоби Октябр дар тақдири

зани тоҷик нақши мусбӣ бозид.

Аллома Б. Ғафуров ба саҳми занон дар инкишофи иқтисодиёти ҶШС Тоҷикистон баҳои мусбӣ додааст. Ҳамчун котиби ҲК ҶШС Тоҷикистон дар баланд гардидани мавқеи занон дар ҷомеа саҳмгузорӣ кардааст. Ҳангоми чун директори Пажуҳишгоҳи шарқшиносии ИҶШС фаъолият бурданаш, низ барои аз байни занони ҷумҳуриҳои миллӣ , аз ҷумла Тоҷикистон, тайёр кардани олимаҳо диққати калон медод.

З. Амридинзода қайд мекунад, ки дар асарҳои ба марҳилаи Шӯравӣ бахшидаи олими мумтоз масъалаҳои зерин:

- амалӣ гардидани раванди озодшавии занон;

- тантанаи сиёсати давлати Шӯравӣ дар ҷодаи ба даст оварда шудани баробарҳуқуқии амалии бонувон;

- ташаккули заминаи меъёриву ҳуқуқии сиёсати гендерӣ ва ғайра таҳқиқу таҳлили худро ёфтаанд. [1, с. 22]

Ҳамин тариқ, таҳлили осори муаррихон аз он шаҳодат медиҳад, ки:

якум, намояндагони афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик дар қатори дигар масъалаҳои мубрам ба проблемаи занон низ диққати ҷиддӣ додаанд;

дуюм, намояндагони ҳаракатҳои гуногуни сиёсӣ, аз қабили маорифпарварӣ, ҷадидия ва ғайра шаклу усулҳои мушаххаси ҳалли масъаларо баён ва пешниҳод кардаанд;

сеюм, мутаассифона, на дар ҳама асарҳои илмӣ-адабии охири асри XIX-аввали асри XX роҳҳои амалии озодшавии занон ба таври возеҳ муайян карда шудаанд.

Масъалаи вазъи бонувонро дар нимаи дуюми қарни XIX ва ибтидои қарни XX , ташаккул ёфтани омилҳои таъсирбахши истифодаи самараноки нерӯи занонро дар муборизаи сиёсӣ омӯхта, муҳаққиқ М. Хонсуворова ба хулосае меояд, ки бо рушди муносибатҳои сармоядорӣ мубориза баҳри ба доираи таъсири хеш шомил намудани бонувон шиддат гирифт. Дар ин самт ҳаракатҳо ва ҷараёнҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ, ҳизбҳои ҳукумрон ва пролетарӣ мустақиман фаъолияти мақсаднок мебурданд. Олима зикр мекунад, ки солҳои 70-уми қарни XIX зери таъсири ғояҳои сотсиал-демократӣ, пролетариву инқилобӣ мубориза барои ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии занон, васеъ намудани интироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ самти афзалиятноки ҳаракати озодихоҳии занон гардид. [23, с. 65]Пешвоёни ҳаракат А.М. Коллонтай, И.Ф. Арманд, Н.К. Крупская ва дигарон байни занон дар ду самт фаъолияти ҳадафнок анҷом доданд:

1) ташкили маҳфилҳои махсуси сиёсӣ барои бонувон;

2) таҳияи курсҳои таълимӣ.

Мақсад ва вазифаҳои маҳфилу курсҳо пеш аз ҳама ба муборизаи синфӣ шомил намудани занон, баланд бардоштани фарҳанги сиёсиву умумии онҳо, маҳви бесаводӣ ва рушди маърифатнокии коргарзанони корхонаҳои саноатӣ; фарогирии бонувон бо таълими ибтидоию касбӣ; тарбияи ахлоқӣ ва маънавии занон иборат буд.

Ба ақидаи д.и.т. профессор В. М. Набиев дар ташаккули назария ва методология масъалаи зан демократҳои рус А.И. Гертсен, В.Г. Белинский, Н.Г. Чернишевский, Н.А. Добролюбов ва дигарон саҳмгузорӣ намудаанд. Онҳо боисрор таъкид мекарданд, ки рушди ҷомеа ва пешрафти боэътимоди он аз раванди болоравии мақеи зан дар ҷомеа вобастагии куллӣ дорад. Дар консепсия, ғоя ва дидгоҳи демократҳои рус зарурияти иштироки фаъоли занон дар раванди:

а) муборизаи синфӣ;

б) ташаккулу тарбияи насли наврас дар заминаи ғояҳои ҷадиди инқилобӣ;

в) ҳаёти ҷамъиятӣ ва истеҳсоли неъматҳои моддӣ;

г) истифодаи шаклу усулҳои муассири таълими духтарон дар оила ва мактаб ва ташаккули онҳо чун субъекти баробарҳуқуқи ҷомеа ва ғайра, асоснок карда шудааст. Ба ақидаи демократҳои рус:

1) раванди ташаккули зан ҳамчун шахси комил бояд мувофиқи хусусиятҳои табиати инсонии ӯ сурат гирад;

2) таҳсилоти мувофиқи бонувон омили муҳими озодсозии оммаи занон мебошад;

3) бе кӯмаки мушаххас ба даст овардани баробарҳуқуқии ҷинсӣ ва имкониятҳои баробари занон чӣ дар оила ва чӣ дар ҷомеа ғайриимкон аст;

4) шарти асосии муваффақ гардидани тарбия дар оила муҳаббати тарафайн ва ғамхории наздикон мебошад. [18, с. 201]

Номзади илми таърих Г. Муҳаббатова бомаврид қайд менамояд, ки асоси принсипҳои ҷаҳонбинии гуманистии демократҳоро мантиқи бе амалӣ гардидани ғояи инқилобӣ, тағйирёбии куллии сохтори иҷтимоии давлат:

а) беҳтар гардидани вазъи бонувон, баланд шудани нақши занон,

б) афзудани иштироки онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ғайриимкон аст, ташкил медод.

Маҳз омӯзиши дақиқи маъхазҳои мухталиф ва адабиёти илмӣ ба олим имкон додааст, ки роҷеъ

ба масъала дидгоҳҳои илмии зеринро баён намояд:

- дар тӯли ҳазорсолаҳо намояндагони беҳтарини ҷамъияти инсонӣ оид ба масъалаи зан нуктаи назари хешро иброз намуда, роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои озодсозии бонувонро меҷӯстанд.

- танҳо дар асрҳои XIX ва XX як қатор ҳаракатҳо, ҳизбҳо ва таълимотҳои сиёсӣ ба вуҷуд омаданд, ки роҳи мушаххаси ҳалли масъалаи занонро пешниҳод карданд.

-дар ин самт нақши асосгузорони коммунизми илмӣ К.Маркс ва Ф.Энгелс, ки на танҳо моҳияти масъаларо ошкор намуданд, балки барномаи мушаххаси ҳалли онро таҳия карда буданд, хеле бузург аст.

Ба ақидаи муаррих дар асоси таълимоти марксистӣ бори аввал дар қаламрави собиқ ИҶШС стратегияи возеҳи раванди озодсозии воқеии занон муайян карда шуд. Моҳияти он аз мантиқҳои зерин бармеомад:

- ҳалли масъалаи занон тавассути пирӯзии инқилоби сотсиалистӣ ва барқарор гардидани диктатураи пролетариат;

- ба даст овардани баробарҳуқуқии комили занон тавассути Конститутсия мамлакат;

- ташаккули асосҳои меъёриву ҳуқуқии масъала, бо мақсади таъмини мустақилияти иқтисодӣ ва ҳуқуқҳои сиёсии занон;

- муҳайё намудани шароити мусоид барои зисти бофароғати модарон ва кӯдакон;

- саросар гузаронидани маҳви бесаводӣ ва аз ҳисоби занон тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои хоҷагии халқ;

- мунтазам ба идоракунии давлатӣ ҷалб намудани бонувони мамлакат иборат буд. [16, с. 203]

Таҳқиқи осори муаррихони ватанӣ ба хулосае меорад, ки дар нимаи дуюми қарни XIX–ибтидои қарни XX масъалаи занон дар асарҳои мутафаккирон ва назариётшиносони Шарқу Ғарб инъикос ёфта, аксарияти онҳо нуктаи назари хешро оид ба тантанаи масъала дар амал иброз намуданд. Инчунин, ҳаракатҳо ва ҳизбҳои гуногуни ҷамъиятиву сиёсӣ мавқеи худро дар раванди татбиқи баробарии ҷинсӣ муайян карда буданд. Аммо ҳалли амалии масъалаи зан танҳо ба шарофати сиёсати Давлати Шӯравӣ оид ба озодии воқеии занон, аз ҷумла занони тоҷик, афзунгардонии иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат имконпазир гардид.

Самти махсуси таҳқиқотии муаррихон баррасии масъалаи ташкилёбӣ ва фаъолияти марказҳои илмӣ, аз ҷумла оид ба омӯзиши таърихи занони кишвар мебошад. Дар доираи таҳқиқи масъала муаррих А. Бодурбекова зикр мекунад, ки дар ин ҷода нақши Ассотсиатсияи умумииттифоқии шарқшиносон, ки дар назди ин иттиҳодияи илмӣ Комиссия оид ба омӯзиши захираҳои меҳнатии занон ва умуман ҳаёту фаъолияти бонувони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ амал мекард, басо калон буд. [2, с. 24]

Омӯзиши сарчашмаву адабиёти мавҷудаи илмӣ ба хулосае меорад, ки танҳо аз нимаи дуюми солҳои 50-уми қарни XX фаъолияти мақсаднок ва мушаххаси навиштани асарҳои фундаменталӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла масъалаи занон оғоз ёфтааст. Таҳқиқи таърихи занони Тоҷикистон воқеан бо ташкили Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи таърихи ҲКИШ-и назди КМ ҲК-и ҷумҳурӣ ва кафедраҳои таърихи халқи тоҷики донишгоҳҳои олии мамлакат вобастагии куллӣ дорад.

Мавриди тазаккур аст, ки муаррихон дар асарҳои илмияшон адабиёти таърихиро вобаста ба вазъи занони тоҷик дар марҳилаи таърихии то шӯравӣ таҳлил ва таҳқиқ карда, роҷеъ ба ин масъала ибрози назар мекунанд. Масъалаи мавқеи воқеии бонувон дар марҳилаи таърихии тошӯравӣ то андозае дар асарҳои олимони пешазинқилобии рус ва муҳаққиқони Шӯравӣ: В.В. Бартолд, А.А. Бобринский, А.А. Семёнов, М.С. Андреев, Г.А. Арандаренко, А.К. Разгонов ва дигарон инъикос ёфтааст. Арзиши асарҳои эшон пеш аз ҳама дар он аст, ки онҳо дар асоси маводи экспедитсияҳо ва маъхазҳои нодир навишта шудаанд. Масъалаи мазкур дар бобу зербобҳои асарҳои монографӣ, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ олимони Осиёи Марказӣ ва Русия: В.Л. Билшай, Б.П. Полвонова, Р.Х. Аминова, Ж.С. Тотибекова, Х.С. Шукурова, П.М. Чирков, Р.А. Набиева, М. Ф. Зикриёева ва дигарон низ инъикос ёфтааст. Дар ҷумҳурӣ брошюраҳои сершумори маъмул нашр шудаанд, ки муаллифони онҳо собиқ ходимони ҳизбӣ, шӯравӣ ва комсомолӣ мебошанд. Дар ин брошюраҳо баъзе далелҳо ва рақамҳои марбут ба мавқеи пеш аз инқилобии занони тоҷик оварда шудаанд. Мутаассифона, бештари асарҳо дар асоси принсипҳои синфият ва ҳизбият таҳия гардидаанд. Дар робита бо ҷашнгирии Рӯзи байналмилалии занон – 8-март ҳамасола дар матбуоти даврии ҷумҳурӣ мақолаҳои зиёде нашр мегардиданд, ки дар онҳо, одатан, вазъи сангин ва токатфарсои занони то шӯравӣ мешуд. Камбудии асосии брошюраҳо ва мақолаҳои рӯзномавӣ дар он буд, ки аксари онҳо бидуни истифодаи васеи маъхазҳои гуногун навишта шуда буданд.

Адабиёти илмие, ки ба масъалаи мавқеи занони тоҷик дар давраи тоинқилобӣ бахшидашудааст шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) брошюраҳои махсус, мақолаҳое, ки бевосита ба масъалаи занон бахшида шудаанд;

2) асарҳо оид ба таърихи Тоҷикистон, ки ҷанбаҳои муайяни ин масъаларо ошкор месозанд.

Дар адабиёти таърихӣ асосан тарафҳои зерини масъала то андозае равшан гардидааст: мавқеи зан дар оила, зуҳуроти бисёрзанӣ, қалин, ҷойгоҳи занон дар соҳаи фарҳанг, иштироки занон дар ҳаракатҳои инқилобӣ ва ғайра.

Таҳлили асарҳои муаррихон нишон медиҳад, ки масъалаи вазъи занони тоҷик дар давраи тоинқилобӣ дар асарҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва бадеӣ ба қадри имкон таҳқиқ гардида бошад ҳам, дар давраи муосир ба омӯзиши амиқ аз диди нав таҳлил ва ҷамъбасти ҷиддӣ ниёз дорад.

Дар таҳқиқи масъалаи мазкур профессорон М.К. Ғафорова, Р.А. Набиева, М. Ф. Зикриёева, дотсентон М. Хонсуворова, А.А. Сулаймонова, Ғ. Ёқубов, А. Бодурбекова ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Ба андешаи олимон адабиёти илмии марбут ба масъала асосан дар шакли:

1) рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, монографияҳо ва брошюраҳо, мақолаҳои сершуморе, ки дар маҷмӯаҳо ва маҷаллаҳо нашр гардидаанд;

2) асарҳои олимони ватанӣ ва бурунмарзие, ки ба таҳқиқи саҳифаҳои норавшани таърихи занони тоҷик бахшида шудаанд;

3) маҷмӯаҳои ҳуҷҷатҳо;

4) китобҳо, мақолаҳо, суханрониҳо ва ёддоштҳои роҳбарони ҳизбӣ, сарварони ҳаракати занон, кормандони шӯъбаҳои занон аз қобили Н.К. Крупская, К. Сеткин, В.А. Каспарова, С.Т. Любимова, Л.А. Отмар-Штейн, А. Нухрат ва ғайра, таҳия гардидааст.

Дар асарҳои мазкур бештар ба омӯзиши шаклу усулҳои мушаххаси масъалаи озодсозии занони кишвар, фаъолияти муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва васоити ахбори омма дар самти ба ҳаёти ҷамъиятӣ–сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҷалб намудани бонувони тоҷик равшанӣ андохта шуда, мутаассифона масъалаи вазъи зани тоҷик то инқилоби октябр таҳқиқу таҳлили худро наёфтааст.

Таҳқиқи таърихнигории масъалаи занони Тоҷикистон муаллифро ба муқаррароти назариявии зерин овардааст:

- дар асри XX дар ҳаёти занони тоҷик дигаргуниҳои куллӣ ба амал омадаанд, ки ба истиснои монеаҳо, мушкилот, иштибоҳу камбудиҳо баробарҳуқуқии воқеии занонро бо мардон дар ҷабҳаҳои гуногуни соҳаҳои иқтисод, иҷтимоиёт, сиёсат, фарҳанг дар ҳаёт тадбиқ намуданд;

- дар омӯзиши масъала на танҳо намояндагони илмҳои ҷамъиятӣ, балки ходимони ҷамъиятию сиёсӣ, роҳбарони давлатию ҳизбӣ, фаъолони ҳаракатҳои занон ва ғайра дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ саҳм гузоштаанд.

- ҳар як муаллиф кӯшидааст, ки нақши занонро дар оила, ҷомеа, дар соҳаҳои мухталифи истеҳсолот ва тиҷорат, фарҳанг, умуман, ҳаёти ҳаррӯза муайян кунад; масъалахои такмил додани кори тарбиявии байни занон ва ғайраро таҳқиқ намуда, дар рушди назария ва методологияи масъалаи занон, омӯзиши самтҳои мубрами мавзуъ саҳми босазо гузорад.

Таҳқиқ, таҳлил ва ҷамъбасти осори муаррихони ватанӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои мушаххаси зеринро пешниҳод намоем:

- дар фаъолияти таҳқиқотии муаррихон таҳлили раванди тағиротҳои куллие, ки дар нимаи дуюми қарни XIX ва қарни XX дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар марзи Тоҷикистони таърихӣ алалхусус Шӯравӣ ба амал омаданд, ҷойи махсусро ишғол менамояд. Дигаргунсозиҳои амиқе, ки дар қарни XX ба вуқӯъ омада буданд, ба рушди боэътимоди тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ оварда, табадуллоти назаррасро дар ҳаёт, вазъ ва мавқеи занон ба вуҷуд овард.

- дар асарҳои илмии худ олимон аз диди нав, таърихи бонувони ҷумҳурӣ ва таърихнигории масъалаи занони Тоҷикистонро дар қарни XX таҳқиқ, таҳлил ва ҷамъбаст месозад. Туфайли таҳлили ҳамаҷонибаи асарҳои сершумори нашршуда, маъхазҳои нодир, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо, далелҳо оид ба проблемаи барраси-шаванда, муҳаққиқ ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии ҳалли масъалаи занонро дар даврони шӯравӣ ба таври объективӣ равшан мекунад.

- дар асоси таҳқиқи ҷиддии сарчашмаҳои гуногун ва пурғановати таърихӣ, асарҳои сершумор ва рисолаҳои илмӣ муаллифи мақола ба хулосаи зерин омадааст: якум, зани тоҷик дар қарни XX роҳи басо душвор ва ҳамзамон пуршарафро тай кардааст; дуюм, даврабандии ҷадиди таърихи занони тоҷикро пешниҳод мекунад, ки аз рӯи он давраи аввал марҳилаи таърихии тошӯравӣ ва давраи дуюм аз ташкил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1924), ҶШС Тоҷикистон (соли 1929) то пошхӯрии ИҶШС (соли 1991) дар бар мегиранд; давраи сеюм бо ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1991) ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ оғоз ёфта, то имрӯз давом дорад.

ЛИТЕРАТУРА

1. Амридинзода З. Освещение проблемы положения женщин-таджичек в досоветский период в трудах академика Б.Г.

Гафурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. №5.20-25. ISSN2074-1847
2. Бодурбекова А. Освещение истории женщин Таджикистана в трудах профессора Р. А. Набиевой./А. Бодурбекова - Душанбе. 2020. – 24.
3. Бебель А. Женщина и социализм. – М.: Госполитиздат, 1959. С.97.
4. Белинский В.Г. Полн.собр.соч.: В 13 т./ В.Г.Белинский.- М., 1953-1959 –Т.5.-С.175-176.
5. Гафуров Б.Г., Прохоров Н.Н. Падение Бухарской Эмирата (К 20-летию советской революции в Бухаре 1920 1940 г.). Сталинабад, 1940. 90 с.
6. Гафуров Б.Г. Ба муқобили фаранҷӣ ва урфу одатҳои динӣ. Сталинобод, Нашрдавтоҷик, 1940. 36 с.
7. Гафуров Б.Г. Уничтожим паранджу и религиозные предрассудки.
8. Гафуров Б.Г. Паранджа враг женщины// Коммунист Таджикистан. 1940, 14 февраль.
9. Гафуров Б.Г. Не ослаблять борьбы против паранджи// Безбожник. 1940, 22 сентябр
10. Герцен А.И. Сочинения в 9 т.-М.,1955-1958.- Т. 6.-С. 164.
11. Добролюбов Н.А. Избр. Пед.произведения.-/Н.А.Добролюбов.- М.:АПН РСФСР, 1952.-735 с.; Чернышевский Н.Г. Суеверие и правила логики./ Полн. собр. соч.-Т.5.-С. 632-695 и др.
12. Зикриёева М. Ф. Таърихнигории масъалаи занони Тоҷикистон./ М.Ф. Зикриёева. -Душанбе, 2001. –С.45
13. Любимова С.Т. Письма из Туркестана // Коммунистка, 1924, № 1-2; Она же. По Средней Азии // Там же, 1925, № 12.
14. Маркс К., Энгельс Ф. Манифест коммунистической партии. -М.:Госполитиздат, 1950.-С.52-53.
15. Мунавварова Т.З. Из истории женского обазования на территории дореволюционного Таджикистана. /На пути к гендерному равенству.-Душанбе, 2020.- С.280.
16. Муҳаббатова Г. На пути к гендерному равенству./ Г . Муҳаббатова. – Душанбе, 2020. – С. 203.
17. Набиева Р.А. Таҷрибаи таърихии озодшавии занони Тоҷикистон ва баланд гардидани нақши онҳо дар сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ (1917-1937 гг.): Рис... д. и.т./Р. А. Набиева. – Душанбе, 1975. – 374 с.
18. Набиев В. М. Освещение гендерных вопросов в трудах теоретиков Х1Х - начала ХХ вв./ В. М. Набиев. На пути к гендерному равенству. – Душанбе, 2020. – С. 200-204.
19. Нақши профессор Р.А.Набиева дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва таҳқиқи масъалаи зан.-Душанбе, 2019.- С. 7.
20. Нухрат А. Октябрь и женщина Востока. – М.: Партиздат, 1932. –С. 35-39
21. Отмар-Штейн Л. На обработке шелка // Работница, 1925, № I.
22. Охрана материнства и детства в СССР. Сборник нормативных актов. – М.: Юридическая литература, 1986. – С.3.
23. Хонсуварова М. Участие женщин Таджикистана в борьбе за выполнение первой пятилетки (1929-1933 гг.).: Дисс.канд.ист.наук./М.Хонсуварова. - Л., 1953. –С. 65.
24. Снесарев А.Е. Военная география России. Изд. второе. / А.Е.Снесарев-С.-Петербург, 1910. -С.77.
25. Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства. – М.: Госполитиздат, 1963. – С.60.

БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ВАЗЪИ ЗАНИ ТОҶИК ТО ҚАРНИ ХХ ДАР ОСОРИ ИЛМИИ МУҲАҚҚИҚОН

Дар мақола саҳми олимон дар омӯзиши масъалаи вазъи занон то марҳиллаи таърихии шӯравӣ таҳқиқ ва таҳлил гардидааст.

Мақсади мақола *қайд карда мешавад, ки омӯзиш ва таҳлили сарчашмаву маъхазҳои зиёд, адабиёти таърихӣ ба хулосе меоранд, ки дар ғанӣ намудани ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшаванда натанҳо муҳаққиқони соҳаи илмҳои таърих, балки фалсафа, ҳуқуқ, сотсиология, иқтисодёт ва ғайра низ саҳми арзанда гузоштаанд. Инчунин зикр мегардад, ки дар адабиёти илмӣ роҷеъ ба нуктаи назари мутафаккирони ҷамъиятиву сиёсӣ оид ба нақши занон дар ҷомеа, самтҳои таҳқиқи илмии масъалаи вазъи зани тоҷик то даврai шӯравӣ равшанӣ андохта шудааст.*

Натиҷаи татқиқот нишон дод, ки дар ҷодаи омӯзиши мероси пургановати афкори ҷамъиятию сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик, равшанандозии арзиши бебаҳои консепсияҳои илмӣ ва методологии муттафакирони бузурги илму фарҳанг ва нобиғаҳои забардаст, фарҳангсолорон ва равшангарони илми таърихнигории ватанӣ, саҳмгузоранд. Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаву маъхазҳои зиёд, адабиёти таърихӣ ба хулосе меоранд, ки дар ғанӣ намудани ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшаванда натанҳо муҳаққиқони соҳаи илмҳои таърих, балки фалсафа, ҳуқуқ, сотсиология, иқтисодёт ва ғайра низ саҳми арзанда гузоштаанд.

Хулоса карда мешавад, ки дар асарҳои илмии худ олимон аз диди нав, таърихи бонувони ҷумҳурӣ ва таърихнигории масъалаи занони Тоҷикистонро дар қарни ХХ таҳқиқ, таҳлил ва ҷамъбаст месозанд. Туфайли таҳлили ҳамаҷонибаи асарҳои сершумори нашршуда, маъхазҳои нодир, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо, далелҳо оид ба проблемаи баррасишаванда, муҳаққиқ ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии ҳалли масъалаи занонро дар даврони шӯравӣ ба таври объективӣ равшан мекунад.

Калидвожаҳо: *Зан, осори илмӣ, олимон, муҳаққиқон, сарчашмаҳо, таҳқиқ, таҳлил, ҷанбаҳои методологӣ, назария, таърихнигорӣ.*

ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ ПОЛОЖЕНИЯ ЖЕНЩИН - ТАДЖИЧЕК В ПЛОТЬ ДО XX СТОЛЕТИЯ В ТРУДАХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

В статье исследуется проблема вклада ученых в изучение вопроса положения женщин-таджичек в досоветский период.

***Цель статьи**: Изучение и анализ разнообразных источников и исторической литературы позволили автору резюмировать, что в обогащении методологических и теоретических аспектов исследуемой проблемы участвуют не только ученые-историки, но и философы, юристы, социологи, экономисты. Благодаря всестороннему анализу многочисленных опубликованных работ, редких источников, научных находок, выводов, свидетельств по рассматриваемому вопросу, исследователь объективно проясняет положительные и отрицательные стороны решения женских проблем в досоветский исторический период.*

Также исследователь в статье освещает проблему вклада в научно-методические концепции женского вопроса великих мыслителей науки и культуры и гениев, деятелей культуры и просветителей отечественной историографии. Отмечается, что они содействуют изучению богатого социально-политического и культурного наследия таджикского народа. Изучение и анализ множества источников и исторической литературы приводит автора к выводу о том, что не только исследователи в области истории, но и философии, права, социологии, экономики и др., внесли свой вклад в обогащение методологических и теоретических аспектов исследуемой проблемы.

С новой точки зрения, сделан вывод о том, что ученые в своих научных трудах исследовали, проанализировали и обобщили историю женщин в республики в XX веке. Благодаря всестороннему анализу многочисленных опубликованных работ, редких источников, научных находок, выводов, свидетельств по рассматриваемому вопросу, исследователь объективно проясняет положительные и отрицательные стороны решения женских проблем в советское время.

***Ключевые слова:** женщины, научные труды, ученые, исследователи, источники, научный анализ, методологические аспекты, теория, историография.*

STUDY OF THE PROBLEM OF THE STATUS OF TAJIK WOMEN IN THE BEFORE THE TWENTIETH CENTURY IN THE WORKS OF RESEARCHERS

The article examines the problem of the contribution of scientists to the study of the issue of the status of Tajik women in the pre-Soviet period.

***Purpose of the article:** the study and analysis of various sources and historical literature allowed the author to summarize that in the enrichment of the methodological and theoretical aspects of the problem under study, not only historians, but also philosophers, lawyers, sociologists, and economists are involved. Thanks to a comprehensive analysis of numerous published works, rare sources, scientific findings, conclusions, evidence on the issue under consideration, the researcher objectively clarifies the positive and negative aspects of solving women's problems in the pre-Soviet historical period.*

Also, the researcher in the article highlights the problem of the contribution of the great thinkers of science and culture and geniuses, cultural figures and educators of Russian historiography to the scientific and methodological concepts of the women's issue. It is noted that they contribute to the study of the rich socio-political and cultural heritage of the Tajik people. The study and analysis of many sources and historical literature leads the author to the conclusion that not only researchers in the field of history, but also philosophy, law, sociology, economics, etc., have contributed to the enrichment of the methodological and theoretical aspects of the problem under study.

From a new point of view, it was concluded that scientists in their scientific works researched, analyzed and generalized the history of women in the republic in the twentieth century. Thanks to a comprehensive analysis of numerous published works, rare sources, scientific findings, conclusions, evidence on the issue under consideration, the researcher objectively clarifies the positive and negative aspects of solving women's problems in Soviet times.

***Keywords:** women, scientific works, scientists, researchers, sources, scientific analysis, methodological aspects, theory, historiography.*

Маълумот дар бораи муаллиф:

***Зубайдаи Амриддинзода** - унвончӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик, факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел: +992988088822. E-mail: amridddinzodaz@mail.ru*

Сведения об авторе:

Зубайда Амриддинзода *- соискатель кафедры истории таджикского народа факультета истории,Таджикского национального университета. Тел: (+992) 988088822. E-mail: amridddinzodaz@mail.ru*

About the author

Zubaida Amriddinzoda *- applicant for the Department of History of the Tajik People, Faculty of History, Tajik National University. Phone: (+992) 988088822. E-mail: amridddinzodaz@mail.ru*

ТАҲАВВУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ГУМАНИТАРӢ-ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН (2014-2016)

Исматова Н.Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сарсухан: Дар масири пур печу тоби таърих Мовароуннаҳр ва Хуросон аз қадим ба ҳамдигар пайвандиву алоқамандии зич доштанд ва дар давоми асрҳои зиёд ҳаёти муштараки сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ ба сар мебурданд. Муайян аст, ки Аморати Бухоро бо Афғонистон дар масофаи 1000 км ҳамҳудуд ва ҳамсарҳад буд ва ҳеҷ мумкин нест, ки дар ин масофаи тӯлонӣ давлатҳои то ин дараҷа наздик ва ҳамҷувор байни худ доду гирифт ва муомилоти тиҷоратӣ надошта бошанд [4, с.92]. Таърихи бой ва қадими муштараки Афғонистон бо халқҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла бо Ӯзбекистон дар давоми солҳои зиёд онҳоро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ зич пайваст намудааст, ки ҳатто таъғиротҳои сиёсии даврaҳои гуногун ба он кам таъсир расонидаанд. Зикр кардан ба маврид аст, ки баъд аз барҳамхурии давлати Шуравӣ вазъи сиёсӣ дар Афғонистон куллан дигарун шуд ва муносибатҳои сиёсию фарҳангии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бо ин кишвари ақибмондаи феодалӣ дар вобастагӣ бо вазъи дохилии он, шакли дигар гирифтанд. Дар ҳамин раванд ташаккул ва роҳандозии муносибатҳои иқтисодӣ ва башардустонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон куллан таъғир ёфтаанд.

Қисмати асосӣ. Ҷумҳурии Ӯзбекистонро бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар як марҳилаи таърихӣ, муносибатҳои ҳамҷаворӣ ба ҳамдигар наздик мекунад. Онҳо натанҳо ҳамсояи ҷуғрофӣ, балки давлатҳои ҳамманфиат низ мебошанд. Замони касби истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 Ҷумҳурии Ӯзбекистон робитаҳои дипломатии худро бо Афғонистон барқарор намуда, бо истифода аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва холӣ мондани фазои сиёсии он дар ин минтақа ба мудохилаи умури ин кишвар фаъолона иштирок менамояд. Равобит миёни Ӯзбекистон ва Афғонистон гуногун ва хеле васеъ буда, дар қатори муносибатҳои кишварҳои дигар яке аз бахшҳои таркибии равобити байналмилалии замони муосирро дар минтақа, ташкил медиҳад.

Чуноне, ки маълум аст, дар натиҷаи ҷангҳои дарозмуҳлат ва вазъи харобмондаи Афғонистон дар 70-соли охир, ин кишварро нисбат ба кишварҳои минтақа қашшоқ ва қафомонда боқӣ гузошт ва иқтисоди он имрӯз бо дастгириву кӯмакҳои башардӯстона ва кумакҳои давлатҳои хориҷӣ побарҷост. Вале бояд гуфт, ки Афғонистон дорои захираҳои бойи зеризаминӣ, аз ҷумла мис, газ, ангишт, минералҳои табиӣ ва оҳан мебошад. Тибқи таҳлили коршиносон, агар захираҳои табиии Афғонистон васеъ истифода шаванд, дар ин кишвар имкониятҳои васеъи тиҷоратии хубро роҳандозӣ намуда, метавон иқтисодиёти онро то андозае дар сатҳи муайяну муътадил нигоҳ дошт, ки ба заволёбии ин миллату кишвар монеъ шавад. Вале, вобаста ба вазъи ноамни ин кишвар, сарватмандон ва тоҷирони он маблағҳои худро берун аз мамлакати худ гардиш дода, тиҷорати худро ба роҳ мондаанд, ки захираҳои табиии он наметавонанд мавриди коркард қарор гиранд.

Танҳо баъди суқути «Толибон» ва таъсиси Ҳукумати муваққатӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон дубора робитаҳои худро бо кишвари ҳамсоярааш ба роҳ монд. Аммо ин робитаҳо умдатан робитаҳои иқтисодӣ ва амниятӣ мебошанд. Ӯзбекистон он нуфузи сиёсӣ ва имконоти таъсиргузорие, ки дар даҳаи аввали соли 1990 дар Афғонистон дошт, дигар бархурдор набуд. Акнун бо гузашти ду даҳсола, муносибатҳои ду кишвар дар робитаҳои иқтисодӣ аввлавият пайдо намуд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз ҳамсояи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон маҳсуб мешавад, ки саҳми қобили мулоҳизае дар барқарории баъди давраи «Толибон» дар ин кишвар гузоштааст.

Дар таҳлили масъалаҳои гуманитарию иқтисодӣ андаке назар ба таърихи чанд сол қаблии муносибатҳои ин ду кишвар мекунем. Масалан; Чуноне ки маълум аст дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон имкониятҳои зиёди рушди ҷомеъа вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо сармоягузории хориҷӣ мебошад. Сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ яке аз омилҳои муҳими пешгирӣ аз ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои радикалӣ дар ин мамлакат мебошад. Сармояҳои ӯзбекистонӣ метавонанд дар Афғонистон

ҳазорҳо ҷойҳои кориро барои пешгирӣ аз радикализатсияи динӣ дар байни ҷавонон фароҳам созад. Дар ин асос, яке аз самтҳои асосии сиёсати Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ин эҳё ва такмили иқтисодии ин кишвар мебошад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сифати яке аз сармоягузорони лоиҳаҳо ва инфрасохтори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба ҳисоб меравад. Инчунин, ёрии башардустонаро ба мисли маҳсулоти ниёзи мардум, хурокворӣ ва ғайра ба ин кишвар ворид менамояд. Муносибатҳои дуҷониба миёни ин ду кишвар дар сатҳи ҳукумату роҳбарони давлатҳо, идораҳои давлатӣ ва парламентҳо хуб роҳандозӣ гардидааст, ки табодули фаъоли ҳайъатҳо ва имзои қарордҳои зиёд, байни онҳо мебошад.

Яке аз самтҳои муваффақ дар муносибатҳо, ташаккули тиҷорат дар байни ин ду мамлакат мебошад. Муносибатҳои тиҷоратии дуҷонибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистону Ҷумҳурии Исломии Афғонистон барои рушди иқтисодиёт дар ноҳияҳои шимолии Афғонистон таъсири мусбӣ мерасонад ва тиҷорат байни ин кишварҳо аз инкишофи нақлиёти боркашӣ низ вобастагии зиёд дорад. Мувофиқи маълумоти комиссияи муштараки Ҷумҳурии Ӯзбекистону Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз моҳи январ то октябри соли 2016 тиҷорати дуҷониба то 1.4 трлн сумм, муодили 429 млн доллари амрикоӣ расид [7]. Гарчанд муомилоти молӣ рӯ ба беҳбудӣ овардааст, аммо ин дар муносибатҳои иқтисодӣ ҳанӯз кам мебошанд.

Самти дигари муносибатҳо барои рушди иқтисодиёти ду кишвар ин бунёди роҳи оҳан ба ҳисоб меравад. Дар баробари сохтмони роҳи оҳани Ӯзбекистону Афғонистон, ҳамзамон, Ӯзбекистон барои азнавсозии роҳҳои автомобилгард шурӯъ карда аст ва мақсад дорад барои таъмири таҷҳизотҳои нақби Саланг, ки шаҳрҳои шимолии Афғонистонро бо пойтахти ин кишвар мепайвандад, сармоягузорӣ намояд. Тибқи қарордод, то соли 2020 бояд дар Ӯзбекистон азнавсозии роҳҳои автомобилгарди Самарқанд-Тирмиз, барои Афғонистон равона шудааст, ба роҳ монда мешаванд. Аз соли 2015 маркази минтақавии «Termez Cargo Center» ҳамчун минтақаи соҳибкорӣ дар соҳаи савдои Ӯбекистону Афғонистон фаъолият менамояд, ин иншоот дорои таваққуфгоҳ барои 300 автомобили боркаш, таваққуфгоҳи гумрукӣ ва дигар иқтидорҳо мебошад [6]. Ҳамзамон, Ӯзбекистон барои барқарорсозии сулҳ дар Афғонистон ёрӣ расонда, дар лоиҳаҳои дуҷониба сармоягузорӣ намояд ва дар самти амният ҳамкориро таҳким мебахшад.

Аз ҷониби дигар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷонибдори таҳкими муносибатҳои гуногун соҳа мебошад. Ӯзбекистон назар ба дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ қадамҳои устувортаре барои инкишофи инфрасохтори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гузоштааст. Ширкатҳои давлатии Ӯзбекистон ва соҳибкорони хусусӣ барои рушди тиҷорат кӯшиш зиёд ба харҷ медиҳанд ва аз фойда ба даст овардан дар ҳудуди Афғонистон камтар бим доранд. Сиёсати имрӯзаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои кумак намудан ба Ҳукумати Афғонистон бо роҳи амалӣ намудани лоиҳаҳои иқтисодии назаррасе равона шудааст [7]. Лоиҳаҳо заминаи мустаҳкам гардидани муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ мебошанд, ки аз рӯйи хулосаҳо натиҷаҳои хуб дар муносибатҳои дуҷонибаи ин кишварҳо додаанд.

Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистону Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар самти омода намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, роҳи оҳан барои ояндаи Афғонистон фоидаовар мебошад. Дар ҳошияи ин муносибатҳо, санаи 23-24 уми январи соли 2017 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулазиз Комилов ба Кобул сафар намуд ва барои таъмини муътадили ҳамкориҳо, бо мушовири Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, Ҳумоюн Қаюмӣ як қатор шартномаҳоро ба имзо расонид. Ҳарду ҷониб ба мувофиқа расиданд, ки фоидаи солонаро аз савдо то 3 маротиба афзун намоянд ва нишондодҳоро то 1.5 млрд доллари амрикоӣ баланд бардоранд. Зимни сафар як қатор шартномаҳо барои интиқол ва расонидани доруворӣ, гандум, нақлиёти ёрии таъҷилӣ ва маводи техникӣ ба маблағи 49.3 млндоллари амрикоӣ барои ояндаи наздик басташуд. Ҳамзамон, дар Кобул хонаи савдо бо номи«Uzsanoateksport» сохта ба истифода дода шуд [7]. Аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон асосан маҳсулоти озуқаворӣ-сахароза, обҳои минералӣ, растаниҳои тару тоза, таҷҳизот ва асбобҳои механикӣ, ҳайвонот (буз ва гусфанд) ворид мегардад. Аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон маҳсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла орди гандумӣ, сабзавот, зироатҳои донагӣ, маҳсулоти нефту гази сузишворӣ, метали сиёҳ, воситаҳои нақлиёт ва қисмҳои эҳтиётии он, қувваи барқ ва ғайра содирот мешаванд.

Ҷадвали зерин нишондиҳандаи ҷараёни гардиши мол байни ин ду кишвар (бо млн.долл) дар солҳои 2013-2016 мебошад [11]. Маълумот аз сомонаи Кумитаи омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

Сол	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**
Гардиши мол	673.7	601.8	445.1	519.7
Содирот	669.3	601.0	444.4	517.3
Воридот	4.4	0.8	0.6	2.4
Бақия	664.9	600.2	443.8	514.9

Ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавонанд, бозингарони сиёсии Осиёи Марказиро аз ин майдони рақобат дур намоянд ва «бозори фуруш ва истифодаи баркро» пурра дар ихтиёри худ гирад.

Ҳамкориҳо дар соҳаи нақлиёт. Афғонистон мамлакате буд, ки дар ҳама давру замонҳо Осиёи Миёнаро бо Ҳиндустон хоҳ аз ҷиҳати тиҷоратӣ ва хоҳ аз лиҳозӣ маданӣ ба якдигар пайваст мекард. Аз ҷониби дигар Афғонистон ба воситаи Бухоро бо Осиёи Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ алоқаи тиҷоратӣ

пайдо намуда буд [4, с.92]. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ низ марзи Ӯзбекистон бо Афғонистон барои тиҷорату интиқоли молу коло хуб истифода мешуд. Аз ҷумла пули роҳи оҳан (Пули дӯстӣ) аз болои Амударё дар шаҳри Тирмиз барои осон гардидани равобит байни ин кишварҳо аз ҷониби Шуравӣ сохта шуда буд. Баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба вуҷуд омадани давлатҳои мустақил дар Осиёи Марказӣ, Афғонистон ҳамчун дарвоза ба захираҳои бойи табии минтақа, даҳлези муҳим барои гузоштани қубурҳои нефтгузар ва газгузар аз Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ ба бозори ҷаҳонӣ табдил ёфт [2, с.5]. Тошканд - дар доираи таҳким ва инкишофи тиҷорат бо ҳамсояи шарқии худ, роҳи оҳани «Қаршӣ-Тирмиз»-ро дар сарҳади Афғонистон дубора барқарор намуд. Ин роҳ баъди сукути вилоятҳои шимоли Афғонистон ба дасти «Толибон» дар соли 1998 баста шуд ва бинобар истифода нагардидан, бархе аз мавзеъҳои он хароб гардида буданд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар доираи ҳамкориҳо, барои барқарорсозии Афғонистони баъди «Толибон» дар соли 2001 ин хати роҳи оҳанро барқарор намуд ва дар солҳои баъдӣ ба сохтмони роҳи оҳан дар дохили хоки Афғонистон идома дод. Дар соли 2010 хати роҳи оҳанро аз Ҳайратон то шаҳри Мазори Шариф, ки ҳудуди 80 км роҳро ташкил медиҳад, сохта ба истифода дод [8]. Барқарорсозии роҳи оҳан, барои камтар намудани хароҷоти интиқоли молу маҳсулот ба Афғонистон ва афзудани фоидаи корхонаҳои тиҷоратии хурд дар ҳарду мамлакат, ки аз роҳи оҳан истифода мебаранд, равона шудааст. Роҳи оҳани «Ҳайратон-Мазори Шариф» дар Афғонистон якумин магистрал-роҳи оҳанест, ки барои истифодаи умумӣ сохта шуда, давоми роҳи оҳани «Қарши -Тирмиз» ба ҳисоб меравад. Дар назар аст, ки ин хати роҳи оҳан дар оянда барқӣ карда шавад. Баъди он ки ин роҳи оҳан пурра барқӣ мегардад, ҳама тепловозҳо ба электровозҳо иваз карда мешаванд. Бинобар ин истифодаи нерӯи барқ, ки дар кишвар ба вазъияти мӯътадил инкишоф меёбад, афзалияти зиёдро пайдо мекунад.

Дар ин минтақаҳо неруи барқ нисбати ангишт маъмулан арзон мебошад ва аз ин сабаб хароҷот барои рафтуои мусофирон ва молу маҳсулот то Тирмиз камтар мегардад. Барои барқикунонии 325-километри роҳи оҳан то тирамоҳи ҳамин сол, Ӯзбекистон 1.4 трлнсум, муодили 428 млн.доллари амрикоӣ ҷудо намуд, ки 715.2 млрд. сум, муодили 220 млн. доллари амрикоӣ тариқи қарз аз Япония гирифта шудааст [1]. Қайд намудан бамаврид аст, ки Тошканд роҳи мошингарди Мазори Шариф–Кобул-ро барқарор кард, дар он 11- пул сохт, инчунин алоқаи минтақаҳои шимолро бо Кобул барқарор намуд. Ҳамзамон, мутахассисони ӯзбек роҳи оҳани «Тирмиз-Ҳайратон”-ро сохта ба истифода доданд, ки аз он қуввахои мусаллаҳи НАТО ҳангоми амалиётҳои ҳарбӣ истифода мекунанд. Имрӯзҳо байни ин ду кишвар гуфтушунидҳои иктисодӣ, аз ҷумла дар самтҳои нақлиёт ва коммуникатсия, транзит, энергетика ва савдо вуҷуд дорад. Дар соли 2015 савдои байни ин мамалакатҳо то 444, 5млн доллари амрикоӣ ва дар шаш моҳи аввали соли 2016, 429 млн доллари амрикоӣ афзудааст. Дар таҷдиди роҳҳои оҳании миёни ин ду кишвар, бояд қайд шавад, ки 29-уми декабри соли 2016 кормандони роҳи оҳани Ҷумҳурии Ӯзбекистон барқикунонии ҳавзаи якуми дарозиаш 90км роҳро аз Қаршӣ то Деҳқонобод қайд намуданд ва ҳамзамон барқикунонии роҳи «Қаршӣ-Тирмиз» имкониятҳои натанҳо баромадани Ӯзбекистонро ба бозори Афғонистон, балки ба бандари Ҷанубу Шарқии Осиё низ васеъ менамояд, инчунин барои баланд бардоштани нақши роҳи транзитии мамлакат хизмат мерасонад [10]. Тавассути Ҷумҳурии Ӯзбекистон роҳи оҳани Афғонистон ба кишварҳои Қазоқистон, Русия ва Чин васл мешавад. Рохи оҳани Ӯзбекистон яке аз роҳҳои асосии таъмини Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба маводи мавриди ниёз мебошад. 26 –уми августи соли 2016 дар неругоҳи барқии «Талимарҷон», ки дар 300 км аз Афғонистон ҷойгир аст, бахши нав бо иқтидори 450 мВт ба истифода дода шуд, ки он бо гази табиӣ фаъолият менамояд [9]. Роҳи оҳани «Қаршӣ-Тирмиз» аз соли 2007 ва хати «Ҳайратон-Мазори Шариф»-аз соли 2011 фаъолият менамоянд. Сохтмони роҳи оҳани Афғонистон аз ҷониби Бонки рушди Осиё маблағгузорӣ гардидааст. Дар муқоиса бо соли 2008 ҷойи корӣ холӣ барои аҳолие, ки дар наздикии роҳи оҳан, дар Афғонистон зиндагӣ мекунанд, дубаробар зиёд гардидааст ва зиёдшавии нишондиҳандаҳоро дар ҳаҷми 10-11% дар як сол нишон медиҳанд [9]. Қайд намудан бамаврид аст, ки Ҳукумати Ӯзбекистон сайъ дорад, дар ҳудуди Афғонистон якқатор нақшаҳои инфрасохториро таҳия намояд, аз ҷумла сохтмони роҳҳои нави оҳан ва автомобилгард, инчунин хати интиқолӣ барқи пуршиддат. Инҳо аз нақшаҳои пешниҳоднамудаи президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев мебошанд. Дар чорчубаи ин нақшаҳои пешниҳодшуда, сохтани даҳлези иқтисодӣ, нақлиётӣ дар шимолу ғарби мамлакат, ташкил ва амали сохтани нақшаи роҳи оҳан ва автомобилгард, хати барқи пуршиддат дар роҳи «Мазори Шариф-Шиберғон-Маймана-Ҳирот» дар назар аст.

Барои дастгирии содиркунандагони миллӣ ва барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти онҳо дар бозори хориҷӣ, соҳиб шудан ба имтиёзҳо ҷиҳати инкишофи маҳсулот (нахи пахта, маҳсулоти сохтмонӣ, минералҳо) тариқи нақлиёти роҳи оҳан, масъалагузорӣ гардидааст. Дар ин раванд, дар ҳуҷҷатҳо нақшаи сохтмони роҳи оҳани «Ӯзбекистон-Қирғизистон-Хитой» бо таваҷҷуҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон қайд

гардидааст. Барои такмил ва амалӣ намудани он ҷаласа гурӯҳи кории сетарафа гузаронида мешавад. Мувофиқи ҷадвали пешниҳоднамудаи тарафҳо, амалӣ гардидани ин нақшаҳо дар аввали моҳи июли 2018 дар назар дошта шудааст [5].

Агар дар масъалаи сулҳу субот ва амнияти дохилии кишварҳои Афғонистон, Ӯзбекистон ва умуман минтақаи Осиёи Марказӣ сухан равад, бояд қайд кард, ки масъалаи асосӣ дар Афғонистон ин амният ва оромӣ мебошад, ки ҷомеъаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Амнияти ин кишвар ба ҳайси дарвозаи ҷанубии минтақаи Осиёи Марказӣ-минтақаи саршор ва дастнахурдаи захоири табиӣ ва минтақаи муҳими интиқоли он хеле боло рафтааст [3, с.48]. Муҳити ноамн ва пурфоҷиаи Афғонистон монеъаи бузург барои ташаккули иқтисодиёт ва тиҷорати хориҷиён ва сармоягузорони хориҷӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон дар ин кишвар мебошад. Ҳамкориҳои Ӯзбекистон бо ақаллияти ӯзбекони Афғонистон низ вусъат меёбад, ки ин масъала илова бар ҷанбаи иқтисодӣ, дар вақти дарозмуддат метавонад аҳамияти ҷиддии сиёсӣ ва амниятӣ низ касб намояд.

Хулоса: Вазъи ҳар кишвар аз самтҳои гуногуни сиёсати дохиливу хориҷӣ он, вазъи амниятӣ, иқтисодию иҷтимоии он вобастагии амиқ дорад. Буҳрони Афғонистон айни замон сабаби рӯ ба рӯ гардидани абарқудратҳо ва қудратҳои минтақавӣ гардидааст. Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки камарбанди амниятии Осиёи Марказӣ мебошад, натанҳо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, балки тамоми кишварҳои ин минтақаро зарур аст барои барқарории амният ва иқтисоди ин кишвар дар якҷоягӣ талош намоянд. Дар ҳоле, ки дар ин муддат кишварҳои дигар машғули баҳсу андеша дар мавриди масъалаҳои сиёсию амниятӣ дар Афғонистон мебошанд, Ӯзбекистон дар самти рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва хусусан, таъсиргузории иқтисодӣ дар минтақаҳои шимолии Афғонистон қадамҳои ҷиддӣ гузоштааст.

АДАБИЁТ

1. Енисеев М. Узбекистан электрифицирует железную дорогу к афганской границе. http://central.asia-news.com/ru/articles/cnmi_ca/features/2017/01/17/feature-01
2. Искандаров К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX в. Душанбе, 2004. С.5.
3. Искандаров Қ., Давлатов Р., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ. Душанбе: «Дониш», 2018. С.48.
4. Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дуррониҳо то ғалтидани Аморати Бухоро. Душанбе, 1963 С.92.
5. Стальной маршрут из Китая в Узбекистан сформируют в 2018 году(29.12.2017) https://centralasia.news/738-zheleznodorozhnyy-marshrut-kitay-kyrgyzstan-uzbekistan-sformiruyut-k-aprelyu-2018-goda.html (Дастрасӣ: 25.04.2018)
6. Узбекистан и Афганистан готовят соглашение по торговле и транзиту //http://ru.sputniknews-uz.com/politics/20170613/5602727/Uzbekistan-Afganistan-torgovlya-tranzit.html. (дастрасӣ: 08.12.2017)
7. Узбекистан и Афганистан планируют довести товарооборот до $1,5 млрд. //http://mirperemen.net/2017/01/uzbekistan-i-afganistan-planiruyut-dovesti-tovarooborot-do-15-mlrd/ (дастрасӣ:20.12.2017)
8. Узбекистан намерен построить железную дорогу из Мазари-Шарифа в Герат//http://central.asia-news.com/ru/articles/cnmi_ca/features/2017/09/13/feature-02(дастрасӣ: 09.12.2017)
9. Узбекистан продолжит строительство ж/д путей в Афганистане //http://ru.sputniknews-uz.com/economy/20170809/6002058/uzbekistan-prodoljit-stroit-jeleznuu-dorogu-v-afganistane.html (дастарси: 09.12.2017)
10. Узбекистан уделяет «особое внимание» взаимоотношениям с Афганистаном//http://central.asia-news.com/ru/articles/cnmi_ca/features/2017/07/13/feature-02 (дастарси: 09.12.2017)
11. Экономическое сотрудничество в установлении мира в Афганистанehttps: //review.uz/post/ekonomicheskoe-sotrudnichestvo-v-ustanovlenii-mira-v-afganistanehtt://stat.uz/ru дастрасӣ23/11/2021

ТАҲАВВУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ГУМАНИТАРӢ-ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН (2014-2016)

Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз ҳамсояҳои наздик ва ҳаммарзи Афғонистон дар муносибат боин кишвар сиёсати мушаххаси худро дорад. Идомаи ҷанг дар муддати даҳсолаҳои охир монеъаи ҷиддӣ барои барқарор ва пешравии иқтисодӣ дар Афғонистон гардидааст. Новобаста аз ин мушкилиҳо, Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳама ҳолат бо Ҳукумати Афғонистон тавонист муносибатҳои созгор ва фоидаовар барои ҳар ду ҷонибро барпо намояд.

Ҳадафи мақола: *Вобастагии шадиди транзитии Афғонистон ва Осиёи Марказӣ аз ҳамдигар, эҳтиёҷи онҳо ба истифодаи манъбаҳои табиӣ боис гардидааст, ки умуман, вазъият ва сарнавишти*

иқтисодии ин кишварҳоро бо ҳам вобаста ва таъсирпазир гардонад.

Натиҷаи таҳқиқот: *Муносибатҳои тиҷоратии дуҷонибаи Ӯзбекистону Афғонистон барои рушди иқтисодиёт дар ноҳияҳои шимолии Афғонистон таъсири назаррас расонидааст. Инчунин, сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ аз ҷониби Ӯзбекистон яке аз омилҳои муҳими пешгирӣ аз ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифродгаро мебошад.*

Калидвожаҳо; *Осиёи Марказӣ, Ӯзбекистон, Афғонистон, лоиҳаҳо, имтиёзҳо, иқтисод, нақлиёт, сармоягузорон, «Толибон», роҳи оҳан, марз.*

РАЗВИТИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ УЗБЕКИСТАН С ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ АФГАНИСТАН В ГУМАНИТАРНОЙ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СФЕРЕ (2014-2016)

Республика Узбекистан является одной из близких соседей Афганистана, который имеет свою особую политику в отношении этого государства. Продолжение войны в последние десятилетия является серьёзной проблемой для развития и восстановления экономики Афганистана. Несмотря на эти трудности, Республика Узбекистан всегда создавала хорошую атмосферу для сотрудничества с Афганистаном.

Цель статьи*. Транзитная Зависимость Афганистана и Центральной Азии, совместное использование природных ресурсов приводил к тому, что их экономика зависит друг от друга.*

По результатам исследования *выявлено, что двухсторонние экономические отношения Узбекистана и Афганистана содействовали особенно на развитие северных районов Афганистана. А также, инвестиции и организация рабочих мест со стороны Узбекистана является одиной из важных элементов предотвращения молодёжи из радикальных групп.*

Ключевые слова: *Центральная Азия, Узбекистан, Афганистан, транспорт, инвестиции, экономика, проекты, Талибан, железнодорожная дорога, граница.*

THE EVOLUTION OF REPUBLIC OF UZBEKISTAN'S FOREIGN POLICY TOWARDS THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN IN THE HUMANITARIAN AND ECONOMIC FIELDS (2014-2016)

The Republic of Uzbekistan is one of Afghanistan's closest neighbors and pursues a special policy towards this state. The decades-long war has been a serious problem for the development and recovery of Afghanistan's economy. Despite these difficulties, Uzbekistan has always maintained a positive atmosphere for cooperation with Afghanistan.

Purpose of the article *The transit dependency of Afghanistan and Central Asia and the joint use of natural resources has created a situation of economic interdependence.*

According to the results of the study *Bilateral economic relations between Uzbekistan and Afghanistan have especially facilitated the development of the northern regions of Afghanistan. In addition, investment and availability of jobs brought about by Uzbekistan companies is one of the important factors preventing many Afghan youth from joining radical movements.*

Key words: *Central Asia, Uzbekistan, Afganistan, projects, economy, trasport, investment, customs, railway, Taliban, borders.*

Маълумот дар бораи муаллиф:

Исматова Назрби Шириншоевна – *Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ ДДМТ, Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Рӯдакӣ, 121. Телефон: (+992) 900108975*

Сведения об авторе:

Исматова Назрби Шириншоевна – *Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, соискатель кафедры международных отношений ТНУ. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 121. Телефон: (+992) 900108975*

About the author:

Ismatova Nazrbi. Shirinshoevna – *Tajik state pedagogical University named after. S. Aini, candidate of the Department of international relations, TNU. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street, 121. Phone: 900108975*

ТДУ 9(575.32)
ТКБ 63.3 (2 тоҷикӣ)
Д-23

ДАРАҶАИ ИНЪИКОСИ ҲАЁТИ АНЪАНАВИИ АҲОЛИИ ПОМИР ДАР АСАРҲОИ МУҲАҚҚИҚОНИ РУС ДАР АСРИ XIX

Дарвозиева Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Сарсухан. Асри XIX дар таърихи Осиёи Миёна паи худро бо масъалаи рақобати Россия ва Англия дар ин минтақа гузошт, ки дар рафти он омӯзиши илмии Помир низ сар мешаад. Аз он ҷумла дар омӯзиши ҳаёти анъанавии мардуми минтақа олимони рус саҳм гузоштанд. Масъалаи таҳқиқи саҳми олимони рус дар омӯзиши Помир дар замони Шӯравӣ ба таври васеъ сар шуда, оид ба он як қатор олимони соҳа, аз қабили Б. Искандаров, Н. Акрамов, О. Бокқиев, Ҳ. Пирумшоев, Н. Давлатбеков ва дигарон асарҳои муҳимро аз нашр баровардаанд. Новобаста ба ин, масъалаи мазкур ҳоло ҳам мубрамияти худро аз даст надодааст. Дар давраи истиқлолият низ як қатор олимони соҳа оид ба масъалаи мазкур таҳқиқоти назаррасро анҷом додаанд.

Дар рафти навиштани мақолаи мазкур ба сифати заминаи назариявӣ асарҳо ва усулҳои истифодабурдаи олимони тоҷик, аз қабили Б. Искандаров, О. Боқиев, Ҳ. Пирумшоев, Н. Давлатбеков ва ғайра истифода гардиданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он мумкин дар рафти омӯзиши ҳаёти анъанавии тоҷикони Бадахшон мавриди истифода қарор гирад.

Қисми асосӣ. 6-уми августи соли 1845 дар Россия – Ҷамъияти географии рус таъсис дода шуд, ки он дар омӯзиши Помир нақши асосиро иҷро карда буд. Пас аз 3 соли таъсисёбии он мақолаи маҳаққиқ П. С. Савелев «Осиёи Миёна» аз нашр баромад, ки дар он муаллиф омӯзиши илмии Помирро ба миён мегузорад. Соли 1851 бошад П. Ф. Самарин дар асоси маводи дастраснамуда «Очерки Бадахшон»-ро менависад [8, с.189].

Дар давраи мазкур мақоми махсусро дар омӯзиши Помир географи рус Н. А. Свертсов ишғол менамояд, ки дар вақти сафарҳояш ба минтақа муайян мекунад, ки вожаи «Помир» решаи ориёӣ дорад. Барои тақвият бахшидани фикри худ ӯ менависад, ки дар ин ҷо ҳоло ҳам тоҷикони кӯҳистон ба сар мебаранд, ки мо метавонем истифодабарии зиндаи вожаи Помирро дар забонҳои қадимаашон пайдо намоем [6, с. 39-40].

Соли 1882 тавассути Балҷувон табиб ва набототшиноси рус А. Э. Регел ва топограф П. Е. Косяков ба Помир сафарбар шуданд. П. Е. Косяков бемор шуда, дар водии Ванҷ аз роҳи сафар бармегардад. А. Э. Регел бошад сафарро идома медиҳад ва чун аввалин тадқиқотчии рус бори нахуст ба Рушон ва Шуғнон мерасад [9, с. 193]. А. Э. Регел ба ҳаёти анъанавии сокинони минтақа таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, мухтасаран дар бораи язғуломиҳо ва шуғниониҳо маълумот дода, муайян менамояд, ки онҳо расму русум ва забонҳои қадимаи тоҷикиро нигоҳ доштаанд.

Дар ин давра оид ба этнографияи дарвозиҳо Г. А. Арандаренко асари худро менависад. Ӯ муайян менамояд, ки кӯҳистониҳо аз исломро пайравӣ намуда, аммо ифротгароӣ дар ҷомеаи онҳо умуман дида намешавад, ҳоло он ки дар байни сокинони водиҳо ин хусусиятҳо бараъло дида мешавад. Дар асарҳои ӯ оид ба андоз ва намудҳои он, намуди антропологӣ ва лаҳҷаҳои мардуми Дарвоз, Ванҷ ва Язгулём маълумот дода мешавад. Г. Арандаренкоро масъалаи заминкорию заминдории дарвозиҳо ба худ ҷалб намуда, мазкур инчунин оид ба савдо ва мақоми он дар ҳаёти мардуми Дарвоз низ маълумот медиҳад. Хулоса дар асарҳои Г. А. Арандаренко оид ба Дарвоз маълумоти муфассал оварда шудааст.

Ибтидои солҳои 80-ум тавассути Помир ба Шуғнон, Рушон ва Вахон экспедитсияи капитан Путята омада мерасад. Путята ва Бендерский ба омӯзиши Вахон ва Д. Л. Иванов бошад ба таҳқиқи болооби Шуғнон ва Рушон машғул мешаванд. Дар натиҷаи фаъолияти ин экспедитсия оид ба тарзи зисти тоҷикони Помир маводе ҷамъоварӣ карда шуд, ки то ҳозир ҳам қимати илмии худро гум накардааст.

Д. Л. Иванов муайян мекунад, ки дар Помир намояндагони ду нажод: ориёӣ – тоҷикон ва муғулӣ – қирғизҳо зиндагӣ мекунанд. Ӯ қайд менамояд, ки дар вақти вохӯрӣ бо тоҷикони Помир ҳис мекунед, ки дар пеши шумо намояндаи тозатарини нажоди ориёӣ намудор мешавад, ки ба фарҳанг бисёр дилбастагӣ дорад [6, с. 48].

Ӯ ҷамъияти кӯҳистониёнро бо диққат мушоҳида намуда, менависад, ки дар ин гӯшаи дури ҷаҳони ислом занҳо комилан озод буда, фаранҷӣ намепӯшанд. Инчунин ӯ менависад, ки мақоми зан дар ҷамъияти тоҷикони Помир баланд буда, дар тақсимоти меҳнатӣ низ ба он эътибор дода мешавад. Дар байни қирғизҳо бошад баръакс, зан аз рӯзи таваллуд то мурдан ба меҳнати вазнин

машғул буда, аз ин ранҷи зиёд мекашад [6, с. 48].

Идҳо ва маросимҳои хурсандии кӯҳистониён низ аз мадди ин сайёҳ дур намондаанд. Ӯ қайд менамояд, ки тоҷикон идҳои зиёдро ҷашнӣ доранд.

Ин олими нуқтасанҷро сурудҳо ва оҳангҳои рушониён ба худ бисёр ҷалб карда, ӯ оҳанги онҳоро ба серенадаҳои италянӣ монанд донистааст. Чун олими мазкур аз Рушон ва Шуғнон дидан карда буд, забонҳои рушонӣ ва шуғниниро низ таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки ин забонҳои қадимаи тоҷикон буда, чӣ хеле, ки забони русӣ аз малорусӣ (украинӣ) фарқ дорад ҳамин тариқ онҳо аз форсии тоҷикии ҳозира фарқ доранд. Калимаҳои тозаи ин ду забон бошад аз ҷиҳати сохти худ ба калимаҳои русӣ, англисӣ, италянӣ ва ғайра монанд мебошанд [4, с. 155; 6, с. 49].

Чуноне ки мо қайд кардем дар ин вақт Путята тадқиқоти худро дар дигар минтақаи Помир идома медод. Ӯ сараввал оид ба тоҷикони сарикулӣ мавод ҷамъ намуда, маълумоти нодирро пешкаши ҳаводорони мардумшиносии Помир менамояд. Сонӣ муаллиф оид ба этнографияи Вахон муфассал маълумот медиҳад. Путята менависад, ки дар Вахон замин ниҳоят ҳосилхез аст, киштукор аз апрел оғоз меёбад ва ҳосилғундорӣ дар моҳи август шурӯъ мешавад. Тоҷикони Вахон гандум, чошч, лашак, мош, раванд ва ғайраро мекоранд [6, с. 54].

Тибқи мушоҳидаи ӯ олоти заминдорӣ аз омочи содда иборат буда, барои дарав доси маҳаллӣ истифода бурда мешавад. Заминро занҳо тоза мекунанд, онҳо инчунин тамоми корҳои хонаро иҷро мекунанд. Мардҳо бошанд ба шикор ва чарондани ҳайвонот машғул мебошанд. Ҳайвонҳои хонагӣ аз қутос (бо забони рушонӣ *хаҳгов*. – Д. Ҳ.), гов, гӯсфандон, асп ва хар иборат мебошад. Андозаи ҳайвони калони шохдор хеле бузург буда, гӯсфандон зоти майда доранд, аммо думбаашон калон ва барои матоъбофӣ пашми нағз медиҳанд. Путята қайд менамояд, ки аз рӯи намуди зоҳирии худ тоҷикони вахонӣ ба тоҷикони сарикулӣ монанд мебошанд. Гарчанде онҳо забони алоҳидаи худро доранд ҳам, аммо дар баробари ин бо забони форсӣ хуб балад мебошанд. Аз ҷиҳати антропологӣ мардуми Вахон ниҳоят зебо мебошанд. Мардон дар сар тоқӣ мемонанд, занҳо бошад аз болои тоқӣ рӯймол мемонанд. Мардуми ин ҷойҳо либоси махсуси ба маҳал хосро мепӯшанд, ки худашон тайёр мекунанд. Ба хулосаи Путята мардуми Вахон аз ҷиҳати синну сол ҳамдигарро бисёр олӣ эҳтиром менамоянд. Дар вақти вохӯрӣ хурдсолон дасти аз худ калонсолро гирифта мебӯсанд [6].

Дар бораи ҳаёти анъанавии сокинони Помир маводи зиёд дар асарҳои полковник Б. Л. Громбчевский низ ҷой доранд. Ӯ ба мардуми Дарвоз таваҷҷӯҳ намуда, қайд менамояд, ки онҳо ориёӣ буда, симоашон ниҳоят зебо мебошад. Мазкур инчунин оид ба хонаҳои дуошёнаи Дарвоз маълумот додааст. Тарзи либоси мардуми Дарвозро низ муаллиф нишон додааст, ки аз либосҳои дигар тоҷикони Бадахшон фарқияти ҷиддӣ надоранд. Тибқи мушоҳидаи ӯ дарвозиҳо тобистон бо як куртаи сафед мегарданд, дар по чоруқ, дар сар токии сурх ё сала мебанданд. Занҳо низ мисли занҳои Рушон, Шуғнон ва Вахон озод буда, дар ҷамъият рӯи худро пинҳон намедоранд [1].

Инчунин маводҳои ҷолиби диққатро Громбчевский оид ба мардуми Ванҷ ва Язгулём ҷамъоварӣ намудааст. Аз ҷумла ӯ оид ба коркарди оҳан дар Ванҷ маълумот додааст [1].

Оид ба этнографияи Рушон бошад маводи ҷамъкардаи капитан С. П. Ванновский қимати аввалиндараҷа доранд. Ӯ соли 1893 ба Рушону Дарвоз сафарбар мешавад ва оид ба таасуроти сафараш ҳисоботи муфассалро нашр менамояд. Ӯ низ зикр кардааст, ки дар Рушон – намояндагони аҳолии таҳҷоии Осиёи Миёна тоҷикон зиндагӣ карда, пайрави мазҳаби ҳазрати Алӣ мебошанд ва барои ҳамин худро тоҷикони пайрави Алӣ меноманд [6, с. 69].

Тибқи мушоҳидаи ӯ мардуми Рушон бо як лаҳҷаи забони форсӣ (забони рушонӣ) ҳарф мезананд. Ванновский оид ба мавҷуд будани мактабҳо низ дар Рушон маълумот додааст [5].

Аз мадди назари ӯ намуд ва тарзи либосҳои рушониён низ дур намондааст. Ӯ баён доштааст, ки рушонӣ куртаро мепӯшад, дар сар тоқӣ, болои курта гилими пашмин пушида, зимистон пӯстинро ба бар менамояд. Ба ғайр аз тоқӣ дар сар ягон чиз намепӯшад. Либосҳои занона низ қариб ҳамин хел буда, танҳо ба ҷои гилими кушода, занҳо куртаҳои дароз мепӯшанд.

Муҳаққиқ менигорад, ки аз рӯи характер рушонӣ софдил, адолатпарвар, поквиҷдон ва меҳнатдӯст мебошад, занҳои Рушон бо ахлоқи бисёр намунавии худ аз дигарон фарқ мекунанд [5; 6, с. 72]. Ин сайёҳро ҳунари волои санъати мусиқии рушониён низ бетараф нагузоштааст. Ба қавли ӯ рушониён дилхушии худро тавассути рақсу мусиқӣ ва гӯштингирӣ паси сар менамоянд.

Дар бораи хоҷагидории мардуми Рушон муаллиф менависад, ки онҳо низ мисли дигар тоҷикони Помир бо кишоварзӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ машғул мебошанд. Тамоми таъминоти хонаводаро истеҳсолоти худӣ таъмин мекунад. Рушониҳо худашон либос ва дигар намуди барои зиндагӣ заруриро тайёр менамоянд.

Дар охири асри XIX дар омӯзиши этнографияи Бадахшон нақши А. Г. Серебренников хеле калон аст. Ӯ дар якчанд асараш тамоми паҳлӯҳои ҳаёти кӯҳистониёнро ҷой додаст. Ӯ аз нуқтаи антропологӣ хулоса мебарорад, ки дар хуни тоҷикони Помир умуман унсурҳои турию муғулӣ ҷой надорад [6, с. 77]. Онҳо ниҳоят зебо ва заҳматкаш мебошанд. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки тамоми заминҳои корами тоҷикон обӣ буда, аз пору ҳамчун неру барои ҳосилхезӣ истифода менамоянд.

Тавассути омочи чӯбин бо ҷуфти барзагов заминро шудгор намуда, барои дарави ҳосил досро истифода менамоянд ва кишоварзони соҳили дарёи Панҷ ҳосили хуб ба даст меоваранд. Ӯ инчунин оид ба ченакҳои вазни кӯҳистониён низ маълумот медиҳад.

Дар асарҳои ӯ оид ба боғдорию чорводории тоҷикони Помир ҳам маводи зиёд гирд оварда шудааст. Мазкур зикр кардааст, ки дар Помир ҳунари матоъбофӣ, кулолгарӣ, коркарди пӯст ва боруттайёркунӣ рушд ёфтааст.

Мисли дигар олимони рус ӯ низ зикр намудааст, ки ба ҳунари кулолгарӣ бисёртар занҳо машғул мебошанд ва ҳунари волои онҳоро ниҳоят қадр мекунад.

Фарҳанги маънавии кӯҳистониёнро қайд карда менависад, ки кӯдакон ба таҳсил аз синни 8-12 солагӣ фаро гирифта мешаванд ва синни никоҳӣ аз 15 солагӣ муқаррар шудааст, дар баробари ин занҳо узви комилҳуқуқи оила ҳисоб мешаванд. Либос ва пойафзоли тоҷикони кӯҳистонро низ ӯ иньикос намудааст. Ӯ сохти хонаҳои Бадахшонро ба қалам додааст.

А. Г. Серебреников дар омӯзиши мусиқии мардуми Помир низ саҳм дорад. Ӯ менависад, ки кӯҳистониён ҳаёти худро бо мусиқӣ ва суруду рақс дилпазир менамоянд. Баҳона барои ин тӯй ва рӯзҳои ид мегарданд.

Ӯ ҳам мисли Путята қайд менамояд, ки дар вақти вохӯрӣ бо ҳамдигар хурдсолон дасти калонро гирифта, бӯса мекунанд, ки ин аз ҳурмат кардани калонсолон шаҳодат медиҳад. А. Г. Серебренников муфассал оид ба масъалаҳои эътиқоди мардуми Помир маълумот додааст, ки мақоми руҳониёнро дар ҷамъият қадрдонӣ намудааст. Ахлоқи тоҷикони Помирро ниҳоят олидараҷа баён намуда, менигорад, ки дар ин ҷо ҷиноятҳои ба монанди куштор, дуздӣ, мақсаднок набуда, тасоддуфан ба миён меоянд ва ҷазо барои он хеле сахт таъин карда мешавад, хиёнати зану шавҳар ба ҳамдигар ба назар дида намерасад ва наслкушӣ бошад умуман ба мардум маълум нест, ҳатто калонсолон ҳам оид ба он тасаввурот надоранд. Дар масъалаи нӯшидани шароб ӯ мегӯяд, ки дар байни мардуми Помир он мушоҳида намешавад [6, с. 82].

Тобистони соли 1898 ба Помир эъзомия дар ҳайати А. Бобринской, Н.Богоявленский, А.А. Семёнов фиристонда шуда, дар натиҷаи ин экспедитсия оид ба намуди гулдузӣ ва ҷуроббофии тоҷикони кӯҳистон, оид ба ҳунари оҳангарии ин минтақа маълумот медиҳанд.

Баъзе маводҳо оид ба этнографияи Дарвоз дар асарҳои Липский ҷой дода шудааст. Ӯ тозагии кӯҳистониёнро ҳамду сано гуфта, дар қиёс бо дигар қисматҳои Осиёи Миёна онро болотар гузоштааст. Мазкур инчунин оид ба зироаткорӣ ва асосан намудҳои растаниҳои киштбоб, ки дарвозиҳо мекоранд маълумот оварда, аз инъикоси дигар паҳлуҳои мардумшиносии Бадахшон худдорӣ кардааст [6, с.91].

Хулоса, ҳамин тариқ, асри XIX дар таърихи Осиёи Миёна паи худро бо масъалаи рақобати Россия ва Англия дар ин минтақа гузошт, ки дар рафти он омӯзиши илмии Помир низ сар шуд. Аз ҷумла дар омӯзиши ҳаёти анъанавии мардуми минтақа олимони рус саҳм гузоштанд. Мутахассисони тоинқилобии рус ба омӯзиши мақсадноки минтақа шурӯъ намуда, маводи гаронбаҳоро барои доираҳои илмии Россия ва ҷаҳон ҷамъоварӣ кардаанд.

АДАБИЁТ

1. Акрамов Н. М. Вопросы истории археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах / Б. Л. Громбчевского. - Душанбе, 1974. – 131 с.
2. Бобринской А. А. Орнамент горных таджиков Дарваза (Нагорная Бухара). / А. А. Бобринской - М., 1900. – 60 с.
3. Богоявленский Н. В. В верховьях р. Аму - Дарьи (Долины р. Хингоу и Ванджа) // Землевладение. Книга I – II. СПб., 1901. С. 1 – 26.
4. Иванов Д. Л. Путешествие на Памир // Известия Императорского Русского географического общества. Т. XX. СПб., 1884. С. 209 – 252.
5. Ванновский. Извлечение из отчёта капитана Ванновского о поездке в Рушане и Дарвазе // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск LVI. СПб., 1894. С. 73 – 125.
6. Сайнаков С. П. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучении этнографии Горного Бадахшана (Памира). Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук. Душанбе, 2015. – 206 с.
7. Таджикистан в трудах дореволюционных русских исследователей (вторая половина XIX – начало XX в.). Душанбе, 1990. – 304 с.

УРОВЕНЬ ОТРАЖЕНИЯ ТРАДИЦИОННОЙ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ ПАМИРА В ТРУДАХ РУССКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ XIX ВЕКА

В данной статье автор рассматривает основные вопросы традиционной жизни таджиков Памира в трудах русских дореволюционных исследователей. Вклад российских ученых в изучение традиционного быта таджиков Бадахшана огромен. Благодаря их усилиям, в короткие сроки научному сообществу стали доступны многие научные материалы о традиционной жизни таджиков Бадахшана. Российские исследователи установили, что жители Памира сохранили древние таджикские обычаи и языки. Русские дореволюционные ученые целенаправленно изучали и

писали о быте народа, культуре, обычаях и традициях.

Цель статьи: *исследование проблем и роль русских дореволюционных исследователей в изучении традиционной жизни таджиков Памира.*

По результатам исследования *выявлено, что русские дореволюционные исследователи внесли огромный вклад в изучение традиционного быта таджиков Бадахшана, они целенаправленно изучали и писали о быте народа, культуре, обычаях и традициях.*

Ключевые слова: *Памир, ученые, культура, обычаи, традиции, справедливость, честность, наука, исследования.*

REFLECTION LEVEL OF TRADITIONAL LIFE POPULATION OF PAMIR IN THE WORKS OF RUSSIAN RESEARCHERS OF THE XIX CENTURY

In this article, the author considers the level of reflection of the traditional life of the Pamir Tajiks in the works of Russian pre-revolutionary researchers. The contribution of Russian scientists to the study of the traditional life of the Tajiks of Badakhshan is enormous. Thanks to their efforts, many scientific materials about the traditional life of the Tajiks of Badakhshan became available to the scientific community in a short time. Russian researchers have established that the inhabitants of the Pamirs have preserved ancient Tajik customs and languages. Russian pre-revolutionary scientists purposefully studied and wrote about the life of the people, culture, customs and traditions.

The purpose of the article: *to study the role of Russian pre-revolutionary researchers in the study of the traditional life of the Pamir Tajiks.*

According to the results *of the study, it was revealed that Russian pre-revolutionary researchers made a huge contribution to the study of the traditional life of the Tajiks of Badakhshan, they purposefully studied and wrote about the life of the people, culture, customs and traditions.*

Key words: *Pamir, scientists, culture, customs, traditions, justice, honesty, science, research.*

Сведения об авторе:

Дарвозиева Ханифа *- соискатель кафедры всеобщей истории и международных отношений Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел .: (+992) 938061993*

About the author:

Darvozieva Hanifa *- Applicant for the Department of General History and International Relations of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Phone: (+992) 938061993.*

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПЕРВЫХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ТЕАТРОВ В Г. ДУШАНБЕ В 1929-1941 гг.

Исломов Ф.Ш.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни.

Введение.Одной из важнейших видов культуры являлся театр. По праву можно считать, что именно театр является одним из древнейших оплотов человеческой культуры и неотделимой частью развитого общества.

Для изучения истории образования и развития первых профессиональных театров в городе Душанбе и в целом в Таджикистане свой огромный вклад внес отечественный исследователь доктор искусствоведения, профессор, заслуженный деятель искусств Республики Таджикистан Н. Нурджанов. В трудах названного автора прослеживается не только формирование первых профессиональных театров в городе, а также история традиционно-народного театра. В своем труде «Традиционный театр таджиков» [7, с.357] Н. Нурджанов прежде всего опираясь на письменные источники и архивные материалы доказал, что у таджиков испокон веков существовал традиционный театр. Кроме выше сказанного в других фундаментальных работ автора прослеживается история развития театрального искусства в Республике в Советский период.

Основная часть. Становление и развитие первых профессиональных театров в г. Душанбе было образовано после образование Таджикской ССР так, как нам известно, что до установления и упрочнения Советской власти на территории нынешнего Таджикистана не существовали профессиональные театры. Таджикский профессиональный театр становился и вырос в период Таджикской ССР, во многом благодаря деятельности первых профессиональных представителей данного искусства. Важно отметить, что довоенные годы на территории Таджикской ССР, а именно в г. Душанбе были образованы первые профессиональные театры.

Несмотря на отсутствие профессиональных театров до 7 ноября 1929 г. на территории нынешнего Таджикистана как отметил, Н. Нурджанов первичные элементы театра наблюдаются в старинных обрядах и древних обличиях, праздниках, играх и плясках таджикского народа [7, с.10].

Из выше изложенного следует подытожить, что таджикский народный театр имеет многовековую историю и традицию. В дореволюционном периоде в Восточной Бухаре, несмотря на отсутствие профессиональных театров, существовали, традиционные театры. Свои представление артисты народного театра разыгрывали главным образом на новогодних праздниках и больших гуляньях, а также на больших свадьбах и семейных торжествах [8, с. 17]. Важно отметить, что в этом периоде существовали целый ряд народных-развлечений которые проводились в основном в весенний период времени года. Они были связаны непосредственно, с таджикскими народными праздниками, такие как; нарвуз, мехргон, сада [9, с.25-26].

Также, важно отметить, что на территории дореволюционного Таджикистана один из популярных видов народного театра являлся кукольный театр. Как пишет Н. Нурджанов, к сожалению, время зарождение кукольного театра на сегодняшний день трудно определить. Свои представление кукольные театры также разыгрывали в народных гуляниях и новогодних праздниках.

Следует отметить, что труппа кукольного театра состояла из несколько человек, барабанщика, трубача, кукольника, игрока камнями и дойриста [12, с.35].

Таким образом, во второй половине 20-х гг. прошлого столетия были образованы кружки художественной самодеятельности которые можно считать, основой будущего таджикского профессионального театра. В 1927 г. в Душанбе по инициативе писателя Х. Каримова был создан музыкально-драматический кружок художественной самодеятельности [15, с. 30]. Он выступал с концертными программами и маленькими пьесами перед бойцами красной армии и местным населением. Непосредственным влиянием этого кружка в начале 1928 года создается национальный кружок художественной самодеятельности при совпартшколе (школа для подготовки партийных и советских работников). Помимо слушателей партийной школы, в нем участвовали учащиеся педагогического техникума и несколько демобилизованных красноармейцев — всего около 20 человек. Кроме концертных номеров, кружок поставил в течение 1928—1929 годов. Кружковцы выступали перед рабочими хлопкоочистительного завода, красноармейцами таджикского батальона, перед учащимися курсов выдвиженцев и в Доме дехканина перед населением города [16, с. 152].

В 1927 году имелся единственный кружок художественной самодеятельности, а через 7 лет, по инициативе городской комсомольской организации, в Душанбе, рабочая и учащаяся молодежь провела первый общегородской смотр «художественно-самодеятельных искусств». Профессиональные артисты активно участвовали в подготовке к смотру: руководили кружками, проводили консультации и помогали в оформлении декораций. На городском смотре, проходившем в помещении театра имени Лахути, участвовало более 200 человек, продемонстрировавших свое драматическое, вокальное и музыкальное искусство. Самодеятельные кружки заложили фундамент для дальнейшего образования первого профессионального таджикского театра. Следует подчеркнуть, что они вырастили первых кадров, актеров, таких как; Г. Бакаева, С. Туйбаева, Л. Латипова, Ф. Исматова, У Салимова, М. Холматова, Т. Таджибаева и др. [17, с.161] которые внесли огромный вклад в развитие театрального искусства в Советском Таджикистане.

Для организации первого профессионального театра в г. Душанбе был приглашен из Государственного узбекского театра им. Хамзы, таджик- Х. Махмудов окончивший в 1927 г. в Москве узбекскую театральную студию при Бухарском доме просвещения. Труппа была оформлена в 1929 г. Первоначально в него вошли 7 человек; два актера, две актрисы, два музыканта и режиссер организатор театра Х. Махмудов, он же был директором. [8, с.17]. В труппе участвовали также участники нескольких самодеятельных театральных кружков. До образования Государственного театра им. Лахути, коллектив под руководством Х. Махмудова поставили несколько пьес таджикских авторов, в число которых вошли: «Ишан-Обманщик», «Новая жизнь» Т. Самади, «Навруз и Гульчехра» А. Аминхзода, «Последний тиран» М. Юсуфбекова в которых отчетливо прослеживается трудная и бедная жизнь таджикского народа в дореволюционный период. Следует отметить, что выше упомянутые театральные спектакли имели агитационно-пропагандистский характер, идеи новой жизни и театральные постановление в основном были посвящены таким темами как; борьба угнетённых народов Средней Азии против старого режима, установление и упрочение Советской власти [8, с.36].

Первый таджикский профессиональный театр — драматический театр имени Лахути — образовался на базе Дома дехканина, здесь, где еще в 1927 году выступал с пением таджикских песен гафиз Гулям-Риза-Бахор. [10, с. 5-6; 6, с. 200]. В 1928 году Главполитпросвет (Главный политико-просветительный комитет) Наркомата просвещении зачислил Бахора в штат Дома дехканина. С 1928 года здесь началась регулярная демонстрация кинофильмов. Перед началом сеансов Гулям-Риза-Бахор и его товарищи исполняли песни и танцы. Фактически Бахор и явился первым профессиональным артистом Таджикистана [16, с.153].

Первый таджикский профессиональный театр, Таджикский академический театр имени А.

Лахути, было образовано 7 ноября 1929 года в г. Душанбе. В тот же день состоялось первое представление Таджикского государственного театра. Своего помещения театр еще не имел, и поэтому ему предоставили для выступлений здание Дома дехканина со зрительным залом, рассчитанным - на 470 мест.

Как отмечено выше, для развития театрального искусства внес свой весомый вклад режиссер Х. Махмудов, возглавивший молодой творческий коллектив. Небольшие пьески для театра писал местный драматург-любитель, комиссар Таджикского горнострелкового батальона Юсуфбеков. Основная трудность в деятельности и развитие театрального искусства в эти годы заключалось в нехватке артистов и по этой причине играть приходилось людям, до этого совершенно незнакомым со сценой. Ныне народный артист Таджикской ССР А. Бурханов, работавший в тот период в аппарате Народного комиссариата просвещения, пришел в коллектив театра только из-за острой нужды в артистических кадрах [16, с. 154].

Другая проблема, которая сильно тормозила работу театра заключалась в отсутствии таджикского национального репертуара. Поэтому Главполитпросвет Таджикской ССР постановил срочно приступить к переводу на таджикский язык пьес на современную тематику, а также объявил конкурс на пьесу, построенную на местном материале.

31 января 1931 года, состоялась премьера первой в таджикском театре многоактной постановки, драмы узбекского драматурга К. Яшина «Два коммуниста». В пьесе разоблачалась антинародная, предательская сущность буржуазного национализма, показывалась его связь с контрреволюционными силами. Главную роль в пьесе играл М. Касымов, в последствие народный артист СССР.

В том же году театр обращается к русской советской драматургии. 28 марта состоялась премьера пьесы «Мятеж» Д. Фурманова и Н. О. Поливанова по материалам одноименного романа Д. Фурманова.

Премьера первой удачной написанной таджикской пьесы («Муборизa») «Борьба», состоялась в марте 1933 –посвященной борьбе за установление Советской власти. Автором пьесы являлся заведующий литературной частью и актер гостеатра А. Усманов, поставил пьесу режиссер С. Саидмурадов. Пьеса шла с 1933 по 1937 год и выдержала 73 представления. [16, с. 157-158].

Государственный театр им. А. Лахути актерский состав на 1929-1934 гг. [5, Л. 50].

Год	**Актеров**	**Музыкантов**
1929	7	3
1930	12	6
1931	31	12
1932	38	Нет данных
1933	41	Нет данных
1934	44	18

Также, следует отметить что, уже к началу 1936 г. театр имеет уже 20 актрис, 42 актеров и 13 музыкантов, из низ 37 таджикской национальности, 12 узбеков и 13 остальных национальностей. [5, Л. 50].

Работа театра характеризируется следующими показателями в 1931-1934 гг. [5, Л. 60].

Год	**Доход за год (руб.)**	**Посещаемость за год**	**Количество постановок**	**Средняя посещаемость**	**Средний сбор (руб.)**
1931	47.085	19.875	55	387	856
1932	68.469	16.800	62	273	1.073
1933	81.700	19.877	72	276	1.136
1934	134.600	25.300	132	335	1.023
1935	157.281	38.777	137	365	1.145

Данная статистика отчетливо показывает и рост посещаемости население из года в год и рост постановок театра в 30-е годы увеличивалась, что не могло не внести свой вклад в поднятие уровня культуры населения города в довоенные годы.

Таким образом, в 1935 г. кроме первого профессионального театра в городе Душанбе был создан Таджикский музыкальный театр, который в свою очередь впоследствии преобразованный в Таджикский театр оперы и балета (ныне Театр оперы и балета им. С. Айни). В 1937 г. в городе на базе Московской студии, руководимой А. Д. Диким, открылся Русский драматический театр [1, с.92]. Следует подчеркнуть, что выше упомянутые театры непосредственно сыграли громадную роль для образования новых профессиональных театров в городе.

Как нами было отмечено выше образовался в 1937 г. в столице Таджикистана Государственный русский драматический театр [15, с. 34]. В основном коллектив театра и составили выпускники Московского театра-студии в число которых вошли Н. Н. Волчков, Г. П. Менглет, Е. Д. Чистова, Г.Д. Степанова, В. Я. Ланге и другие. В довоенный период театр осуществил постановку нескольких

пьес знаменитого советского писателя А.Н. Островского такие как: «Волки и овцы», «Бесприданница», «Бедность не порок», «Женитьба Белугина», «Лес», «Без вины виноватые», а также пьес «На дне» М. Горького, «Разлом» Б. Лавренева, «Пограничники» В. Билль-Белоцерковского, «Земля» Н. Вирты и др. Кроме названых представлений в эти годы была показана зарубежная классика: «Ромео и Джульетта» В. Шекспира и «Похищение Елены» Вернейля [2, с. 731].

Первому национально таджикскому театру в июле 1933 г. было присвоено имя прославленного поэта А. Лахути [15, с. 34]. В 1939 г. театр праздновал свой десятилетний юбилей. По этому случаю ему было присвоено звание академического, а художественный руководитель театра Е. И. Мительман и композитор С. А. Баласанян были удостоены звания заслуженного деятеля искусств Таджикской ССР, актеры А. Бурханов и В. Зияев – звания заслуженного артиста республики. [4] .В 1939 г. театр поставил знаменитый спектакль «Шодмон» Дж. Икрами [11, с. 28] пьеса была посвящена современной жизни советского общества в 30- гг.

В 1938 г. в Душанбе был организован Республиканский театр кукол, с таджикской и русской секциями. С началом Великой Отечественной войны эти коллективы распались. Позже кукольный театр был организован в Чкаловске, (ныне г. Бустон) а затем и в Душанбе [1, с. 94].

Следует отметить, что важнейшую роль в развитие театрального искусства в республики в целом, и в городе частности сыграла создание таджикского театра оперы и балета. Указом Верховного Совета Таджикской ССР от 13 декабря 1940 г. таджикский музыкальный театр переименовался в Таджикский государственный театр оперы и балета [3, с. 350-351].

В годы Великой Отечественной войны театры столицы поставили спектакли по пьесам: Дж. Икрами и А. Файко «Сердце матери» (1942), [11, с. 26], «Дом Надира» (1943), [11, с. 28] пьесы С. Улугзаде «В огне» (1944), [8, с. 101] С. Баласаняна и З. Шахиди «Розия» (пьеса Е. Акубжанова и Н. Зелеранского, 1942), «Песня гнева» С. А. Баласаняна (1942), «Фронт» А. Корнейчука, «Нашествие» Л. Монова, «Надежда Дурова» К. Липскерова и А. Кочетова и др. [10, с. 40]. Следует отметить, что свою пьесу С. Улугзода написал по горячим следам войны, так как являлся непосредственным свидетелем тех событий и участником Великой Отечественной войны.

Несмотря на те трудные годы в республике (связанные с началом Великой Отечественной войны (1941 г.) не прекращалась работа по строительству здания театра Оперы и балета имени Садриддина Айни. Таким образом, 17 февраля 1942 г. было окончено строительства нового роскошного многоэтажного здания театра [14]. Первые спектакли на новом театре планировали поставить оперные сцены заслуженного культурного деятеля С. Балясаняна «Коваи оҳангар» «Кузнец Кова» [13], в опере С. Баласаняна было показано мужество и героизм Ковы и его сыновей против несправедливого и кровожадного правителя. Названная оперная сцена была необходима в те годы для поднятие, боевого духа Советского общества в годы Великой отечественной войны.

Заключение, в заключение следует отметить, что самодеятельные кружки заложили фундамент для дальнейшего образования первого профессионального таджикского театра. Образование первого профессионального театра в городе, в 1929 г., стал важным событием в республике в целом в г. Душанбе в частности. Таджикский драматический театр им. А. Лохути способствовал образованием других профессиональных театров в городе. Дружба и сотрудничества таджикских и русских артистов способствовала творческому росту отечественных артистов. Первые артисты театра в республики такие как: Г. Бакаева, С. Туйбаева, Л. Латипова, Ф. Исматова, У Салимова, М. Холматова, Т. Таджибаева и другие несомненно внесли огромный вклад в развитие театрального искусства в Таджикистане.

ЛИТЕРАТУРА

1. Душанбе Энциклопедия. // Под. ред. Курбанова А. К. Душанбе. 2004.- 590. с.
2. История таджикского народа. Том V. / Под. ред. Р.М. Масова.– Душанбе, – 2001. – 829 с.
3. Из истории культурного строительства в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1972. – Т.2. – 470 с.
4. Коммунист Таджикистана – 1940, 3 января.
5. Материалы к брошюры посвященной 15- литией годовщины Советской власти в Таджикской ССР. ЦГА.РТ. Ф.18. Оп. 1. Д. 1540. Л. 59.
6. Набиев В.М. Роль художественной интеллигенции Российской Федерации в становления развития таджикского профессионального театра и киноискусства (30-е – начало 40-х гг. XX вв.). // Вклад российской науки в изучения уникального историко-культурного и природного богатства Таджикистан. – Худжанд.- 2019. – 373 с.
7. Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков.- Т.1.- / Н. Нурджанов.- Душанбе, 2002.- 357 с.
8. Нурджанов Н. Таджикский театр / Н. Нурджанов.- М.: Искусства, 1968.- 259 с.
9. Нурджанов Н. Таджикский народный театр / Н. Нурджанов.- М., 1956.- 338 с.
10. Нурджанов Н. Ним асри пурсамар / Н. Нурджанов. - Душанбе: Ирфон, 1980.- 110 с.
11. Нурджанов Н. История таджикского советского театра (1941-1957 гг.) / Н. Нурджанов. – Душанбе: Дониш, 1990.- 408 с.

12. Расулов К. История культуры таджикского народа в первой четверти XX века: дисс. … на. соиск. учен. степ. док. ист. наук / К. Расулов.- Душанбе, 2010.- 41 с.
13. Тоҷикистони сурх – 1942, 18 февраля.
14. Тоҷикистони сурх – 1942, 19 февраля.
15. Усмонов А. Становление и развитие Таджикской Советской культуры (1917-1991 гг.): автореф. дисс. … на. соиск. учен. степ. док. ист. наук / А. Усмонов. – Душанбе, 2018. – 51 с.
16. Хасанов А. Душанбе – столица Таджикской ССР (исторический очерк) / А. Хасанов, А. Вишневский.- Душанбе: Таджикгосиздат, 1959.- 350с.
17. Шукуров М. История культурной жизни советского Таджикистана / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1970.- 493 с.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПЕРВЫХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ТЕАТРОВ В Г. ДУШАНБЕ В ПРЕДВОЕННЫЕ ГОДЫ (1929-1941)

В данной статье автор, прежде всего опираясь на труды известного отечественного исследователя Н. Нурджанова и другие научные труды посвященные данной теме, а также архивные источники исследует историю становления и развития первых профессиональных театров в городе Душанбе, а также роль самодеятельных художественных кружков и первых профессиональных театральных артистов в развитии театрального искусства в городе Душанбе и в Таджикской ССР в целом.

Ключевые слова: *Таджикистан, Советский Союз, Душанбе, Сталинабад, город, столица, Таджикский театр, артист, режиссер, развитие, искусство, культура, пьеса, спектакль.*

THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE FIRST PROFESSIONAL THEATERS IN DUSHANBE IN THE PRE-WAR YEARS (1929-1941)

In this article, author, first of all, relying on the works of the famous folk art critic N. Nurjanov and other scientific works devoted to this topic, explores the history of the formation and development of the first professional theaters in the city of Dushanbe, as well as the role of amateur art circles and the first professional theater artists in the development of theatrical art in the city of Dushanbe in particular and in the Tajik SSR as a whole

Keywords*: Tajikistan, Soviet Union, Dushanbe, Stalinabad, city, capital, Tajik theater, artist, director, development, art, the culture, play.*

Сведения об авторе:

Исломов Фахриддин Шамсиддинович *- ассистент кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. E-mail: fahriddinislomov195@gmail.com, Тел: (+992) 902103222.*

About the author:

Islomov Fakhriddin Shamsiddinovich *- teacher of the historical department of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. E-mail: fahriddinislomov195@gmail.com. Phone: (+992) 902103222.*

ТДУ 9:801.311 (575.3 – 25)

АЗ ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ТОПОНИМИКАИ ТАЪРИХӢ – ҶУҒРОФӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Сафаров С.Қ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Сарсухан. Аксари топонимшиносони рус ва тоҷик бар он ақидаанд, ки давраи рушд ва ташаккули илми топонимика пас аз Инқилоби Октябр яъне ба давраи Ҳукумати Шуравӣ рост меояд. Дарвоқеъ миллати тоҷик то ташкилёбии Ҳукумати Шуравӣ мутахассиси соҳаи топонимика надошт. Пас аз он ки Тоҷикистон ба ҳайати Ҳукумати Шӯравӣ шомил гашт, олимони рус, махсусан топонимшиносон, ба инҷо омаданд ва якҷо бо олимони ҷавони тоҷикистонӣ кору фаъолияти худро роҷеъ ба топонимикаи тоҷик шурӯъ карданд. Қобил ба қайд аст, ки дар пешрафти илми топонимикаи ҳам рус ва ҳам тоҷик саҳми олимони даврони Шӯравӣ Э.М.Мурзаев, А.Л.Хромов, В.А.Жучкин, А.В.Суперанская хеле зиёд аст. Махсусан, топонимшинос А.Л.Хромов доир ба топонимикаи водии Яғноб, Болооби Зарафшон ва дигар минтақаҳои шимоли Тоҷикистони Шӯравӣ тадқиқотҳои илмӣ – топонимикӣ анҷом дода, роҷеъ ба ҳар як мавзеъҳои он маълумоти пурқиммати илмӣ додааст. Тадқиқотҳои бунёдии мазкур «Топонимияи суғдии Болооби Зарафшон», «Тадқиқи таърихӣ – забонии Яғноб ва Зарафшони Боло», «Очеркҳо оид ба топонимия ва микротопонимияи Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад.

Қисмати асосӣ. Топонимика – аз калимаи юнонии топос – маҳал, макон, ҷой ва онийма ном гирифта шуда, як ҷузъи ономастика, ки таърихи шароити пайдоиш, инкишоф, маънову мундариҷа ва макони интишори номҳои географӣ (топонимҳо) – ро меомӯзад. Маҷмуи номҳои ҷуғрофии ин ё он маҳал топоними он мебошад[3, с.7].

Чӣ гунае ки аз сатрҳои боло маълум шуд топонимика илм дар бораи мавзеъ, ҷой ва ном гирифта шуда, як қисмати ономастика (яъне илм дар бораи номшиносӣ) мебошад. Маҳз ба воситаи илми топонимика мо метавонем таърихи пайдоиши номи маҳал, кӯча, шаҳр, ноҳия ва дигар минтақаи хешро омӯзем. Натанҳо омӯзиши номи маҳал, деҳа, шаҳр балки омӯзиши номҳои кӯҳҳо, баҳрҳо, дарёҳо, кӯлҳо, рӯдҳо ва амсоли инҳоро ба таври воқеӣ омӯзем.

Маврид ба зикр аст, ки топонимшиносон илми топонимикаро вобаста ба хусусияти объектҳо ба қисмҳо ҷудо карданд, ки ҳар кадом аз қисматҳои он як самти хосси омӯзиши худро дорад. Дар ин бора назар меафканем ба Энсиклопедияи советии тоҷик, ки чунин оварда шудааст:

«Барои ишораи номи маҳалҳои калон истилоҳи «Макротопоним» (макро - калон) барои номи маҳалҳои хурд «Микротопоним» (микро - хурд) –ро истифода мебаранд. Топонимика ба ҷузъҳои дигар гидронимика (илмест оид ба объектҳои табиӣ ва сунъии об), космонимика (илмест, ки оид ба номи ҷирмҳои осмонӣ), ойконимика (илмест, оид ба номи маҳалҳои аҳолинишин), оргонимика (илмест, оид ба номи унсурҳои релефи рӯйи замин), урбаномика (илмест, оид ба номи ҷузъҳои гуногуни шаҳр) ва ғайра тақсим мешавад» [9, с.384].

Аз навиштаҳои боло бар меояд, ки илми топонимика маҳдуд набуда, балки мавҷудоти васеъро дар бар мегирад. Махсусан, муҳаққиқон топонимикаро ба ду шохаи азим макротопонимия ва микротопонимия ҷудо кардаанд. Вобаста ба бузургии объектҳо, ду қабати асосии топонимҳо мавҷуданд:

1.Макротопонимия – номгӯи объектҳои бузурги табиӣ ё объектҳое, ки аз ҷониби инсоният сохта шудаанд, иттиҳодияҳои сиёсӣ – маъмурӣ ва ғ;

2.Микротопонимия – номҳои инфиродӣ кунонидашудаи объектҳои хурди ҷуғрофӣ, хусусиятҳои ландшафти маҳал (ҷангалзорҳо, даштҳо, майдонҳо ва ғайра) [4, с.7].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки макротопонимия (макро - калон) номгӯи объектҳои бузурги ҷуғрофӣ ва сохтори онҳоро муттаҳид месозад. Инчунин, макротопонимия асосан омӯзиши номҳои шаҳрҳои бузургро дар асоси сарчашмаҳои муътамад муайян намуда, бори нахуст дар кадом сарчашмаи таърихӣ зикр шудани он, сабаби номгузорӣ ва дар равандҳои таърихӣ иваз шудани номро меомӯзад. Инчунин аз як забон ба забони дигар гузаштани он, маълумот медиҳад.

Микротопонимия (микро – хурд) бошад, асосан барои омӯзиши объектҳои хурд мебошад. Ба ақидаи топонимшиноси рус А.В. Суперанская микротопонимҳо – ин номҳои инфиродии мавзеъҳои табиатан ва ё ба таври сунъӣ ба вуҷуд омада, ки маъмулан аломат ва хусусиятҳои онҳоро инъикос менамоянд. Микротопонимҳо далели як забон ва маҳсули эҷодиёти як халқ аст. Табдили аҳолӣ метавонад ба табдили оммавии микротопонимҳо оварда расонад. Биноан, микротопонимҳо қисми нисбатан бештар дар ҳаракатбуда ва сайёри топонимҳоро ташкил медиҳанд [2, с.48].

Маврид ба зикр аст, ки илми топонимика бо илмҳои забоншиносӣ, таърих, этнография, антропология ва география алоқамандӣ дошта, бо ҳам тавъаманд.

Ба ақидаи олими шинохта, топонимшинос Хромов А.Л. илми топонимика ҷавон буда, нимаи дуюми асри XIX ба сафи илмҳо ворид шудааст [6, с.7].

Ҳаминтавр, оҳиста – оҳиста илми топонимика рушд карда, дар давраи ҳукумати Русияи подшоҳӣ низ таваҷҷӯҳи олимон барои омӯзиши илми ҷадид зиёд шудан гирифт. Натанҳо дар Русияи подшоҳӣ, балки дар дигар давлатҳои қитъаи Аврупо низ ба омӯзиши илми топонимика мароқ зоҳир мекарданд. Топонимшиноси маъруфи рус В.А.Жучкевич доир ба ташаккул ва паҳншавии илми топонимика дар давлатҳои қитъаи Аврупо менависад, ки аз охири асри XIX таваҷҷӯҳ ба топонимика вобаста ба талаботи грамматикаи амалӣ ва махсусан хариташиносӣ якбора зиёд шуд. Оид ба топонимия асарҳои махсус таълиф шуданд, ҷамъиятҳои омӯзиши номҳои ҷуғрофӣ, комиссияҳо ташкил шуданд. Масалан, дар ИМА Бюрои номҳои ҷуғрофӣ ҳанӯз соли 1890 таъсис дода шуд. Дар Англия бошад, соли 1923 [3, с.8].

Роҷеъ ба корҳои илмию тадқиқотӣ – топонимикии Русияи подшоҳӣ В.А.Жучкевич менависад, ки дар Русия тадқиқоти топонимикиро намояндагони илмҳои таърих, Ҷуғрофия ва филология анҷом медоданд. Дар қатори аввалин тадқиқотчиёни топонимикаи рус академик, А.М.Шегрен (1794 – 1855), муаррих ва этнографи маъруф Н.И.Надеждин (1804 – 1856) саҳми арзанда доранд. Соли 1847 дар назди Ҷамъияти ҷуғрофии Русия комиссияи махсусоид ба омӯзиши истилоҳоти ҷуғрофӣ таъсис дода шуд. Дар давоми солҳои 1850 – 1885 ҷамъияти «Луғати ҷуғрофӣ – статистикии Русия» – и панҷилдаи П.П.Семенов – Тян Шанскиро тайёр ва аз чоп бароварда [3, с.9].

Дар охири асри XIX фаъолияти пурсамари Ҷамъияти дӯстдорони забон ва адабиёти рус (1811 – 1930) буд, ки як зумра корҳои муҳимми илмӣ – тадқиқотӣ роҷеъ ба минтақаҳои гуногуни Русия анҷом дода шуданд. Аз ҷумла масъалаҳои зиёде перомуни топонимика ва мушкилотҳои ҷойдоштаи

он ҳаллу фасл карда шуд. Махсусан, дар топонимика саҳми академик В.В.Радлов (1837 – 1918), академик А.И.Соболевский (1856 – 1929) бараъло дида мешавад. Инчунин дар соли 1873 «Очеркҳои географияи таърихии рус» – и Н.П.Барасов нашр шуд, ки доир ба минтақаҳои ҷуғрофӣ – таърихии Русия маълумот медиҳад.

Мавриди ба зикр аст, ки топонимшиноси рус В.А.Жучкевич омӯзиши илми топонимикаро ба се давра тақсим кардааст. 1) солҳои 1917 – 1945 2), 1945 – 1964 3) марҳилаи ҳозира аз соли 1965 то имрӯз [3,10]. Дар давраи аввал асарҳои минтақавиро доир ба топонимика муайян карда, дар давраи дуюм бошад рушди асарҳои топонимикӣ ва дар давраи сеюм бошад марҳалаи ҳозира бо тадқиқоти пурсамартарин фарқ мекунад.

Тадқиқоти дигари А.Л.Хромов «Оид ба хусусиятҳои сохтории топонимияи эронӣ дар Мовароуннаҳри асрҳои IX – XII», ки ба омӯзиши топонимияи таърихии Осиёи Миёна бахшида шудааст, дар кори омӯзиш баррасии топонимияи таърихии ҳудуди ҷумҳурӣ низ аҳамияти зиёд дорад. Умуман аз ҷониби профессор А.Л.Хромов чунин корҳои муҳими илмӣ анҷом дода шудааст: «Оид ба масъалаи топонимияи Мастчоҳ», «Характеристикаи умумии забони топонимия ва микротопонимияи Яғноб», «Номҳои туркӣ дар микротопонимияи Яғноб», «Баъзе масъалаҳои тадқиқоти топонимии Тоҷикистон», «Тадқиқи таърихӣ – забони Яғноб ва Зарафшони Боло», «Забони Яғнобӣ», «Архаизмҳои яғнобӣ дар номҳои топонимӣ», «Макротопонимияи тоҷикии водии Зарафшони Боло», «Доир ба топонимияи арабӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна», «Топонимияи суғдии Болооби Зарафшон», «Очеркҳо оид ба топонимия ва микротопонимияи Тоҷикистон», «Оид ба хусусиятҳои сохтории топонимияи эронӣ дар Мовароуннаҳр дар давраи асрҳои IX – XII», «Топонимияи баромади русӣ дошта дар ҳудуди Тоҷикистон», «Оид ба масъалаи топонимияи Мастчоҳ», «Омӯзиши номҳои ҷуғрофии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷа», «Микротопонимияи тоҷикии водии Зарафшони Боло ва Яғноб», «Ҳолат ва вазифаҳои тадқиқотҳои топонимӣ дар Тоҷикистон», «Микротопонимия ҳамчун сарчашмаи сохтани диалектологияи таърихии забонҳои бехат». Аз ҷумла, ӯ дар китоби худ «Чаҳордаҳ мақола» доир ба дастхатҳои кӯҳи Мӯғ чунин гуфтаат: «Дастхатҳое, ки аз кӯҳи Мӯғ ёфт шудаанд, манбаи аз ҳама нодири асри XIII номид. Зеро ки дар он зиёда аз 60 номгӯи топонимҳои минтақаи Суғд ва Истаравшан дарҷ ёфтаанд. Бартариаш дар он аст, ки номҳои ҷойҳои аҳолинишин ва вилоятҳо дарҷ гардидаанд» [5, с.102]. Дар баробари ин, дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси топонимикӣ саҳми бориз гузоштааст.

Мавриди ба зикр аст, ки профессор А.Л.Хромов «Авесто»– ро сарчашмаи асосӣ барои муайян кардани мавзеъҳои ҷуғрофии Осиёи Миёна ба қалам додааст. Чунончи дар китоби худ «Чаҳордаҳ мақола» менависад; «мо дар ихтиёри худ миқдори кофии маъхазҳое дорем, ки аз онҳо маводи топонимикии марбут ба давраҳои қадим ва асримиёнагии Осиёи Миёнаро гирифта метавонем. Қадимтарини онҳо «Авесто» маҷмӯаи матнҳои қадимии динӣ ва асотирии ғайриэронӣ аст, ки қадимтарин қисматҳои он ба қарнҳои VIII – VII тааллуқ доранд. Дар матни «Авесто» топография ва топонимикаи қадимии Осиёи Миёна ва як қатор ноҳияҳои ҳамсоя зикр ёфтааст. Қисми зиёди топонимҳо дар «Яштҳо» ва «Видевдат» мавҷуданд. Дар инҷо номҳои вилоятҳо, кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо, дарёҳо ва кӯлҳо зикр ёфтаанд» [5, с.101].

Дар пайравӣ аз ин олим, аз тоҷикон Додхудоев Р. доир ба топонимҳои минтақаи Помир Ғарбӣ корҳои илмӣ – тадқиқотӣ анҷом дода, барои возеҳ намудани чандин номҳои дар зери сиру асрор нуҳуфта хизматҳои шоён кардааст, ки қобили зикр ҳастанд. Аз ҷумла, ба қалами ин донишманд чунин офаридаҳо ёдгор мондаанд: «Микротопонимияи Помир», «Оид ба топонимияи Помири Ғарбӣ», «Шарҳи ҳудудӣ – таърихии микротопонимияи Помир», «Этимологияҳои помирӣ», «Оид ба таҳлили семантикии микротопонимияи Помир», «Микротопонимияи Помир», «Таҳлили лингвистии микротопонимияи Помир (дар асоси маводи гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ - язғуломӣ)», «Истилоҳоти маданияти моддӣ ва маънавӣ дар топонимияи Помир», «Сухане чанд андар истеъмоли исми хос дар «Шоҳнома» – и Фирдавсӣ». Ҳамаи ин корҳои илмӣ – тадқиқотии кардаи профессор Додихудоев Р. сарчашмаи муҳим ба шумор рафта, заррае бошад ҳам дар рушд ва ғанӣ гардидани маводи топонимии топонимикаи тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Роҷеъ ба минтақаи Ванҷ Дарвоз корҳои илмӣ – тадқиқотӣ аз ҷониби Офаридаев Н. Анҷом дода шудааст, Алимӣ Ҷумъахон дар китоби худ «Топонимика» овардааст, ки «Ба тадқиқу таҳлили микротопонимияи навоҳии Ванҷу Дарвоз тадқиқоти ба анҷом расонидаи Н.Офаридаев (1984) бахшида шудааст ва дар кори омӯзишу таҳлили маводи топонимии қисмати ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ мусоидат менаояд. Баъдан аз ҷониби ӯ ин тадқиқот дар шакли монографияи алоҳида (1991) ба нашр расидааст".[1, с.33]

Доир ба топонимикаи қисмати ҷанубии Тоҷикистон саҳми топонимшинос Алимӣ Ҷумъахон назаррас аст. Мавсуф чандин маводҳои методӣ – таълимӣ доир ба топонимикаи Хатлон, Кӯлоб, Ховалинг ва дигар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон рӯи чоп оварда, дастраси хонандагон ва ҳаводорони илми топонимика гардондааст. Аз ҷумла дар соли 1995 дастури методӣ – таълимии худро бо номи «Топонимика» аз чоп бароварда, ки дар он доир ба мафҳуми топонимика, қисматҳои

он, таърихи ташаккули топонимикаи тоҷик, вазифаҳои асосии илми топонимика ва методҳои асосии омӯзиши илми топонимика маълумоти пурқиммати илмӣ додааст.

Роҷеъ ба топонимикаи минтақаи водии Қаротегин бештар саҳми Исмоилов Ш. ва Шодиев М. назаррас аст. Исмоилов Ш. бошад китоби худро бо номи «Назаре ба вожаҳои ҷуғрофӣ» интишор намуда, дар он доир ба мафҳуми топонимика, таърихи пайдоиши топонимика, олимони соҳаи топонимика ва топонимҳои минтақаи водии Қаротегин маълумот додааст.

Чи тавре зикр шуд Алимӣ Ҷумъахон дар бораи топоними қисмати ҷануби Тоҷикистон (яъне вилояти Хатлон) корҳои зиёди илмӣ анҷом дода, махсусан дар бораи қисматҳои асосии илми топонимика маълумот додааст. Яке аз қисматҳои асосии илми топонимика, ономастика мебошад.

Чихеле ки дар сатрҳои аввал зикр намуда будем, топонимика илми ҷавон бошад ҳам, вале он бисёр фаррох аст. Гарчанде, ки олимон ин илмро ба ду шохаи азим макротопонимия ва микротопонимия ҷудо карда бошанд ҳам, вале он дар навбати худ боз ба зершохаҳои гуногун ҷудо мешавад. Ин навбат бошад доир ба зершохаҳои он маълумот хоҳем дод. Яке аз чунин зершохаи он гидронимика мебошад. Топонимшиноси машҳури рус А.В.Суперанская доир ба гидронимика чунин менависад, ки гидронимика – номи дурусти ҳама гуна обектҳои обӣ аст, аз ҷумла дарё, кӯл, баҳр, дарё ва чоҳ мебошад.[2, с.174]

Ба ақидаи А.В.Суперанская гидронимика таърихи номгузории обанборҳо, кӯлҳо, дарёҳо ва чоҳҳоро меомӯзад. Алалхусус, мазмун ва мӯҳтавои номҳои онҳоро ба таври васеъ возеҳ менамояд.

Қисмати дигари илми топонимика, ки номи ҷирмҳои осмониро меомӯзад космонимика мебошад. Ин қисмати илми топонимика роҷеъ ба номгузории ситораҳо ва самти ҳаракати онҳо маълумот медиҳад. Аз ин бар меояд, ки илми топ онимика бо илми нуҷум низ алоқаи ногусастанӣ дорад.

Дигар қисмати илми топонимика ин ойконимика мебошад, ки доир ба омӯзиши номи маҳалҳои аҳолинишин маълумот медиҳад. Дар ин ҷода топонимшиноси машҳури рус Э.М.Мурзаев чунин нигоштааст, ки ойконимика – номи хоси ҳар як маҳалла, аз ҷумла шаҳр, деҳа, деҳот, хоҷагӣ, шаҳрак, ҳавлии алоҳида ва хона мебошад.[7, с.24]

Самти дигари илми топонимика ин оронимика аст, ки омӯзиши унсурҳои релефи рӯи заминро меомӯзад. Топонимшиноси рус Э.М.Мурзаев доир ба ин самти топонимика чунин ибрози назар мекунад:

«Ороним – номи хоси ҷуғрофии кӯҳҳо, теппаҳо, пуштаҳо, ковокиҳои байни кӯҳҳо, дараҳо ва дигар ашёи орографӣ мебошад. Аксар вақт дар адабиёт мазмун танҳо бо номи кӯҳу қаторкӯҳҳо танг карда мешавад» [7, с.25]

Ба ақидаи Э.М.Мурзаев пайдоиш, мафҳум, мазмуни номи кӯҳҳо, теппаҳо, пуштаҳо, ковокиҳои байни кӯҳҳо, дараҳоро қисмати топонимика оронимика меомӯзад. Мутаассисфона имрӯзҳо қариб, ки аксари номҳои кӯҳҳо, теппаҳо, пуштаҳо, ковокиҳои байни кӯҳҳо ва дараҳои ҳудуди Тоҷикистони мо омӯхта нашудаанд. Чихеле ки дар сатрҳои боло қайд намуда будем ягон номи мавзеъ худ аз худ пайдо нашудааст. Ягон сабабе доштааст ё ба хотири касе ва ё чизе номгузорӣ шудааст.

Қисмати дигари илми топонимика, ки номи ҷузъҳои гуногуни шаҳрро меомӯзад урбаномика ном дорад. Ба ақидаи олими топонимшиноси рус А.В.Суперанская урбаномика – номи хоси ҳама гуна объекти ҷуғрофии дохилишаҳрӣ (дар муқоиса ба муассиса, корхона), аз ҷумла агонимҳо, годонимҳо, эрготопонимҳо, трактоти дохилишаҳрӣ мебошад. [2, с.175]

Бинобар таҳлили А.В.Суперанская урбаномика ҳамчун як бахши топонимика танҳо барои омӯзиши объектҳои дохили шаҳрӣ, алалхусус корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар иншоотҳои дохилишаҳриро меомӯзад.

Топонимика аксари номҳои хусусиятҳои лаҳҷаву гӯишҳои то рӯзгори ҳозира омада нарасидаро инъикос мекунад. Яъне аксари номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ бинобар сабаби ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ, иваз шудани форматсияҳои ҷамъиятӣ, ба сари қудрат омадани шоҳони нав ва амсоли инҳо номҳои мавзеъҳо низ иваз шудаанд. Вале, вазифаи ҷонии топонимшиносон низ дар ҳамин аст, ки ҳар як номҳои ҷуғрофиро бинобар сабаби давра ба давра иваз шудани номи мавзеъ ва мақсаду ҳадафи иваз шудани онро ба тариқи амиқию конкретӣ муайян намоянд.

Вобаста ба омӯзиши номҳои ҷуғрофӣ аксар олимони топонимшиносон бар он ақидаанд, пеш аз оне, ки дилхоҳ номи мавзеъи ҷуғрофӣ омӯхта мешавад, маводи ҷамъоваришудаи топонимӣ ақалан бояд ба масъалаҳо ва вазифаҳои пешбинишудаи зер ҷавобгӯ бошад: 1) номи мавзеъ (деҳа, дарё, ҳавз ва ғ.), 2) номи мавзеъи ҷуғрофӣ бо назардошти шакли ҳозираи он, 3) оё мавзеъ номи дигар низ дорад, ки бо номи асосӣ баробар истифода шавад ва ё дар гузашта ягон номи дигар дошт?, 4) аз кадом замон ин ном маълум аст?, 5) оё дар масофаи наздик ба мавзеъ чунин номҳои дигар низ ҳастанд?, 6) аҳолии маҳаллӣ ин номро чӣ гуна шарҳ медиҳад?, 7) оё ин гуна шарҳи маънӣ бо далелҳо собит мешавад?[1, с.31]

Топонимшиносон бар он ақидаанд, ки барои таҳлил, тафсир, маъно, санаи номгузорӣ, аз кай то кай бо ин ном маълум будани мавзеъ, сабаби номгузорӣ, сабаби иваз шудани номи мавзеъ, калима

ба кадом забон тааллуқ дорад, оё ба ин калима монанд дар атрофи мавзеъи номгузоришуда ҳаст ё не?, аҳолии мавзеъ доир ба ин калима чиро медонанд, ҳатман ба назар гирифта шавад. Бидуни калимаҳои дар боло зикр гардида тадқиқи дилхоҳ топоним қобили қабул нест. Аз ин рӯ, барои ҳар як топонимшинос шарт ва зарур аст, ки пеш аз оне, ки ба тадқиқи дилхоҳ мавзеъ шурӯъ мекунад, шартҳои дар боло зикргардидаро дар мадди аввал гузорад.

Худи топонимика асосан чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: 1) маърифатӣ, 2) тарбиявӣ – ғоявӣ, 3) вазифаҳои номгузорӣ ва аз нав номгузорӣ, 4) вазифаҳо ва таъйиноти он, 5) имлои дурусти номҳо, интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар.[1, с.32]

Хулоса.Топонимшиносон бар он ақидаанд, ки барои таҳлил, тафсир, маъно, санаи номгузорӣ, аз кай то кай бо ин ном маълум будани мавзеъ, сабаби номгузорӣ, сабаби иваз шудани номи мавзеъ, калима ба кадом забон тааллуқ дорад, оё ба ин калима монанд дар атрофи мавзеъи номгузоришуда ҳаст ё не?, аҳолии мавзеъ доир ба ин калима чиро медонанд, ҳатман ба назар гирифта шавад. Бидуни калимаҳои дар боло зикр гардида тадқиқи дилхоҳ топоним қобили қабул нест. Аз ин рӯ, барои ҳар як топонимшинос шарт ва зарур аст, ки пеш аз оне, ки ба тадқиқи дилхоҳ мавзеъ шурӯъ мекунад, шартҳои дар боло зикргардидаро дар мадди аввал гузорад.

Ба ақидаи топонимшиноси тоҷик Алимӣ Ҷумъахон топонимика аз таълимотҳои маърифатӣ, тарбиявӣ, ғоявӣ, вазифаҳои номгузорӣ, аз нав ногузорӣ, имлои дурусти номҳо ва интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар, иборат аст.

АДАБИЁТ

1. Алимӣ Ҷ. Топонимика. Душанбе: Ирфон, 1995. – 51 с.
2. А.В.Суперанская. Что такое топонимика? Москва: Наук, 1985. – 182 с.
3. В.А.Жучкевич. Общая топонимика. Минск: Вышэйшая школа, 1980. – 286 с
4. Собиров М., Ғалатов Ҳ., Содиқов Ш., Мусоев Д. Топонимика. Душанбе: Эр – граф, 2018. – 100 с.
5. Хромов А.Л. Чаҳордаҳ мақола. Душанбе: Ирфон, 2010. – 173 с.
6. Хромов А.Л. Очерки по топнимии и микротопонимии Таджикистана. Душанбе: Ирфон, 1975. – 85 с.
7. Мурзаев Э.М. Очерки топонимики. Москва: Мысль, 1974. – 384 с.
8. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 5. Душанбе, 1984. – 626 с.
9. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 7. Душанбе, 1988. – 646 с.

АЗ ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ТОПОНИМИКАИ ТАЪРИХӢ – ҶУҒРОФӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар шароити муосир донистан ва аз худ намудани номи маҳал, кӯча, ноҳия, шаҳр, давлат, кӯҳҳо, дарёҳо муҳим мебошад, зеро ки дар таърихи инсоният номгузории дилхоҳ минтақа худ аз худ пайдо нашудааст. Дар зери ҳар як номи маҳал як розе ниҳон аст. Дар кишвари мо қисми зиёди топонимҳо – номҳои ҷуғрофӣ, аз нигоҳи таърих ва ҳам забонӣ то ҳол пурра омӯхта нашуданд.

Мақсади мақола. *Барои ҳар як фарде, ки дар ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунад ҳатмист, ки ҳадди ақал топоними зодгоҳашро донад. Албатта барои шахсоне, ки топоними маҳалли худро донистан хоҳанд бе омӯзиши илми топонимика коре карда наметавонанд.*

Натиҷаи тадқиқот нишон медиҳад, *ки ҳар як илм дар зери таъсири талаботи амалия ба вуҷуд меояд ва инкишоф меёбад. Топонимия аз корбурди оддии рӯзмарра ҷудо будани худро ба як бахши махсуси дониш, пеш аз ҳама, аз ниёзҳои амалии география вобаста аст. Яъне, дар тавъам будани география бо топонимика ягон ҷои шубҳа нест, зеро ки аввалин сайёҳон ба ҷойҳои кашфношуда мерафтанд, пас аз кашф кардан ҳатман номи он минтақаро бо исми хеш мегузоштанд. Албатта ҷуғрофидонҳо номи ҳама гуна мавзеъҳои кашфшударо ба илми топонимика ворид кардаанд.*

Калидвожаҳо: *топонимика, макротопонимика, микротопонимика, ойконимика, оргонимика, урбаномика, гидронимика, ватан, ноҳия, кул, ғор, теппа, дарё, деҳа, кӯча, хиёбон ва ғ.*

ИЗ ИСТОРИИ ИЗУЧЕНИЯ ИСТОРИКО – ГЕОГРАФИЧЕСКОЙ ТОПОНИМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

В современных условиях необходимо знать и осваивать название местности, улицы, района, города, государства, гор, рек. Так как в истории человечества присвоение названия нужного региона не сложилось само собой. Под каждым названием местности кроется тайна, что большинство из них не изучены до сегодняшнего дня, а если бы и были изучены, то не были бы выяснены глубоко.

Цель статьи. *Каждому человеку, проживающему в республике, необходимо как минимум знать топонимику места рождения. Конечно, люди, желающие знать топонимику своей местности, ничего не смогут сделать без изучения науки топонимики. Как бы ни была молода наука о топонимики, в отношении изучения названия своей местности необходимо браться за эту новую науку.*

По результатам исследования, *следует отметить, что ученые-топонимисты делили науку о топонимике на части в зависимости от характера объектов, что каждая из ее частей имеет особую специфику своего изучения.*

Ключевые слова: *топонимика, макротопонимика, микротопонимика, ойконимика, космонимика, оргонимика, урбаномика, гидронимика, страна, регион, гора, озеро, пещера, холм, холмистая степь, водоём, река, село, улица, проспект и т.д*

FROM THE HISTORY OF THE STUDY OF HISTORICAL AND GEOGRAPHICAL TOPONYMICS OF TAJIKISTAN

In modern conditions, it is necessary to know and master the name of the area, street, district, city, state, mountains, rivers. Since in the history of mankind, the assignment of the name of the desired region did not happen by itself. Under each name of the area lies the secret that most of them have not been studied to this day, and if they had been studied, they would not have been clarified in depth.

Purpose of the article. *Every person living in the republic needs at least to know the toponymics of the place of birth. Of course, people who want to know the toponymics of their area will not be able to do anything without studying the science of toponymics. No matter how young the science of toponymics may be, in relation to the study of the name of one's locality, it is necessary to take up this new science.*

According to the recults of the study, *it should be noted that toponymics scientists divided the science of toponymy into parts depending on the nature of the objects, that each of its parts has a special specificity of its study.*

Key words: *toponymics, macrotoponymics, microtoponymics, oikonymics, cosmonymics, orgonymics, urbanomic, hydronymics, country, region, mountain, lake, cave, hill, hilly steppe, reservoir, river, village, street, avenue, etc.*

Маълумот дар бораи муаллиф:

Сафаров Саймаҳмуд Қувватович *- докторанти (Phd) – и курси дуюми кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел: (+992) 988030352*

Сведения об авторе:

Сафаров Саймахмуд Кувватович *- докторант (Phd) 2 курса кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета имени. С. Айни. Тел: (+992) 988030352*

About the author:

Safarov Saimahmud Quvvatovich *- doctoral student (Phd) 2nd year of the Department of the History of the Tajik people, Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 988030352*

ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲО ДАР ЗАВОДИ СЕМЕНТИ ДУШАНБЕ ДАР СОЛҲОИ 40- 60-УМИ АСРИ ХХ

Азизхонова Р.Г.

Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарсухан. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи саноатикунонии мамлакат, ки яке аз барномаҳои тарҳрезинамудаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар роҳи эъмори ҷомеаи сотсиалистӣ маҳсуб меёфт, синфи коргару деҳқон нақши калидиро мебозид, аммо дар ин раванд проблемаи асосӣ дар ҶШС Тоҷикистон набудани синфи коргари касбӣ, норасоии мутахассисон, инженерҳо ва амсоли он ба ҳисоб мерафт. Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати инкишоф додани хоҷагии мамлакат, хусусан саноат нахуст проблемаи болозикр бояд бартараф мегардид. Аз ин лиҳоз, дар давраи коллективонӣ ва саноатикунонӣ ҷалби коргарону деҳқонон ба курсҳои кӯтоҳмуддати азнавтаёркунӣ дар соҳаҳои хоҷагии мамлакат ва саноат ва фиристодани онҳо ба техникуму омӯзишгоҳҳо ва дигар макотиби олии шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Тошканд ва дигар шаҳрҳои миқёси ИҶШС ба роҳ монда мешавад.

Қисми асосӣ: Ба нақша гирифтани сохтмони заводи сементи Сталинобод дар ибтидои солҳои 30- уми асри гузашта иқдоми муфид ва басо муҳим барои ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёфт, зеро агар аз як тараф шароити ҷуғрофӣ ва пеш аз ҳама захираҳои бузурги ашёи хом барои инкишоф додани соҳаи мазкур мусоидат мекард, аз тарафи дигар ҳазорон нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин мегардиданд. Инчунин фаъолияти заводи мавриди таҳқиқ дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми чашмрас гузошта, ба соҳаи сохтмон ва бинокорӣ такони ҷиддӣ мебахшид. Аз лиҳоз, имкониятҳои мавҷуда ва зарурати пешбинишударо ба инобат гирифта, Совети Комиссарони Халқи Иттифоқи

Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ дар қарори худ аз 1 апрели 1935 дар шаҳри Сталинобод сохтани заводи сементро пешбинӣ кард. 6 декабри 1942 дар шаҳри Сталинобод заводи семент ба кор сар карда, соли 1945 бо иқтидори пурраш дар як сол 3 ҳазор тонна семент истеҳсол намуд. Дар заводи мазкур просессҳои технологӣ ба таври автоматӣ идора карда мешуд ва инчунин партовҳои дигар соҳаҳои саноат (дажгол- ҳои саноати металлургия, хокистари ГРЭС ва ТЭС, фосфогипс ва ғайра)-ро низ истифода бурда мешуд. Плани панҷсолаи 4-ум дар ҶШС Тоҷикистон то 15 ҳазор тонна расонидани истеҳсоли сементро пешбинӣ намуд. Дар охири панҷсола ин нақша барзиёд (17,2 ҳазор тонна) иҷро гардид [4, с.23].

Аммо ҳанӯз норасоии коргарони касбӣ ва мутахассисони соҳа дар назди завод боқӣ мемонд. Аммо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин мушкилотро даҳчанд намуда, боиси коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли смент мегардад. Ин буд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳаҷми истеҳсоли семент то як баробар коҳиш меёбад. Коҳиш ёфтани шумораи қувваи корӣ, пеш аз ҳама мутахассисони соҳа, таъмин нагардидан бо ашёи хом ва баъзе аз маводҳои кимиёвӣ ва таҷҳизоти лозима боиси иҷро нагардидани нақшаи истеҳсоли семент мегардад. Ин буд, ки соли 1945 ҳаҷми истеҳсоли семент дар заводи сементи Сталинобод то ба 1845 ҳазор тонна мерасад. Мувофиқи маълумоти бойгонӣ оқибатҳои манфии Ҷанги Бузурги Ватанӣ таъсири он дар заводи сементи Сталинобод то охири солҳои панҷоҳум идома кардааст [4, 7]. Пас аз анҷом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳанӯз дар солҳои аввали давраи азнавбарқароркунӣ норасоии коргарон ва мутахассисон ва техникаҳои лозима то андозеа бартараф гардида, фаъолияти завод густариш меёбад. Танҳо дар соли 1946 ҳаҷми семент дар заводи мазкур ба дах ҳазор тонна мерасад, ки нисбат ба солҳои қаблӣ дастоварди назаррас ба ҳисоб меравад [5, 4]. Дар давраи ҷанг соҳаи мазкур ба хисороти бузург мувоҷеҳ гардида, дар миқёси ИҶШС баъзе аз заводҳо фалаҷ ва ё ба пуррагӣ аз фаъолият боз монданд. Агар дар панҷсолаҳои пешазҷангӣ (Ҷанги Бузурги Ватанӣ) дар натиҷаи барқарор намудани заводҳои кӯҳнаи истеҳсоли семент сохта ба истифода додани як қатор заводҳои нав ҳанӯз соли 1940 иситеҳсоли семент ба 5773 ҳазор тонна расида бошад, аммо дар давраи ҷанг ҳамин миқдор як баробар коҳиш меёбад. Танҳо дар давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ, то ибтидои солҳои 50-ум дар натиҷаи таъмир, таҷҳизонидан ва ё аз сифр бунёд намудани заводҳои сементи Пикалевск, Белгород, Қараганда, Ангара, Чимкент, Уляновск, Сталинобод боиси рушди босуръати соҳа гардида, алакай соли 1952 Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷиҳати истеҳсоли семент аз Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Британияи Кабир пеш гузашта, дар ҷаҳон ба ҷои 1-ум мебарояд [2, 12; 3, 6].

Соли 1949 як чанд нафар мутахассисон аз ҳисоби ҷавонони маҳаллӣ Ф.М.Рябухин, З.Беднова, И.З.Ҳафизов ва И.Шамсутдинов курси семоҳаи инжинериро дар шаҳри Москва аз рӯйи ихтисоси истеҳсоли намудҳои семент ва коркарди маъданҳои кухӣ хатм намуда, ба заводи сементи Сталинобод сафарбар мегарднд, аммо ин ҳанӯз ҳам мушкилии норасоии мутахассисони соҳаро бартараф карда наметавонист. Аз ин лиҳоз, аз дигар ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС мутахассисон ба заводи мазкур ҷалб карда мешуд. Инчунин бо мақсади пурра таъмир намудани завод аз 28 январи соли 1950 дусад ҳазор рубл ҷудо мегардад, ки дар натиҷа баъзе аз қисмҳои завод азнавсозӣ гардида, фаъолияти завод густариш ва ҳаҷми истеҳсоли семент боз ҳам афзоиш меёбад [6, 9].

Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва кории кормандони завод соли то соли 1953 73 нафар кормандон ва мутахассисон ба курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои азнавтаёркунӣ аз рӯйи ихтисоси ронандаи нақлиёти боркаш, трактор, эксковатор, слесер, ёрдамчии инженер, кафшергар, барқчӣ (электрик), борбардор ва ғайраҳо чӣ дар дохили ҶШС Тоҷикистон ва чӣ дар дигар шаҳрҳои ИҶШС фаро гирифта мешаванд, ки ин раванд сол то сол сатҳу сифати кории кормандони заводро беҳтар мекард [12, 3]. Соли 1951 тибқи нақша 18 нафар бояд аз курси азнавтаёркунӣ мегузашт, вале танҳо 9 нафар соҳиби сертификат гардиданду халос. Дар ҳамин сол аз курсҳои такмили ихтисос бошад аз 20 нафар мувофиқи нақша 17 нафар ба курсҳо фаро гирифта шуданд [10, с.88]. Мувофиқи ҳисоботи солонаи завод барои соли 1952, танҳо дар соли 1952 фармони ба кор қабулнамоӣ ва аз кор хориҷнамоии 159 нафар содир гардидааст, ки аз ин миқдор ҳамагӣ 35 нафар, аз ҷумла 19 нафар бохоҳиши худ, ва 16 нафар бо сабабҳои гуногун, ки аз байни онҳо 9 нафарашонро тоҷикон ташкил медоданд, аз кор хориҷ карда шуданд [10, с.124]. Аммо ҳанӯз ҳам синфи коргари касбии тоҷик ба таври кофӣ ташаккул наёфта буд, ҳанӯз ҳам аксарияти мутахассисони корхонаву заводҳои ҶШС Тоҷикистонро намояндаи халқҳои дигар ташкил медод. Ин вазъ дар даврони Шӯравӣ, ки агар чанде ҳеҷ ҷиҳати баде надошта бошад ҳам, вале мақсад аз қиёс намудани мо, нишон додани сатҳи наонқадар ташаккулёфтаи синфи коргари тоҷик аст. Барои мисол агар дар квартали якуми соли 1952 шумораи кормандони заводро 224 нафар ташкил медод, аз ин миқдор аз байни мутахассисон-инженерҳо танҳо 30 нафарашон кадрҳои маҳаллӣ буд [10, с.124]. Дар квартали сеюми соли болозикр шумораи кормандон ба 286 нафар мерасад, ки 163 нафарашонро коргарони истеҳсолкунанда, 52 нафар ёрдамчии мутахассис, 14 нафар посбон ташкил медод [10, с.112]. Шумораи кормандони завод дар аввали квартали чоруми соли 1952 ба 291 ва то охири сол ба 295 нафар мерасад, ки аз байни мутахассисон 37 нафарашонро тоҷикон, як нафар узбек ташкил медод. Аз ин миқдор 146

нафарашонро занҳо, ки аз байни онҳо як нафарашонро тоҷикдухтар ташкил медод [10, с.117]. Инчунин соли 1952 дар назди завод курсҳои омӯзишӣ барои кормандони завод ва таҷрибаомӯзҳо ташкил карда мешавад. Тибқи маълумоти ба дастомада, алакай дар квартали якуми соли 1952 5 нафар ба курси бозомӯзии мазкур дохил шуда, 4 нафарашон соҳиби сертификат гардидаанд. Дар квартали якум ва дуюм ҳамагӣ 10 нафар ба курсҳои бозомӯзӣ ҷалб гардида, 8 нафар соҳиби сертификат мегарданд [10, 114]. Мувофиқи нақша дар соли 1952 бояд 18 нафар дар курси азнавтаёркунӣ фаро гирифта мешуд, вале то охири ҳамин сол 20 нафар корманд ҷалб гардида соҳиби сертификат гардиданд. Дар курсҳои такмили ихтисос бошад бояд 25 корманд ҷалб мегардиданд, вале то охири сол 46 нафар фарогирифта шуд. Минбаъд болоравии вазифавӣ дар байни кормандони завод тибқи сертификати курси мазкур ба роҳ монда мешавад [10, с.106]. Ба ҳамин тартиб бо фиристодани кормандон ба омӯзишгоҳу техникумҳои миқёси ИҶШС ва ҷалби мутахассисон аз ҳисоби кормандони дигар заводҳо ва хатмкардагони макотиби олӣ ҳам оҳиста-оҳиста проблемаи норасоии мутахассисон роҳи ҳалли худро меёфт ва ҳам шумораи кадрҳои маҳаллӣ меафзуд. Моҳи майи соли 1953 воҳидҳои кории завод ба 308 адад расонида мешавад ва зиёда аз 200 адад нақлиёти сабукрав ва боркаш, тракторҳо, эксковаторҳо ва дигар намуди техникаю таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва лавозимоти кимиёвӣ, модаҳо ва маводҳои зертаркиби семент ба заводи мазкур дастрас карда мешавад, ки боиси беҳтар гардидани имкониятҳои корӣ ва рушди истеҳсолоти семент мегардад. Ҳайати роҳбарикунандаи заводро дар соли болозикр директор (як воҳиди корӣ), ҷонишини директор (ду воҳиди корӣ), сардори қисм (цех) (панҷ воҳиди корӣ), мудири лобаратория (6 воҳиди корӣ), сардори муҳосибот (як воҳиди корӣ) ва дигар воҳидҳои кории роҳбарикунанда ва дигар қисмҳои таркибӣ ба монандаи сармутахассис, мутахассис ва амсоли он ташкил медод. Барои пурра бартараф намудани проблемаи норасоии мутахассион ҳанӯзҳам кӯшишҳо ба харҷ дода мешуд. То ибтидои соли 1953 бо ҷалб намудани хатмкардагони колеҷи техникии Саратов, Институти техникӣ-кимиёвии Ленинград, Институти технологии Чимкент, Техникуми Новосибирск, Колеҷи техникии Москва ва ғайраҳо, ки баъзе аз онҳо фиристодагони худи завод ва умуман ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёфтанд, потенсиали кадрии завод беҳтар гардида, ин проблема оҳиста- оҳиста бартараф мегардид. Чуноне ки дар ҳисоботи панҷсолаи директори завод Т. Петросянц ба КИМ ҲК(б) ИҶШС омадааст, «коллективи заводи сементи Сталинобод барои пешрафти мамлакат ва рушди ҷомеаи сотсиалистӣ пайваста заҳмат кашида, дар давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ як зумра проблемаҳои асосиро бартараф намуда, ҳаҷми истеҳсоли сементро алакай дар соли 1950 27% зиёдтар нисбат ба солҳои ҷанг расонд [8, 1]. 10 апрели соли 1954 бо фармони Вазорати саноат ва масолеҳи сохтмони ИҶШС таҳти № 247/к. М.П.Селянина аз вазифаи директори Сементзаводи Душанбе озод гардида ба ҷойи ӯ Ю.В. Терлига таъйин мегардад, ки солҳои директории Ӯро давраи ташаккулёбии заводи мазкур ба қалам додаанд [12, с.126]. Мувофиқи ҳисоботи солонаи заводи мазкур алакай аз 1 июли соли 1955 нақшаи солона 110,4% иҷро мегардад, ки 18788 ҳазор рублро (асъори ИҶШС) ташкил медод, ки нисбат ба соли 1954 23,6% барзиёд истеҳсол гардидааст. Ҳаҷми истеҳсоли семент соли 1958 ба 26616 тонна баробар гардида, нақшаи солона 106,4% иҷро мегардад, ки нисбат ба соли 1957 9907 тонна зиёд мебошад [13, 11].

Инкишофи бо суръати фаъолияти завод пеш аз ҳама пас аз беҳтар гардидани потенсиали кадрӣ ва сатҳу сифати кории кормандони завод фароҳам меояд. Мувофиқи ҳисоботи солонаи Вазорати саноат ва масолеҳи сохтмонии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 бо васеъ гардидани қисмҳои таркибии завод (цехҳо), яъне сохта ба истифода додани печҳои нави сементистеҳсолкунӣ ва шиферборӣ ҳаҷми истеҳсоли завод ба маротиб меафзояд [13, 9]. Аз ин лиҳоз, талабот ба қувваи корӣ ва хусусан мутахассисони соҳа боз ҳам меафзояд. Бояд қайд намуд, ки заводи мазкур дар рушди синфи коргари Душанбе ва хусусан воҳаи атрофи он нақши муасир гузоштааст. Яке аз собиқ кормандони заводи сементи Душанбе Сулаймонов Солеҳхон, истиқоматкунандаи ноҳияи Ленинский (ҳоло Рӯдакӣ), ки зиёда аз 30 сол дар заводи мазкур кору фаъолият намудааст, дар сӯҳбат бо мо чунин афзуд: «Ман аз кори колхоз бо як азоб баромада ба завод рафтам. Аксарияти мо собиқ колхозчиён, ки танҳо таҷрибаи деҳқонӣ доштем ва ҳамакнун бо коркард ва истеҳсоли семент шинос шуда будем, ба ҳайси коргар (рабочи) бештари вақт ё дар басти рӯзона ва ё шабона фаъолият мекардем. Музди моҳонаи мо дар ибтидои солҳои 60-ум 120 рубл ва алакай то ибтидои солҳои 70-ум ба 200 рублро ташкил медод, ки нисбат ба кори колхоз ва маоши колхоз ба маротиб бартарӣ дошт. Барои ба кор даромадан дар завод шаҳодатнома лозим буд ва шаҳодатномаро бидуни маълумотнома аз ҷойи истиқомат намедоданд. Раисони колхоз ва бригадирҳои мо ин василаро хуб суйистифода мекарданд. Яъне барои аз кори колхоз нагурехтани колхозчиён маълумотнома аз ҷойи истиқоматро дареғ медонистанд. Вале колхозчиёни мо, ки аз ночорӣ дар колхоз кор мекарданд ва музди солонаи эшонро ҳамагӣ як сентнер гандум ташкил мекард, бо ҳар роҳу восита аз кори колхоз баромада ба сементзаводи Душанбе ба кор мерафтанд, зеро барои аз вазъияти бади зиндагӣ роҳо шудан воситаи хубе буд. Маоши ҳармоҳа, вақти кории муаян, рухсатии меҳнатӣ, ҳавасмандпулӣ ва муҳимтар аз ҳама нақлиёти таъйинии завод, ки субҳу шом моро аз хона ба завод ё баракс мекашонд, воқеан як

шароит ва имконияте, ки қабл аз ин ҳатто дар тасаввури мо ва падарони мо набуд, барои зиндагиамон фароҳам овард. Дар воқеъ сементзаводи Душанбе зиндагии моро билкул дигаргун сохта, моро аз машақати шабонарӯзии кори колхоз ва тангдастии рӯзгор раҳонид» [15].

Дар тараққии босуръати саноати сементи ҶШС Тоҷикистон Қарори Комитети Марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ ва Совети Вазирони Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ «Оид ба тадбирҳои минбаъд таъмин намудани тараққии саноати семент ва беҳтаргардонии кори он» аз 27 апрели 1957 аҳамияти калон дошт. Мувофиқи ин қарор Заводи сементи Душанбе аз нав таҷҳизонида ва васеътар карда мешвад, ки пас аз ин талабот ба мутахассисон боз ҳам бештар мегардад. Сентябри 1960 хати якуми Заводи нави сементи Душанбе ба кор медарояд, ки истеҳсоли семент то 134,2 ҳазор тонна мерасад. [13, 11]. Инчунин бо ба кор даромадани хати дуюми Заводи нави сементи Душанбе соли 1962 (иқтидораш соле 375 ҳазор тонна) ва зиёд намудани иқтидори солонаи заводи якуми сементи Душанбе то 140 ҳазор тонна, (заводи кӯҳна, ки соли 1942 ба кор даромада буд) талабот ба қувваи корӣ, пеш аз ҳама мутахассисони соҳа меафзуд, аз ин лиҳоз, мутахассисони соҳа аз дигар ҷумҳуриҳо боз ҳам бештар ҷалб гардида, нақшаи фаро гирифтани кормандон ба курсҳои бозомӯзӣ ва азнавтаёркунӣ меафзояд.

Дар маҷмӯъ агар проблемаи норасоии мутахассисон ва омода намудани мутахассисон дар завод асосан ба воситаи ҷалби ихтисосмандон аз дигар заводҳои миқёси собиқ ИҶШС, ҷалби хатмкардагони макотиби олӣ, фиристодагони роҳбарияти ҶШС Тоҷикистон ва заводи мазкур ба курсҳои такмили ихтисос ва макотиби олии дигар шаҳрҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳалли худро ёфта бошад, аммо курсҳои бозомӯзӣ ва азнавтаёркунии назди завод низ дар омода намудани мутахассисони соҳа, беҳтар намудани малакаю маҳорати касбӣ ва сатҳу сифати кормандон, омӯзонидани одитарин қоидаҳои бехатарӣ, талаботҳои завод ва дигар нозукиҳои касбу кори соҳа нақши босазо гузоштааст.

АДАБИЁТ

1. Бойгонии ҷории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон. Ҳисоботҳои солонаи Вазорат (солҳои 2013-2020);
2. Гришманов И.А. Промышленность строительных материалов на рубеже новой пятилетки. / И.А. Гришманов - Москва, 1971;
3. Люсов А.Н., Цементная Союза Советских Социалистических Республик СССР. Состояние и перспективы развития. / А.Н.Люсов - Москва. 1974.
4. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 1.- С.- 1- 296;
5. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 2.- С.- 1- 106;
6. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 3.- С.- 1- 59;
7. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 4.- С.- 1- 67;
8. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 5.- С.- 1- 35;
9. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 6.- С.- 1- 63;
10. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 7.- С.- 1- 166;
11. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 8.- С.- 1- 40;
12. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 9.- С.- 1- 123;
13. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 10.- С.- 1- 109;
14. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 1544, рӯйхати 1, парвандаи 11.- С.- 1- 112;
15. Суҳбат бо собиқ корманди Сементзаводи Душанбе, истиқоматкунандаи н. Ленинский (ҳоло Рӯдакӣ) марҳум Сулаймонов Солеҳхон.- 7 марти соли 2021

ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲО ДАР ЗАВОДИ СЕМЕНТИ ДУШАНБЕ ДАР СОЛҲОИ 40- 60- УМИ АСРИ ХХ

Дар мақолаи мазкур проблемаи норасоии мутахассисон ва омода намудани мутахассисон дар заводи сементбарории шаҳри Душанбе дар солҳои 40- 60- уми асри ХХ асосан мувофиқи маводҳои бойгонӣ инъикос гардидааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар нимаи дуюми солҳои 40-ум, пас аз анҷом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ проблемаи асосӣ норасоии қувваи корӣ ва хусусан мутахассисон ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз, алакай аз ибтидои солҳои 50-ум барои ҳалли проблемаи мазкур диққати ҷиддӣ равона карда мешуд. Проблемаи норасоии мутахассисон ва омода намудани мутахассисон дар завод асосан ба воситаи ҷалби ихтисосмандон аз дигар заводҳои миқёси собиқ ИҶШС ва ҷалби хатмкардагони макотиби олӣ бартараф карда мешуд. Инчунин фиристодагони роҳбарияти ҶШС Тоҷикистон ва завод низ ба курсҳои такмили ихтисос ва макотиби олии дигар шаҳрҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин самт назаррас буд. Курсҳои бозомӯзӣ ва азнавтаёркунии назди завод низ дар омода намудани мутахассисони соҳа нақши босазо гузоштааст.

Калидвожаҳо: *оқибатҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, норасоии қувваи корӣ, омодакунии кадрҳо,*

фаъолияти заводи сементбарорӣ, норасоии мутахассисони ватанӣ, васеъ гардидани фаъолияти завод, ба истифода заводи нави сементи Душанбе.

ПОДГОТОВКА КАДРОВ НА ДУШАНБИНСКОМ ЦЕМЕНТНОМ ЗАВОДЕ В 40-60-Е ГОДЫ XX ВЕКА

В статье отражена проблема нехватки специалистов и подготовки специалистов на Душанбинском цементном заводе в 40-60-е годы XX века, преимущественно по архивным материалам. Следует отметить, что во второй половине 1940-х годов, после окончания Великой Отечественной войны, главной проблемой была нехватка кадров, особенно специалистов. Поэтому с начала 50-х годов решению этой проблемы уделялось серьезное внимание. Проблема нехватки специалистов и подготовки специалистов на заводе решалась в основном за счет привлечения специалистов других заводов бывшего СССР и выпускников вузов. Посланцы руководства Таджикской ССР и завода также посещали курсы повышения квалификации и вузы других городов Советского Союза по этому направлению. Курсы переподготовки и переподготовки на заводе также играют важную роль в подготовке специалистов в этой области.

Ключевые слова: *последствия Великой Отечественной войны, нехватка рабочей силы, подготовка кадров, деятельность цементного завода, нехватка отечественных специалистов, расширение завода, ввод в эксплуатацию нового Душанбинского цементного завода.*

STAFF TRAINING AT DUSHANBIN CEMENT FACTORY IN 40-60S OF THE XX CENTURY

The article reflects the problem of the lack of specialists and training of specialists at the Dushanbe cement plant in the 40-60s of the twentieth century, mainly based on archival materials. It should be noted that in the second half of the 1940s, after the end of the Great Patriotic War, the main problem was the lack of personnel, especially specialists. Therefore, since the beginning of the 50s, serious attention has been paid to solving this problem. The problem of the lack of specialists and the training of specialists at the plant was solved mainly by attracting specialists from other plants of the former USSR and graduates of universities. The envoys of the leadership of the Tajik SSR and the plant also attended advanced training courses and universities in other cities of the Soviet Union in this area. Retraining and retraining courses at the plant also play an important role in the training of specialists in this field.

Key words: *consequences of the Great Patriotic War, shortage of manpower, personnel training, activities of a cement plant, shortage of domestic specialists, expansion of the plant, commissioning of a new Dushanbe cement plant.*

Маълумот дар бораи муаллиф:

Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна *- докторант (PhD) – и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи Аҳмади Дониш, Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Сведения об авторе:

Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна *- докторант (PhD) Института истории, археологии и этнографии им. Ахмади Дониша Национальной академии наук Республики Таджикистан, Тел: (+992) 938040602*

About the author:

Azizkhonova Rukhshona Gulbozhonovna *- Doctoral student (PhD) of the Institute of History, Archeology and Ethnography name Ahmadi Donish of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Phone: (+992) 938040602*

МУРҒОБ ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ XX

Талипова С.Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ҳукумати Шӯравӣ дар Помир соли 1918 барқарор карда шуда, баҳори соли 1919 ба мисли дигар минтақаҳо дар як қатор маҳаллҳои Бадахшон низ Кумитаҳои инқилобӣ ташкил карда шуданд. Баҳори соли 1919 анҷумани ин кумитаҳо барпо гардида, дар онҳо оид ба муттаҳид намудани Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ қарор қабул карда шуд. Аз ҳамон лаҳза роҳбарии умумиро дар Помир

кумитаи дастаи марзбонон бо сарварии А.А.Холмаков ба ихтиёри худ гирифт ва дар назди он кумитаи инқилобӣ ташкил шуда буд, ки ба ҳайати он ба ғайр аз А.А.Холмаков, боз П.Волков ва Руднев шомил буданд.

Аз моҳи апрели соли 1919 сар карда, ба Помири Шарқӣ босмачиён ҳамла намуда, онҳо аҳолиро тороҷ карда, одамони ба Ҳокимияти Шуравӣ содиқро ба қатл расионида, ба мустаҳкамшавии Ҳокимияти Шуравӣ халал мерасонданд. Аз ҷумла, намояндагии дар Қашғар будаи Англия ба ноҳияҳои Помир диққати зиёд дода, чандин маротиба ба Помири Шарқӣ ва водии Олой омада мерафтанд. Онҳо дар ин ҷо бо сардорони қабилаҳои қирғиз ва бо собиқ аскарони подшоҳӣ забон як карда, бар зидди Ҳокимияти Шуравӣ сӯиқасдҳо ташкил менамуданд. Дастаи помирии Артиши Сурх дар ин вақт аз озуқаворӣ, сарулибос, яроқу аслиҳа ниҳоят танқисӣ мекашид. Душвориҳо аз ҷиҳати таъминот таъсири бад расонда, мардумро рӯҳафтода мекард. Баъзе аз онҳо интизомро вайрон карда, пароканда мешуданд. Босмачиён бошанд, аз ин истифода менамуданд. Онҳо ба сарҳади Помири Шарқӣ зуд-зуд ҳамла мекарданд[8, 16].

Чорабиниҳои Ҳокимияти Шӯравӣ барои бунёд ва мустаҳкам намудани тартиботи нав дар Помир дар шароити хеле мураккаби сиёсӣ ва иқтисодӣ мегузашт. Зеро, низоми нав натанҳо муқобили сохтори сиёсии пештара буд, балки сохтори иқтисодию иҷтимоии гузаштаро низ қабул надошт. Бинобар ҳамин душвориҳои дар роҳи шикастани низоми кӯҳна ба миён омада дар мадди аввал ба дӯши халқи меҳнаткаш зам мегардиданд.

23 июли соли 1919 ҳангоми сафари хизматии А.А. Холмаков ба Мурғоб якчанд нафар бо аспҳои пур аз аслиҳа, аз ҷониби Афғонистон, ки ба Хоруғ гузаштанд, дастгир мешаванд ва аслиҳаҳои ҷангишон аз ҷониби отряди Помир мусодира карда шуд. Баъди баргаштан Холмаков онҳоро барои фиристодан ба Тошканд қарор мекунад, вале шабонгоҳ онҳо халос ёфта, ба анбори аслиҳа даромада, яроқнок гардида, Холмаков А. сардори пости Мурғоб Гудинович, фелдшери дастаи Помир Носовро кушта ва ҳамсари Холмаковро сахт захмӣ мекунанд. Марги А.Холмаков барои мардуми Помир шикасти сахт буд. [1.181] Ба ҷои ӯ полковник П. Воловик ва духтури минтақа Вичин ва дигарон мардумро бар зидди босмачиён ба мубориза даъват мекунанд.

Тобистони соли 1919 вазъият дар Помир боз мураккаб гардид. Зеро дар ноҳияи Ӯш (Қирғизистон) дер боз дастаҳои хурди Эргаш ва Мадаминбек амал мекарданд. Аз Ӯш то сарҳади Помири Шарқӣ, яъне дар водии Олой, асосан қувваҳои зиёди зиддишӯравӣ бо сарварии Муҳиддин ва Ҷонибек ҳукуматдорӣ менамуданд.

Соли 1919 полковник Тимофеев ба Хоруғ расида, ҳокимияти шӯравиро барҳам медиҳад. Аввали соли 1920 нуқтаҳои асосии стратегӣ дар роҳи Ӯш- Хоруғ, аз он ҷумла деҳаи Гулчӣ, аз тарафи қисмҳои аскарони сурх ишғол карда шуд. Ин воқеа дар Помир тарафдорони шӯравиро рӯҳбаланд намуд. Бо сарварии Х.Кирмоншоев дастаи гвардиячиёни сурх ташкил карда шуд, ки ба он А.Наврӯзбеков, Т.Бердаков, С.Абдуллоев, Э.Элчибеков, Б.Мирзобеков ва Д.Воловик дохил мешуданд. Пас аз шикаст босмачиён ба ҳар гӯша пароканда мешаванд, ва қисме аз босмачиёни Мадаминбек ба кӯҳҳои баланди Помир пинҳон мешаванд ва моҳи апрели соли 1920 ба Мурғоб омада,аскарони отряди дар инҷо бударо ба қатл расонида, мегурезанд [5,48.]

Баъди ин ҳодиса полковник Тимофеев нокифоягии қувваи худро эҳсос намуда, бо наздиконаш ба Ҳиндустон гурехт ва сардори милитсияи Хоруғ Ҳақназар бошад ба диндорони маҳаллӣ такя намуда, ҳокимиятро гирифт. Вале диндорони Помири Ғарбӣ, бо ташаббуси Абдулғиёсхон ба беки Дарвоз бо мактуб муроҷиат карданд, ки мулки онҳоро низ ба ҳайати идоракунии амири Бухоро ҳамроҳ кунанд. Дар натиҷа моҳи майи ҳамон сол гурӯҳи 16 нафараи бухороии дар Дарвоз буда, ба Хоруғ дохил шуданд ва Кӯҳистони Бадахшон мулки аморати Бухоро эълон гардид. Акнун дар Хоруғ намояндаи амир-бек менишаст ва дар маҳалҳо низ тартиботи амириро аз нав барқарор карданд.

26 июни соли 1920 вақте, ки бек ва дигар намояндагони амири Бухоро дар зиёфати пири Рошткалъа Саид Маҳмудшо буданд, тарафдорони шӯравӣ, бо сарварии Азизбек Наврӯзбеков дар аввал кӯпруки дарёи Ғундро, ки роҳи Рошткалъаро бо Хоруғи Боло мепайваст, вайрон карданд. Онҳо 27 июн қалъаи Хоруғро ба даст дароварда, тамоми аслиҳаро аз худ намуданд, 28 июн бек ва дигар тарафдорони ӯ аз воқеаи Хоруғ хабардор гашта, аз Рошткалъа омаданд ва бо душвориҳои зиёд аз дарёи Ғунд гузашта, аз исёнгарон талаби супоридани қалъаро карданд, вале ҷавоби рад гирифтанд. Рӯзи 29 июн дар байни тарафдорони шӯравӣ ва бек задухӯрд ба амал омад, ки бо ғалабаи тарафдорони шӯравӣ анҷом ёфт. Бек асир афтид ва ӯро ба Қалъаи Ҳумб фиристоданд. Ҳокимият дар Помир аз сари нав ба ихтиёри кумитаи инқилобӣ бо сарварии П. Воловик гузашт[6,70].

Комиссия бар зидди босмачиён махсусан муборизаи оштинопазир мебурд. Ҳанӯз, моҳи августи соли 1921, вақте ки комиссия ба Помири Шарқӣ омада буд, босмачиён бисьёр ҷойҳои сарҳаддии Помирро тамоман вайрон карда буданд. Ба ҳамаи ин чойҳо бо ҳамроҳии намояндагони шӯъбаи махсус ва ҷонишини қисмҳои сиёсӣ зерсохторҳо фиристода шуд. Ин тадбирҳо аҳамияти калон доштанд, чунки босмачиён ба ин ҷо хусусан ба Помири Шарқӣ тез-тез ҳамла мекарданд. Масалан, моҳи декабри соли 1921 босмачиён дар ин ҷо 11 нафар аскари сурхро ба қатл расонидаанд. Пас аз

чанд рӯз босмачиён Мурғобро муҳосира намуданд. Аммо сарҳадчиён, гарчанде аз гуруснагӣ азият кашида бошанд ҳам, далерона мечангиданд. Барои халос намудани онҳо аскари сурх, коммунисти вахонӣ Фармонбек Тайғуншоев нақши калон бозид, ӯ мардонагию қаҳрамонӣ нишон дод. Сарҳадчиён ӯро барои ёрӣ ба Хоруғ фиристоданд. Ӯ бо сад азобу машаққат ба Лангар расида, аз он ҷо ба Хоруғ дар бораи муҳосира шудани Мурғоб хабар фиристод ва аз Хоруғ дар вақташ ёрӣ расид. Дар Помир мустаҳкам гардидани сарҳад барои дар Фарғона торумор намудани босмачигарӣ низ аҳамияти хеле калон дошт, зеро баста шудани сарҳадди Помир босмачиёнро аз ёрии бевоситаи англисҳо Афғонистон, Хитой ва Ҳиндустон ба онҳо мефиристоданд, маҳрум мекард.

Дар Помири Шарқӣ каме пештар ҳокимият ба ихтиёри қувваҳои зиддишӯравии маҳаллӣ ба сарварии Кулсарибек Кунакбоев гузашт. Чӣ дар Помири Ғарбӣ ва чӣдарПомири Шарқӣ ба таъқиби онҳое сар карданд, ки нисбат ба тартиботи шӯравӣ хайрхоҳ буданд.

Ҳамин тавр 29 июни соли 1920 дар Помир Ғарбӣ ва сентябри соли 1921 дар Помири Шарқӣ ҳамчун рӯзи аз нав ташкил ёфтани Ҳокимияти Шӯравӣ маҳсуб меёбад. Дар ин вақт дар Помир ду пост яке дар Мурғоб ва дигаре дар Қизил-Раббот ҷойгир буд.

Дар ин гӯшаи кӯҳӣ (Мурғоб) низ ҳокимият ба ихтиёри Кумитаи инқилобӣ гузашт. Моҳи сентябри соли 1921 бо ташаббуси ҳокимияти шӯравии Туркистон, бо мақсади дар тамоми маҳалҳои Кӯҳистони Бадахшон барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шӯравӣ Сегонаи ҳарбию сиёсӣ оид ба Помир ташкил карда шуд. Сардори сегонаи мазкур яке аз муборизони ҳокимияти шуравӣ Т.М. Дяконов Х. Хусейнбоев Ш. Шоҳтемур шомил шуданд. Ба Помири Ғарбӣ - Шириншоҳ Шоҳтемур, ба Помири Шарқӣ –Ҳ. Ҳусейнбоев ва аз дастаи сарҳадӣ - М.М. Дяконов, ҳамчун намояндаи КИМ ҶМШС Туркистон ба ҳисоб мерафт ба кор оғоз карданд. Ҳ. Ҳусейнбоев ҳарчанд забони қирғизиро каму беш медонист ба бисёр душвориҳо бо мардум фаҳмондадиҳӣ карда, онҳоро ба ҳокимияти шӯравӣ дилгарм сохт. Худи ҳамон сол кумитаҳои инқилобӣ дар Аличур, Ақсу, Чеш-Тобо таъсис дода шуданд. Соли 1921 анҷумани волостӣ ташкил карда шуд, ки аз 5 нафар иборат буд. Раиси он Қасим Бердибеков таъин гардид[6,178].

Ҳамин тариқ, дар Помири Шарқӣ, яъне волости Мурғоб ташкили кумитатҳои инқилобии кишлоқӣ ва волостӣ дар авали соли 1923 пурра хотима ёфт. 27 майи соли 1923 дар Мурғоб Анҷумани якуми волости Шӯроҳои Помири Шарқӣ шуда гузашт. Худи ҳамон сол дар ҳайати 7 кас Комитети инқилобии Помир интихоб шуда буд.

Солҳои 1927-1928 дар Помири Шарқӣ бо кӯмаки сарҳадчиён дар волости Мурғоб, Чеш-тоба, Қизил-Работ, Оқ-Ҷар, Булун-Кул аввалин ячейкаҳои комсомолӣ таъсис ёфт. Нахустин комсомолҳо аз Мурғоб Акназаров Исманалӣ, Набиев Алтимиш, Ҷумаев Алйилчӣ, Ҷумаев И. ва ғайра буданд, ки вазифаи аввалини онҳо бар зидди босачигарӣ фаҳмондадиҳӣ буд.

Ба замми он баргардонидани оилаҳое, ки аз тарафи босмачиён маҷбур ба Афғонистону Қошғар рафта буданд ба роҳ монда шуд.

Соли 1931 ба мақсади мустаҳкам намудани марзи кишвар дар Тоқтомуш, Ран-Кул, Музкул, Қара-Кул қисмҳои ҳарбии сарҳадбонӣ гузошта шуд. Инчунин худи ҳамин сол тавассути роҳи автомобилгарди Ӯш-Мурғоб мошинҳои тамғаи ЗиС-5 аввалин бор ба Мурғоб омаданд. Масофаи ин роҳ аз Мурғоб то Хоруғ 310 км буда, соли 1934 он пурра ба истифода дода шуд. Баъди ба итмом расидани сохтмони роҳи Ӯш-Мурғоб тавассути он ба чандин кишварҳои Осиёи Миёна рафту омади сокинон пайдо шуд. Ҳамин сол аввалин хонаи кӯдакон дар Мурғоб сохта шуд, ки сарвари он Минбаева Умринисо буда, дар он 56 нафар кӯдакон ба тарбия фаро гирифта шуданд.

Дар Помири Шарқӣ соли 1925 678 хоҷагӣ, 3247 нафар аҳолӣ. дорои, 6685 қутоз, 31862 сар бузу гӯсфанд, 503 сар асп, 65 сар хар ба ҳисоб гирифта шуда, он баъди 5 сол яънесоли 1930 ба 987 хоҷагӣ, 42612 нафар аҳолӣ, 6841 қутос, 37878 сар бузу гӯсфанд, 941- сар уштур, 656 –сар асп, 150 –сар хар расидааст.

Бо қарори КИМ ҶШС Тоҷикистон 27 октябри соли 1932 дар Помири Шарқӣ ноҳияи Мурғоб ташкил дода шуд, ки ба ҳайати он шӯрои деҳоти Аличур, Қара-Кол, Кизил-Раббот, Мурғоб, Ран-Кол ва Чеш-Тобо дохил шуданд. Бо ин мақсад аз ҷониби Кумитаи иҷроияи Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон як қатор чораҳо андешида шуд. Аз ҷумла, дар маҷлиси пӯшидаи Шӯрои вилоятӣ 9 ноябри соли 1932 доир ба якчанд масъалаҳои Помири Шарқӣ, аз ҷумла ташкилёбии Мурғоб ҳамчун ноҳия ва таъсиси кумитаю марказҳои идорӣ дар ҳайати Алматов Қамчибек, Тушурашвили, Саин –Алӣ, Ахунҷанов қарор қабул шуд. Роҳбари аввалини ноҳия Қасим Бердибеков таъин шуд.

Аз таъсисёбии ноҳия корҳои ободонӣ оғоз гардида, вазифаи аввалин маҳви бесаводӣ ва ба қайд гирифтани чорвои бойҳо дониста шуд. Дар аввали барпо гардидани ҳокимияти шуравӣ бинобар дуруст нафаҳмидани моҳияти сохти нав аксарияти мардуми Мурғоб ба дигар минтақаҳо, ҳатто хориҷа баромада рафтанд. Аз ҷумла, зиёда аз 150 хонавода бо 30 000 чорво аз сарҳади вилоят берун рафтанд.

Соли 1932 бори аввал дар Помири ғарбӣ 2 колхоз таъсис ёфт. Дар соли 1936 бошад барои тайёр намудани кадрҳои хоҷагии қишлоқ курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат кушода шуданд, ки дар онҳо 20

муҳосиб, бухгалтер, 20 бригадири деҳқононба таҳсил ҷалб шуданд. Соли 1937-1938 бошад курсҳои мазкурро 13 муҳосиб, 99 бригадир, 8 ҳисобчӣ хатм намуданд. Умуман то соли 1939 дар Бадахшон 130 колхоз таъсис ёфта буд, вале дар Мурғоб ягон колхоз вуҷуд надошт[4, 52].

Дар Помири Шарқӣ пеш аз ҳама зарур буд, ки мардумро ба ҳаёти муқимӣ одат кунонанд, зеро халқи Мурғоб аз азал бо хаймаҳои худ аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчида зиндагӣ мекарданд, бинобар ин ташкили колхозу савхозҳо дар ин минтақа дертар ба вуқӯъ омадааст.

Дар Помири Шарқӣ барои ташкил шудани колхозҳо монеъаҳои зиёд ҷой доштанд. Аз ҷумла, бад будани вазъи қтисодии аҳолӣ, набудани заминҳои ҳосилхез ва амсоли ин. Сатҳи дониш ва фаҳмиши аҳолӣ низ дар ҳолати пастарин қарор дошт, онҳо тартиботи шӯравиро дуруст сарфаҳм намерафтанд онҳоро ба тарзи зиндагии нав мувофиқ сохтан низ мушкил буд. Қувваҳои зидди сохти нав ва намояндагони дин мардумро бо ҳар гуна роҳ аз муттаҳид кардани чорво, ташкили хоҷагиҳои якҷоя бо ташвиқи он, ки гуё баъди муттаҳид намудани молу чорво ҳама ашёҳои хона, ҳатто зиндагӣ умумӣ мешаванд, метарсониданд.

Дар натиҷа аҳолӣ чорвои худро бо мақсаду бе мақсад мефурӯхтанд, аз ҷумла, ронандаҳои роҳи Ӯш-Хоруғ мошин-мошин гӯшти хом ва чорвои зиндаро ба Қирғизистон мебурданд. Аз он ҷойҳо намояндагони муассисаҳои истеҳсоли маҳсулоти гуштӣ ба ин минтақа омада, молҳоро бо нархи арзон харида мебурданд. Барои пешгирии ин вазъият ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар рӯзномаи «Чыгыш-Памир» (Помири шарқӣ) гузоришу мақолаҳои махсус чоп мешуданд. Бо мақсади пешгири аз ҳодиса дар роҳҳо дидбонгоҳҳои назоратӣ таъсис дода шуданд.

Дар аввал барои мардуми Мурғоб ки асосан тарзи зиндагии саҳроӣ доштанд, сохтани хонаҳои заминӣ хеле душвор буд, онҳо аз лойдевор хонаҳо сохта, дарахтҳоро аз масофаи дур бинобар сабаби набудани роҳ ғелонда меоварданд. Дар натиҷаи бо истифода додашудани роҳи Ош-Хоруғ масолеҳи сохтмонӣ ба ин минтақа ворид гашт ва мушкилиҳоро аз байн бурд.

Ҳокимияти Шӯравӣ ба рушди маорифи халқ бештар диққат медод. Соли 1931 дар Помири Шарқӣ аввалин мактабҳои шӯравӣ (4 адад) сохта шуда, дар онҳо 42 талаба ба дарс фаро гирифта шуданд. Соли 1932 дар ноҳия 5 мактаб, 96 хонанда, соли 1933 6 мактаб 120 нафар хонанда, соли 1934 6 мактаб 154, 1935 7 мактаб ва 448 хонанда таҳсил мекард. Соли 1934 дар Мурғоб техникуми омӯзгори дорои 60 ҷойи нишаст кушода мешавад ва соли 1936 дар он 43 нафар таҳсил мекарданд.

Дар соли 1934 дар Помири шарқӣ барои маҳви бесаводӣ дар 8 нуқтаҳо курсҳои омӯзишӣ кушода шуда, 231 нафар ба хондан фаро гирифташудааст. Дар солҳои 1935-1936 дар 24 нуқта курсҳо кушода шуда, 628 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз соли 1936 иморатҳои шакли нав бо номи «Чойхонаи Сурх» дорои 50 ҷой кушода шудааст. Мувофиқи маълумотномаи ноҳия дар соли1936 дар ноҳия 2575 бесавод ба қайд гирифта шудааст[4,155]

Ҳамин тариқ, бо барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар дуртарин мавзеи ҷумҳурӣ ноҳияи наве бо номи Мурғоб таъсис ёфт, ки бо дастовардҳо ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии худ дар байни ноҳияҳои ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон мақоми хосаро ишғол менамояд.

АДАБИЁТ

1. История таджикского народа. Новейшая истори (1917 1941 гг.) том v. Душанбе -2001.
Чунин самти муайянкунӣ, ки онро ҳизби болшевики пешаки роҳнамоӣ карда буд Тоҷикистонро ба базаи саноати бофандагии ИҶШС табдил медод. Ин хулоса танҳо дар нақшаи баланд бардоштани афзоиши ашёи хом аҳаммияти умумииттифоқӣ дошту халос. Энергетика низ ҳамчун як намуди ашё мебоист инкишофи онро таъмин месохт. Дар қисмати охирини қарори конференсия қайд шуда буд: «ҶШС Тоҷикистон» захираҳои ниҳоят бузурги гидроэнергетикӣ дошта қодир аст, инкишофи босуръати хоҷагии халқи Тоҷикистонро таъмин созад. Иқтидории потенсиалии захираҳои обӣ дар муддати 11 моҳ, на камтар аз 15 млн қувваи аспро ташкил медиҳад, ки ин ба нисфи захираҳои энергияи гидравликии Осиёи Миёна баробар аст. Қисмати зиёди захираҳои обӣ асосан дар Тоҷикистони шарқӣ ва ҷанубӣ ҷойгиранд ва дар айни замон калонтарин конҳои ангиштсанг дар шимоли ҷумҳурӣ қарор доранд. [4-т-1]

Чунин тараққиёти кувваҳои истехсолии мамлакат дар айни замон имконият медихад, ки дар оянда Тоҷикистон бо хатти баландшиддати барқӣ пайваст гардад. Тоҷикистон дар сохтори хоҷагии халқи иттифоқ асосан ҳамчун нохияи пахтакор баҳисоб меравад ва яке аз омилҳои мухмим дар ин самт об мебошад: Аз ин лиҳоз сохтмонҳои неругоҳҳои обии барқӣ бояд зич бо оби ёрӣкунӣ алоқаи зич дошта бошад. Натиҷаҳои эъзомия ва корҳои илмӣ ҷусту ҷӯии то соли 1933 гузаронида шуда тасдиқ мекунанд, ки Тоҷикистон мамлакатест,ки имкониятҳои бузурги захираҳои оби аз чихати экологӣ тозаро дорост. Шумораи пиряхҳои Тоҷикистон ба 14,500 адад, ки масоҳати 11,00 км^2 ташкил медиҳанд, ки 8% - и ҳудуди мамлакат мебошад. Микдори умуми дарёҳо ва ҷӯйҳои аз онҳо ҷоришаванда 25,000 ва дарозии умуми онхо 90,000 кмро ташкил медиҳад. Дар дараҳои танги баландкӯҳӣ кӯлҳои сершумор ба хаҷми обашон 46,3 км^3 захираи обӣ нушокии онҳо 16,2 км^3 мавҷуданд. 54,3% обҳое, ки дар бахри Арал мерезанд аз ҳисоби обҳои Тоҷикистон аст. Иктидори умумии захираҳои энергетикии Тоҷикистон беш аз 527 милиард кВт/соатро ташкил медиҳанд. Аммо чуноне ки таҷриба нишон дод, мувофиқи нақшаи умумииттифоқии ҶШСТ аз ҳаҷми умумии захираҳои дарҳудудҳояш будаи об танҳо 15% обҳои Ҳавзаи Амударё ва 7,8% Ҳавзаи дарёи Сирдарёро истифода мекунанду халос ин обҳоро асосан ҶШС Узбекистон 50,5% ҶШС Қазоқистон 42,2% истифода мекарданд. Аз амударё ба Тоҷикистон 15,2% ба ҶШС Ӯзбекистон 42,2% ба ҶШС Туркманистон 42,3% об рост меомад. Агар чунин хисоб кунем, ки хоҷагии халқи водии Вахш ба таври мутаносиб мувофиқи захираҳои истеҳсолии худ тараққӣ мекарда бошад, пас он имконият дошт, ки яке аз минтақаҳои бузурги нисбатан дар асосҳои саноатӣ рушдкунанда табдил ёбад. Вале ин ҳолат руй надод, вале баҳри ҳақ баровардани сиёсати иқтисодии ҳукумати Шуравӣ бо ба ҳисоб гирифтани як қатор корхонаҳои ба тараққиёти пахтакорӣ пешбинишуда онро ноҳияи агросаноатӣ ном мебурдагӣ шуданд. Ибораи «нохияи агросаноатии Вахш» барои нахуст аз тарафи Р.И Хайдарова Замоне, ки охири Тоҷикистон 60 уми асри ХХ комплекси ҳудудиистҳсолии Тоҷикистони

ҷануби ташаккул меёфт истифода бурда шудааст.[2, с. 27-30]

Бо ба кор даромадани «Канали Вахш» ҳукумати Шуравӣ ба нафъи саноати Россия аз ҳудкунии ашёҳои хоми Тоҷикистонро ба таври васеъ оғоз кард. Ноҳияҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ ба марҳалаи нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дохил шуда, баъдтар комплекси ҳудудӣ истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ (КТИТҶ) ташаккул ёфт. Нақши водии Вахшро дар тараққиёти саноати ИҶШС ва иқтисодиёти Тоҷикистон ба инобат гирифта, академик А.Е.Ферсман дар сухани хотимавии ҳуд, дар Конференсияи якуми тоҷикистонӣ чунин қайд кард: Лозим аст, ки дар ин сол яроқнок шуда ба роҳи нав – омӯзиши хоҷагии Тоҷикистон дар бунёди ояндаи ҳуд имкон медиҳад. Заминҳои навкорам дар тамоми Осиё ва Шарқ ҳамчун як шуълаи фурӯзон равшанӣ кунанд.

Мувофиқи мазмуни маърузаи ҷонишини раиси Госплани ҶШС Тоҷикистон Ф. А. Казаков дар конференсияи Ленинград водии Ҳисор–Вахш ба роҳбарони ҷумҳурӣ ҳамчун ду ноҳияи алоҳидаи иқтисодии Марказӣ Сталинобод ва Ҷанубӣ намудор мешуданд. Вобаста ба ин, дар нақшаи барои панҷсолаи дуюм оид ба ноҳиябандии хоҷагии Тоҷикистон пешниҳоднамудаи Госплани Тоҷикистон ин ноҳияҳо ҷудо карда мешуданд. Якумин ҳамчун аграрӣ-саноатӣ ва дуюмин ноҳияи ҷанубии пахтакор муайян карда шудаанд. Дар заминҳои обӣ зироати пешбаранда пахта ба ҳисоб мерафт майдонҳои кишт – 157.650га, аз ин ба ҳиссаи зироатҳои обӣ 40.000га ё 26% рост меомад. 74%-и боқимонда ба заминҳои лалмӣ, ки дар нишебкӯҳҳо ва доманакӯҳҳо ҷойгир буданд, ташкил медод. Майдони умумии киштзорҳои пахта 28.540 га буд. Ноҳия ватани гӯсфанди ҳисорӣ ба ҳисоб мерафт. Аз миқдори умумии гӯсфандони ҳисорӣ ташкил медод. Дар ин ҷо ба сифати воҳиди мустақил, ки хусусияти саноатиро доро буд ноҳияи Сталинобод баромад мекард. Дар ин ҷо канданиҳои бой ва захираҳои энергетикӣ хеле зиёд буданд. Азхудкунии ноҳия нисбатан ба дигар ноҳияҳои мамлакат дар шароитҳои нисбатан хуб қарор дошт, зеро, ки он бо хоҷагии иттифоққи ҷануб алоқа (робита) дошт, ин ноҳияҳо дорои роҳои автомобилӣ буданд. Бо анҷомёбии сохтмони роҳи автомобилии Сталинобод-Урсатевск бо дигар ноҳияҳои пешкадами Осиёи Миёна пай васт мегашт. Аз рӯи нақшаи пешниҳоднамудаи Ф.А. Казаков ноҳияи Ҷанубӣ базаи асосии пахта дониста мешуд. Майдонҳои пахта алакай 37.000 га –ро аз майдони умумии 61.000 га ташкил медод, ки ин 60% майдонҳои кишт буд. Аммо мувофиқи дурнамои аз ҳудкунии водии Вахш майдонҳои обёришаванда метавонист ба 130.000 га ва аз ин ҳам зиёд расад. Дар фарқият аз ноҳияи иқтисодии Ҳисор, дар водии Вахш алакай корҳои ҷустуҷӯи оид ба муайян кардани сӯзишвории сланетс пеш бурда мешуданд. Онҳо дар наздикии Норак ва ҳудудҳои Ёвону Кӯлоб ҷой гирифта буданд ва метавонистанд дар оянда аз рӯи дурнамо ба рушди саноати химияи Тоҷикистон мусоидат намояд. Алоқаи нақлиётӣ алакай ба воситаи роҳи оҳани камбари Қурғонтеппаро бо бандари Панҷи Поён пайваст кунонда шоҳроҳи Сталинобод – Қурғонтеппа ба роҳ монда шуда буд. Сохтмони роҳи оҳани Сталинобод – Кӯлоб ва як қатор роҳҳои автомобилӣ, ки ин ноҳияи асосии пахтакори ҷумҳуриро пайваст мекард ба лоиҳа гирифта шуданд.

Чуноне ки дида мешавад, ташаккулёбии водии Вахш ҳамчун минтақаи алоҳида ва махсус ва истеҳсолии тараққикардаи саноатӣ дар дурнамо, дар соҳаҳои минбаъда тамокул ёфт, ки ин ба туфайли ҷуғрофиён хуб, шароитҳои мусоид иқлимӣ, серҳосилии хок, захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ ва химиявии ҳуд имконпазир гардид. Вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофии ҳуд, водии Вахш аз дигар ноҳияҳои иқтисодӣ бо релефи хосси ҳуд фарқ мекунад. Он ба пастхамии Тоҷикистони Ҷанубӣ дохил мешавад. Дар миёни қаторкӯҳҳои Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз, Вахш ва Боботоғ ҷой гирифта, сохти хосси худро дорад. Дар дохили (доираи) минтақа базе қаторкӯҳҳо ва кӯҳҳо (дар баландии 1200-2000м) ба самти ҷануб тул кашидаанд. Аз қатор кӯҳи вахш бошад кӯҳҳои Сурхкӯҳ, Сарсарак, Териклит давом карда, ноҳияҳоро ҷудо мекунанд ва боиси гуногун гаштани табиати онхо мегарданд.

Дар миёни қаторкӯҳҳо ва кӯҳҳо водиҳо бо ҳамвориҳои мавҷноки ҳуд, ки ҷангалпӯш мебошанд, доман паҳн кардаанд: ба монанди Вахш, Ёвон, Обикиик, Кофарниҳони поёнӣ, бешкент ва Панҷи Поён. Онҳо тахминан дар баландии аз 300-400 м то 600-900 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд. Шароитҳои кӯҳӣ ва душвории релф кори сохтмони роҳҳои оҳанро дар байни ин қитъаҳо душвор мегардонд. Ин ба сохтмони иншоотҳои обёрикунада ва саросар обёрикунӣ низ дахл дорад. Бинобар ин, дар доманакӯҳҳо ва нишебкӯҳҳо заминдории лалмӣ ба роҳ монда шудааст. Вале ҳамвориҳои ин ҷо барои сохтмони роҳи оҳан ва роҳҳои автомобилӣ хеле қулай мебошанд. Ба корҳои обёрикунӣ ҳам хеле мусоид мебошанд. Мувофиқи маълумотҳои олимони шуравӣ, ки дар бало зикр ёфтанд, иқлим, хок ва релефи водии Вахш бо захираҳои минералӣ, ашёӣ, обӣ-энергетикӣ ва сӯзишворӣ пурра мувофиқат мекунанд. Дар натиҷаи суръати баланди корҳои обёрикунӣ дар солҳои 60-70 уми асри ХХ, фонди заминии водӣ аз ҳисоби водии Ёвону Обикиик 5.000 га ва аз ҳисоби водиҳои Панҷи Поён ва Гаравутӣ низ васеъ гаштанд.

Ноҳияи иқтисодии Вахш минтақаи аз ҳама бойи Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ-энергетикӣ, минералӣ-ашёӣ ба ҳисоб меравад.

Чунончи ба воситаи ҳудудҳои он қариб ҳама дарёҳои бузург ва бисёр дарёҳои хурди камоб, ки

ба ҳавзаи Амударё тааллуқ доранд, мегузаранд. Ҳавзаи Амударё аз ¾ қисмати масоҳати ҷумҳуриро ташкил медиҳад, ин дарёи аз ҳама бузург ва серборонтарини Осиёи Миёна ба ҳисоб рафта, дарозиаш 2291 км мебошад. Микдори оби ин дарё нисбат ба Сирдарё се маротиба зиёд мебошад. Аз рӯи миклори об Амударё ба дарёи азими Миср –Нил баробар аст. Вале аз Ҷиҳати дарозӣ Амударё нисбати Нил ду маротиба кӯтоҳтар мебошад. Амударё нисбати дарёи Нил тез ҷараён мебошад. Он 85 км дарозӣ дошта, баъди якҷоя шудани дарёҳои Панҷ ва Вахш ин ном, яъне, Амударёро гирифтааст. Дарёи Панҷ маҷрои болоии Амударё ибтидои худро аз ҳудудҳои Афғонистон, пиряхҳои Ҳиндукуш мегирад ва онҷо Вахондарё ном дорад. Баъди бо дарёи Помир якҷо шудан номи Панҷро мегирад. Ба ҳисоби миёна микдори оби солонаи он 40 км3 буда, 53.2% оби Амударёро ташкил медихад. Дарёи Вахш ибтидои худро аз доманаҳои қисмати баландкӯҳи Олой ва қаторкӯҳи паси Олой, бо номи Қизилсу гирифтааст. дар ҳудудҳои байни шохобҳои Муғсу ва Обихингов Сурхоб ном дорад. Аз ҷои якҷояшавии Сурхоб ва Обихингов дарё ба минтақаи кӯҳии харсангӣ даромада номи Вахшро мегирад. Дарозии умумии дарё 690 км, ки аз ин 525 км ба худудҳои Тоҷикистон рост меояд. Ин дарё ягона сарҷашмаи обёрикунии водии Вахш буда ба дарёи Панҷ мерезад.

Аз рӯи серобӣ 20 км^3 ташкил дода, аз ин лиҳоз аз дарёи Панҷ қафо меистад. Масоҳати умумии ҳавзаи дарёи Вахш 39,1 ҳазор км2-ро ташкил медиҳад. Канали дар водӣ сохташуда оби худро аз ин дарё мегирад.

Шохоби рости Амударёро дарёи Кофарниҳон ташкил медиҳад, ки 405 км дарозӣ дошта, ҳавзаи он аз 11,6 км2 иборат мебошад. Кофарниҳон ба дарёи Аму мерезад. Дарёҳои Варзоб, Лучоб, Хонақоҳ шохобҳои дарёи Кофарниҳон мебошанд. Ҷустуҷу ва тадқиқотҳои солҳои минбаъда дар ин ҷо панҷ минтақаи заминларзаро муайян карданд, ки яке аз онҳо Вахш мебошад. 120 нуқтаи мавҷуд будани газ ва нефт муқаррар карда шуд, ки бисёре аз онҳо дар водии Вахш ҷойгир мебошанд. Дар инҷо як кони газ дар Қизил – Тумшуқ ва секони нафт дар Кичикбел, Оқбошадир, Курғонча дарёфт карда шуданд. Охирин маълумотҳои ҷустуҷӯӣ собит карданд, ки дар ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ захираҳои бузурги намк, оҳаксанг, мавҷуданд, ки ҳамчун ашёи хом барои саноати химия барои истеҳсоли содакарбит, калтсин, магний, металлӣ, гази ангиштоб, оҳаки хлор, поруҳои минералӣ ба таври васеъ ҷинсҳои карбонатӣ истифода бурда мешаванд. Захираҳои оҳаксанг дар ҷумҳурӣ асосан дар Ёвон ва Қаратоғ мавҷуданд. Захираи умумии онҳо 100 млн тоннаро ташкил медихад. Аз рӯи таркиби химиявӣ барои истеҳсоли магнии хлор ва соддаи колсидор мувофиқ мебошад.

Захираҳои оҳаксанг дар соҳили чапи дарёи Даҳанасу, 12 км дуртар аз маркази Ёвон, дар нишебиҳои шарқии қаторкӯҳи Джетамтау ҷойгир буда, захираи он 50 млн тоннаро ташкил медиҳанд, ки 31,5 млн тоннаи он барои тайёр кардани оҳак мувофиқ мебошад. Маҳсулотҳои оҳаксангии инҷо бо сохта шудани комбинати электрохимиявии Ёвон сабаб гашт.ғайр аз оҳаксанг, дар маҳалли Тутбулоқи Ёвон, ки дар ғарби қаторкӯҳи Қаратов ҷойгир аст, захираҳои калони намак дарёфт шуд, ки масоҳаташ 5км2 ташкил медиҳад. Аз он намаки аълосифати ошиии навъи якум ва «Экстра», инчунин, намаки калтсийдор, хлор, натрий, моеъ барои истеҳсоли электролизи катодӣ истеҳсол карда мешавад. На чандон дуртар аз Тутбулоқ дар масофаи 2 км дуртар аз шаҳри Норак ба самти ҷанубу ғарб, дар ҳар ду соҳили дарёи Вахш боз як кони дигари намак муайян карда шуд ва захираи он 230 млн тоннаро ташкил медиҳад. Дар ҷанубии ғарбии шаҳри Кӯлоб дар масофаи 32 км дуртар аз шаҳр калонтарин кони намак – Хоҷа Муъмин ҷойгир шудааст, ки захираи он 40-50 млрд тоннаро ташкил медиҳад. Суръати афзоиши саноат дар солҳои 1926-1959 дар ҳудудҳои минтақаи Вахш ба пайдо шудани шаҳру шаҳракҳо (посёлка) – ҳамчун марказҳои истеҳсолию фарҳангии ноҳияҳо ва шуроҳои деҳот сабаб шуд. Чунончи, шаҳрҳои Қурғонтеппа ва Калининобод (Сарбанди ҳозира). Ҳанӯз соли 1939 масоҳати заминҳои обёришаванда – омода шуда, нисбат ба соли 1925 279% афзуданд. Майдонҳои обёришаванда 275% зиёд гашт, то охири соли 1939 дарозии иншоотҳои обёрикунанда дар водии Вахш хеле зиёд шудандӯ 1каналҳои магистралӣ -4 хазор км.

Хулоса, омили асосии ташаккулёбии ноҳияи иқтисодии Вахш дар қаъри Водӣ мавҷуд будани захираҳои бои ашёи хом барои соҳаҳои гуногуни саноат ба ҳисоб меравад, ки онҳо солҳои минбаъда кашф карда шудаанд. Ҷуғрофияи ин ноҳия бо захираҳои сершумори сӯзишворӣ, минералӣ, ашёи химиявӣ бой мебошад. Дар ин ҷо сарватҳои металлӣ ва ғайриметаллӣ захираҳои ашёи хоми алюминий ва магний, сурма, полиметаллҳо, сода, фосфорит ва металлҳои сохтмонӣ дарёфт карда шуданд. Вале бинобар мавҷуд набудани базаи энергетикӣ ва омӯзиши сусти онҳо, то солҳои 60-уми асри XX истифодаи васеъ ва самараноки онҳо ба таърих гузошта мешуд. Дар ташаккули минтақаи иқтисодии Вахш нақши муҳимро иншоотиҳои азими гидроэнергетиии он бозиданд. Канали ирригатсионӣ (обёрикунанда) дар натиҷаи меҳнати диловарона деҳқонони оддӣ бо олотҳои оддитарин – каланд, бел, зоғнӯл бунёд гардида, ба истифода дода шуданд. Бе танаффус, бе рӯзҳои истироҳат, шабу рӯз, бо қувваи охирин заҳмат мекашиданд.

АДАБИЁТ

1. Диёри ошноӣ ва рӯшноӣ с. 229

2. Из истории индустриализации Таджикиской ССР.Душанбе Ирфон 1972-С.27-30
3. Казаков Ф А. Хазайственное район и равние Таджикистана Проблемы Таджикистана.
4. Проблемы Таджикистана Трудыпервой конфереции по изучению производительных Сил Таджикиской ССР Л. Т1. С.9.
5. Ферсман А Е. Общие итоги Таджикиской конференции /Проблемы Таджикистана Т 1.

БА ВУҶУД ОМАДАНИ НОҲИЯИ АГРАРӢ САНОАТИИ ВАХШ ВА ҲИСОР

Мақсади таҳқиқот: *омӯзиши масъалаи ташаккулёбии ноҳияҳои аграрӣ-саноатии Вахш ва Ҳисор буда, он барои илмӣ таърих ва соҳаи кишоварзии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ-назариві дорад.*

Дар натиҷаи таҳқиқот: *сабабҳо ва аҳамияти ташакулёбии ноҳияҳои аграрӣ-саноатии Вахш ва Ҳисор муайян гардиданд.*

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба аз худ намудани натиҷаҳо ва таҷрибаҳои дар минтақаҳои гуногуни водии Вахш гузаронида оид ба шароитҳои мусоиди иқлимии он аз рӯи маълумотҳои олимони рус ба монанди Ф. Артемов, А. Е. Ферсман, Б. П. Вейнберг, К. П. Горбунов, Н. В. Криленко, А. И. Эстрина, барои рушди омӯзиш ва парвариши пахтаи навъи мисрии маҳиннах дар ҶМШС Тоҷикистон маълумот додааст. Доир ба ин масъала ба чунин хулосае омадааст, ки то ба соли 1929 дар Тоҷикистон раванди азнавсозии хоҷагии халқ ба анҷом расида, соҳаи асосии иқтисодии он, ки ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ такя менамуд, муайян карда шуд. Дар охири панҷсолаи якум зарурияти муайян кардани самтҳои асосии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ба соҳаи асосии хоҷагии халқи он ба миён омад. Навбати якуми сохтмони канали обёрикунандаи Вахш ба охир расид ва азхудкунии заминҳои води Вахш, ки баҳри истеҳсоли навъи пахтаи мисрӣ пешбинӣ шуда буданд, оғоз ёфт. Аз ин рӯ, моҳи апрели соли 1933 бо ташаббуси шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ИҶШС дар шаҳри Ленинград якумин конфиренсияи илмӣ гузаронида шуд, ки вазифаҳои асосии он дар асосии маводҳои ҷамъоварда ва омӯхтани эъзомияҳои илмӣ ва дигар маълумотҳо муайян кардани қувваҳои истеҳсолии Тоҷикистон ва пешомадҳои тараққиёти онро муайян намудан буд. Дар кори конференсия ҳама олимони намоёни РСФСР, ки дар Тоҷикистон дар эъзомияҳои хоҷагии амалӣ ва гурӯҳҳои ҷустуҷӯӣ ширкат доштанд, иштирок намуда буданд, ки ҳар яки онҳо нисбати захираҳои зеризаминӣ, қувваи калони гидроэнергетикии дарёи Вахш ва обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида маълумот даданд.

Ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки чӣ гуна ҳукумати ИШ ба рушди чунин як ҷумҳурии ҷавон диққати махсус медод. Ҳамин тавр водии Вахш ба яке аз минтақаҳои бузурги агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил гардид.

Калидвожа: *Дарё, Вахш, конференсия, обёрӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, замин, гидроэнергетика, ҳукумат, истеҳсолот, Амударё, Қаратоғ, Ҳисор, А. Е. Ферсман, Б. П. Вейнберг, К. П. Горбунов, Н. В. Криленко, А. И. Эстрина, Е. О. Погребитский, Д. И. Шербаков, Н. А. Караулов, Н. А. Швембергер, майдони пахта.*

ВОЗНИКНОВЕНИЕ ВАХШСКОГО И ГИССАРСКОГО ПРОМЫШЛЕННО-АГРАРНЫХ РАЙОНОВ

В данной статье автор опирается на результаты и опыты, проведенные в различных районах Вахшской долины по ее благоприятным климатическим условиям на основе данных таких российских ученых, как Ф. Артемов, А. Е. Ферсман, Б. П. Вайнберг, К. П. Горбунов, Н. В. Криленко, А. И. Эстриной за развитие изучения и выращивания тонковолокнистого египетского хлопка в Таджикской ССР. В связи с этим был сделан вывод о том, что к 1929 году в Таджикистане завершился процесс модернизации народного хозяйства, и была определена его основная экономическая отрасль, опиравшаяся на сельскохозяйственное производство. В конце первой пятилетки возникла необходимость определить основные направления социально-экономического развития Таджикистана в основных отраслях его экономики. Завершен первый этап строительства Вахшского оросительного канала и начато освоение Вахшской долины, предназначенной для производства египетского хлопка. Поэтому в апреле 1933 года по инициативе Совета Министров Таджикской ССР в Ленинграде была проведена первая научная конференция. В конференции приняли участие все видные ученые РСФСР, принимавшие участие в полевых и поисковых отрядах Таджикистана, каждый из которых предоставил информацию о подземных ресурсах, большом гидроэнергетическом потенциале реки Вахш и об орошении пустующих земель.

Можно сделать вывод, что правительство СССР уделяло особое внимание развитию столь молодой республики. Таким образом, Вахшская долина стала одним из крупнейших агропромышленных регионов Республики Таджикистан.

Ключевые слова: *Река, Вахш, конференция, ирригация, Республика Таджикистан, земля,*

гидроэнергетика, правительство, промышленность, Амударья, Каратаг, Гиссар, А. Е. Ферсман, Б. П. Вайнберг, К. П. Горбунов, Н. В. Криленко, А. И. Эстрина, Е. О. Погребитский, Д. И. Шербаков, Н. А. Караулов, Н. А. Швембергер, хлопковое поле.

EMERGENCE OF THE VAKHSH AND GISSAR INDUSTRIAL AND AGRICULTURAL REGIONS

In this article, the author relies on the results and experiments carried out in various areas of the Vakhsh valley on its favorable climatic conditions based on the data of such Russian scientists as F. Artemov, A. E. Fersman, B. P. Weinberg, K. P. Gorbunov, N. V. Krilenko, A. I. Estrina for the development of the study and cultivation of fine-staple Egyptian cotton in the Tajik SSR. In this regard, it was concluded that by 1929 the process of modernization of the national economy was completed in Tajikistan, and its main economic sector, based on agricultural production, was determined. At the end of the first five-year plan, it became necessary to determine the main directions of the socio-economic development of Tajikistan in the main sectors of its economy. The first stage of the construction of the Vakhsh irrigation canal was completed and the development of the Vakhsh valley intended for the production of Egyptian cotton began. Therefore, in April 1933, on the initiative of the Council of Ministers of the Tajik SSR, the first scientific conference was held in Leningrad. The conference was attended by all prominent scientists of the RSFSR who took part in the field and search teams of Tajikistan, each of which provided information about underground resources, the large hydropower potential of the Vakhsh River and irrigation of vacant lands.

It can be concluded that the government of the USSR paid special attention to the development of such a young republic. Thus, the Vakhsh Valley has become one of the largest agro-industrial regions of the Republic of Tajikistan.

Key words: *River, Vakhsh, conference, irrigation, Republic of Tajikistan, land, hydropower, government, industry, Amu Darya, Karatag, Gissar, A. E. Fersman, B. P. Weinberg, K. P. Gorbunov, N. V. Krilenko, A I. Estrina, E. O. Pogrebitsky, D. I. Sherbakov, N. A. Karaulov, N. A. Shvemberg, cotton field.*

Маълумот дар бораи муаллиф:

Мусоев Алишер Қорабоевич*, муаллими калони кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.*

Сведения об авторе:

Мусоев Алишер Қорабоевич, *старший преподаватель кафедра методики преподавания истории и права исторического факультета ТГПУ имени Садриддина Айни.*

Information about the author:

Musoev Aliher Qoraboevich*, Senior Lecturer, Department of Methods of Teaching History and Law, Faculty of History, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

НАҚШИ ҚУШУНҲОИ САРҲАДӢ ДАР ҲИФЗИ МАРЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Ибодуллозода А.

Осорхонаи миллии Тоҷикистон

Исроилов И. И.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Марз ва марзбандӣ яке аз нишонаҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад. Истилоҳи марз дар нахустин сарчашмаи таърихӣ, китоби «Авесто» ба маънои сарҳадди як давлат ва кишвар, дар забони паҳлавӣ ба маънои хона ва маскан ёд шудааст. Дар дигар сарчашма ва луғатномаҳои таърихӣ, аз ҷумла, Луғати Фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Анҷуманоро»-и Рашидӣ, «Фарҳанги Деҳхудо», «Фарҳанги Амид» ва ғайраҳо истилоҳи «марз», «марзбон», «ҳад», «сарҳад» дар ба як маъно шарҳ ёфтаанд.

Дар тӯли таърих гузаштагони мо дар масоҳати васеъ давлатҳои бузургеро, аз қабили давлатҳои Ҳахоманишӣ, Порт (Ашкониён), Кушониён, Сосониё, Ҳайтолиён, Тоҳириёну Саффориён Сомониён ва ғайраро таъсис намудаанд. Ҳар яке аз ин давлатҳо дорои марзи муқаррар ва низоми мукаммали сиёсӣ буданд. [1]

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XX1 бо амри тақдир ва сарнавишт бо пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон таъсиси ёфт. Дар чунин шароити таърихӣ барои кишвари тозаэҷод низоми ҳарбии пуриқдидор барои ҳифзи марзу бум зарур буд. Мутаасифон пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз заминаҳои моддиву техникӣ, аслиҳаву техникаи ҳарбӣ ва инфрасохтори низомӣ бенасиб монд. Дар баробари ин дар мамлакат ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сар зад. Беработиву бенизомӣ, қочоқи аслиҳа, гардиши маводи мухаддир ва амалиётҳои ҷангии гурӯҳҳои ситезакор дар сарҳад авзои сиёсӣ ва иқтисодии кишварро боз ҳам бадтар гардонд. [2]

Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари дигар масъалаҳои мубрам масъалаи мустаҳкам кардани сарҳади давлатӣ ба миён гузошта шуд. Нахустин ҳуҷҷате, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти сарҳад роҳ кушод Қарори Шӯрои Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 1992 мебошад. Дар асоси ин қарор дар ҳайати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бригадаи таъиноти махсуси марзбонон дар ҳайати 1200 нафар таъсис дода шуд. Дар як муддати кӯтоҳ баҳри таъмини ҳифзи марзҳо гурӯҳҳои зудамали бригадаи дар ноҳияҳои Шаҳритуз, Қумсангир, Панҷ, Фархор, Шӯрободу Дашти Ҷум созмон ёфт. Ҳайати шахсии бригада ба мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ нигоҳ накарда дар мӯътадил гардондани вазъи сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон, ба ватан бар гардондани гурезҳо, маҳви қочоқгароён ва марзшиканиҳо диловарию мардонагӣ нишон доданд. Дар баробари ҳамаи ин пешравиҳо шароити бавуҷудомада боз ҳам талабгори мустаҳкамии ин бригада буд. 28 декабри соли 1992 Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи таъсиси Раёсати ҳифзи сарҳадди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сохтори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба тавсиб расонид. Ҳамин тавр давра ба давра сохтори Қушунҳои сарҳадии мамлакат ташаккул ёфт. [3]

Бояд қайд намуд, ки ороми сарҳад василаии асосии рушди ҷомеа буда, бо ҳифзи он тамоми заминаҳои инкишоф дар давлат муҳайё мегарданд. Шаҳрвандон ҳаёт мӯътадилу осуда гузаронида, дар як шароити мусоид думболи кору фаъолияти худ мешаванд.

Пушида нест, ки дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ миёни 15 давлати бародарӣ ҳифз ва ҳимояи марз вуҷуд надошт. Мардуми тамоми хоки Шӯрвай озодона дар ҳар як давалти бародарӣ сайру саёҳат менамуданд. Мутаасифона баъди аз байн рафтани давлати Шӯравӣ мушкилоти марзи миёни давлатҳои собиқ шуравӣ ба амал омад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавқеи ҷойгиршавиаш дар Осиёи Марказӣ бо Давлати исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамсарҳад мебошад. Албатта тули чанд даҳсола мешавад, ки авзои сиёсии Ҷумҳурии исломии Афғонистон муташаниҷ буда, дар ин сарзамин гурӯҳои силоҳбадасти ҷангҷу даъвои ба даст даровардани ҳокимият доранд. Ин ҳолат аз як ҷониб барои мардуми худи Афғонистон хатарафзо бошад аз ҷониби дигар ба амнияти минтақа ва ҷаҳон таъсири бад дорад. Чунин шароити номусоиди таърихии ҷумҳурии ба мо ҳамсарҳад масъулияти ҳарбиёни Қушунҳои сарҳадии Тоҷикистонро даҳчан зиёд намуд. Хушбахтон афсарону аскарони ин қисми низоми тавонистанд, ки сарҳади муайни Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарафмандона аз ҳуҷуми ҳамагуна гурӯҳои ҷинои ҳифз намоянд.[4]

Баъди воқеаҳои солҳои 1992-1993 Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон бе гуфтушунидҳо дар вилоятҳои Сурхондарё, Тирмиз ба сохтмони иншоотҳои сарҳадӣ байни Тоҷикистону Ӯзбекистон сар кард. Ин амали пешгирифтаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор намуд, ки дар ноҳияиҳои ҳамсарҳад бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон бунёди артиши сарҳадиро созмон диҳад. Дар ноҳияи Турсунзода нахустин комендатураи сарҳадӣ таъсис дода шуд. Дуввум воҳиди сарҳадӣ соли 1997 дар шаҳри Хуҷанд созмон дода шуд.

Фосилаи солҳои 1996-1998 миёни Қушунҳои сарҳадӣ аз роҳи муносибатҳои дӯстона кор гирифта, бо нерӯҳои сарҳадии давлати ҳамсоя гуфтушунидҳо анҷом дода, мушкилоти сарҳадиро бо роҳи осоишта ва дар фазои якдигарфаҳмии ҳарду ҷониб ҳалу фасл намуданд.[5]

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар мақомоти қудратӣ аз ниҳодҳои нерӯманд ба шумор рафта, дорои техникаҳои замони муосир буда, ҷузву томҳояш бо кадрҳои соҳибмалумот ва соҳибтаҷрибаи касбӣ мукаммал гардидааст.

Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз худ дараҷаи баланди ҳушёрӣ, далерӣ ва зиракии сиёсӣ нишон дода, дар бартараф намудани ҷинояту ҷиноятқорӣ ва дар ҳифзу нигоҳдории марзи давлатӣ нақши беназир доранд. Дар давоми чандсолаи фаъолияти худ кормандони ин ниҳод 415 амалиёти фаврӣ гузаронида, дар рафти амалиётҳо ва ҳифзи сарҳади давлатӣ байни сарҳадбонон ва гурӯҳҳои ҷиноятпеша 305 задухӯрди мусалаҳона ба миён омадааст. Аз шумори қочоқчиёни афғон 576 нафар кушта 126 нафар захмдор ва 405 нафар дастгир карда шудаанд. Дар ин давра аз гардиши ғайри қонуни 20 137 кг маводи мухаддир, 1103 адад яроқи оташфишон, 306503 дона силоҳи гуногун мусодира карда шуд. Нисбати далелҳои вайронкунии сарҳади давлатӣ, ёфта гирифтани маводи мухаддир, яроқу аслиҳа ва дигар лавозимоти ҷангӣ чорабиниҳои таҳқиқотӣ-таровишӣ гузаронида шуда, 530 адад парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шуда буд.[6]

Мусаллам аст, ки имрӯз тероризми байналмиллали, қочоқи маводи мухадир ва фурӯши аслиҳаи ҷангӣ ба яке аз проблемаҳои ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд. Ин хатарҳо ҳар як марзбони кишварро барои ҳимояи сарҳадди давлатии кишвар масъул менамояд. Зарур аст, ки ҳар як ваҷаб замини Ватанро чун гаҳвараки чашм нигаҳбонӣ карда, барои бартараф намудани ҳамагуна таҳдид омода бошанд. Марзбонони тоҷик имрӯз бо маҳорату малакаи касбии хеш ин бори масъулиятро бар душ гирифта, аз ӯҳдаи вазифаи хеш сарбаландона мебароянд. Фармону супоришҳои Асосгузори Сулҳу

Ваҳдати Миллӣ – Пешвои Миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ қарор дода, дар муддати на чандон тӯлони ба муваффақиятҳои назараси хизматӣ комёб мешаванд.[7]

Нақш ва аҳмаияти Қушунҳои сарҳадиро 26-27 майи соли сои 2014 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бахшида ба 20-солагии таъсисёбии Қушунҳои сарҳадӣ чунин қайд намуда буд.»... ташаккул ва рушди Қушунҳои сарҳадӣ як давраи томеро ташкил медиҳад ва ин давра бо раванди рушду пешрафти давлати ҷавони тоҷикон баробар сурат гирифт. Имрӯз метавонем дилпурона изҳор намоем, ки Қушунҳои сарҳадӣ ба як сохтори воқеан муташаккилу муназзам ва неруи боэътимоди ҳифзи сарҳадоти мамлакат табдил ёфтанд. Мо инро яке аз дастовардҳои бузурги замони соҳибистиқлолии мамлакат медонем”[8]

Соли 2005 ҳимояи сарҳади давлатӣ пурра ба зимаи Қушунҳои сарҳадии Тоҷикистон вогузор гардид. Қушунҳои сарҳадӣ аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ бо дастгириҳои бе воситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои сарҳади давлатӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, амният, якпорчагӣ, тамомияти арзӣ, оромӣ ва осоиштагии мардуми Тоҷикистонро таъмин намуда истодааст.

Воқеан, аз даврони куҳан то имрӯз нерӯҳои марзбон аз нахустинҳо мебошанд, ки ба хотири амнияти давлат ва шаҳрвандонаш бо вайронкунандагони марз, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятқор, қочоқбарон ҷони худро ба хатар мегузоранд ва сипари боэътимоди Ватан–Модар мегарданд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ назди сарҳадбонон аз аскари қаторӣ то афсари баландрутба вазифаҳои ҷиддӣ ва масъулиятнок меистад. Вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон ва вобаста ба он таъмини амнияти миллӣ, тамомияти арзӣ ва ҳифзи манфиатҳои кишвари соҳибихтиёр аз марзбонон зиракию ҳушёрӣ, омодабошии ҷангӣ ва донишу малакаи ҳирфавиро тақозо мекунад. Сарҳадбононро мебояд ба анъанаҳои ачдоди номовари хеш содиқ бошанд.[9]

Ҳамин тавр, маҳз ҳамин хизмати пурмасъулятони неруҳои Қушунҳои сарҳадӣ буд, ки дар як марҳилаи начандон туллонии таърих оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомуш гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳаёти муътадил баргашт. Барои мардум шароити мусоиди корӣ муҳайё гардид. Тоҷикистон яке аз давлатҳои ором ва осуда дар сайёраи замин шинохта шуд.

АДАБИЁТ

1. Бойгонии ҷории Вазорати мудофиаии Ҷумҳурии Тоҷикисатон. Ҳисоботҳои 1993-2013.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 20-солагии таъсисиёбии Қушунҳои сарҳадӣ / Ҷумҳурият, 2019.
3. Абдурашитов Ф. М. Таърихи ҳарбӣ.-Душанбе, 2016, С. 140.
4. Абдурашитов Ф. М. Фаъолияти сохторҳои қудратӣ ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар охири асри ХХ- ва аввали асри ХХ1.-Душанбе, 2021. С. 48.
5. Ҷонибек А. Анушервон А. Марз ва марзбандӣ. -Душанбе, 2017. С.40.
6. Набиева Р. А., Зикриёев Ф. Б., Зикриёева М. Ф. Таърихи халқи тоҷик.-Душанбе, 2008, С. 188.
7. Марз ҷабҳаи садоқат. -Душанбе, 2019, С. 91
8. Марзбонон.- Душанбе, 2014
9. Ёдошти сарҳадбонон.-Душанбе, «Нашри Мубориз», 2021, С. 31

ТАЪСИСИЁБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ВА НАҚШИ ҚУШУНҲОИ САРҲАДӢ ДАР ҲИФЗИ МАРЗИ ОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф нақш ва мақоми қушунҳои сарҳадиро дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ, маҳви гуруҳои ҷиноятқорӣ сарҳадӣ нишон додааст. Муҳаққиқ дар оғози матлаби худ аз таърихи давлатдории тоҷикон ба таври мухтасар ёдовар гардида, қайд намудааст, ки дар таърихи инсоният ачдодони тоҷикон яке аз нахустин халқиятҳое буданд, ки ба нахустин давлат ва марзҳо асос гузоштанд. Дар идомаи гуфторҳои худ доир ба истилоҳи марз ибрози назарр намуда дарҷ намудааст, ки истилоҳи марз дар нахустин сарчашмаи таърихӣ, китоби «Авесто» ба маънои сарҳадди як давлат ва кишвар, дар забони паҳлавӣ ба маънои хона ва маскан ёд шудааст. Дар дигар сарчашма ва луғатномаҳои таърихӣ аз ҷумла, «Луғати Фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Анҷуманоро»-и Рашидӣ, «Фарҳанги Деххудо», «Фарҳанги Амид» ва ғайраҳо истилоҳи «марз», «марзбон», «ҳад», «сарҳад» дар ба як маъно шарҳ ёфтаанд. Инчунин муаллиф нақши ин ниҳодро дар замони соҳибистиқлоли кишвар илман дар асоси мадаракҳои таърихи шарҳу тавзеҳ додааст.

Калид вожаҳо: *Истиқлолият, давлат, амният, сарҳад, марз, ҳудуд, қочоқ, рушд, таҳким.*

РОЛЬ ПОГРАНИЧНЫХ СИЛ В ЗАЩИТЕ ГРАНИЦЫ НЕЗАВИСИМОЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор осветил роль и статус пограничных войск в укреплении государственной независимости, ликвидации приграничных преступных группировок. В начале своей статьи исследователь кратко вспомнил историю таджикской государственности, отметив, что в истории человечества предки таджиков были одними из первых народов, установивших первое государство и границы. Продолжая свою речь о термине «граница», он отметил, что термин «граница» в первом историческом источнике, книге «Авесто» означает границу государства и страны, в Пехлеви означает дом и место жительства. Другие исторические источники и словари включают «Меха Лугати» Асади Туси, «Анджуманоро» Рашиди, «Фарханги» Дехкудо, «Фарханги Амида» и др. «Граница» в определенном смысле. Автор также объясняет роль этого института в период обретения страной независимости как науки и основы исторических источников.

Ключевые слова: *независимость, государство, безопасность, граница, граница, территория, контрабанда, развитие, укрепление.*

THE ROLE OF BORDER FORCES IN PROTECTING THE BORDER OF THE INDEPENDENT REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author highlighted the role and status of the border troops in strengthening state independence, the elimination of border criminal groups. At the beginning of his article, the researcher briefly recalled the history of the Tajik statehood, noting that in the history of mankind, the ancestors of the Tajiks were one of the first peoples to establish the first state and borders. Continuing his speech on the term «border», he noted that the term «border» in the first historical source, the book «Avesto» means the border of a state and country, in Pahlavi means home and residence. Other historical sources and dictionaries include Asadi Tusi's Lugati Furs, Rashidi's Anjumanoro, Dehkhudo's Farhangi, Amid's Farhangi, and others. border «in one sense. The author also explains the role of this institution at the time of independence of the country as a science and the basis of historical sources.

Keywords: *Independence, state, security, border, border, territory, smuggling, development, strengthening.*

Маълумот дар бораи муаллифон:

Ибодуллозода А. *Директори осорхонаи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих.*

Исроилов И. И.*, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Сведения об авторах:

Ибодуллозода А., *доктор исторических наук, директор Национального музея Таджикистана.*

Исроилов И. И. *– Соискатель кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.*

Information about authors:

Ibodullozoda A. *Doctor of Historical Sciences, Director of the National Museum of Tajikistan,*

Isroilov I. I. *Competitor of the Department of Political Science of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini*

УДК: 94(41/99)

ПРИЧИНЫ И ПРЕДПОСЫЛКИ ПРИХОДА К ВЛАСТИ ДВИЖЕНИЯ «ТАЛИБАН» В 90-Х ГОДАХ XX ВЕКА

Кудратов К.А., Одинаев А.Н.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Проблемы Афганистан в последние десятилетия XX века приобрели не только общенациональный и региональный, но и глобальный характер. Событие 27 сентября 1996 г. в Афганистане получил широкий отклик во всем мире – оппозиционные вооруженные отряды движения «Талибан» захватили афганскую столицу - г. Кабул.

Движение «Талибан» появилось в Афганистане среди представителей пуштунских племен в начале 90-х гг. XX в. Ядром движения стали три десятка талибов* медресе в Кандагаре во главе с муллой Мухаммедом Омаром**.

Вазири корҳои хориҷии «Толибон» Мулло Муҳаммад Ғавс дар як нишаст бо ҳайати СММ мушкилии «Толибон»-ро дар ин робита ба таври мухтасар чунин баён кард: «...бо афроди низомии хеш аҳдномае дорем, ки яке аз қисматҳои он манъи мавзӯъи таҳсили занон аст. Агар мо ин аҳдномаро иҷро накунем, низомиён марзҳои ҷангиро раҳо карда ва ба рустоҳои худ бармегарданд. Аз ин лиҳоз, то замоне ки мухолифин дар баробари мо қарор доранд, мо низ барои ҷанг бо онҳо ниёз ба ҷангҷӯёни деҳот ва қобил дорем. Пас мо маҷбур ҳастем, ки ба ин сиёсат идома диҳем. Тағйироти ин сиёсат замоне мумкин аст, ки ҷанг ба поён бирасад» [10, с. 121].

Ҳамин тавр, бо дур сохтани занон аз низоми маориф, ки аксарияти муаллимони кишварро занҳо ташкил мекарданд, дар ҳақиқат низоми тадриси муосири Афғонистон фалаҷ гардид.

Қобили қайд аст, ки «Толибон» дар ибтидо ба иллати мушкилоти иқтисодӣ қодир набуданд, ки барои занон шароити дурусти таҳсилро фароҳам созанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дарназардошти ин масаъла аз роҳҳои мухталиф саъй мекард, то «Толибон» -ро ба тағйири сиёсат дар низоми маориф ташвиқ намояд. Аз ҷумла, ҷомеаи Аврупо ҳозир буд харҷи сохтмону таъмини ҳамаҷиҳатаи панҷ мактаби духтаронаро дар Кобул бо шароите, ки «Толибон» хоҳони он буданд, ба уҳда бигиранд [6, с. 91].

Муовини Вазорати умури хориҷии Норвегия дар мулоқот бо Истоникзай – муовини Вазорати хориҷии «Толибон» пешниҳод намуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва Аврупо омодаанд то 10 мактаби бузургро дар шаҳри Кобул бунёд ва таъмир намояд, ба шарте, ки 5 мактаби он барои духтарон бошад. Дар қисмати ҳамлу нақли амният ва шаръии шогирдон (духтарон) низ омодагии лозимӣ дар назар гирифта хоҳад шуд. Истоникзай дар ҷавоб гуфт, ки ҳукумати «Толибон» дар ин кор мушкилӣ намебинад, аммо дар ибтидо бояд комиссия аз ду тараф мавзӯъро ба диққат мавриди арзёбӣ қарор диҳад [10, с. 121]. Муовини Вазири корҳои хориҷии Норвегия ин мувофиқати «Толибон»-ро дар як конфрониси матбуотӣ дар шаҳри Кобул ба унвони як қадами муҳим арзёбӣ намуд. Аммо ин иқдом дар амал татбиқ нашуд ва дар рӯзҳои аввали эълони ин хабар аз ҷониби «Толибон» пазируфта нашуд ва он аз Қандаҳор рад шуд.

Дар натиҷаи вазъи ба амаломада ҳазорон хонанда Афғонистонро тарк кард ва аҳолӣ барои ба таҳсил фаро гирифтани фарзандонашон роҳи кишварҳои дигар, махсусан Покистонро пеш гирифтанд. Инҳо мардумони хушбахти ҷомеаи Афғонистон буданд, ки имконоти моддии зиндагӣ дар Покистонро доштанд, вале аксарияти хонаводаҳое, ки дар Афғонистон боқӣ монданд ва тавони молии сафар ба хориҷро надоштанд, фарзандонашон аз таҳсил дур монданд.

Мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ маҷбур кард бисёре аз муаллимон ва тарки вазифа кунанд ва ба ин васила шароити таълиму тарбия рӯ ба харобӣ овард. Вазъи нодурусти низоми маориф баъзе аз муассисоти хайрияи хориҷиро водор сохт, ки дар ин соҳа барномаҳоеро рӯи даст гиранд. Аз ҷумла, як муассисаи ғайридавлатии кишвари Туркия дар вилоятҳои мухталифи кишвар ба таъсиси мактабҳои таҳти унвони «Ориёно-афғон-турк» пардохт. Ин мактабҳо писаронро аз синфи шашум, пас аз супоридани имтиҳони давлатӣ қабул мекард ва дар онҳо тамоми имконоти омӯзиш бо усули пешрафта ба роҳ монда шуда буд. Барномаҳои таълимии мактабҳо тавре буд, ки дар баробари дарсҳои замонавӣ, улуми динӣ, забонҳои туркӣ, англисӣ ва арабӣ низ тадрис дода мешуд. Омӯзгорон дар бисёре аз фанҳои дарсӣ бо кумаки технологияи муосир низоми замонавии омӯзишро ба роҳ монданд, ки дар Афғонистон ин тарзи тадрис ҳаргиз собиқа надошт. Кумак ба ин мактабҳо аз тариқи як созмони исломӣ дар дохили Туркия ва аз роҳи ҷалби кумакҳои мусалмонон сурат мегирифт ва омӯзгорони ин мактабҳо аксарияташон туркҳо ва аз улуми динӣ хабардор буданд [8, с. 111].

Хулоса, Дар кишвари Афғонистон миёни солҳои 1991-2001 таҳаввулоти бузург ва назарраси мусбат ва манфӣ, минҷумла монеаҳои бузурге дар соҳаи маориф то суқути Толибон рӯх додаанд, ки ҷуборни онҳо қариб номумкин аст. Аммо, баъд аз сарнагунии Толибон ҷиҳатҳои мусбати таҳаввулот дар Афғонистон, таъсиси давлати муваққатӣ, интиқоли ҳукумат ва бунёди ҷумҳурии исломӣ мебошанд. Алабатта, дар миёни солҳои 2001-2016 дар соҳаи маорифи Афғонистон пешрафтҳои чашмгире низ рӯх додааст. Қобили тазаккур аст, ки барои таъсиси ҳукумати Афғонистон Конфронси Бонн нақши муҳим бозид. Конфронси Бонн аз нахустин ва барҷастатарин иқдомоти нави ҷомеаи ҷаҳонӣ буд, ки бо ҳамкорӣ ва ҳимояти ИМА ва кишварҳои ҳамсояи Афғонистон (6+2) ва бо иштироки намояндагони гурӯҳҳо ва ҷамъиятҳои Афғонистон дар таърихи 27-уми декабр соли 2001 дар меҳмонхонаи давлатии Питерзборги шаҳри Бонни Олмон баргузор гардид ва он оғозе буд барои барқарорсозии сулҳ ва таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон мебошад.

Натиҷаҳои ин ҳама таҳаввулоти сиёсӣ дар кишвари Афғонистон рӯй овардан ба мактаб ва маориф мебошад, вале мутассифона дар солҳои охир ҳамлаи мусаллаҳонаиэстремистиву террористӣ ба муаллимон ва шогирдон ва дар маҷмӯ ба мактабҳо афзудааст, ки тавассути афроди марбут ба гуруҳи «Толибон», сурат гирифтаанд.

Дар ин давра мардуми Афғонистон иддао доштанд, ки чаро давлати Афғонистон баъд аз Конфронси Бонн бо сарозер шудани ҳазорон миллион доллар ба хусус дар бахши рушди маориф аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои кӯмаккунанда ба монанди кишварҳои Аврупо, Осиё ва ҳатто ИМА, Австралия ва ғайраҳо, ба таври дуруст мудирият ва масъулиятпазирӣ накард ва ба таври воқеӣ он амалӣ ва татбиқ нашуд. Эҳё ва инкишофи маорифи Афғонистон имрӯзҳо низ ба кӯмакҳои кишварҳои хориҷӣ вобастагӣ дорад.

Ба гуфтаҳои боло нигоҳ накарда имрӯзҳо агар ба сатҳи савод ва соҳаи маорифи Афғонистон назар андозем, Афғонистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки поёнтарин дараҷаи саводро доро мебошад, чаро ки асароти ҷангҳои дохилии Толибон ва амалиётҳои низомии Нерӯҳои байналмилалии мусоидати амният (ISAF) дар даҳсолаҳои минбаъда шаҳрвандони Афғонистонро дар тамоми соҳаҳо, ба хусус дар соҳаи маориф ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ кард. Як қисме аз мардум бар асари ҷангҳои табоҳгар кушта ва қисми дигар муҳоҷиру бесарпаноҳ шуданд. Духтарон ба таври кул аз баҳраи савод маҳрум гардонид ва толибилмон низ ҳамагӣ аз савод баҳраманд набуданд. Агар қисме аз онҳо ба дарс фаро гирифта шуда бошанд ҳам, мутаасифона аз дарсҳои замонавӣ хабаре надоштанд.

АДАБИЁТ

1. Афзалӣ, Б. Толибон ва маориф. - Пешовар, 2014. - 155 с.
2. Вафоӣ Шокир. Бузругтарин руйдодҳои се даҳаи ахир дар Афғонистон. - Пишовар, 2007. - 250 с.
3. Ғафурӣ. А.С. Нигоҳи ба ҳадафҳои хасмонаи Толибон дар Афғонистон. - Пишовар, 2005. -240 с.
4. Гулзамон Фуруғ. Таърихи таълим ва тарбия дар Афғонистон. - Теҳрон, 2007. - 280 с.
5. Давлатободӣ басир Аҳмад. Шинсномаи Афғонистон. - Теҳрон, 2003. - 612 с.
6. Замонӣ Г. Фаъолияти СММ дар соҳаи маорифи Афғонистон баъди конфронси Бонн. - Теҳрон, 2008. - 112 с.
7. Истворт Р.Т. Ҷарақаҳои оташ дар Афғонистон. - Кобул, 2002. - 190 с.
8. Мужда Ваҳид. Афғонистон ва панҷ соли салтаи Толибон. -Теҳрон, 2002. -188 с.
9. Рафиқ А. Афғонистон дар овони ҳукумати устод Бурҳониддин Раббонӣ. - Кобул, 2007. - 155 с.
10. Соқиб М. Афғонистон ва кишварҳои аврупоӣ. - Теҳрон, 2005. - 213 с.

ИЗУЧЕНИЕ И АНАЛИЗ ОСНОВНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ В АФГАНИСТАНЕ В 1996-2016 ГГ.

В данной статье рассмотривается проблемы сферы образования в Афганистане в годи прихода к власти движения «Талибан» и военных операций Международные силы содействия безопасности (ISAF). Как отмечают аналитики и эксперты по политическим и культурным вопросам, обсуждавшиеся об Афганистане и его образовании, становится ясно, что отставные корни образования Афганистана связано с политического и социального кризиса последних четырех десятилетий, оказавшие негативное влияние на процесс обучения и воспитания, что послужило причиной тысячы трудностей для граждан страны. И оснавная проблема в сфере образования в Афганистане считается отсутствие безопасности, отсталой экономики, отсутствие солидарности, равноправия и братства афганского народа.

Афганистан не выполнил должным образом управление тысячи миллионов долларов международной помощи, оказавщие международные организации и страны Европы, Азии и даже США и Австралии после конференции Бонна, особенно в секторе образования и таким образом, программы международной помощи должным образом не реализовались.

Ключевые слова: *образование, министерство образования, развитие сферы образования, школы, безопасность, экономика, отсутствие солидарности и равноправия*

STUDY AND ANALYSIS OF THE MAIN PROBLEMS OF EDUCATION IN AFGHANISTAN IN 1996-2016

This article examines the problems of the education sector in Afghanistan during the years of the coming to power of the Taliban movement and the military operations of the International Security Assistance Force (ISAF). As analysts and political and cultural experts discussing about Afghanistan and its education, it becomes clear that the roots of the retired education of Afghanistan are connected with the political and social crisis of the last four decades, which had a negative impact on the process of education and upbringing, which caused a thousand difficulties. for the citizens of the country. And the main problem in the field of education in Afghanistan is the lack of security, backward economy, lack of solidarity, equality and brotherhood of the Afghan people.

Afghanistan has not properly managed the thousands of millions of dollars of international aid provided by international organizations and countries in Europe, Asia and even the US and Australia since the Bonn conference, especially in the education sector, and thus international aid programs have not been properly implemented.

Key words: *education, ministry of education, development of the education sector, schools, security, economy, lack of solidarity and equality*

Сведения об авторе:

Кудратов Комрон Абдунабиевич *– кандидат исторических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Электронная почта: komron.kudratov@gmail.com Тел .: +992 93528 28 62;*

About the author:

Kudratov Komron Abdunabievich *- Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. E-mail: komron.kudratov@gmail.com Tel.: +992 93 528 28 62;*

ИНЪИКОСИ БАЪЗЕ ПАҲЛУҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ ЯЪҚУБ ИБНИ ЛАЙС БАР АСОСИ АХБОРИ «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Садиров Ш. А.

Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

Перомуни давлатдории Саффориён, хусусан асосгузори он Яъқуб ибни Лайс, як қатор маъхазҳои асрмиёнагӣ маълумот медиҳанд, ки дар миёни онҳо ахбори «Таърихи Систон» бо сабку усул ва баёни ҳодистот фарқкунанда мебошад. «Таърихи Систон» яке аз аввалин асарҳои таърихии ба забони форсӣ навишташуда мебошад, ки номи муаллиф ва ҳатто номи китоб то ҳозир маълум нест. Дар доираи илмӣ онро шартан «Таърихи Систон» ном гузоштанд. Қимати илмии асар ҳамчун сарчашмаи таърихӣ бузург буда, он нисбати дигар асарҳои таърихӣ дида, роҷеъ ба таърихи Саффориён маълумоти бештар медиҳад. Аз тамоми маъхазҳои таърихие, ки то ба имрӯз расидаанд, танҳо дар «Таърихи Систон» аз Саффориён ба некӣ ёдоварӣ мешавад. Муҳаққиқон ба ин назаранд, ки муаллифи «Таърихи Систон» як нафар набуда, қисмати асосӣ ва бузурги китоб, ки аз ибтидои таърих то ҳодисоти соли 1054-ро дар бар мегирад, ба қалами як нафар навишта шудааст ва он бо сабабе нотамом мондаааст. Баъдтар ба ин китоб шахси дигар иловаҳо карда, раванди ҳодисоти онро бисёр кӯтоҳ ва мухтасар то соли 1295 мерасонад. Ахбори аз соли 1295 то соли 1325, ки охири китоб аст, боз мисли қисмати авввали китоб равону ботартиб оварда шудааст[7, с. 17 – 18].

Дар «Таърихи Систон» ва дигар манобеъ оид ба ҳаёт ва рӯзгори асосгузори давлати Саффориён маълумоти муҳим оварда шудааст. Аз ҷумла дар асари мазкур омадааст, ки асосгузори сулолаи Саффориён Абу Юсуф Яъқуб ибни Лайс ал-Саффор аз деҳаи Қарнини Систон буда, писари як кишоварзи оддӣ будааст. Дар айёми ҷавонӣ ӯ ба шаҳр, эҳтимолан шаҳри Заранг, кӯчида, шогирди як мисгар шудааст. Бо ин касб лақаби ӯ ас-Саффор (мисгар) алоқаманд аст, ки баъдтар он барои ворисонаш умумӣ шуд. Бародари Яъқуб Амр низ як марди оддӣ буд. Муаррих Гардезӣ навиштааст, ки бародарон кори осударо тарк карда, аввал қаллоб, баъд дузд ва ниҳоят роҳзан шуданд. Чуноне ки ин муаллифи асрмиёнагӣ навиштааст «сабаби рушди ӯ он буд, ки бад-он чи ёфтӣ ва доштӣ ҷавонмард будӣ ва бо мардумон хӯрдӣ ва низ бо он ҳушёр буду мардона. … Пас аз рӯёгарӣ ба айёрӣ шуд ва аз он ҷо ба дуздӣ уфтоду ба роҳдорӣ» [1, с. 172]. Бо ҳамин роҳу равиши онҳо ба баландии қудрат оғоз ёфт.

Мувофиқи ахбори баъзе манбаъҳои таърихӣ дар асри IX музофоти дурдасти Систон ҳамчун паноҳгоҳ барои ҳама гуна одамони норозӣ аз сиёсати хилофат хидмат мекард. Систониён бидуни интизори кӯмак аз Бағдод, аксар вақт дастаҳои мустақил («ихтиёриён») - ро таъин мекарданд, ки мубориза бар зидди ҳар гуна гурӯҳҳои мазҳабӣ ба онҳо супурда мешуд. Дар давраи ҳукмронии Тоҳириён ин гуна дастаҳо аз зери назорат берун баромада, ҳокимиони тоҳирӣ наметавонистанд, ки онҳоро идора ё саркӯб намоянд [6, с. 6].

Дар аввали солҳои 40-уми асри IX гурӯҳи Яъқуб ба яке аз ин дастаҳои ғозиён пайваст. Акнун ӯ ба як шахсе, ки барои имон мубориза мекард, табдил ёфт. Дере нагузашта, ӯ ба шарофати қувват ва ҷасорати худ шӯҳрат пайдо кард, аввалин шахс дар байни «ихтиёриён» гардид, ки ба сифати ҳимоякунанда – сарҳанги шаҳри Буст шуд, ки вазифаи он муҳофизат кардани аҳолӣ аз гурӯҳҳои ғоратгари минтақа гардид.

Систон он замон бахше аз давлати Тоҳириён буд. Маркази ин давлат шаҳри Нишопур буд. Расман, онҳо тобеи халифаи Бағдод ҳисобида мешуданд, аммо нисбатан мустақил буданд. Аммо, қудрати онҳо бар Систон заиф буд. Дар соли 846 Солеҳ ибни Наср, намояндаи қабилаи арабии Бани Кинон ва ҳамчун мубориз бар зидди ҳоричиён ба Буст омад. Ӯро аксарияти сокинони Зарангу Буст дастгирӣ карданд. Аммо, нерӯи асосии лашкари Солеҳ дастаи низомии Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ буд [5, с. 153]. Муҳаққиқи

афғонистонӣ Муҳаммади Ғубор низ ба ин назар аст, ки маҳз бо кӯмаки Яъқуб, яъне дар оянда таъсисдиҳандаи давлати Саффориён, Солеҳ тавонист, ки ғалабаро ба даст орад [4, с. 89]. Солеҳ қудратро ба даст гирифта, 13 сол амири Систон боқӣ монд ва Яъқуб бошад фармондеҳии дастаҳои вайро ичро мекард.

Соли 859 Солеҳ дар муборизаҳо мағлуб шуду гурехт. Систониён бошад ба Дирҳам ибни ан Назр байъат карданд. Бо гузашти замон таъсири ӯ коҳиш ёфту нуфузи Яъқуб ибни Саффорӣ афзуд. Дирҳам хост ин рақибро бикушад, аммо Яқуб соли 861 ба осонӣ ҷонибдорони ӯро мағлуб карда, худ ба тахт нишаст. Муаллифи «Таърихи Сиистон» воқеаро чунин баён мекунад «… Дирҳам чун мардӣ ва шуҷоати Яқуб ибни Лайс ва шукӯҳи ӯ андар дили мардумон бидид, тарсон шуду андар сарой қарор гирифт, ки: Ман беморам. Яъқуб барнишаст, ки: Барбояд нишаст ва берун ой подшоҳ нимрӯз натавонист кард. Дирҳам сипоҳи хешро фармон дод, ки Яъқубро бикушанд. Яъқуб чун нигоҳ кард ва он бидид ҳам он ҷо ҳамла оварданд ва бисёр мардум бикушт ва дигар гурезон гаштанд ва Дирҳам ибни ан-Назрро асир карду аз хона ба берун овард ва маҳбас кард. Ва байъат карданд мардумони Систон Яъқуб ибни ал-Лайсро» [5, с. 158].

Дар «Таърихи Сиистон» насабномаи Яъқуб низ ба нахустин подшоҳи ориёӣ Каюмарс расонда шудааст [5, с. 158]. Дар шаш соли аввали салтанати худ Яъқуб (861-879) тамоми Систонро мутеъ намуд. Маъхазҳои таърихӣ, аз ҷумла «Таърихи Систон» гузориш медиҳанд, ки ӯ шахси сахтгир, ҷанговари боирода ва ҷасур будааст. Муҳаққиқони таърихи давлатдории Саффориён, аз ҷумла, академик Б. Ғафуров дар асоси маъхазҳои таърихӣ менависад, ки ӯ то охири ҳаёташ як нафар марди ҷангии оддӣ боқи мондааст, либосҳои оддӣ ба бар мекард, ба палос ва қолин аҳамият надода, ба замин менишаст ва дар вақти истироҳат сарашро ба ҷои болишт ба рӯи сипари худ гузошта хоб мекардааст [3, с. 448].

Яъқуб ягон намуди вақтхуширо эътироф накардааст. Дар байни ҷанговарони худ, ӯ талаб мекардаст, ки интизоми оҳанинро риоя кунад. Сарбозон аз ӯ метарсиданд ва эҳтиром мекарданд, аммо баробари ин ӯ саховатманд ва одил будааст. Яъқуб дар муомила бо тобеонаш хеле содда буд. Субҳ, ӯ одатан дар назди қаср менишаст ва ҳамаи онҳое, ки ба ягон чиз ниёзу мӯҳтоҷ буданд, мустақиман ба пеши ӯ рӯбарӯ меоварданд. Яъқуб фавран парвандаҳои баҳснокро дар ҷояш ҳал карда, қоидаҳои шариатро қатъиян риоя мекард.

Яъқуб Систонро мутеъ сохта, ба тасарруфи дигар мулкҳо пардохт. Дар соли 867 ӯ ба Кобул лашкар кашида, ҳокими маҳаллиро сарнагун кард ва Ҳирот ва Бушангро ба давлати худ мулҳақ кард. Яке аз гузоришгарон ба амири Тоҳириён Муҳаммад ибни Тоҳир нақл мекунад, ки «Бо ин мард ба ҳарб ҳеҷ наёяд, ки сипоҳе ҳавлнок дорад ва аз куштан ҳеҷ бок намедоранд ва бетакаллуф ва бенигариш ҳаме хароб кунанд ва дуни шамшер задан ҳеҷ коре надоранд. Гӯй, ки аз модар ҳарбро зодаанд…» [5, с. 164].

Соли 868 Яъқуб ба самти ғарб - ба Кирмон лашкар кашида, ҳокими араб Алӣ ибни Ҳусайн ибни Қурайшро мағлуб кард. Дар «Таърихи Систон» омадааст, ки Алӣ ибни Ҳусайн ба ҷанги зидди Яъқуб Туруқ ибни ал-Муғлисро мефиристонад, ки Яъқуб ӯро шикаст дода, Алӣ ибни Ҳусайн ин ҳодисаро шунида, ба Шероз мегурезад ва лашкарро ҷамъ намуда, ба пешвози Яъқуб баромад. Дар назди Шероз Алӣ ибни Ҳусайн боз мағлуб гардида, худи ӯ ҳам асир гирифта шуд. Дар ин муҳориба Яъқуб ғанимати зиёдро ба даст дароварда, ба Сиистон бармегардад [5, с. 167 – 168].

В. В. Бартолд масъалаи мазкурро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки халифаи Аббосӣ ҳамзамон ин музофотро ба ҳар ду шахс Яъқуб ва Алӣ ибни Ҳусайн пешниҳод намуд, то ки миёни онҳо ҷанг нагузир гардад ва халифа аз яке раҳоӣ ёбад. Саранҷом Яъқуб пирӯз омаду Кирмону Форсро низ ба мулки хеш ҳамроҳ кард [2, с. 275 – 276].

Соли 870 Яъқуб дубора ба шарқ ҳаракат карда, Кобул ва Бомиёнро забт кард [5, с. 169]. Соли 872 Балху Тахористон қудрати ӯро эътироф кардаанд.

Аз матни «Таърихи Систон» чунин бармеояд, ки соли 873 Яъқуб тамоми Хуросон, аз ҷумла пойтахти Тоҳириён Нишопурро забт ва охирин намояндаи Тоҳириён Муҳаммад ибни Тоҳирро сарнагун кард [5, с. 172 – 174]. Гардезӣ хабар медиҳад, ки дар рафти мукотиботи дипломатӣ байни Яъқуб ва Муҳаммад ибни Тоҳир сафири Тоҳириён ба Яъқуб паёми Муҳаммад ибни Тоҳирро мерасонад, ки дар он омада будааст, агар ту фиристодаи амиралмуъминин бошӣ, пас маншури расмиро нишон деҳ, то ки ман вилоятро ба ту супорам ва агар не, бозгард. Дар ҷавоб Яъқуб аз таги ҷойнамозаш шамшерашро кашида, гуфтааст: «Аҳд ва ливои ман ин аст» [1, с. 173]. Пас аз сарнагунии Муҳаммад ибни Тоҳир Гургон ва Табаристон низ тобеъ гардиданд.

Соли 875 халифа ал-Муътамид Яъқубро ҳамчун амири Систон, Хуросон, Табаристон, Кирмон ва Форс, яъне дар асл, аксарияти музофотҳои шарқии хилофат пазируфт. Аммо Яъқуб бештар мехост, яъне

худи Бағдодро тасарруф кунад. Соли 876 вай ба Ироқ ҳуҷум овард, Воситро гирифт, аммо назди Дор-ул-Акул мағлуб шуда ба шарқ ақибнишинӣ кард.

Дар «Таърихи Систон» омадааст, ки Абӯаҳмад ал Муваффақ дид, ки дар натиҷаи адлхоҳии Яъқуб обрӯяш байни омма хеле баланд шудааст ба Яъқуб нома навишта мазмуни он чунин будааст, ки биё дидоре кунему ҷаҳонро ба ту супорем, то ту ҷаҳонбон бошӣ. Ҳама ҷаҳон мутобеи ту шудаанд ва мо он чи фармон фармон диҳӣ ба он ҷумла биравем ва бидонӣ, ки мо ба хутба басанда кардаем, ки мо аҳли байти Мустафоем ва ту ҳаме қуввати дини ӯ кунӣ… аммо чун Яъқуб ба сӯи Бағдод рафт лашкари халифа Ал-Мӯътамид ӯро дар наздикии Бағдод истиқбол гирифт [5, с. 180]. Гардезӣ навиштааст, ки Яъқуб баъди гирифтани Форс мехост Бағдодро низ фатҳ намуда, ба ҷои халифа ал Муътамид Муваффақро нишонад. Ва Муваффақ ин ҳолро ба Муътамид ошкор кардааст. Яъне номаҳое, ки Яъқуб ба Муваффақ менавишт ӯ сирри онҳоро ба Муътамид арз мекард. Он даме, ки Яъқуб ба назди Дор-ул-Акул расид, Муваффақ фармуд то оби Даҷла бар вай кушоданд ва сипоҳи Яъқуб бештараш ҳалок шуданд ва ҳамин тавр ӯ шикаст хӯрда, худро ба Ҷундишопур расонд [1, с. 174]. Соли 879 Яъқуб вафот кард.

Дар «Таърихи Сиистон» зикр шудааст, ки Яъқуб ибни Лайс ҳафдаҳ солу нӯҳ моҳ идора карда, Хуросону Сиистону Кобулу, Синду Ҳинду Форсу Кирмон тобеи ӯ буданд «ва сирри некии ӯву адли ӯ маъруф аст, ки чӣ кард бар мардумони олам бар рӯзгори худ» [5, с. 181].

Ба ҷои ӯ бародараш Амр ибни Лайс (879-900) сари қудрат омад, ки салтанати ӯ бо саркӯбии исёнҳо оғоз ёфт. Ал-Муваффақ аз нооромиҳои Систон истифода бурда, соли 887 Саффориёнро аз Форс ронд. Амр маҷбур буд аз орзуҳои васеъ кардани ҳокимияти худ дар самти ғарб даст кашад ва бо халифа сулҳ кунад. Аз ҳамон вақт, Сомониён, ки дар Мавароҳуннаҳр ҳукмронӣ мекарданд, рақибони асосии ӯ шуданд. Ҷанг бо онҳо бениҳоят шадид буд ва бо шикасти Саффориён хотима ёфт. Соли 898 Амр аз ҷониби Исмоил ибни Аҳмади сомонӣ мағлуб шуд. Пас аз ду сол Амр шахсан ба Осиёи Миёна лашкаркашии навбатиро роҳбарӣ кард. Ин дафъа ҷангҳо дар назди деворҳои Балх ҷараён гирифтанд. Соли 900, ҳангоми яке аз набардҳо Амр асирӣ афтид. Исмоил асири худро ба Бағдод фиристоданд ва дар он ҷо ӯро қатл карданд. Ба ақидаи шарқшиноси маъруф В. В. Бартолд Саффориён хостанд, ки ҳокимияти худро дар Мовароҳуннаҳр низ паҳн намояд, аммо ин нияти онҳо ба қатъи ҳукумати онҳо оварда расонд [2, с. 274].

Ҳамин тариқ, «Таърихи Систон» асари арзишманде оид ба давлатдории Саффориён ба ҳисоб рафта, нисбати дигар асарҳои таърихӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсии Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ маълумоти пурратар оварда шуда, он боиси таваҷҷӯҳ мебошад. Аммо то кунун асари мазкур пурра мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Асари мазкур гузашта аз ин ки дар бораи Саффориён маълумоти нодир медиҳад, дар бораи таъриху фарҳанги тоҷикон сарчашмаи нодир ба шумор меояд.

АДАБИЁТ

1. Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. Душанбе: Бухоро, 2014. 416 с.
2. Бартольд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т. 1. М., 1963. 761 с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. Душанбе: Ирфон, 1998. 704 с.
4. Ғубор Ғ. М. Афғонистон дар масири таърих. Кобул, 1967. 756 с.
5. Таърихи Сиистон. Душанбе: Бухоро, 2014. 352 с.
6. Хушвахтов Х. Х. К вопросу о военном управлении при Саффаридах // Ученные записки. № 3 (44). Худжанд, 2015. С. 5 – 9.
7. Шаҳбози Р. Антропонимияи «Таърихи Систон» («ҷанбаҳои таърихӣ-забоншиносӣ»). Диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии доктор PhD. Душанбе, 2020. 197 с.

ИНЪИКОСИ БАЪЗЕ ПАҲЛУҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ ЯЪҚУБ ИБНИ ЛАЙС ТИБҚИ АХБОРИ «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Дар мақолаи мазкур оид ба баъзе паҳлуҳои фаъолияти сиёсии асосгузори давлати Саффориён Яъқуб ибни Лайс тибқи ахбори «Таърихи Систон» сухан меравад. Асари мазкур, ки яке аз аввалин асарҳои таърихии ба забони форсӣ навишташуда мебошад, номи муаллиф ва ҳатто номи китоб то ба ҳол маълум нест ва онро шартан «Таърихи Систон» ном гузоштанд.

Қимати илмии асари мазкур хеле калон буда, он махсусан оид ба таърихи Саффориён нисбати дигар маъхазҳо маълумоти пурратар медиҳад. Аз тамоми сарчашмаҳои таърихие, ки то ба имрӯз расидаанд, танҳо дар «Таърихи Систон» аз Саффориён ба некӣ ёд карда шуда, ҳам маълумоти муфассалтар оварда шудааст.

Дар таърихи Сиистон оид ба ҳаёт ва рӯзгори асосгузори давлати Саффориён Яъқуб ибни Лайс маълумоти муҳим оварда шудааст. Аз ҷумла дар асари мазкур омадааст, ки асосгузори сулолаи

Саффориён Абу Юсуф Яъқуб ибни Лайс ал-Саффор аз деҳаи Қарнини Систон буда, писари як деҳқони оддӣ буд. Дар айёми ҷавонӣ ӯ ба шаҳр, эҳтимолан шаҳри Заранҷ кӯчида, ва шогирди як мисгар шудааст. Бо ин касб лақаби ӯ ас-Саффор (мисгар) алоқаманд аст, ки баъдтар он барои ворисонаш умумӣ шуд.

Муаллифи маъқолаи мазкур такя ба ахбори «Таърихи Систон» карда, оид ба фаъолияти ибтидоии сиёсии Яъқуб ибни Лайс ва то таъсисёбии давлати Саффориён аз ҷониби ӯ маълумот медиҳад.

***Калидвожаҳо:** «Таърихи Систон», Яъқуб ибни Лайс, Саффориён, халифа, давлат, сиёсат.*

ОТРАЖЕНИЕ НЕКОТОРЫЕ ШТРИХИ ИЗ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЯЪКУБА ИБН ЛАЙС ПО СВЕДЕНИЯМ «ИСТОРИИ СИСТАНА»

В статье рассматривается некоторые аспекты политическое деятельности Якуба ибн Лайса Саффарида по сообщениям сочинения анонимного автора «История Систана», которое считается одно из первых исторических произведений, написанных на персидском языке, имя автора и даже название книги до сих пор неизвестны. Ее условно называют «Истории Систана».

Научная ценность работы как исторического источника очень высока, и она дает более подробную информацию об истории Саффаридов, чем другие источники. Из всех источников, дошедших до наших дней, только в «Истории Систана» Саффариды с добрым намерением упоминаются и дается наиболее подробное информации об этой династии.

История Систана дает важную информацию о жизни и деятельности основателя государства Саффаридов. В частности, в этой работе говорится, что основатель династии Саффаридов Абу Юсуф Якуб ибн Лайс ас-Саффар был из деревни Карнини Систан и был сыном обычного фермера. В юности он переехал в город, вероятно, в город Зарандж, и стал учеником медника. Его прозвище аль-Саффар (медь) связано с этой профессией, которая впоследствии стала общепринятой для его преемников.

Автор этой статьи, ссылаясь на «Историю Систана», дает информацию о ранней политической деятельности Якуба ибн Лайса и до создания им государства Саффаридов.

***Ключевые слова:** «История Систана», Яъкуб ибн Лайс, Саффариды, халиф, государство, политика.*

REFLECTION SOME STROKES FROM THE POLITICAL ACTIVITIES OF YAKUB IBN LAYS ACCORDING TO THE «HISTORY OF SISTAN»

The article examines some aspects of the political activities of Yakub ibn Lays Saffarid according to the essay of the anonymous author «The History of Sistan», which is considered one of the first historical works written in Persian, the author's name and even the title of the book are still unknown. It is conventionally called the «Stories of Sistan».

The scientific value of the work as a historical source is very high, and it provides more detailed information about the history of the Saffarids than other sources. Of all the sources that have come down to our days, only in the «History of Sistan» the Saffarids with good intention are mentioned and the most detailed information about this dynasty is given.

The history of Sistan provides important information about the life and work of the founder of the Saffarid state. In particular, this work states that the founder of the Saffarid dynasty, Abu Yusuf Yakub ibn Lais al-Saffar, was from the village of Karnini Sistan and was the son of an ordinary farmer. In his youth he moved to a city, probably to the city of Zaranj, and became an apprentice of a coppersmith. His nickname al-Saffar (copper) is associated with this profession, which later became generally accepted by his successors.

The author of this article, referring to the «History of Sistan», provides information about the early political activities of Yakub ibn Lays and before the creation of the Saffarid state.

***Key words:** «History of Sistan», Yakub ibn Lais, Saffarids, caliph, state, politics.*

Сведение об авторе:

***Садиров Шарафджон Ахтамович** – старший преподаватель кафедры истории и методика ее обучение Таджикского педагогического института в Раштском районе. Тел.: 908-81-05-00*

Information about the author:

***Sadirov Sharafjon Akhtamovich Sadirov** - Senior Lecturer of the Department of History and the Methodology of Her Training of the Tajik Pedagogical Institute in Rashtsky district. Tel.: 908-81-05-00*

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
2022. № 1 (96)

Издательский центр
Таджикского педагогического университета им. С.Айни
по изданию научного журнала
«Вестник педагогического университета»:
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 36.44, усл. п.л. 34.65
Подписано в печать 19.04.2021 г. Заказ №2022/30-01
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.